**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 338+339: 574 (575.3)**
**ТКБ: 65.050. 9 (2) 2+ 65.5 (2 тоҷик)**
**Ш: - 91**

**ШОҲЗОДА НАЗИРА ИЗАТУЛЛО**

# ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНИИ ИСТИФОДАИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ ДАР НИЗОМИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭКОЛОГӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Досиев Маҳмадшоҳ Назарович

**Душанбе - 2025**

## МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ** ........................................ 3
**МУҚАДДИМА**........................................................................................ 4
**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР НИЗОМИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭКОЛОГӢ**........................................................................................ 16
§1.1. Таҳлили назариявии категорияҳои асосии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ................................................ 16
§1.2. Механизм, принсипҳо ва методҳои ташкилӣ - иқтисодии идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ.................. 37
§1.3. Таҷрибаи байналмилалии ҷалб ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ.......................................................... 63
**БОБИ II. ТАҲЛИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР НИЗОМИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭКОЛОГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**........................................................................ 86
§2.1. Динамикаи сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва низоми хизматрасониҳои экологии он дар шароити муосир........................ 86
§2.2. Таъмини самаранокии иштироки сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ.............................................................. 103
§2.3. Монеаҳо ва мушкилотҳо дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ................................................................... 115
**БОБИ III. САМТҲОИ АСОСИИ ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР НИЗОМИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭКОЛОГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН** .................. 135
§3.1. Самтҳои афзалиятноки рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................... 135
§3.2. Такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ.................................... 148
§3.3. Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ................................ 171
**Хулосаҳо**........................................................................................ 190
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**....................... 193
**Рӯйхати адабиёт**.............................................................................. 195
**Интишороти довталаб аз рӯи мавзуи диссертатсия**................................ 216
**ЗАМИМА**......................................................................................... 220

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

| | | |
|---|---|---|
| **ММД** | - | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| **НТҶ** | - | Ноҳияҳо тобеи ҷумҳурӣ |
| **БМТ** | - | Бонки миллии Тоҷикистон |
| **БСД** | - | Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ |
| **КА ҶТ** | - | Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **КМ ҶТ** | - | Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **КО ҶТ** | - | Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **КЗ ҶТ** | - | Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **СМР ҶТ** | - | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **СУС** | - | Созмони Умумиҷаҳонии Савдо |
| **СБА** | - | Сандуқи байналмилалии асъор |
| **СМХ** | - | Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ |
| **СХ** | - | Сармоягузории хориҷӣ |
| **ҶТ** | - | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ИМА** | - | Иёлоти муттаҳидаи Америка |
| **ТБМХ** | - | Таснифи байналмилалии молҳо ва хизматрасониҳо |
| **ISO** | - | International Organization for Standardization |
| **ААИ** | - | Андоз аз арзиши иловашуда |
| **ВАО** | - | Васоити ахбори омма |
| **ЭТЭ** | - | Экспертизаи давлатии экологӣ |
| **ФР** | - | Федератсияи Россия |
| **ҶМХ** | - | Ҷумҳурии Мардумии Чин |
| **БОР** | | Бонки Осиёии Рушд |
| **CPI** | - | Corruption Perceptions Index |
| **КДСИАД** | - | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатӣ |
| **МОИ** | - | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ |
| **ВМ ҶТ** | - | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **СҲИР** | - | Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд |
| **КВД** | - | Корхонаи воҳиди давлатӣ |

## МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Сармоягузории хориҷӣ ба сифати яке аз сарчашмаи муҳимми маблағгузорӣ барои кишварҳои рӯ ба рушд хизмат намуда, норасоии захираҳои молиявиро дар иқтисоди миллӣ коҳиш медиҳад. Ин ба имконияти татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мусоидат мекунад, ки танҳо тавассути захираҳои дохилӣ амали намудани онҳо номумкин аст. Сармоягузории хориҷӣ воситаи муҳими тавсеаи ҳамгироии иқтисоди миллӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, таъсири сармоягузории хориҷӣ ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистонро назаррас арзёбӣ намуда, дуруст қайд намуданд, ки «Роҳандозии ҳамкории мутақобилан судманд бо сармоягузорону соҳибкорони хориҷӣ дар панҷ соли охир барои ба иқтисодиёти кишвар ҷалб гардидани беш аз 5 миллиард доллари амрикоӣ сармоягузории хориҷӣ, аз ҷумла қариб 2 миллиард доллари амрикоӣ сармояи мустақим мусоидат намуд» [36].

Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки бидуни ҷалби сармояи хориҷӣ ба ҳадафҳои иқтисодии кишварҳо ноил шудан ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ), ки барои рушди иқтисоди «сабз» дар тамоми бахшҳои худ саъй дорад, сармояи хориҶӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҶа ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд намуданд, ки «... ҳамасола бо дастгирии шарикони рушд лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар самтҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, пешгирии офатҳои табиӣ, соҳилмустаҳкамкунӣ, обёрӣ ва беҳдошти замин, барқарорсозии чарогоҳҳо ва дигар самтҳо амалӣ мешаванд, аммо ин маблағҳо кофӣ нестанд» [73].

Дар шароити муосир, ки масъалаи таъмини рушди устувор ва ҳифзи муҳити зист ба яке аз афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст, самти хизматрасониҳои экологӣ ҳамчун бахши муҳимми инфрасохтори инкишофёбанда мавқеи стратегӣ касб менамояд. Дар ин замина ба таҷрибаи ҷаҳонии дар ин самт андӯхташуда рӯ овардан зарур аст, ки он ҳамчунин нишон медиҳад, ки истифодаи самаранок ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар бахшҳои низоми хизматрасонии экологӣ на танҳо дар ҷалби мустақими захираҳои

молиявӣ ба ин бахшҳо, балки дар ҷорӣ намудани технологияҳои сабз дар маҷмӯъ дар иқтисодиёт, таҳкими сармояи инсонӣ ва гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ нақши калидӣ дорад.

Бо вуҷуди мавҷудияти имкониятҳои воқеӣ барои рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ, идоракунии самараноки сармоягузориҳои хориҷӣ бо як қатор мушкилоти мураккаби ташкилӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ, иқтисодӣ ва маърифатӣ рӯ ба рӯ мебошад. Аз ҷумла, номукаммалии механизми идоракунӣ, набудани воситаҳои муассири арзёбӣ ва мониторинг, паст будани сатҳи ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ ва набудани шаклҳои муосири ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ монеаи рушди самараноки хизматрасониҳои экологӣ мегарданд.

Дар ин замина, дар сатҳи рисолаи диссертатсионӣ гузаронидани таҳқиқи назариявию методологии идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ, арзёбии вазъи амалии ҷалб ва истифодаи онҳо дар Тоҷикистон, омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили механизмҳои идоракунӣ дорои аҳамияти илмию амалӣ ва амалию стратегӣ мебошад. Махсусан зарур аст, ки модели муассири менеҷменти сармоягузорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ, имкониятҳои рақамисозии равандҳои идоракунӣ ва рушди ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ таҳия ва татбиқ гардад. Илова бар ин, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизмҳои идоракунии сармоягузорӣ дар соҳаи таҳлил аҳамияти мавзӯи рисоларо боз ҳам баланд мебардорад. Инчунин, қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар даҳсолаи охир мубаризаи ҷаҳонӣ бо оқибатҳои тағйирёбии иқлим, аз ҷумла татбиқи абзорҳои танзими иқтисодӣ, аз қабили андози карбон ва гузариш ба модели иқтисодии «сабз» шиддат гирифтааст.

Бо дарназардошти тақвият ёфтани тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар самти мубориза бо оқибатҳои тағйирёбии иқлим, аз ҷумла ҷорӣ намудани воситаҳои иқтисодии идоракунӣ, ба монанди андози карбонӣ ва гузариш ба модели иқтисодии “сабз”, аҳамияти ҷалби сармоягузориҳои “сабз” (экологӣ) дар низоми молиявию иқтисодӣ рӯз ба рӯз афзун мегардад. Сармоягузории “сабз” (экологӣ) ҳамчун раванди стратегӣ ба он намуди ҷалби сармоя мансуб аст, ки ба бахшҳо ва лоиҳаҳое равона

мешавад, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ намерасонанд ва ё чунин таъсирасониро ба ҳадди ақал коҳиш медиҳанд. Дар ин росто, сармоягузориҳои экологӣ на танҳо ҳамчун воситаи маблағгузории лоиҳаҳои муҳити зист, балки ҳамчун омили муҳими устувории иқтисоди миллӣ ва байналмилалӣ баромад мекунанд. Тағйирёбии сиёсати ҷаҳонӣ дар самти танзими партовҳои газҳои гулхонаӣ ва баланд бардоштани талабот ба шаффофияти экологӣ, зарурати аз нав муайян намудани афзалиятҳои сармоягузорӣ ва рушди низомҳои молиявии мутобиқ ба рушди устуворро ба вуҷуд овардааст.

Барои идоракунии самараноки СХ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ баъзе мушкилиҳо ҷой доранд. Мушкилотҳои асосие, ки дар заминаи таҳқиқоти самаранокии идоракунии СХ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ бояд матраҳ карда шаванд, инҳо мебошанд: а) қонунгузории ҶТ дар самти идоракунии хизматрасониҳои экологӣ ва сармоягузории хориҷӣ ба мукаммалият ниёз дорад ва ин ҳолат боиси ноустувории муҳити сармоягузорӣ ва паст гардидани эътимоди сармоягузорон мегардад; б) имтиёзҳои андозӣ, дастгирии давлатӣ ва дигар шаклҳои ҳавасмандкунӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ нокифоя ва маҳдуд мебошанд, ки имконияти ҷалби сармояи хориҷиро коҳиш медиҳад; в) дар кишвар инфрасохтори муосир барои татбиқи лоиҳаҳои экологии замонавӣ норасоӣ дорад [33. С. 51–60]; г) дар сатҳи зарурӣ ворид кардани технологияҳои тоза (сабз), инноватсионӣ ва таҷрибаи пешрафтаи идоракунӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ; д) дастрас набудани таҳлили оморӣ дар самти идоракунии СХ вобаста ба хизматрасониҳои экологӣ, ки таҳияи қарорҳои самаранокро душвор месозад. Ҳалли ин мушкилот заминаи заруриро барои идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ дар ҶТ фароҳам меорад. Дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки роҳҳои илман ҳал ва бартараф намудани мушкилиҳои болозикр пешниҳод гардад.

Ҳамчунин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҶТ то соли 2025 ҳамагӣ 16 лоиҳа сармоягузорӣ бо маблағи 257 965 500 милл. сомонӣ дар самтҳои гуногуни

бахши экологӣ амал мекунанд, ки хеле кам мебошанд. Ҳол он, ки ин самт метавонад яке аз самтҳои афзалиятноки ҷалби сармогузории хориҷӣ бошад.

Ҳамин тавр, зарурати илмӣ-таҳқиқотии асосноккунии идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, таъмини устувории муҳити зист ва беҳсозии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ муҳим ва саривақтӣ буда, маҳз ин омилҳо мубрамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониро муайян мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ нишон медиҳад, ки то кадом андоза масъалаҳои марбут ба идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар таҳқиқоти илмии ватанӣ ва хориҷӣ омӯхта шудаанд. «Масъалаҳои умумии доктриналии «сармоягузорӣ», «сармоягузории хориҷӣ», «сармоягузории мустақими хориҷӣ», унсурҳои таркибии онҳо аз тарафи муҳаққиқон А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс, Ж.-Б. Сэй, Ҷ. Кейнс, Ҷ. Милл, М.Н. Тошматов, Н.М. Дадоҷонова, Р.К. Раҳимов, Б.М. Гулов, П. Самуэлсон, Д. Стиглитс, Ҷ.Ҳ. Тағоев, С.Ҷ. Комилов, Ф.М. Ғафуров, И.Т. Мироқилова» ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар доираи ин таҳқиқот масъалаҳои алоҳидаи идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, аз ҷумла масъалаҳои механизм, принсипҳо ва методҳои ташкилӣ - иқтисодии идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, таҷрибаи байналмилалии ҷалб ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, монеаҳо ва мушкилотҳо дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ба таври қисмӣ дар асарҳои олимони тоҷик, аз ҷумла Ш.Б. Джонмамадов, М.Т. Каримова, С.Ҷ. Комилов, Ш.Р. Шарипов, А.Б. Мирсаидов, А. Рауфӣ, Ш. Дӯстбоев, Ш.М. Раҳимзода, Н.М. Собирзода, Х.А. Одинаев, М.Н. Досиев, Л.Х. Саидмуродзода, Ғ. Ҷӯрабоев, Ф.Р. Шаропов, Н.Х. Хоналиев, А.К. Сафоев, Ш.Б. Абдуллаева ва дигарон таҳлил шудаанд.

Ҳамзамон, дар сатҳи байналмилалӣ масъалаҳои таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ, аз ҷумла Е.Е. Петрова, И.Д. Раков, А.В. Курбатов, В.О. Бартанова, О.В. Сизов, Ю.В. Кузминих, Е.В. Баландин, Т.А. Саадулаева, Т.Н. Полозина, А.А. Соколова ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Бо вуҷуди таҳқиқоти мавҷуда, таҳқиқоти комплексии масъалаҳои таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, бахусус масъалаҳои назараявии ташаккул ва рушди низоми хизматрасонии экологӣ, динамикаи рушди соҳаи хизматрасониҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии самаранокии ҷалб ва истифодаи сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, монеаҳо ва мушкилотҳо, такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии чунин сармоягузорӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии он дар илми иқтисодиёти Тоҷикистон ҳанӯз ба таври комил омӯхта нашудааст. Тадқиқи чунин масъалаҳо мақсад, вазифа ва самти рисолаи диссертатсионии мо ба шумор меравад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ тасдиқшудаи давлатӣ, зербанди 3 Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар ҶТ барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶТ барои солҳои 2021-2025, ҳамчунин мавзуи таҳқиқот дар доираи Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар ҶТ барои солҳои 2023-2037 иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқот**. Мақсади таҳқиқот омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии таъмини идоракунии самараноки истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, инчунин, таҳияи тавсияву пешниҳодҳо оид ба ҷалб намудани сармоягузориҳо дар низоми хизматрасониҳои экологӣ иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

- таҳқиқи илмии категорияҳои асосии идоракунии самараноки СХ «сармоягузорӣ», «сармоягузории хориҷӣ», «хизматрасониҳои экологӣ», ҳамчунин муайян намудани унсурҳову вижагиҳои меҳварии онҳо, таҳлили моҳият, нақш ва аҳаммияти СХ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҶТ, бахусус дар низоми хизматрасониҳои экологӣ;

- омӯзиши таҷрибаи байналмилалии ҷалб ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ва асоснок намудани зарурати мутобиқ намудани таҷрибаи онҳо ба шароити ҶТ;

- арзёбии сатҳи ҷалб ва самаранокии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологии Тоҷикистон ва муайянсозии омилҳо ва монеаҳои асосии таъсиррасон ба идоракунии самаранокӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ;

- коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, ҳамчунин истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти рисолаи таҳқиқоти диссертатсионӣ таъмини идоракунии самараноки ҷалб ва истифодаи сармоягузории хориҷӣ дар низоми низоми хизматрасониҳои экологӣ мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодие ташкил медиҳанд, ки бо таъмини идоракунии самараноки ҷалб ва истифодаи сармоягузориҳои ҳориҷӣ дар низоми хизматрасонии экологӣ алоқамананд.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки таъмини идоракунии самараноки ҷалб ва истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ бо истифодаи усулҳои муосири менеҷмент, такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва густариши ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ мукаммалу самаранок намуда, ба ҷалб ва идоракунии чунин сармояҳо мусоидат таъсиррасонида, аз як тараф, ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои экологиро баланд мебардорад ва аз ҷониби дигар,

таъсири иҷтимоию иқтисодии сармоягузориҳоро дар низоми хизматрасониҳои экологӣ тақвият бахшида, дар маҷмуъ ба таҳкими устувории рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои муҳимми олимони хориҷӣ ва ватанӣ, дастовардҳои илмии намояндагони мактабҳо ва равандҳои гуногун оид ба мавзуи диссертатсионӣ, нашриётҳо дар матбуоти даврӣ, конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, санадҳои амалкунандаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба самаранокии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ алоқамандanд ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии тадқиқот.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои гуногуни таҳқиқот, аз ҷумла усули муқоисавӣ, синтез, таҳлили омории иқтисодӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд. Инчунин, методологияи тадқиқот ба постулатҳои асосии муносибати системавӣ бо назардошти ҷанбаҳои мантиқӣ, сохторӣ, функсионалӣ, муқоисавии таҳлили иқтисодӣ ва усули арзёбии коршиносон асос ёфтааст. Пайдарпаии мантиқии сохтори сохтории кори диссертатсионӣ ба принсипҳои маъруфи умумиилмӣ ва усулҳои донистани дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар рушди таърихӣ; вобастагии мутақобила ва робитаи таҳлили миқдорӣ ва ҳам сифатӣ; истифодаи усулҳои тасниф ва ҷамъбастӣ асос ёфтааст. Ҳангоми гузаронидани тадқиқот ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ, ки дастгирии давлатӣ ва идоракунии сармоягузориҳои хориҷиро дар рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ танзим мекунанд, маводҳои конфронсҳо, семинарҳо, форумҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, инчунин баррасиҳо ва ҳисоботи таҳлилӣ истифода шуданд.

**Сарчашмаи маълумотро** санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҶТ, гузоришҳо ва Паёмҳои Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маводҳо ва ҳисоботҳои вазорату идораҳои дахлдор, Агентии омори назди Президенти ҶТ, институтҳои байналхалқии молиявӣ, натиҷаҳои таҳлиливу хулосаҳои институтҳои давлатӣ, таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, таҷрибаи давлатҳои пешрафта, ки ба масоили самаранокии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми

хизматрасониҳои экологӣ бахшида шудаанд, инчунин маводи ҳамоишҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва идораи донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Навгонии илмӣ дар он ифода меёбад, ки дар шароити иқтисодиёти бозории ҶТ асосноккунии назариявӣ, методологӣ ва амалии таъмини идоракунии самараноки истифодаи сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ба таври комплексӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, ки дар он хусусиятҳои ташаккул, механизми идоракунӣ, шаклҳои танзими давлатӣ, воситаҳои ҳавасмандгардонӣ, модели ҳамкории ташкилию иқтисодӣ ва самтҳои афзалиятноки низоми хизматрасониҳои экологӣ дар асоси омӯхтани таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои миллии ҶТ муайян гардида, усулҳои амалии баланд бардоштани самаранокии идоракунии сармоягузории хориҷӣ ва таҳкими муҳити институтсионалии экологии кишвар пешниҳод карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқот бо нуқтаҳои илмии зер, ки ба ҳимоя пешкаш карда мешаванд, собит мегардад:

**Натиҷаҳои муҳимтарини илмии тадқиқот, ки навгониҳои илмии онҳоро муайян мекунанд, инҳоянд**:

1. Ҷанбаҳои назариявии идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ дар рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ баррасӣ карда шуда, таҳқиқи категорияҳои «сармоягузорӣ», «сармоягузории хориҷӣ» ва «хизматрасониҳои экологӣ» ҳамчун объекти идоракунӣ муайян карда шуданд.

2. Таҷрибаи байналмилалии ҷалб ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ва асоснок намудани зарурати мутобиқ намудани таҷрибаи онҳо ба шароити ҶТ; (бо дарназардошти таҷрибаи ИМА, Олмон ва Сингапур) коркард гардида, моделҳои мушаххаси дастгирии давлатӣ, имтиёзҳои андозӣ, шарикии давлатӣ-хусусӣ ва истифодаи технологияи нав барои ҷалби сармояи хориҷӣ таҳлил ва барои шароити Тоҷикистон мутобиқ гардонидан, пешниҳод карда шудааст.

3. Сатҳи ҷалб ва самаранокии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологии Тоҷикистон муайян карда шуда, барои таъмини самаранокии иштироки он маҷмӯи чораҳои низомнок ва мақсаднок асоснок ва пешниҳод гардиданд. Омилҳо (иқтисодӣ, сиёсӣ ва инфрасохторӣ) ва монеаҳои асосии таъсиррасон ба идоракунии самараноки дар низоми хизматрасониҳои экологӣ муайян карда шуда, ҳамчунин баҳри бартараф намудани онҳо пешниҳодҳои мушахас карда шудааст. Индикаторҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ муайян ва таҳлил карда шудаанд. Бо дарназардошти маълумоти воқеии солҳои 2022–2025 ва раванди афзоиши тадриҷии маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ, инчунин таваҷҷуҳи афзояндаи Ҳукумати ҶТ ба рушди соҳаи экология ва хизматрасониҳои экологӣ, барои солҳои 2026–2030 пешгӯии эҳтимолии ҷалби сармояи хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод шудааст.

4. Такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ вобаста ба омилҳои зерин: такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, рушди инфрасохтори махсуси сармоягузории экологӣ, механизмҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ, такмили ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва сармоягузорони хориҷӣ, мониторинг, арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо баррасӣ гардида, пешниҳодҳои илман асоснок дар самти идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ карда шуданд. Самтҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ таҳлил ва баррасӣ карда шуда, тавсияҳои амалии истифодаи онҳо дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод карда шудааст.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи рисолаи диссертатсионӣ:**

1. Назарияи муаллифии категорияҳои «сармоягузорӣ», «сармоягузории хориҷӣ», «хизматрасониҳои экологӣ» пешниҳод гардидааст. Пешниҳоди муаллифии тасниф, шакл ва намудҳои хизматрасониҳои экологӣ карда шудааст.

2. Таҷрибаи байналмилалии ҷалб ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ва асоснок намудани зарурати мутобиқ намудани таҷрибаи онҳо ба шароити ҶТ пешниҳод карда шудааст.

3. Сатҳи ҷалб намудан ва самаранокии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, омилҳо ва монеаҳои асосии таъсиррасон ба идоракунии он асоснок карда шуда, барои бартараф намудани онҳо пешниҳодҳои мушаххас карда шудааст.

4. Тавсияҳои амалӣ оид ба такмили идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасонии экологӣ коркард шуда, самаранокии истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ баҳодиҳӣ гардид.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаҳои таъмини самаранокии идоракунии СХ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ифода меёбад. Инчунин натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба идоракунии СХ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ мусоидат намуда, барои таҳқиқоти баъдӣ дар ин соҳа замина мегузоранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки: татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонад барои ташаккули стратегияи самарабахш оид ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии СХ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар давраҳои шомилшавии иқтисодиёти ҶТ бо низоми иқтисодии ҷаҳонӣ муфид бошад. Инчунин, тавсияҳо ва пешниҳодҳои кор дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҷараёни ташаккули механизмҳои идоракунии СХ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, ҳамзамон дар коркарди барномаҳои бахши муҳити зист истифода хоҳанд шуд. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълими фанҳои “Фаъолияти сармоягузорӣ”, “Сармоягузории хориҷӣ”, “Ҳуқуқи сармоягузорӣ”, “Менеҷменти молиявӣ” ва ғайра истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дар навбати аввал истифодаи дурусти маълумотҳои оморӣ ва воқеънигории маълумотҳо дар бораи

объект ва мавзӯи таҳқиқот, истифодаи иттилоот дар бораи самаранокии идоракунии СХ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ тасдиқ менамоянд. Ҳама натиҷанокии таҳқиқоти гузаронида ба муҳаққиқ имконияти баҳодиҳии ҳамаҷонибаи тартиботи мавҷудаи назариявиро оид ба мукаммалгардонии афзун намудани самаранокии идоракунии СХ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ додааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсияи таҳқиқшуда ба қисмҳо ва бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад, аз ҷумла, бандҳои: 2. Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фарққунандаи идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди ҳамкориҳо ва бизнеси байналмилалӣ. 3. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Идоракунии давлатии низоми андоз, гумрук ва комплекси иқтисоди хориҷӣ. Идоракунӣ дар бахши давлатии иқтисодиёт, шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ. Лоиҳакашӣ, таҳияи методҳо ва афзорҳои ташкили истеҳсоли маҳсулоти иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бахши давлатӣ. 5. Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, методҳо (принсипҳо), шаклҳо ва механизмҳои амалисозии он. Механизмҳои ниҳодии идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ. Идоракунии тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ. 8. Ҷанбаҳои методӣ ва методологии арзёбии самаранокии идоракунии низоми иҷтимоию иқтисодӣ. Ташкил ва идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии ташкилот. 16. Идоракунӣ дар низомҳои депрессивии иҷтимоию иқтисодӣ (ҳудудҳо, минтақаҳо, комплексҳо). 17. Инкишоф ва такмили механизмҳои ниҳодии идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ. Идоракунии сармояҳои молиявӣ. Идоракунии фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ. Таҳия ва такмили механизмҳои идоракунии низоми андоз ва гумруки кишвар. Рушд ва такмили идоракунии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, комплекси тиҷорати хориҷии кишвар ва минтақаҳои он мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳама марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсия, ки аз таҳияи мавзуъ, асоснокқунӣ ва мубрамии он,

инчунин мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот иборатанд, бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудаанд. Муаллиф дар омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар таҳия ва асосноккунии самтҳои асосии идоракунии самараноки ин раванд дар Тоҷикистон, муайян намудани мушкилотҳо дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ ва бартараф намудани онҳо саҳми худро гузоштааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба табъ расидаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар гузоришҳо пешниҳод шудаанд. Номгӯи пурраи маърӯзаҳо дар феҳрасти интишороти довталаб оварда шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 11 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва 10 мақола дар нашрияҳои ватанӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати манбаъҳои истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Мундариҷаи кор дар 220 саҳифа оварда шудааст, ки мундариҷаи асосии он дар 194 саҳифа аст, 25 ҷадвал ва 34 расм, 1 замимаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт 185 номгуйро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР НИЗОМИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭКОЛОГӢ

## § 1.1. Таҳлили назариявии категорияҳои асосии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ

Ҷалб ва идоракунии сармояи хориҷӣ барои низоми хизматрасониҳои экологӣ дар шароити муосир ба яке аз самтҳои асосии сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гардида, ин раванд, пеш аз ҳама, бо вазъи мураккаби экологӣ ва зарурати ворид кардани технологияҳои муосир ҷиҳати коҳиш додани таъсири манфии фаъолияти инсон ба муҳити зист ва барқарорсозии тавозуни экологӣ алоқаманд мебошад. Ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисоди ҷаҳонӣ, ки бо суръати баланд рушд мекунад, барои ҶТ на танҳо хатарҳо, балки имкониятҳои воқеии ҷалби сармоягузории хориҷиро ба миён меорад, ки онро бояд ба таври ҳадафмандона дар самти беҳбуд ва рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ истифода кард.

Сармоягузории хориҷӣ метавонад дар таҳкими иқтидори техникӣ ва технологӣ, ворид намудани таҷҳизоти сарфакунанда ва технологияҳои сабз, рушди инфрасохтори экологӣ, ташкили шабакаҳои мониторинг, лабораторияҳо ва марказҳои хизматрасонии машваратии экологӣ нақши муҳим бозад. Инчунин, он метавонад барои ташкили ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани савияи касбии мутахассисон ва рушди иқтисоди сабз замина гузорад. Дар баробари ин, рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ тавассути сармоягузории хориҷӣ, на танҳо ба беҳбудии сифати муҳити зист ва коҳиш ёфтани ифлосшавӣ мусоидат мекунад, балки ба таври бевосита ба баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва беҳбудии вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо таъсир мерасонад.

Барои ҷалб ва идоракунии самараноки сармояи хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ, зарурати роҳандозӣ намудани сиёсати мақсаднок ва воситаҳои муассир ба миён меояд. Ин раванд, пеш аз ҳама ба такмили заминаи ҳуқуқию иқтисодӣ ва фароҳам сохтани шароити ҷолиби сармоягузорӣ ниёз дорад. Аз ҷумла, татбиқи чораҳое, ба монанди таъсиси минтақаҳои махсуси сармоягузорӣ бо низоми имтиёзнок, додани сабукии андоз ва гумрукӣ барои лоиҳаҳои “сабз”,

рушди механизми шарикӣ байни давлат ва бахши хусусӣ, таъмини сатҳи баланди шаффофият ва пешгӯишавандагии муҳити сармоягузорӣ аҳамияти муҳим доранд. Ҳамзамон, истифодаи воситаҳои дипломатияи иқтисодӣ (сабз) ва ҳамроҳ гардидан ба ташаббусҳои байналмилалии марбут ба сармоягузории экологӣ имкон медиҳад, ки Тоҷикистон худро ҳамчун самти диққатҷалбкунанда ва шарики боэътимод барои сармоягузорони хориҷӣ муаррифӣ намояд. Дар умум, чунин стратегияҳо ба диверсификатсияи иқтисодӣ, рушд намудани хизматрасониҳои экологӣ ва баланд бардоштани устувории иқтисоди ҷумҳурӣ мусоидат хоҳанд кард. Дар шароити кунунии экологии Тоҷикистон, ки дорои манбаъҳои табиӣ ва экосистемаҳои нозук мебошад, низоми хизматрасониҳои экологӣ бо истифодаи сармояи хориҷӣ на танҳо як амри зарурӣ, балки яке аз самтҳои асосии таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини амнияти экологӣ мебошад.

Дар доираи зербоби мазкур таҳлил намудани категорияҳои "сармоягузорӣ", "сармоягузории хориҷӣ", "сармоягузории мустақими хориҷӣ", "хизматрасониҳои экологӣ" зарур арзёбӣ мегардад.

Мазмун ва моҳияти истилоҳи сармоягузорӣ дар илм ва амалияи иқтисодӣ, чи тавре, ки олимон С.Ҷ. Комилов [118, С. 10-17], А.Б. Мирсаидов [126, С. 279-284], Қ.Х. Хушвахтзода [161, С. 14-20], А.М. Холов [159, С. 45-51], Ш.Т. Одинаев, Г.М. Давлатова [134, С. 21-28], А.И. Радякина [137, С. 213-216], Катвитская Ю.С. [177, 225 с.], В.В. Чепкасов [163, С. 543–546], ибрози андеша намудаанд, ҳамчун яке аз категорияҳои муҳимми иқтисодиёт ба таври васеъ истифода гардида, маънои «гузоштан»-ро дорад, яъне ин сармоягузорӣ дар ягон намуди фаъолият бо мақсади бадаст овардани фоида дар оянда мебошад». Ба маънои умумӣ, сармоягузорӣ ин раванди ҷудо намудани захираҳои молиявӣ, моддӣ, захираҳои меҳнатӣ ва дигари истеҳсолӣ бо мақсади ба даст овардани даромад ва фоида дар оянда мебошад. Сармоягузорӣ на танҳо маблағгузории бевосита ба истеҳсолот аст, балки ҷараёни гузоштани захираҳо ба соҳаҳо ва самтҳое мебошад, ки метавонад дар оянда даромад, самаранокӣ ва беҳбуди иҷтимоиро таъмин намояд.

Аз нуқтаи назари классикии илмӣ, сармоягузорӣ ин ҷараёни табдил додани захираҳои озод ба шакли дорои иқтидори даромаднокӣ ва арзиши изофӣ фаҳмида

мешавад. Моҳияти сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, дар фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, таҷдиди технологӣ, рушди иқтисоди сабз ва беҳбудии шароити зист ифода меёбад. Сармоягузорӣ на танҳо воситаи афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, балки омили муҳимми баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, таҳкими иқтидори инноватсионӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва тавсеаи бозорҳо ба ҳисоб меравад.

Дар илм мафҳумҳои гуногуни сармоягузорӣ ҷой дорад (ниг: ҷадвали 1.1.)

**Ҷадвали 1.1. - Тавсифи равишҳои асосӣ нисбати муайян кардани мафҳуми сармоягузорӣ**

| Муаллифон | Шарҳи мафҳуми сармоягузорӣ |
|---|---|
| А. Смит [84, С.123] | Сармоягузориро ҳамчун ҷамъоварӣ ва истифодаи манфиатноки сармоя ба истеҳсолот тавсиф намуда, сармояро ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосии афзоиши сарвати миллат ҳисоб мекард. |
| Д. Рикардо [168, С. 147] | Сармоягузориро ба истеҳсолот ва афзоиши сармояи воқеӣ ҳамчун омили муҳим барои рушди иқтисодиёт ва таъмин намудани истеҳсоли молу хизматрасониҳо арзёбӣ кардааст. |
| К. Маркс [75] | Сармоя - ин арзише мебошад, ки қобилияти тавлид кардани арзиши иловагӣ дорад. Сармоягузорӣ - ин ҷараёни истифодаи арзиш барои истеҳсоли арзиши иловагӣ мебошад. |
| Ж.-Б. Сэй [169, С. 10-14] | Мафҳуми сармоягузориро тавассути назарияи маъруфи худ — «қонуни бозорҳо» - шарҳ дода, зикр менамояд, ки сармоягузорӣ асоси рушди устувори иқтисодиёт аст, зеро он истеҳсолот, шуғл ва даромадро афзоиш медиҳад. |
| Ҷ. Кенс [89] | Сармоягузорӣ - ин зиёдшавии ҷории арзиши сармоя дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ дар ҳамин давра буда, ҳамон қисмати даромаде мебошад, ки дар давраи ҷорӣ барои истеъмолот истифода бурда нашудааст |
| Ҷ. Милл [88] | Сармоягузориро бо рушди истеҳсолот ва беҳбудии иқтисодӣ робитаи мустақим медод ва таъкид менамуд, ки пасандоз ва сармоягузории дуруст кафолати пешрафти иқтисод мебошад. |
| П. Самуэлсон [90] | Сармоягузорӣ - ин хароҷоти имрӯзаро барои ба даст овардани фоида ва даромад дар оянда ифода мекунад. Ба гуфтаи ӯ, сармоягузорӣ воситаи асосии таъмини рушди иқтисодӣ ва василаи васеъ намудани имкониятҳои истеҳсолот аст. |
| Д. Стиглитс [91] | Сармоягузорӣ - ин қарори стратегӣ ва муҳими иқтисодӣ аст, ки на танҳо ба зиёдшавии истеҳсолот, балки ба коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад. Ӯ сармоягузориро ҳамчун воситаи амалии ташаккули иқтисодиёти мутавозин ва устувор арзёбӣ мекунад. |
| М.Н. Тошматов Н.М. Дадоҷонова [85, С.11] | Сармоягузорҳо ин ҷараёнҳое мебошанд, ки аз тавсифи сифати ва миқдории он ҳаллӣ масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, шароити меҳнат, сатҳи зиндагии аҳолӣ, иқтидори истеҳсолии давлат, самаранок ташкилкунии он, сохтори соҳавӣ ва такористеҳсоли истеҳсолоти ҷамъиятӣ алоқамандии зич доранд. |

**Идомаи ҷадвали 1.1.**

| Муаллифон | Шарҳи мафҳуми сармоягузорӣ |
|---|---|
| Р.К. Раҳимов [81] | Сармоягузориҳо ин ҳама харҷҳо барои харидани мошинҳо ва таҷҳизотҳо, амалигардонии корҳои сохтмонию васлкунӣ, тағйирдиҳии захираҳо ва ғайраҳо мебошанд. |
| Р.М. Нуриев [76, С. 415-416.] | Сармоягузорӣ – ин ҷараёни ташкил намудан ва ё афзоиш додани захираи сармоя мебошад. |
| Б.М. Гулов [104, С. 187-188] | Сармоягузорӣ ин пасандоз намудани маблағҳои молии шахсӣ дар бонкҳои давлатӣ мебошад |
| Ҷ.Ҳ. Тағоев [184, С.7]. | Сармоягузорӣ ин гузориши сармоя (дар ҳама шакли зуҳуроташ) ба фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар намуди фаъолият бо мақсади ба даст овардани даромад (фоида) ё ягон самараи иҷтимоӣ ва экологӣ мебошад” |
| С.Ҷ. Комилов [118, С. 13] | Сармоягузорӣ категорияи асосии иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, нақши муҳимро дар системаи иқтисодиёт мебозад: аввалан чун гузориши сармоя ба объекти фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади афзоиши сармояи ибтидоӣ (дар шакли фоида), баъдан ҳамчун муносибатҳои пулӣ (моливӣ) байни иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ дар ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои гуногун. |
| И.Т. Мироқилова [180, С. 6] | Сармоягузориро ҳамчун гузоштани сармоя бо мақсади ба даст овардани даромад ё ба даст овардани самараи мусбати иҷтимоӣ, ки ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мусоидат мекунад, муайян менамояд. |
| Қонун “Дар бораи сармоягузорӣ” [18] | Сармоягузорӣ - ин аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани фоида. |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.*

Таҳлили андешаҳои муҳақиқони классикӣ ва муосир, инчунин муқаррароти қонунгузории самти сармоягузорӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки сармоягузорӣ ҳамчун як ҷузъи муҳими рушди иқтисодиёт ва пешрафти иҷтимоӣ дар ҳама давру замон мавқеи калидӣ доштааст. Муҳаққиқон, ба мисли А. Смит, Д. Рикардо ва К. Маркс сармоягузориро асосан ба рушди истеҳсолот, зиёдшавии сарвати миллӣ ва истеҳсоли арзиши иловагӣ алоқаманд медонанд. Олимони муосири сатҳи ҷаҳонӣ, аз ҷумла П. Самуэлсон ва Ҷ. Стиглитс, «сармоягузориро яке аз воситаҳои асосии афзоиши истеҳсолот, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ мешуморанд». Аз нуқтаи назари қонунгузории ҶТ, «сармоягузорӣ шаклҳои гуногуни гузоштани дороиҳои моддӣ ва ғайримоддиро дар иқтисоди миллӣ бо ҳадафи ба даст овардани фоида дар

бар мегирад». Дар умум, сармоягузорӣ ҳамчун раванди иқтисодӣ ва омили иҷтимоӣ ва технологӣ аҳамияти калидӣ дошта, ба вусъати иқтидори истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди инфрасохтор ва такмили сифатии сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Дар шароити кунунии Тоҷикистон рушди сиёсати самараноки сармоягузорӣ, идора ва ҷалби он, омили муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодӣ ва татбиқи стратегияҳои миллии рушди устувор ба ҳисоб меравад.

Таҳлили андешаҳои муҳаққиқони тоҷик оид ба мафҳуми сармоягузорӣ нишон дод, ки ин категорияи муҳимми иқтисодӣ дорои мазмуни фарогир ва бисёрҷанба мебошад. Он на танҳо ҳамчун раванд ё ҷараёни интиқоли воситаҳои молиявӣ ба фаъолияти иқтисодӣ фаҳмида мешавад, балки ҳамчун воситаи муҳимми ҳаллу фасли масъалаҳои дорои аҳамияти стратегӣ дар самтҳои иҷтимоӣ, инфрасохторӣ, технологӣ ва ҳифзи муҳити зист низ арзёбӣ мегардад.

М.Н. Тошматов ва Н.М. Дадоҷонова «сармоягузориро равандеро медонанд, ки бо тавсифи сифатию миқдории он ҳаллу фасли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, беҳбуди шароити зиндагии аҳолӣ ва ташаккули иқтидори истеҳсолии давлат иртиботи зич дорад» [85, С.11]. Ба андешаи Р.К. Раҳимов, «сармоягузорӣ маҷмӯи хароҷотест барои хариди воситаҳои истеҳсолӣ, таҷҳизот ва татбиқи корҳои сохтмонӣ, ки ба такмили заминаи моддӣ-техникӣ ва рушди истеҳсолот нигаронида шудааст» [81]. Р.М. Нуриев «сармоягузориро ҷараёни ташкил ва афзоиши захираи сармоя медонад, ки бо раванди рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ алоқаманд аст» [76, С. 415-416]. Ҷ.Ҳ. Тағоев ибрози андеша менамояд, ки «сармоягузорӣ ин гузориши сармоя дар ҳама шакли зуҳуроташ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва ё дигар намуди фаъолият бо ҳадафи ба даст овардани фоида ва ё самараи иҷтимоӣ ва экологӣ мебошад» [185, С.7]. С.Ҷ. Комилов «сармоягузориро ҳамчун категорияи калидии иқтисодӣ арзёбӣ намуда, онро на танҳо ҳамчун гузориши сармоя барои афзоиши фоида, балки ҳамчун низоми муносибатҳои пулӣ ва молиявӣ байни иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ таъриф медиҳад» [118, С. 13]. И.Т. Мироқилова «сармоягузориро ҳамчун гузоштани сармоя бо ҳадафи дарёфти фоида ва ё расидан ба самараи иҷтимоӣ, ки ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мусоидат мекунад, муаррифӣ мекунад» [180, С. 6]. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи

сармоягузорӣ», «сармоягузорӣ ҳамчун ҳар гуна гузориши ҳуқуқи молу мулкӣ, маблағ, коғазҳои қиматнок, таҷҳизоти технологӣ ва дигар захираҳо бо мақсади дарёфти фоида ва ё самараи дигари иқтисодию иҷтимоӣ муайян карда мешавад» [18]. Ҳамин тавр, чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки сармоягузорӣ дар фаъолияти илмии муҳаққиқони тоҷик яке аз унсурҳои калидии пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ, такмили низоми муносибатҳои молиявӣ ва тақвияти иқтидори иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад, ки дар он, ҳамзамон, ҳадафҳои иқтисодии фоидаовар, арзишҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои экологӣ ба таври мутавозин дар назар дошта мешаванд.

Бо дарназардошти таҳлили равишҳои классикӣ, муосир ва қонунгузории амалкунанда, аз ҷониби муаллиф мафҳуми сармоягузорӣ пешниҳод гардидааст, ки метавонад чунин ифода ёбад: сармоягузорӣ - ин раванди гузоштани дороиҳои моддӣ, ғайримоддӣ, молиявӣ ва зеҳнӣ аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ бо мақсади ба даст овардани фоида ва дигар натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодии судманд мебошад, ки дар он сармоя на танҳо ҳамчун захира барои зиёд кардани иқтидори истеҳсолӣ ва рушди бахшҳои иқтисодиёт, балки ҳамчун омили стратегӣ барои таъмини рушди устувор, коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва ҳифзи муҳити зист хизмат мекунад.

Категорияи навбатӣ, ки бояд ба моҳияти он равшанӣ андохт ин “сармоягузории хориҷӣ” ва зарурияти ҷалби он ба соҳаи иқтисодиёти ҶТ, бахусус дар самти низоми хизматрасонии экологӣ мебошад. «Сармоягузории хориҷӣ - ин ҷараёни гузоштани дороиҳои моддӣ, ғайримоддӣ, молиявӣ ва зеҳнӣ аз ҷониби субъектҳои хориҷӣ (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ) ба иқтисодиёти кишвари дигар бо мақсади ба даст овардани фоида ва ё натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодии дигар мебошад». СХ на танҳо воситаи муҳим барои ҷалби захираҳои молиявӣ ва технологияҳои нав ба иқтисодиёт, балки омили рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, рушди истеҳсолот, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ ба шумор меравад.

Мувофиқан ба Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ», «…сармоягузори хориҷиро метавонад давлат, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар субъектҳое бошанд, ки тибқи қонунгузории кишвари будубоши худ дар ҶТ сармоягузорӣ менамоянд» [18]. Мафҳуми расмӣ, яъне қонунгузории сармоягузории хориҷӣ дар ин Қонун муқаррар карда нашудааст, ки яке аз норасоии он мебошад.

Бо дарназардошти таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҶТ ва таҷрибаи байналмилалӣ, таърифи васеъ ва маҳдуди сармоягузории хориҷиро пешниҳод намудан ба мақсад аст. Ба маънои васеъ «Сармоягузории хориҷӣ, ин шаклҳои гуногуни сармоя (молиявӣ, моддӣ, зеҳнӣ ва дигар арзишҳои иқтисодӣ) мебошанд, ки аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳадафи татбиқи фаъолияти сармоягузорӣ дар қаламрави кишвар ворид ва истифода мегарданд. Ба чунин сармоя дохил мешаванд: воситаҳои пулӣ; саҳмияҳо, векселҳо ва дигар коғазҳои қиматнок; таҷҳизот, дастгоҳҳо; технологияҳо, ноу-хау, патентҳо ва дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ; амволи ғайриманқул; хизматрасониҳои техникӣ ва муҳандисӣ; ҳуқуқи иштирок дар иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои тиҷоратӣ; инчунин ҳама гуна шаклҳои дигари арзишҳои иқтисодӣ, ки ба рушди истеҳсолот, беҳсозии инфрасохтор, ворид намудани технологияҳои нав, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо, инчунин таҳкими иқтидори иқтисодӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд».

Ба маънои маҳдуд, «сармоягузории хориҷӣ» сармояест, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ бо ҳадафи амалӣ намудани фаъолияти сармоягузорӣ дар ҳудуди ҶТ ҷалб ва истифода мешавад».

Ин мафҳумҳо моҳияти иқтисодӣ, ҳадафи иҷтимоӣ ва зарурати риояи талаботи қонунгузории ҶТ-ро фаро гирифта, барои такмили қонунгузории амалкунанда ва фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Дар доктринаи илми иқтисодӣ ва қонунгузории амалкунанда тасниф ва намудҳои гуногуни сармоягузорӣ ҷой дорад (Ниг: Расми 1.1).




**Расми 1.1. - Тасниф ва намудҳои сармоягузорӣ.**

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин: Инвестиции // https://www.strategplann.ru/investitsii/vidy-inostrannyh-investitsij.html*

Ба назари мо, тасниф намудани сармоягузориҳои хориҷӣ ба намудҳо дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, ин раванд имкон фароҳам меорад, ки ҷалб, танзим ва идоракунии онҳо бо самаранокии бештар амалӣ гардад. Аввалан, ин

таснифбандии типологӣ имкон медиҳад, ки ҳар як шакл ва намуд аз рӯи хусусиятҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва молиявӣ ва дигар омилҳо аниқ муайян карда шавад ва барои онҳо механизмҳои алоҳидаи ҳавасмандгардонӣ ва назорат пешбинӣ гардад. Дуюм, бо ин роҳ давлат метавонад сиёсати тафриқавии сармоягузориро дар бахшҳои афзалиятнок, аз ҷумла дар низоми хизматрасониҳои экологӣ роҳандозӣ намояд. Сеюм, тавассути ҷудо кардани сармоягузориҳои хориҷӣ ба намудҳо, имконияти баҳодиҳии хавфҳо ва таҳлили оқибатҳои иқтисодӣ беҳтар мегардад, зеро сармоягузориҳои мустақим, портфелӣ, қарзӣ ва моликиятӣ таъсири гуногун ба иқтисоди миллӣ мерасонанд. Чорум, ин тарзу восита барои таҳияи қонунгузории мукаммал ва барномаву стратегияҳои давлатӣ дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ асос мегардад.

Дар ҶТ асосан намудҳои сармоягузории мустақим ва дигар намуди сармоягузориҳо ба чашм мерасанд. Муҳаққиқи ватанӣ Л.Х. Саидмуродзода СМХ-ро чунин маънидод намудааст – «сармоягузории хориҷӣ ба ҳамаи намуди моликият ва ҳуқуқи моликият буда, инчунин дар доираи он мақсади асосӣ ба даст овардани фоида мебошад» [145, С. 145]. Л.Ю. Шипович чунин мешуморад, ки «ин намуди сармоягузориҳо хеле маъмуланд, зеро онҳо одатан сармоягузории дарозмуддат ҳисобида мешаванд ва ба таҳкими иқтисоди кишвари хориҷӣ мусоидат мекунанд» [167, С. 44].

Дар доктринаи илми иқтисодиёт СМХ ҳамчун омили муҳимми таъсиргузорӣ ба рушди иқтисодиёти кишварҳои қабулкунанда арзёбӣ мегарданд. Ба андешаи муҳаққиқон Л. Алваро, А. Чанда, С. Калемли-Озжан, С. Сайек, «…ин навъи сармоягузорӣ на танҳо ба ҷалби технологияҳои муосир, ташкил ва рушди истеҳсоли маҳсулоти нав, тавсеаи ҳамкорӣ бо корхонаҳои хориҷӣ дар дохили кишвар, балки ба вусъати робитаҳои бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат мекунад» [171]. Дар муҳити илмӣ ва амалӣ СМХ ҳамчун муҳаррики рушди иқтисодӣ дониста мешавад. Аз ин рӯ, бештари давлатҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оваранд. Бо вуҷуди аҳамияти муҳим доштани сармояи хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ, таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки ҷараёни воридшавии он ба ҶТ дорои хусусияти ноустувор мебошад ва ҳаҷми

сармоягузориҳо хусусияти тағйирёбандагиро дорад. Ҳолати мазкур на танҳо нишондиҳандаи таъсири омилҳои дохилию хориҷӣ, балки нишонаи набудани механизмҳои устувори ҷалб ва идоракунии сармоя низ мебошад. Аз ин рӯ, таҳияи тариқаҳои муассир, ки имконияти ҳавасмандгардонӣ, самаранокӣ ва пешгӯишавандагии раванди сармоягузории хориҷиро таъмин намоянд, ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат табдил меёбад.

Дар Тоҷикистон усулҳо ва воситаҳои ҷалб ва идоракунии сармояи хориҷӣ, чун қоида, хусусияти универсалӣ доранд аммо, бар хилофи дигар кишварҳое, ки ҳадафҳои шабеҳи рушд доранд, он ба натиҷаҳои пешбинишуда ноил нашудааст, аз ин рӯ тадқиқот оид ба муайян кардани мушкилот дар ҷалби сармояи хориҷӣ хеле муҳим хоҳад буд.  Дар айни замон, рафъи мушкилоти комплекси истеҳсолӣ-хоҷагии кишвар беш аз пеш бо зарурати ҷорӣ намудани технологияҳои ҳозиразамон, аз ҷумла технологияҳои пешрафта дар бахши ҳифзи муҳити зист дар тамоми марҳилаҳои тарҳрезӣ, истеҳсол, ташкил ва фурӯши маҳсулоту хизматрасониҳо, алоқаманд гардидааст. Ин омилҳо зарурати ҷалби маблағгузориро ба соҳаҳои мухталифи фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратиро тақозо менамоянд. «Аммо, ҳодисаҳои сиёсӣ, ки солҳои охир кишвари моро ҳамроҳӣ мекунанд, ба имиҷи сармоягузорӣ таъсири манфӣ расониданд. Аз қабили содиршавии ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ» [173, С. 54-65].

Бояд зикр кард, ки дар илми иқтисодиёт барои муайян намудани мафҳуми «сармоягузории экологӣ» равишҳои гуногун мавҷуданд. Умуман, ин равишҳоро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: фаҳмиши маҳдуд ва фаҳмиши васеъ.

Дар шароити иқтисодиёти миллӣ, тафсири нисбатан маҳдуди ин категория бештар мавриди истифода қарор дорад. Ин тамоюл бо он вобаста аст, ки дар марҳалаи кунунӣ қисми зиёди чорабиниҳои иқтисодӣ ва ташкилии ҳифзи муҳити зист то ҳадде ба рафъи танҳо оқибатҳои манфӣ ва харобиовари фаъолияти хоҷагидорӣ равона шудаанд, на ба пешгирии омилҳои аслии ба вуҷудоварандаи онҳо. Яъне, сармоягузорӣ ба соҳаи ҳифзи табиат хусусияти пешгирикунанда надорад.

Ба ақидаи олимон-иқтисодчиён чун Е.Г. Гушина, Н.Ю. Бадрак «…ҳадафи асосии сармоягузории экологӣ пешгирӣ ва бартараф кардани ифлосшавии муҳити зист мебошад» [106, С. 46]. Дар навбати худ, Т.Н. Седаш, Е.Б. Тетюкина ва И.Н. Лобанов «аҳамияти рушди экосистемаҳоро дар маҷмӯъ ҳангоми татбиқи сармоягузории «сабз» қайд мекунанд» [147, С.52-60].

Бинобар ин, ба назари мо, татбиқи амалии сармоягузории «сабз» ва ташаккули низоми хизматрасониҳои экологӣ дорои аҳамияти хос аст. Ин раванд на танҳо ба рушди устувори муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ мусоидат мекунад, балки ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ дар самти рушди устувор замина мегузорад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, сармоягузории «сабз» бояд ҳамчун омили калидии сиёсати иқтисодии Тоҷикистон дар марҳалаи миёнамуҳлат ва дарозмуддат мавқеи марказӣ дошта бошад.

Муаҳаққиқон О.С. Мирошниченко ва Н.А. Мостова чунин ақида доранд, ки «сармоягузории маблағҳои пулӣ ва татбиқи танҳо дар чорабиниҳои ҳифзи табиат бояд сармоягузории экологиро ҳамроҳӣ кунад» [124, С.35]. Дар навбати худ, И.Д. Раков «сармоягузориҳои экологиро сармоягузорие мешуморад, ки ба ташкили чунин фондҳои фоидаовар дар раванди истеҳсоли маҳсулот, аввалан истифодаи захираҳои табиӣ коҳиш ёфта, дуюм, таъсири манфӣ ба муҳити зист ва саломатии инсон коҳиш меёбад» [138, С. 69].

Ба андешаи мо, илова кардан мувофиқи мақсад мебуд, ки сармоягузориҳои хориҷӣ барои ташкил намудани низоми хизматрасониҳои экологӣ фаъолияти истеҳсолии корхонаҳоро ташаккул медиҳанд ва арзиши бозории ташкилоту корхонаро дар бозор баланд мебардорад. Аломати муҳимми сармоягузории самти экология на танҳо ба даст овардани фоида, балки мавҷудияти таъсири экологӣ, кам кардани зарар аз ифлосшавии муҳити зист, сарфа аз ҳисоби истеҳсоли такрорӣ, кам кардани истифодаи захираҳо ва ғ. ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, сармоягузорӣ ба соҳаи муҳити зист ва экология ҳамчун тариқаи (абзори) муҳими баланд бардоштани ба даст овардани фоида ва рақобатпазирии фаъолияти хоҷагидорӣ арзёбӣ мегардад. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад,

ки СХ ва дохилӣ дар ин самт самаранокии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорро ба таври назаррас афзун менамояд, зеро рушди истеҳсоли инноватсионӣ ва иқтисодиёт бидуни истифодаи технологияҳои сарфакунандаи захираҳо, низомҳои назорати экологӣ ва тавлиди маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза амалӣ гардида наметавонад.

Трансформатсияи сохтории ҷомеаи ҷаҳонӣ дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар шароите ҷараён дорад, ки мушкилоти ҷаҳонии башарият, аз ҷумла мушкилоти экологӣ (оби тоза, партофти газҳои гулхонаи), обшавии пиряххо, ифлоскунии атмосфераи ҳаво), шиддат мегиранд. Ин ҳолат зарурияти таҳия ва татбиқи механизмҳои қонеъсозии талабот ба хизматрасониҳои экологиро ба вуҷуд овард. «Дарк кардани оқибатҳои фоҷиавии вайроншавии тавозуни табиию антропогенӣ зери таъсири фаъолияти доимии инсоният, сабаби ташаккули бозори хизматрасониҳои экологӣ гардид, ки дар навбати худ он ба рушди тиҷорати экологӣ ва зарурати инкишофи маркетинги экологӣ мусоидат намуд».

М.А. Бабенко бар он ақида аст, ки «таҳия ва татбиқи принсипҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ба ҳамаи соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ ва ташаккули талабот ба маҳсулоти истеҳсолкунандагони ҷавобгӯ ба стандартҳои экологӣ, ба рушди тиҷорати чакана (ритейл) замина фароҳам меорад. Бозори молу хизматрасониҳои экологӣ як қисми ҷудонашавандаи фазои бозорӣ буда, ҳамзамон воситаи амалисозии консепсияи рушди устувор мебошад, ки ба таъмини рушди мутавозин дар асоси мутобиқати соҳаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии зиндагии ҷомеа нигаронида шудааст» [98, С. 22].

Хизматрасониҳои экологӣ бахши динамикӣ ва босуръати соҳаи муҳити зист ба ҳисоб мераванд. «Дар солҳои охир талабот ба хизматрасониҳои экологӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт, ки як қисми он ба шиддатёбии меъёрҳо ва қоидаҳое вобаста аст, ки барои ҳал намудани мушкилоти глобалӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, кам шудани захираҳо ва афзоиши партовҳо равона шудаанд». Одатан, нақши асосиро дар пешниҳоди хизматрасониҳои экологӣ корхонаҳои коммуналӣ иҷро мекарданд» [100, С. 98]. Аммо тамоюли хусусигардонии корхонаҳои коммуналӣ пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ба иштироки бештари бахши хусусӣ ва пайдоиши имкониятҳои нав барои тиҷорат мусоидат намуд. Е.А. Беляева дуруст таъкид

менамояд, ки «рушди технологияҳои нав инчунин ба густариши савдои байналмилалӣ дар ин соҳа такон бахшид» [100, С. 98].

Хизматрасониҳои экологӣ доираи васеи фаъолиятро фаро мегиранд. Ба он хизматрасониҳои инфрасохторӣ, мисли канализатсия (ситемаи қубур ва корезаҳо барои партофта дур кардани ифлосиҳо), ҷамъоварӣ ва коркарди партовҳо, санитария (нигоҳдории тандурустии ҷамъиятӣ) ва обтаъминкунӣ, ҳамчунин хизматрасониҳои ғайриинфрасохторӣ, аз қабили пешгирии ифлосшавии ҳаво, паст кардани сатҳи садо, барқарорсозии экосистемаҳо ва тозакунии минтақаҳои олудашуда дохил мешаванд.

Дар муқоиса бо дигар бахшҳо, аз қабили сайёҳӣ, хизматрасониҳои молиявӣ ё соҳаи алоқа, сатҳи ӯҳдадориҳое, ки кишварҳо дар самти хизматрасониҳои экологӣ дар доираи СУС ба дӯш гирифтаанд, нисбатан мӯътадил ва маҳдуд арзёбӣ мешавад. Ҳолати мазкур нишон медиҳад, ки соҳаи хизматрасониҳои экологӣ ҳанӯз пурра ба низоми байналмилалии тиҷорати хизматрасониҳо ворид нашудааст ва имкониятҳои густариши ӯҳдадориҳо дар ин самт мавҷуд мебошанд. Тибқи ҳолати 1 декабри соли 2020, 59 давлати узви СУС (бо дарназардошти Иттиҳоди Аврупо ҳамчун як воҳид) дар ҳадди ақал як зербахши хизматрасониҳои экологӣ ӯҳдадориҳо қабул намудаанд. Аз ҷумла, 52 давлат барои хизматрасониҳои канализатсия, 50 давлат барои партовбарорӣ, 51 давлат барои санитария ва хизматрасониҳои ба он монанд ва 51 давлат барои дигар хизматрасониҳои экологӣ ӯҳдадориҳои дахлдорро ба дӯш гирифтаанд. «Дигар хизматрасониҳои экологӣ», ба монанди тоза кардани газҳое, ки аз партов ба вуҷуд меоянд, кам кардани садо, ҳифз намудани табиат ва дигар хизматрасониҳои бо ҳифзи муҳити зист алоқаманд, ки мувофиқи чор зербахши дигар дар гурӯҳбандии муваққатии маҳсулоти асосӣ муайян шудаанд. Пешрафтҳои технологӣ инчунин пешниҳоди хизматрасониҳоро дар шакли фаромарзӣ осон гардондаанд» [61].

Дар илм ягонафикрӣ вобаста ба мафҳуми «хизматрасонии экологӣ» ҷой надорад. Ба ақидаи Г.П. Серов «хизматрасониҳои дорои хусусияти экологӣ ин чорабиниҳое мебошанд, ки аз ҷониби ташкилотҳо (муассисаҳо) дар асоси

шартномавӣ, пулакӣ ё бепул барои татбиқи фаъолияти ҳифзи муҳити зист нисбат ба объектҳои беруна анҷом дода мешаванд» [83, С. 56].

А.А. Соколова «хизматрасонии экологиро ҳамчун хизмате таъриф мекунад, ки ба аҳолӣ ё корхонаҳо пешниҳод мегардад ва натиҷаи он пешгирӣ ва ё коҳиши зарари расонидашуда ба инсон, моликияти ӯ ва муҳити атроф дар натиҷаи истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти саноатӣ ва истеъмолӣ мебошад» [149, С. 32].

Ба назари мо, мафҳумҳои пешниҳодшуда мукаммал набуда, дар он баъзе ҳолатҳо ва омилҳо ба инобат гирифта нашудаанд. Ба монандӣ: а) маҳдуд будани доираи ин хизматрасониҳо, яъне дар ҳар ду таъриф бештар ба чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист алоқаманд буда, аммо тамоми доираи хизматрасониҳои экологиро, ки метавонанд фаъолияти иттилоотӣ, таълимӣ, машваратӣ, техникӣ, мониторинг ва хизматрасонии навоваронаи ба муҳити зист нигаронидашударо дар бар гиранд, фаро намегиранд; б) ба паҳлӯи иқтисодӣ ва инноватсионӣ таваҷҷуҳи нокифоя карда шудааст, яъне дар мафҳумҳои болозикр аҳамияти ин хизматрасониҳо ҳамчун бахши мустақили бозор ва омили рушди иқтисоди сабз, ташаккули низоми хизматрасониҳои экологӣ ва воридшавии технологияҳои муосир ёдовар намешавад; в) маҳдудият ба таъсири бевоситаи зарар; г) набудани равиши комплексӣ.

Ин таърифҳо муносибати комплексиро ба рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар бар намегиранд, зеро дар он бояд омезиши унсурҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ ва ҳуқуқӣ ба назар гирифта мешуд. Хулоса, таърифҳои мазкур ба таври маҳдуд ва классикӣ пешниҳод шуда, барои шарҳи пурраи моҳият ва нақши хизматрасониҳои экологӣ дар шароити иқтисодиёти муосир, хусусан дар кишварҳои рӯ ба рушд, ки низоми хизматрасониҳои экологӣ ҳоло ташаккул меёбад, нокифоя мебошанд.

Т.А. Саадулаева ва Т.Н. Полозина бо дарназардошти хусусиятҳои низоми хизматрасониҳои экологӣ, мақсад ва навъҳои хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, чунин таърифи хизматрасонии экологиро пешниҳод кардаанд: «хизматрасониҳои экологӣ - ин хизматрасониҳое мебошанд, ки ба ташкилотҳо ё аҳолӣ пешниҳод

мегарданд ва ҳадафи онҳо пешгирӣ ё кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист дар натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ мебошад» [144, С. 184].

Яке аз маъмултарин ақидаҳо чунин аст, «ки моҳияти хизматрасонии экологӣ ҳамчун намуди махсуси хизматрасонӣ нишон дода мешавад. Тибқи ин назария, ки аз ҷониби Е.С. Арумова пешниҳод шудааст, хизматрасониҳои хусусияти экологидошта - ин маҷмӯи тадбирҳое мебошанд, ки ташкилотҳо дар асоси шартнома ё ройгон барои амалӣ намудани фаъолияти ҳифзи муҳити зист анҷом медиҳанд» [94, С.53].

Нуктаи назари дигари ҷолиб низ вуҷуд дорад, ки «хизматрасониҳои экологиро ҳамчун функсияҳои экологии муҳити зист шарҳ медиҳад, ки фаъолияти инсонро дар самти истеҳсол ва истеъмол дастгирӣ намуда, ё ба таври муайян ба сатҳи некӯаҳволӣ ва сифати зиндагӣ таъсир мерасонанд (ба мисли тозакунии об тавассути системаҳои табиӣ, коҳиши хатари сел ва дигар офатҳои табиӣ)» [94, С.53]. Мафҳуми додашуда бо назарияи Г.П. Серов ва А.А. Соколова шабеҳ мебошад.

Мувофиқи сарчашмаҳои дигар, «таҳти мафҳуми хизматрасониҳои экологӣ маҷмӯи тадбирҳое фаҳмида мешаванд, ки ба нигоҳдорӣ ва барқарорсозии тавозуни экологӣ, ҳифзи муҳити зист, инчунин пешгирӣ ва кам кардани таъсири манфии фаъолияти инсон ба табиат равона шудаанд» [57]. Хизматрасониҳои экологӣ фаъолияти васеъро фаро мегиранд, аз ҷумла мониторинг ва таҳлили вазъи экологӣ то таҳия ва татбиқи чораҳои коҳиши ифлосшавии муҳити зист. Дар айни замон, мафҳуми «хизматрасониҳои экологӣ» то ҳанӯз ба таври кофӣ муайян карда нашудааст. «Бо вуҷуди ин, дар маънои умумӣ онҳоро ҳамчун маҷмӯи хизматрасониҳое меҳисобанд, ки муҳтавои асосии онҳо пешгирӣ, бартарафсозӣ ва кам кардани таъсири зараровар ба инсон ва беҳтар намудани ҳолати муҳити зист мебошад» [57].

А.В. Курбатов бар он ақида аст, ки хизматрасонии экологиро чунин шарҳ додан мумкин аст: «...ин хизматрасониест, ки ба аҳолӣ ё корхонаҳо пешниҳод мегардад ва натиҷаи он пешгирӣ ва ё коҳиш додани зарар ба инсон, молу мулки ӯ ва муҳити зист мебошад, ки дар натиҷаи истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти саноатӣ ва истеъмолӣ ба вуҷуд меояд» [179, С. 23]. Мафҳуми пешниҳоднамудаи А.В.

Курбатов ҷанбаҳои мусбат ва манфии худро дорад. Бартарияти ин ақида дар он аст, ки таърифи пешниҳодшуда дарки мафҳумро содда ва татбиқи онро осон мегардонад, зеро он мустақиман ба эҳтиёҷоти аҳолӣ ва корхонаҳо равона шуда, натиҷаи мушаххаси хизматрасониро таъкид мекунад. Дар таъриф равшан зикр мегардад, ки ҳадаф пешгирӣ ё коҳиш додани зарар ба инсон, молу мулк ва муҳити зист мебошад, ки самти асосии хизматрасониҳои экологиро инъикос менамояд. Илова бар ин, таъриф робитаи зичи хизматрасониҳои экологиро бо истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти саноатӣ ва истеъмолӣ нишон дода, аҳамияти иқтисодии масъала ва зарурати ҳалли онро таъкид мекунад.

Дар таъриф танҳо фаъолияти истеҳсолӣ ва истеъмолӣ ҳамчун манбаи таъсири манфӣ зикр мешавад, ҳол он ки дигар фаъолиятҳо (мисли сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ) низ ба муҳити зист таъсир мерасонанд. Дар таъриф хизматрасониҳои экологӣ ҳамчун бахши мустақили низоми хизматрасонӣ, омили рушди иқтисоди сабз ва таъсиси низоми хизматрасониҳои экологӣ зикр нашудааст. Ақидаи А.В. Курбатов барои ифодаи умумии хизматрасониҳои экологӣ кӯмак мекунад, аммо барои истифода дар заминаи илмӣ, сиёсати давлатӣ ва танзими низоми хизматрасониҳои экологӣ таҳлили амиқтар ва таҳияи таърифи мукаммалу фарогир зарур аст.

О.И. Собственникова таҳти мафҳуми нисбатан васеъ ва мукаммали хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод намудааст, мувофиқи он «...ин хизматрасониҳои махсус мебошанд, ки дар соҳаи истифодаи оқилонаи табиат пешниҳод шуда, ба ҳалли масъалаҳои зерин равона гардидаанд: муайян кардани дурустии андозаҳои ҳудудҳои муҳофизатии санитарӣ, пешгирӣ ё коҳиш додани таъсири манфии объектҳои истеҳсолӣ ба муҳити зист ва саломатии инсон, муайян кардани имконияти идомаи фаъолияти корхона, технологияи истифодашаванда ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, инчунин таҳияи қарорҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ ва техникӣ асоснок буда, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва экологӣ мақбул мебошанд» [148, С. 130].

«А.А. Голуб ва Е.Б. Струкова бар онанд, ки хизматрасониҳои экологӣ дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошанд, аз ҷумла: аҳамияти баланди иҷтимоии раванд,

ки тавассути он хизматрасониҳои экологӣ ба беҳсозии муҳити зист мусоидат менамоянд; вобастагии хусусияти хизматрасониҳои экологӣ аз сатҳи эҳтиёҷоти экологӣ; инчунин нақши муҳими таҳсилоти экологӣ, ки ҳам барои аҳолии васеъ ва ҳам барои истеҳсолкунандагони молу хизматрасониҳо зарур аст» [71].

Дар айни замон, дар бораи моҳияти иқтисодии истилоҳи “хизматрасонӣ” нуқтаи назари гуногун мавҷуд аст. Дар адабиёт таърифҳои зерин мавҷуданд: «хизматрасонӣ ин корест, ки барои қонеъ кардани ниёзҳо, ниёзҳои касе, ҳангоми хидмат ба касе иҷро карда мешавад» [71].

Бо дарназардошти таҳлил ва муқоисаи афкору таърифҳои пешниҳодшуда, инчунин равиши муосир ба инъикоси мақсад ва мундариҷаи хизматрасониҳои экологӣ, метавон чунин таърифи мукаммалу фарогирро пешниҳод намуд:

Хизматрасонии экологӣ, ин маҷмӯи чорабиниҳо ва амалҳои низомманд мебошанд, ки аз ҷониби корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва ё шахсони инфиродӣ бо ҳадафи пешгирӣ, коҳиш ва бартарафсозии таъсири манфии фаъолияти инсон ба муҳити зист, такмили сифати муҳити табиӣ, барқарор намудани тавозуни экологӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ амалӣ карда мешавад.

Барои боз ҳам возеҳтар дарк намудани моҳияти хизматрасониҳои экологӣ таҳлил ва муайян намудани намудҳо ва таснифи он аҳамияти вижа дорад.

«Тибқи таснифи байналмилалии молҳо ва хизматрасониҳо, ки дар асоси Созишномаи Нитссӣ ба таснифотҳо таъсис ёфтааст, хизматрасониҳои экологӣ ба гуруҳи №42 шомил мешаванд. Ба ин гуруҳ чунин фаъолиятҳо дохиланд: хизматрасониҳои илмӣ ва технологӣ ва таҳқиқоти илмии вобаста ба онҳо; хизматрасониҳо дар самти таҳлили саноатӣ ва тадқиқоти илмӣ; таҳия ва такмили нармафзор ва таҷҳизоти компютерӣ» [47]. Таснифи байналмилалии молҳо ва хизматрасониҳо (ТБМХ) дар кишварҳои гуногун истифода мешавад. «Тибқи маълумоти соли 2011, шумораи кишварҳое, ки Созишномаи Нитссиро имзо кардаанд, 83 давлатро ташкил медиҳад. Кишвари мо ба ин созишнома 25 июли соли 1991 ҳамроҳ шудааст» [23].

«А.В. Курбатов ба хизматрасониҳои экологӣ тибқи ин таснифот чунин намуди фаъолиятҳоро мансуб донистааст: таҳлили об; омӯзиши лоиҳаҳои техникӣ; таҳқиқот дар соҳаи ҳифзи муҳити зист; банақшагирии шаҳрӣ; пешниҳод намудани иттилоот ва машваратҳои илмӣ, ки ба кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ марбут мебошанд; хизматрасониҳои лабораторияҳои илмӣ; экспертизаи муҳандисию техникӣ» [179, С. 23].

Дар айни замон, таснифи ягонаи байналмилалӣ ё миллии хизматрасониҳои экологӣ вуҷуд надорад. Дар давлатҳои гуногун мафҳуми хизматрасониҳои экологӣ фарқ мекунад. О.И. Собственникова дуруст менависад, ки «мувофиқи таърифи Комиссияи аврупоӣ, соҳаҳои экологӣ истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо оид ба ченкунӣ, пешгирӣ, маҳдудсозӣ ё бартарафсозии зарари экологиро дар бар мегиранд: нест кардани партовҳо, кам кардани таъсир ба ҳаво ва обҳои табиӣ, коҳиши садо ва нурҳои электромагнитӣ, инчунин технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, ки истифодаи ашёи хом ва ифлоскунии муҳити зистро ба ҳадди ақал мерасонанд. Дар дигар кишварҳо ба бозори маҳсулот ва хизматрасониҳои экологӣ инчунин молҳои истеъмолӣ низ шомил мешаванд, ба монанди яхдонҳо ва аэрозолҳое, ки миқдори пасти хлорфторкарбон доранд, маҳсулоти хӯрокворие, ки моддаҳои кимиёвӣ надоранд, хокаи махсуси ҷомашӯӣ, инчунин биотехнология ва манбаъҳои ғайрианъанавии энергия» [148, С. 130]. «Дар соли 2002 Япония рӯйхати шахсии молҳои экологиро пешниҳод намуд, аммо, ба назари бисёре аз коршиносон, ин таснифот рӯирост ба содироти таҷҳизот ва асбобҳои ченкунии японӣ нигаронида шудааст» [56].

Таснифи асосии хизматрасониҳои экологӣ, ки дар доираи СУС ва Созишномаи умумӣ оид ба хизматрасонӣ (GATS) таҳия шудааст, онҳоро ба бахши «Хизматрасониҳо дар соҳаи муҳити зист» мансуб медонад [62]. Бо вуҷуди ин, ин таснифот на ҳамеша ба таври дахлдор хизматрасониҳои марбут ба чорабиниҳои пешгирикунандаи ҳифзи муҳити зистро фаро мегирад ва бештар ба модели классикии фаҳмиши хизматрасониҳои экологӣ такя мекунад, ки асосан тадбирҳои пас аз таъсир ва ба коҳиши зарари аллакай расонидашуда равонашударо дар бар мегиранд [179, С. 23].

«Имрӯз хизматрасониҳои соҳаи экология соҳаҳои гуногуни фаъолиятро фаро мегиранд — аз тозакунии оддии муҳити зист ва бурдани партовҳо то гузаронидани ташхису санҷишҳои мураккаби экологӣ. Низоми хизматрасониҳои экологӣ ба якчанд бахши асосӣ ҷудо мешавад» [52]: хизматрасониҳои воқеии экологӣ; хизматрасониҳои лабораторӣ ва экспертии экологӣ. Ин ҷо ҳамчунин корҳои экспертиза оид ба арзёбии сатҳи ифлосшавии муҳити зист ва ҳисоб кардани зарари экологӣ дохил мешаванд; хизматрасониҳои ҳуқуқиву меъёрии экологӣ, ин асосан бо хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, суғуртавӣ, аудиторӣ ва савдои ҳуқуқи ихроҷу ифлоскунӣ алоқаманд мебошад. Бо дарназардошти ин, пешниҳод кардан мумкин аст, ки чунин таснифи мукаммали хизматрасониҳои экологӣ таҳия шавад (ниг: Ҷадвали 1.2).

**Ҷадвали 1.2. - Номгӯ ва моҳияти хизматрасониҳои экологӣ**

| Номгӯй | Мазмун ва моҳият |
|---|---|
| Хизматрасонии ҳуқуқӣ-экологӣ | Шарҳи ҳуқуқи экологӣ; машваратҳо оид ба тартиби гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ [10]; машваратҳо оид ба гирифтани иҷозатномаҳо. |
| Машваратҳои экологӣ | Гузаронидани қайди ҳаракати партовҳо; ҳисобу китоби меъёрҳои иҷозатдодашуда; таҳқиқоти лаборатории ихроҷ ва партовҳо ва ғайра. |
| Аудити экологӣ | Омӯзиши ҳуҷҷатҳои экологӣ ва техникию иқтисодӣ оид ба таъсири корхона ба табиат; таҳқиқи минтақаҳое, ки дар онҳо корхона фаъолият мекунад ва ғайра. |
| Суғуртакунии экологӣ | Суғуртаи ҳолатҳои фавқулода; кам кардани хавфи садамаҳои экологӣ; пешгирии зарар ба муҳити зист ва ғайра. |
| Тиҷорати ҳуқуқҳо барои ифлоскунӣ | Корхона метавонад миқдори ифлосшавиро коҳиш диҳад, ки барои ин аз ҷониби корхонаи дигар, ки ҳуқуқи партовҳоро аз корхонаи аввал мехарад, ҷубронпулӣ мегирад. |
| Сохтмони иншооти ҳифзи муҳити зист | Конструксияҳои безараргардонӣ; технологияҳои инноватсионии тозакунии ҳаво аз моддаҳои зараровар; тозакунии партовҳои саноатӣ. |
| Сертификатсия ё шаҳодатномадиҳии истеҳсолот ва маҳсулот | Муайяннамоии фаъолияти истеҳсолӣ; аттестатсияи истеҳсоли маҳсулот барои гирифтани сертификат; сертификатсия ё шаҳодатномадиҳии системаи сифат; назорати техникии маҳсулоти сертификатсияшуда |
| Тарбияи экологӣ ва омӯзиш | Омӯзонидани истеъмолкунандагон оид ба ҳуқуқи истифодаи хизматрасониҳои экологӣ, риояи меъёр ва қоидаҳои истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ғайра. |

***Сарчашма:*** *Маковецкий, С.А. Формирование рынка экологических товаров и услуг в ритейле / С.А. Маковецкий, Р.Н. Лепа // Торговля и рынок. – 2022. – Т. 2, № 3-1(63). – С. 15-25.*

Таснифи хизматрасониҳои экологӣ вобаста ба объекти он дар доираи рушди устувор ва иқтисоди сабз чунин мебошад (ниг: расми 1.2)




**Расми 1.2. - Навъҳои хизматрасониҳои экологӣ (вобаста ба объекти хизматрасонӣ).**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф.*

Чунин таснифи намудҳои хизматрасониҳои экологӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд, зеро он имкон медиҳад, ки фаъолияти низоми хизматрасониҳои экологӣ ба таври системавӣ ва мақсаднок ба роҳ монда шавад, самтҳои афзалиятнок ва муҳими хизматрасониҳо муайян карда шаванд.

Дар шароити ҶТ, бо дарназардошти осебпазирии муҳити зист ва аҳамияти рушди устувор, васеъ намудани доираи чунин хизматрасониҳо (ниг расми 1.3.) ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар ин самт муҳим арзёбӣ мегардад.




**Расми 1.3. - Намудҳои хизматрасониҳои экологӣ.**
***Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ ва таҳлили илмӣ*

Ҳамин тавр, таҳкими равандҳои экологикунонии иқтисодиёт ва рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ имрӯз ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодии ҶТ табдил ёфтааст. Тағйироти сохтории ҷомеаи ҷаҳонӣ дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI, афзоиши мушкилоти глобалии экологӣ ва зарурати гузариш ба иқтисоди сабз нишон медиҳанд, ки дар кишвари мо низ бояд шароити мусоид барои ташаккули низоми муосири хизматрасониҳои экологӣ фароҳам оварда шавад. Фишорҳои рӯзафзуни техногенӣ ба муҳити зист, тағйирёбии иқлим, обшавии пиряххо ва кам шудани захираҳои об зарурати чораандешии муассирро тақозо менамоянд. Дар ин замина, рушди хизматрасониҳои экологӣ на танҳо ба беҳбуди сифати муҳити зист, балки ба диверсификатсияи иқтисод, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои тоза мусоидат хоҳад кард.

## §1.2. Механизм, принсипҳо ва методҳои ташкилӣ - иқтисодии идоракунии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ

Дар илми иқтисодиёт таърифи ягонаи мафҳумҳои «идоракунии раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ» ва ё «механизми ташкилию иқтисодӣ»-и идоракунии ин раванд мавҷуд нест. Ин норасоӣ боиси душвории муайян намудани тарзи дақиқи амалкарди чунин механизми пешниҳодӣ мегардад. Дар сатҳи назариявӣ ва амалии иқтисод, механизми ташкилию иқтисодии идоракунӣ ҳамчун маҷмӯи унсурҳои ҳамбастаи ду самт, яъне ташкиливу иқтисодӣ баррасӣ мегардад. Ба унсурҳои ташкилӣ аз қабили созмондиҳӣ, банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорат дохил мешаванд, ки тартиб ва пайдарпаии фаъолияти субъектҳои идоракунандаро муайян месозанд. Дар навбати худ, унсурҳои иқтисодӣ ҳавасмандгардонӣ, маблағгузорӣ, идоракунии хавфҳо ва тақсими самараноки захираҳоро дар бар гирифта, асоси молиявию иқтисодии қабули қарорҳо ва татбиқи самараноки сиёсатҳои идоракуниро таъмин менамоянд. Дар маҷмӯъ, ин ду гурӯҳи унсурҳо бо ҳамдигар дар ҳамбастагӣ амал карда, заминаи назариявӣ ва амалии идоракунии муассирро ташкил медиҳанд.

Мафҳум ва сохтори ин механизм дар таҳқиқоти олимони муосир ба таври назаррас таҳлилу баррасӣ шуда, аксар вақт ҳамчун системаи мутақобилан вобаста аз усулҳо ва воситаҳо инъикос мегардад, ки мақсади асосиаш баланд бардоштани самаранокии ҷалб ва истифодаи сармоягузории хориҷӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ мебошад.

Идоракунии раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамчун низоми муназзами мақсадноки фаъолияти субъектҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошад, ки ба воситаи принсипҳо, усулҳо, механизмҳо, воситаҳо ва қарорҳои идорӣ барои ташкили шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва институтсионалӣ ҷиҳати ҷалб, ҳимоя ва самаранок истифода бурдани сармояи хориҷӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, махсусан дар соҳаҳои дорои аҳамияти стратегӣ, амалӣ гардад.

Муҳаққиқи ватанӣ Ш.Р. Шарипов дуруст қайд менамояд, ки «... бо дарназардошти он ки масъалаи мазкур дар адабиёти илмӣ ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст ва мафҳуми дақиқи «танзими раванди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ» низ ҳанӯз шакл нагирифтааст, ... мафҳуми идоракунии раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамчун раванд ё амалияи мақсадноки омодасозӣ, мувофиқа ва татбиқи қарорҳои идорӣ аз ҷониби субъекти идоракунанда бояд баррасӣ шавад. Ин раванд ба маҷмӯи принсипҳо, усулҳо ва механизмҳое такя мекунад, ки ҳадафи онҳо таъмин намудани ҳолати муайян ва муносиб дар сохтори иқтисодӣ мебошад. Дар ин замина, сармоягузориҳо ҳамчун ҷузъи муҳими манобеи сармоявӣ нақши назаррас дошта, ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири бевосита мерасонанд. Ҳамзамон, раванди идоракунӣ набояд танҳо ҳамчун маҷмӯи усулҳои омодасозӣ ва қабули қарорҳои идорӣ маънидод гардад, балки он бояд ҳамчун равандест мақсаднок баррасӣ шавад, ки аз се марҳилаи пайдарпай иборат аст: таҳия, тасдиқ ва татбиқи қарорҳои қабулшуда. Аз нигоҳи методологӣ, идоракунӣ маҷмӯи ҳадаф, вазифаҳо, принсипҳо, усулҳо ва механизмҳоро дар бар мегирад, ки тавассути субъектҳои идораи давлатӣ нисбат ба объекти идорашаванда амалӣ мегарданд» [185, С. 24-25].

Ба ақидаи В.Р. Боев, «…механизми ташкилию иқтисодӣ бояд на ҳамчун маҷмӯи оддии фишангҳо ва воситаи иқтисодӣ, балки ҳамчун системаи онҳо, яъне

якҷоягии мутақобила ва мутақобилаи танзимкунандагони мушаххаси иқтисодии он баррасӣ карда шавад» [101, С. 61-64].

Е.Ю. Гупанова «механизми ташкилию иқтисодиро ҳамчун маҷмӯи фишангҳои мутақобилаи ташкилӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва дигар фишангҳо ва усулҳои таъсири мақсаднок ба объекти идоракунӣ барои таъмини фаъолияти боэътимоди системаи идоракунии сифат» муайян мекунад» [105, С. 46]. Гарчанде ки Е.Ю. Гупанова омезиши фишангҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ-идоракуниро зикр мекунад, аммо таърифи ӯ робитаи мутақобилаи тамоми паҳлӯҳои иҷтимоӣ, экологӣ, технологӣ ва ахлоқии ин равандро пурра дар бар намегирад.

Аз нуқтаи назари И.Л. Ломакина «механизми ташкилию иқтисодии идоракунӣ ҳамчун маркази фаъолияти истеҳсолӣ, инноватсионӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ ва дигар фаъолият хизмат мекунад ва ҳамчун воситаи ба кор даровардан ва таъмини фаъолияти устувори системаҳои идоракунии истеҳсолот, пешрафти илмию техникӣ, таъминоти моддию техникӣ ва истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ баррасӣ карда мешавад» [120, С. 186].

«Аз таҳлили механизмҳои иқтисодӣ, ки иқтисоддони фаронсавӣ А. Кулман додааст, метавон гуфт, ки механизми иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ ё аз рӯи хусусияти фаъолияти сармоягузорӣ ё натиҷаи ниҳоӣ (ба даст овардани фоидаи соф) муайян карда мешавад» [73].

«М.И. Круглов, ҳангоми баррасии сохтори механизми ташкилӣ, унсури банақшагириро ба таркиби он дохил мекунад, гарчанде ки ин унсурро ба таркиби механизми иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ дохил кардан дурусттар аст» [69, 145].

Дар асоси моделҳои байналмилалӣ, аз ҷумла OLI-парадигмаи Ҷ.Ҳ. Даннинг (Ownership - Location - Internalization) ва модели сиёсати сармоягузории UNCTAD, мафҳуми идоракунии раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологиро чунин таъриф додан мумкин аст: ин фаъолияти мақсадноки институтсионалӣ ва сиёсати иқтисодии давлат буда, тавассути таҳлили омилҳои моликият (Ownership), мавқеи ҷуғрофию иқтисодӣ ва захиравӣ (Location), самаранокии дохилшавӣ ва интиқоли фаъолиятҳо

(Internalization), инчунин мутобиқсозӣ бо стандартҳои байналмилалии танзими сармоягузорӣ (UNCTAD) амалӣ мегардад. Ҳадафи чунин идоракунӣ, пеш аз ҳама, дар фароҳам овардани муҳити мусоиди ҳуқуқӣ, молиявӣ, инфрасохторӣ ва институтсионалӣ ифода мегардад, ки ҷалби устувор ва самараноки сармояи хориҷиро ба самтҳои алоҳидаи иқтисод, бахусус самтҳои инноватсионӣ ва экологӣ, таъмин менамояд.

**Ҷадвали 1.3. - Муқоисаи мафҳуми идоракунии самаранокии сармояи хориҷӣ (махсусан соҳаи экологӣ) бо моделҳои байналмилалӣ**

| Унсурҳо / Меъёрҳо | Мафҳуми классикӣ | OLI-парадигмаи Ҷ.Ҳ. Даннинг | Стандартҳои UNCTAD оид ба сиёсати сармоягузорӣ |
|---|---|---|---|
| Таърифи идоракунӣ | Низоми идории татбиқи қарорҳои давлат дар соҳаи сармоягузорӣ | Интиқоли сармоя ҳангоми мавҷудияти се омил: O–L–I | Сохтори таҳлил ва роҳнамо барои кишварҳои рушдёбанда дар таҳияи сиёсати самараноки сармоягузорӣ |
| Омили моликият (O) | Ба инобат гирифта намешавад | Бартарияти ширкат (технология, бренд, ноу-хау) | Қобилияти рақобатии ширкатҳои хориҷӣ ва шароити дастрасӣ ба захираҳо |
| Омили ҷойгиршавӣ (L) | Дар асоси талаботи дохилӣ | Афзалияти ҷойгиршавӣ: бозор, сарчашмаҳо, меҳнат, дастгирии давлатӣ | Мутобиқати ҷой ба сиёсати миллӣ, дастгирии давлатӣ, ҳифзи муҳити зист ва ҳуқуқи инсон |
| Омили дохилшавӣ (I) | Дар заминаи шартномаву созишномаҳо | Ниёз ба зери идора қарор додани раванди истеҳсолот ба хотири кам кардани хароҷот ва хавфҳо | Сиёсати шаффоф ва муассир, ки тавозуни манфиатҳои давлат ва сармоягузорро таъмин менамояд |
| Сатҳи мувофиқати ҳуқуқӣ ва созишномавӣ | Маҳдуд – дар асоси қонунҳои миллӣ | Дар асоси қонунгузории дохилии сармоягузорон | Тақозо мекунад, ки давлат қонунгузориро ба талаботи СММ ва конвенсияҳо ҳамоҳанг созад |
| Таъсири иҷтимоӣ ва экологӣ | Ҳамчун талаботи умумӣ зикр мешавад | Нишон дода намешавад | Яке аз меҳварҳои асосӣ мебошад, яъне ҳадафи сармоягузорӣ бояд рушди устувор ва ҳифзи муҳити зистро дарбар гирад |
| Фаъолияти институтсионалӣ ва ҳамгироӣ | Бештар ба ваколати мақомоти давлатӣ асос меёбад | На ба таври мустақим баррасӣ мешавад | Хусусияти институтсионалӣ ва байнисоҳавӣ дорад (молия, экология, бозори меҳнат, ҳуқуқи инсон ва ғ.) |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Идоракунии раванди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ - ин низоми танзимшудаи стратегие мебошад, ки ҳам аз ҷониби давлат (субъектҳои оммавӣ) ва ҳам бахши хусусӣ амалӣ мегардад ва бар таҳлили омилҳои моликиятӣ, ҷойгиршавӣ ва дохилшавӣ (модели OLI) такя мекунад. Он бо риояи стандартҳои байналмилалии рушди устувор, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ амалӣ гардида, мақсади асосиаш муҳайё сохтани муҳити мусоиди ҳуқуқиву иқтисодӣ, ниҳодиву иҷтимоӣ барои ҷалб ва идоракунии СХ дар бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ, бахусус низоми хизматрасониҳои экологӣ, мебошад. Ин раванд на танҳо ҷалби захираҳои молиявиро таъмин мекунад, балки интиқоли технологияҳои инноватсионӣ, такмили малакаҳои идоракунӣ ва мутобиқсозии бозори дохилиро ба талаботи рушди устувор низ мусоидат менамояд.

Идоракунии сармоягузории хориҷӣ як маҷмӯи равандҳои пайдарпай ва ҳамгироиест, ки ба самаранок ҷалб намудан, истифода ва мониторинги захираҳои сармояи хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ, бахусус дар соҳаҳои афзалиятнок, мусоидат мекунад. Дар маҷмӯъ, равандҳои асосии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар ҷадвали 1.4. оварда шудаанд.

Ҳамин тавр, идоракунии сармоягузории хориҷӣ як низоми мукаммалест, ки аз омодасозии замина то мониторинги пайвастаи натиҷаҳо фаро мегирад. Муваффақияти ин раванд ба сатҳи баланди ҳамоҳангии байниидоравӣ, механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, фазои мусоиди ҳуқуқӣ ва инфрасохтори дастгирии сармоягузорӣ вобастагӣ дорад.

Низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ маҷмӯи механизму институтҳо, принсипҳо, воситаҳо ва равандҳое мебошад, ки ҷалб, истифода, ҳамоҳангсозӣ ва ҳифзи самараноки сармояи хориҷиро бо мақсади рушди хизматрасониҳои экологӣ ва беҳбудии муҳити зист дар бар мегирад. Таҳлили таҷрибаи ҶТ дар ин самт нишон медиҳад, ки низоми мазкур ҳоло дар марҳилаи ташаккули ибтидоӣ қарор дошта, як қатор ҷанбаҳои муҳим ҳанӯз комилан такмил наёфтаанд [82].

Дар ҶТ низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва устувории

муҳити зист ба ҳисоб меравад. Ин низом на танҳо барои ҷалби сармояи хориҷӣ, балки барои рушди инфраструктураи устувор, муваффақият дар татбиқи технологияҳои сабз ва ҳифзи муҳити зист замина мегузорад. Таҳлили низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар ҶТ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, бо таваҷҷӯҳ ба таҷрибаи давлатҳои дигар ва ба ҳисобгирии хатарҳои экологӣ, метавонад як бахши муҳим барои устувор кардани муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ [9] бошад. Механизмҳои молиявӣ, ки ба рушди ин бозор кӯмак мерасонанд, ба ҶТ имкон медиҳанд, ки ҳамзамон бо ҳифзи муҳити зист ва пешбурди лоиҳаҳои сабз, имкониятҳои иқтисодиро барои сармоягузорон пайдо кунад.

**Ҷадвали 1.4. - Равандҳои асосии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ**

| Номгӯйи равандҳо | Мазмуни равандҳо |
|---|---|
| Таҳлили муҳити сармоягузорӣ ва муайянсозии афзалиятҳо | Шомили арзёбии иқтидорҳои иқтисодӣ ва табиӣ, таҳлили сатҳи хатарҳо ва имкониятҳо, муайян намудани соҳаҳои афзалиятнок барои ҷалби сармоя, аз ҷумла бахши хизматрасониҳои экологӣ |
| Тарҳрезии сиёсати сармоягузорӣ ва заминаи ҳуқуқӣ | Ин раванд ба таҳияи стратегия, барнома ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқие рабт дорад, ки ҳадафи он танзими муносибатҳои сармоягузорӣ, кафолати ҳуқуқии сармоягузорон ва таъсиси муҳити ҷолиб барои сармоягузории хориҷӣ мебошад |
| Ҷалби сармоя ва муаррифии имкониятҳо | Шомили баргузории чорабиниҳои муаррифӣ (форумҳо, ярмаркаҳо, намоишгоҳҳо), фаъолияти таблиғотӣ, ташкили ҳамкории байналмилалӣ ва истифодаи воситаҳои дипломатияи иқтисодӣ барои ҷалби сармоягузорон |
| Таҳия ва баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ | Дар бар мегирад таҳияи пешниҳодҳои лоиҳавӣ, асоснокkunии техникӣ-иқтисодӣ, баҳодиҳии тавоноии молиявӣ, муҳити иҷтимоӣ-экологӣ ва интихоби модели оптималии ҳамкорӣ бо сармоягузорон. |
| Муҳокима, қарордод ва ҷалби сармоя | Аз марҳилаи баррасии муфассал ва музокироти қарордодӣ то бастани созишномаҳо бо сармоягузорон иборат аст. Дар ин зина меъёрҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷонибҳо, механизми ҳалли баҳсҳо ва кафолатҳои сармоягузорӣ муҳиманд. |
| Мудирияти амалӣ ва мониторинги лоиҳа | Ба татбиқи бевоситаи лоиҳа, назорат аз болои истифодаи мақсадноки сармоя, ҳалли масъалаҳои идорӣ, таъмини шаффофият, риояи стандартҳои экологӣ ва ҳисоботдиҳӣ ба мақомоти дахлдор марбут мебошад. |
| Арзёбӣ ва такмилдиҳӣ | Ин марҳила натиҷабардорӣ аз самаранокии лоиҳа, арзёбии таъсири иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ва таҳияи пешниҳодҳо барои такмили сиёсат ва механизмҳои сармоягузорӣ дар оянда мебошад. |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ як низоми мураккаб буда, маҷмӯи воситаҳо, принсипҳо ва равандҳоро барои ҷалб, истифода ва идоракунии сармояи дохилию хориҷӣ фаро мегирад. Он бар асоси принсипҳои рушди устувор, иқтисоди сабз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ташаккул ёфта, муҳити мусоидро барои ҳамкории давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеа фароҳам меорад. Дар натиҷа, на танҳо ҳифзи муҳити зист таъмин мегардад, балки диверсификатсияи иқтисодӣ, ҷойҳои нави корӣ ва воридшавии технологияҳои «сабз» низ амалӣ мегардад.

Унсурҳои асосии механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти сармоягузории низоми хизматрасониҳои экологӣ дар расми 1.5. оварда шудаанд.




**Расми 1.5. - Унсурҳои асосии механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти сармоягузории низоми хизматрасониҳои экологӣ.**
***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Шарҳи алоҳида ва мушкилоти унсурҳои ин механизмро дида мебароем:

**1. Механизми ҳуқуқӣ ва меъёрӣ.** Чораҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ - ин маҷмӯи амалҳо ва тадбирҳоест, ки аз ҷониби давлат, мақомоти ваколатдор ва дигар сохторҳои дахлдор бо мақсади танзими ҳуқуқӣ ва меъёрии фаъолияти сармоягузорӣ ва ташаккули низоми хизматрасониҳои экологӣ амалӣ карда мешаванд. Чунин чораҳо заминаи қонуниро барои ҳимоя ва ҳавасмандгардонии сармоягузорон, таъмини шаффофият, танзими талабот ва пешниҳод, инчунин

ташкили муҳити мусоид барои рушди низоми хизматрасонии экологӣ фароҳам меоранд. Ба ин чораҳо инҳоро метавон дохил кард: қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, ҳифзи муҳити зист ва рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ; муайян кардани меъёрҳо ва стандартҳои экологӣ, ки фаъолияти сармоягузорон бояд ба онҳо мутобиқат карда шавад; ташкили низоми иҷозатдиҳӣ, бақайдгирӣ ва сертификатсияи субъектҳои низоми хизматрасониҳои экологӣ; ҷорӣ намудани имтиёзҳои ҳуқуқӣ барои сармоягузориҳое, ки ба рушди хизматрасониҳои экологӣ равона шудаанд; таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои сармоягузорон, аз ҷумла ҳуқуқи моликият, кафолати истифодаи даромад ва баргардонидани сармоя; танзими ҳуқуқии истифодаи захираҳои табиӣ ва заминаҳои экологӣ; ташкили мониторинг [125; 127] ва назорати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши хизматрасониҳои экологӣ; татбиқи чораҳои ҳуқуқӣ нисбат ба вайронкунандагони қонунгузории сармоягузорӣ ва экологӣ.

Дар ҶТ қонунгузории самти сармоягузорӣ, экология ва хизматрасонӣ ба талабот ҷавобгӯ бошад, ҳам баъзе паҳлуҳои он ба такмил ниёз доранд. Барои фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок шурӯъ аз соли 2002 ислоҳоти зиёде ба қонунгузорӣ ворид карда шуда то ҳол идома ёфта истоданд. Яке аз чунин ислоҳотҳо қабули Қонуни нави ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» мебошад.

Ҳамчунин, дар барои ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузориҳо ва фароҳам овардани муҳити мусоидтари сармоягузорӣ «қонунҳои ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатии ҶТ», «Дар бораи созишномаҳои тақсими маҳсулот», «Дар бораи консессияҳо», «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» [19], «Дар бораи таърихи қарзҳо», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» [20], КМ ҶТ, КА ҶТ, КО ҶТ, КЗ ҶТ ва ғайра қабул карда шуданд». Гузашта аз он, бо дарназардошти воқеияти замони имрӯза Қонуни ҶТ «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ», ки ба беҳтарсозии ҳарчӣ бештари муҳити сармоягузории кишвар равона гардидааст, қабул шуд.

Дар самти сармоягузорӣ ва хизматрасониҳои экологӣ чунин низоми санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ амал мекунанд: (ниг расми 1.6.).

Таҳлили чораҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии танзими сармоягузорӣ ва ташаккули низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ нишон медиҳад, ки дар амалия як қатор мушкилотҳои назаррас вуҷуд доранд. Аввалан, дар қонунгузории амалкунанда мафҳумҳои бунёдӣ, аз қабили «сармоягузории хориҷӣ», «сармоягузории экологӣ» ва «низоми хизматрасониҳои экологӣ» муайян нашудаанд, ки ин ба тафсири мухталиф ва ба вуҷуд омадани нофаҳмиҳо дар татбиқи сиёсати сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Дуюм, раванди гирифтани иҷозатномаҳо, сертификатсия ва бақайдгирӣ барои сармоягузорон, бахусус дар бахши хизматрасониҳои экологӣ, бисёр вақт мураккаб ва вақтталаб аст, ки ин ангезаи сармоягузориро коҳиш медиҳад. Сеюм, бо вуҷуди он ки қонунҳо як қатор имтиёзҳо ва дастгириро пешбинӣ мекунанд, татбиқи онҳо дар амал аксаран маҳдуданд, бахусус дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ ҳавасмандкунии воқеӣ қариб мушоҳида намешавад. Чорум, сатҳи иттилоотрасонӣ барои сармоягузорон, хусусан сармоягузорони хориҷӣ, нокифоя аст, зеро онҳо дар бораи муҳити ҳуқуқӣ, имкониятҳои сармоягузорӣ ва талабот ба хизматрасониҳои экологӣ маълумоти дақиқ, мукаммал ва саривақтӣ намегиранд. Панҷум, гарчанде қонунҳо ва стандартҳои экологӣ мавҷуданд, назорати иҷрои онҳо кофӣ намебошад, ҷавобгарӣ барои вайронкунандагон на ҳамеша ба таври қатъӣ ва самаранок татбиқ мегардад.

Қонунгузории ҶТ дар самти танзими муносибатҳои сармоягузорӣ, чуноне ки М.М. Мариншоев, Д.У. Ӯроқов, Б.А. Набиев, А. Муҳаммад дуруст ибрози андеша медоранд, яке аз заминаҳои муҳими ҳуқуқӣ барои ҷалби сармоя ба иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад [74; 129; 154;]. Он на танҳо принсипҳои умумии фаъолияти сармоягузориро муқаррар менамояд, балки барои сармоягузорони дохиливу хориҷӣ низоми ягона ва муътадили кафолатҳои ҳуқуқиро фароҳам меорад. Аз ҷумла, озодии интиқоли фоида ва дигар намудҳои даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ ба берун аз кишвар, дахлнопазирии моликият, муҳофизати ҳуқуқӣ бар асоси қонун ва созишномаҳои байналмилалӣ, инчунин эмин будан аз экспроприатсия бидуни ҷуброни муносиб кафолат дода мешаванд.

Дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалӣ, ҶТ бо зиёда 30 давлати ҷаҳон созишномаҳо оид ба пешгирӣ аз андозбандии дукарата ва бо 39 давлати дигар созишномаҳо дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи дуҷонибаи сармоягузориҳо ба имзо расонидааст (ниг замимаи 1). Ин созишномаҳо заминаи устувор барои ҳимояи ҳуқуқии сармоягузорони хориҷиву дохилӣ ва таъмини амалигардии ҳуқуқии онҳо дар миқёси байналмилалӣ мебошанд.

Илова бар ин, ҳамроҳшавии ҶТ ба Конвенсияи СММ оид ба эътироф ва иҷрои қарорҳои судҳои ҳакамӣ (аз 10 июни соли 1958), ки дар соли 2012 амалӣ гардид, боз як қадами муҳим дар ҷиҳати беҳсозии муҳити сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ арзёбӣ мешавад. Ин амал тадриҷан эътимоди сармоягузоронро ба низоми ҳуқуқии кишвар тақвият бахшида, фаъолияти соҳибкориро дар фазои шаффофу муътадил таъмин месозад. Тавсия дода мешавад, ки дар фаъолияти сармоягузории хориҷӣ эътирофнамоии Конвенсия дар бораи танзими баҳсҳои сармоягузорӣ байни давлатҳо ва шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии дигар давлатҳо (Вашингтон, 18 марти соли 1965) Конвенсияи Сеул дар бораи таъсиси Агентии бисёрҷониба оид ба кафолати сармоягузорӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

Ҳамин тариқ, қонунҳо, қарорҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки дар кишвар қабул шудаанд, қисми сиёсати мақсаднок ва дарозмуддати давлатӣ амал мекунанд. Моҳияти ин раванд дар он ифода меёбад, ки давлат бо истифода аз тариқаҳои ҳуқуқӣ иродаи худро барои фароҳам овардани муҳити мусоиду пешгӯишаванда барои сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад. Ҳадафи асосӣ ин аст, ки тавассути воридшавии сармояи хусусӣ ва хориҷӣ на танҳо рушду густариши иқтисодӣ таъмин карда шавад, балки он дорои хусусияти устувор, инноватсионӣ ва мутобиқ ба талаботи замони муосир бошад. Чунин иқдомҳо собит месозанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати миллии худро ба сӯи рушди устувор равона намуда, сармояро воситаи калидии такмили инфрасохтор, воридсозии технологияҳои нав ва беҳсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ меҳисобад.

Ҳамин тавр, низоми қонунгузории ҶТ барои идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои сармоягузорон ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ мебошад.




**Расми 1.6. - Низоми ҳуқуқӣ-меъёрии танзими низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф.*

Дар ин самт пешниҳодҳои зерини илмӣ саривақтӣ ва самаранок арзёбӣ мегарданд, аз ҷумла, дар сатҳи қонунгузорӣ бояд мафҳумҳои СХ, СМХ, сармоягузории экологӣ ва низоми хизматрасониҳои экологӣ ба таври мукаммал, дақиқ муайян карда шаванд. Ҳамзамон, зарур аст, ки танзими ҳуқуқии механизми дахлдори ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории мутақобила байни ҳамаи сохторҳои марбутаи давлатӣ дар самти идоракунии сармоягузорӣ ва хизматрасониҳои экологӣ дуруст ба роҳ монда шавад. Барои ҷалби сармоягузорӣ, хусусан сармоягузории экологӣ, низоми равзанаи ягонаи сармоягузорон бояд боз ҳам содда ва рақамӣ карда шуда, раванди гирифтани иҷозатномаҳо ва сертификатсия ба таври шаффоф ва зуд амалӣ гардад. Пешниҳод мегардад, ки барои сармоягузориҳое, ки ба беҳбуди муҳити зист ва рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ равона шудаанд, имтиёзҳои воқеии андозӣ, гумрукӣ ва грантҳои давлатӣ пешниҳод шаванд. Зарур арзёбӣ мегардад, ки ҳамаи иттилооти марбут ба фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши хизматрасониҳои экологӣ, ба монанди имконияту имтиёзҳо, талаботу меъёрҳо, дар сомонаҳои расмӣ (сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ) ва воситаҳои дигар ба таври дақиқ, фарогир ва саривақт нашр карда шавад. Барои иҷрои самараноки қонунгузории сармоягузорӣ ва меъёрҳои экологӣ, низоми назорат бояд тақвият ёбад ва нисбат ба вайронкунандагон тадбирҳои қатъӣ ва саривақтӣ андешида шаванд.

Ҳамчунин, дар асоси «Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, № 755» (бандҳои 20-25) заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва бартараф сохтани монеаҳои маъмурии садди роҳи фаъолияти сармоягузорӣ дар самтҳои зерин бояд такмил дода шаванд: 1) «Дар сатҳи қонунгузорӣ бояд чунин механизмҳои бунёдии сармоягузорӣ, ба монанди созишномаи сармоягузорӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, лоиҳаҳо, барномаҳои сармоягузорӣ ва ғайра инъикос ёбанд ва ба таври дақиқ ба танзим даровarda шавад» [16]; 2) «Барои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ таҷдиди назар намудани критерияҳое, ки мутобиқи онҳо метавонанд имтиёзоти андозӣ ва гумрукӣ пешниҳод карда шаванд, инчунин ба таври дақиқ муқаррар намудани тартиби пешниҳод намудани онҳо зарур мебошад. Рушди чунин навъ кафолати аз ҷониби давлат пешниҳодшаванда, ба монанди додани грантҳои давлатӣ зарур дониста

мешавад. Барои ин ташаккул додани заминаи кофии меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст» [16]; 3) «Дар доираи қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудани механизми пешниҳоди шикоят аз ҷониби сармоягузорон нисбати риоя нагардидани кафолатҳои муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ», инчунин расмиёти вокуниши мақомоти ваколатдор ба ин шикоятҳо зарур мебошад» [16]; 4) «Фароҳам овардани низоми мусоиди моликият дар ҶТ тавассути қабул намудани санадҳои махсуси меъёрии ҳуқуқии алоҳидае, ки масъалаҳои милликунонӣ, реквизитсия (мусодира кардан) ва ғайраро танзим менамоянд, зарур мебошад. Ғайр аз ин анҷомдиҳии тадбирҳо оид ба таъминоти воқеии ҳифзи ҳуқуқи ҳам молумулкӣ ва ҳам ғайри молумулкӣ, эътироф намудани конвенсияҳо ва дигар санадҳои байналмилалии ба ҳимояи сармоягузорӣ нигаронидашуда зарур аст» [16]; 5) «Фаъолияти минбаъдаи мураттаб ва муназзам оид ба паст кардани монеаҳои маъмурӣ, соддагардонии расмиёт, хусусан дар соҳаи иҷозатномадиҳӣ, инчунин такмилдиҳии соҳаи тафтишу назорат бо мақсади паст кардани фишор ба тиҷорат ва кам кардани дахолати давлат ба фаъолияти бахши хусусӣ, ҷорӣ намудани низоми нави андозбандӣ ва имтиёзоти рақобатпазире, ки ба ҷалби сармоягузорон мусоидат мекунанд, зарур мебошад» [16].

Татбиқи ин чораҳо метавонад ба ташаккули муҳити устувор ва боварибахши ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ барои сармоягузорон, рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ ва пешбурди иқтисоди сабзи ҶТ мусоидат намояд.

**2. Чораҳои ташкилии идоракунӣ.** Чораҳои ташкилии идоракунӣ маҷмӯи амалҳо ва тадбирҳоест, ки ба ташкили самараноки ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳо ва субъектҳои гуногуни иқтисодӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар самти низоми хизматрасониҳои экологӣ ва ҷалби сармоягузорӣ равона шудаанд. Ин чораҳо на танҳо ба беҳтар намудани муҳити ниҳодӣ, балки ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлативу хусусӣ, коҳиши монеаҳои маъмурӣ ва ташкили муҳити мусоиди сармоягузорӣ мусоидат мекунанд. Ин чораҳо аҳамияти хоса доранд, зеро бе ташкил ва идоракунии дуруст рушди устувори низоми хизматрасониҳои экологӣ ва ҷалби сармоя, бахусус сармояи хориҷӣ, ғайриимкон мебошад.

Аҳамияти чораҳои ташкилии идоракунӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо метавонанд боиси коҳиши номувофиқатӣ ва такроршавии вазифаву салоҳияту ваколатҳои сохторҳои гуногун (нигаред расми 1.8.) гардида, ҳамоҳангсозии дахлдори сохторҳои давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин намуда, механизмҳои самараноки дастгирии сармоягузоронро ба вуҷуд оварда, қобилияти институтсионалии давлатро дар соҳаи идоракунии низоми хизматрасониҳои экологӣ тақвият дода, суръат ва сифати қабули қарорҳои марбут ба рушди бозор ва ҷалби сармоягузории хориҷиро беҳтар, ҳамзамон барои омодасозии кадрҳои баландихтисос ва рушди таҳқиқоти илмии соҳавӣ замина фароҳам меоранд.

Чораҳои ташкилии асосии идоракунӣ дар соҳаи рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ маҷмӯи тариқаҳои (абзорҳои) институтсионалӣ ва механизмҳои ҳамоҳангшудаи сиёсати давлатӣ ва хусусиро дар бар мегиранд. Онҳо фарогири ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ (нигаред расми 1.8.) бо мақсади таъмин намудани ҳамкории муассир дар рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ мебошанд. Роҳандозии низоми «равзанаи ягона» барои сармоягузорони хориҷӣ ҳамчун механизми марказонидашудаи хизматрасонии иттилоотӣ, машваратӣ ва маъмурӣ, ки раванди ҷалби сармоягузориро содда намуда, мухлати ҳуҷҷатгузорӣ ва хароҷоти маъмуриро коҳиш медиҳад, нақши муҳиме мебозад. Ташкили марказҳои дастгирии сармоягузорӣ (ҳам давлатӣ ва ҳам хусусӣ) дар самти хизматрасониҳои экологӣ аҳамияти муҳим дорад, зеро онҳо бо пешниҳоди хизматрасониҳои машваратӣ, иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ на танҳо ба рушди соҳибкорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусоидат мекунанд, балки ҳамзамон шароити мусоид барои ҷалб ва идоракунии сармоя, баланд бардоштани сатҳи иттилоотнокии сармоягузорон, тақвияти эътимод ба муҳити сармоягузорӣ ва рушди устувори низоми хизматрасониҳои экологӣ фароҳам меоранд. Ҳамзамон, муассисаҳои таълимӣ ва тадқиқотӣ (масалан ИИТ рушди устувор ва иқтисоди сабзи ДБССТ) бояд дар тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар самти идоракунии хизматрасониҳои экологӣ ва гузаронидани таҳқиқоту коркардҳои инноватсионӣ фаъолона саҳм

гузоранд, то замина барои рушди устувор ва такмили низоми идоракунӣ фароҳам гардад.

Бо дарназардошти талаботи воқеии иқтисодиёти ҶТ ва зарурати таъмини рушди устувор, таъсис додани низоми ягонаи идоракунии давлатии равандҳои сармоягузорӣ амри зарурӣ ба ҳисоб меравад. Ҷанбаҳои асосии ин низом дар расми 1.7. оварда шудаанд.




**Расми 1.7. - Системаи ягонаи идоракунии давлатии равандҳои сармоягузорӣ.**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф.*

Таъсис ва фаъолияти мунтазами чунин система на танҳо омили калидии баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатии раванди сармоягузорӣ хоҳад буд, балки ба такмили муҳити сармоягузорӣ, ҷалби СМХ, афзоиши саҳми

бахши хусусӣ дар рушди иқтисод, густариши низоми хизматрасониҳои экологӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии марбут ба гузариш ба модели иқтисоди сабз низ мусоидат менамояд.

Айни замон идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ тавассути чандин сохторҳои давлатӣ амалӣ мешавад, ки муҳимтаринашон дар расми 1.8. оварда шудаанд.

Идоракунии сармоягузорӣ ҳамчун сохтори иерархии бисёрсатҳа муайян карда мешавад, ки субъектҳои он дар баробари ҳамдигар то андозае дар доираи функсияҳои худ мустақил мебошанд, яъне дорои дараҷаи муайяни озодӣ дар қабули қарорҳои сармоягузорӣ мебошанд. Чи тавре Ф.С. Холбобоев менависад, «...гарчанде мақомоти болоӣ самти фаъолияти унсурҳои сатҳи поёнро муайян мекунанд, онҳо наметавонанд онҳоро пурра идора намоянд» [158, С. 97]. Ҳамаи гуфтаҳои боло имкон медиҳанд, ки сатҳҳои идоракунии сармоягузорӣ ба таври зайл сохторбандӣ шаванд (нигаред расми 1.8.).




**Расми 1.8. - Сохтори идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар ҶТ.**
***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф.*

Асосан масъулияти ҷалби сармоягузорӣ ба ҶТ ба дӯши як сохтор вогузор шудааст, аммо дар ин самт якчанд ниҳодҳои давлатии дигар низ нақши муайян доранд. Функсияҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ дар ихтиёри КДСИАД қарор

дорад, ки масъули таҳия ва татбиқи сиёсати сармоягузорӣ мебошад. Ба он инчунин, корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷинвест» тааллуқ дорад. Ҳамзамон, МОИ, ки ҷузъи таркибии низоми ҷалби сармоя мебошанд, таҳти роҳбарии ВРИС ҶТ қарор доранд. Маҳз ҳамин вазорат чорабиниҳоро оид ба пешбурди сармоягузорӣ дар МОИ ба роҳ мемонад, аз ҷумла мизҳои мудаввар ва дигар ҷамъомадҳоро бо иштироки сармоягузорон ва намояндагони КДСИАД ва КВД «Тоҷинвест» ташкил менамояд.

Ҳамин гуна, ВМ ҶТ ва Вазорати саноат ва технологияҳои нав дар ҳамкорӣ бо ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ чорабиниҳоеро амалӣ менамоянд, ки ба ҷалби сармоя ба соҳаҳои дахлдор нигаронида шудаанд. МОИ ва ташкилотҳои сармоягузории минтақавӣ низ чорабиниҳои монанд баргузор мекунанд ва ба сармоягузорон дар доираи минтақаҳои худ кӯмак мерасонанд.

«...Бо мақсади намояндагӣ намудани манфиатҳои ҷомеаи сармоягузорӣ ва таҳкими ҳамкорӣ байни давлат ва бахши хусусӣ, дар Тоҷикистон Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ таъсис дода шудааст, ки таҳти роҳбарии КДСИАД амал мекунад. Айни замон, КДСИАД 12 самти фаъолиятро ба анҷом мерасонад, ки ин рақам ба таври назаррас аз шумораи миёнаи самтҳои фаъолияти сохторҳои шабеҳ дар кишварҳои Авруосиё (6,5) ва кишварҳои узви СҲИР (OECD [65] - 5,7) бештар мебошад» [22]. «Ғайр аз лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ, КДСИАД инчунин идоракунии корхонаҳои давлатӣ, хусусигардонӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна ва бахши хусусиро ба зимма дорад ва аз соли 2018 инчунин роҳбарии инкубатори тиҷоратиро ба уҳда гирифтааст» [66]. Функсияи асосии КВД "Тоҷинвест" ҷалби сармоя мебошад, вале дар амал бештар ба расонидани хизматрасониҳои рушди бизнес ба корхонаҳои ватанӣ машғул аст.

КДСИАД ҳамчун муассис ва мақоми асосии давлатии соҳаи сармоягузорӣ бо салоҳиятҳои васеи ҳуқуқӣ муҷаҳҳаз аст. «Тибқи низомномаи тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КДСИАД нақши калидиро дар таҳия ва татбиқи сиёсати сармоягузорӣ мебозад, мустақилона бо сармоягузорон оид ба бастани созишномаҳо музокирот мебарад, ба онҳо тамоми ҳуҷҷатҳо ва

иҷозатҳоро тибқи принсипи «равзанаи ягона» пешниҳод менамояд, манфиатҳои қонунии онҳоро ҳимоят мекунад, ба ҷалби сармоя машғул мешавад ва раванди сармоягузориро дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ ҳамоҳанг месозад» [22].

«Дар муқоиса, вазифаи КВД «Тоҷинвест» танҳо ба расонидани машваратҳо ба сармоягузорон доир ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, андоз, амалиётӣ ва тиҷоратӣ маҳдуд мешавад, инчунин татбиқи сиёсати тасдиқнамудаи КДСИАД-ро ба зимма дорад. Гарчанде дар таҷриба баъзе сармоягузорон чунин таассурот пайдо кардаанд, ки КДСИАД масъули сармоягузориҳои давлатӣ аст, дар ҳоле ки «Тоҷинвест» бо сармояи хусусӣ машғул мешавад, ин навъи тақсимот на дар қонун муқаррар шудааст ва на бо ваколатҳои расмии КДСИАД, ки уҳдадор аст ба ҳама гуна сармоягузорон кумак намояд, мутобиқат дорад. Ислоҳоти сохторӣ дар ин низом, эҳтимол, ба нофаҳмии бештар дар мавриди вазифаву ваколатҳои ниҳодҳои сармоягузорӣ оварда расонидааст. Гарчанде, ки хизматчиёни давлатӣ вазифаҳои худро медонанд, сармоягузорон изҳор доштаанд, ки, масалан, намедонистанд ба кадом мақомоти давлатӣ барои ҳаллу фасли масъалаҳои ҳуқуқӣ дар робита ба сармоягузориҳояшон муроҷиат кунанд» [65]. Гарчанде, ки агентиҳои сармоягузорӣ бояд ба муҳити сиёсии тағйирёбанда мутобиқ шаванд, барои ҷилавгирӣ аз саргардонии сармоягузорон ва амалӣ сохтани банақшагирии дарозмуддати муассир, устувории институсионалӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Аз ин рӯ, масъалаи «ғайриустуворӣ ё номувофиқати ваколатҳо» ба унвони яке аз мушкилоти асосӣ эътироф шудааст.

Мушкилоти идоракунӣ ва маъмурӣ дар самти идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар бахши хизматрасониҳои экологӣ дорои хусусияти сохторӣ ва ниҳодӣ мебошанд. Аввалан, мураккабӣ ва зиёд будани расмиёти иҷозатдиҳӣ, таъхир дар расонидани ҳуҷҷатҳо, мушкилоти вобаста ба ҷудо намудани қитъаҳои замин ва номукаммалии механизмҳои танзими маъмурӣ боиси афзоиши хароҷоти транзаксионӣ ва коҳиши самаранокии ҷараёни сармоягузорӣ мегарданд. Дуюм, сатҳи пасти ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ва норасоии ҳамкории муассир миёни мақомоти давлатӣ ва бахшҳои инфрасохторӣ боиси парокандагии қарорҳо ва мавҷудияти бархӯрди манфиатҳо дар раванди татбиқи лоиҳаҳо мешавад. Сеюм,

набудани низоми мукаммали мониторинг ва арзёбии натиҷавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ имкони муайян намудани самаранокӣ, устуворӣ ва таъсири иҷтимоию экологии онҳоро маҳдуд намуда, ба шаффофият ва ҳисоботдиҳии сиёсати сармоягузорӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ин маҷмӯи мушкилот шаҳодати он аст, ки такмили механизмҳои идоракунии сармоягузорӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ омили асосӣ барои таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии муҳити сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, таъсиси низоми ягонаи идоракунии давлатии равандҳои сармоягузорӣ ҳамчун шарти асосии такмили муҳити сармоягузорӣ арзёбӣ мегардад, зеро он имкон медиҳад, ки фаъолияти сохторҳои дахлдор мутамарказ ва ҳамоҳанг гарданд, низомҳои марбут ба ҷалби СХ ба таври самаранок амал кунанд, ҳамкории муассир бо ташкилотҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шавад, инчунин экспертиза ва интихоби озмунии лоиҳаҳои дорои аҳамияти стратегӣ таъмин гардад. Дар баробари ин, зарурати густариши салоҳият ва имкониятҳои КДСИАД дар самти ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти мақомоти давлатӣ дар масъалаҳои ҷалби сармоягузориҳо, дастгирии фаъолияти ҷории сармоягузорон, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва фароҳамсозии муҳити мусоид барои фаъолияти сармоягузорӣ дар ҶТ ҳамчун яке аз роҳҳои калидии ҳалли мушкилоти мавҷуда дониста мешавад.

«Бо дарназардошти мушкилоти мавҷудаи хусусияти институтсионалӣ, ки дар амалия ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасанд, андешидани тадбирҳои зерин зарур ва мувофиқи мақсад мебошад» [16]:

1. Ҷорӣ намудани механизми муассири Созишномаи сармоягузорӣ, ки дар асоси он давлат ҳамчун ҷонибдори асосӣ тамоми расмиёти мувофиқакунониро ба зимма мегирад. Дар доираи ин механизм расмиёти маъмурӣ, ҳуқуқӣ ва иҷозатдиҳӣ мутамарказ карда мешавад; ҳамоҳангсозӣ байни мақомоти давлатии дахлдор аз ҷониби як сохтори воҳид амалӣ мегардад; муҳлати расонидани хизматрасониҳо ба сармоягузорон ва қабули қарорҳо ба таври назаррас коҳиш мeёбад; дахолати зиёди

мақомоти алоҳида маҳдуд гардида, такроршавии функсияҳои маъмурӣ бартараф карда мешавад.

2. Ташаккули системаи мукаммали «равзанаи ягона» барои сармоягузорон, ки он на танҳо қабул ва баррасии ҳуҷҷатҳоро ба уҳда мегирад, балки тамоми ҷараёни ҳамоҳангсозӣ ва қабули қарорҳоро низ мутамарказ месозад. Ин иқдом шароит фароҳам меорад, ки сармоягузор бо як воҳиди идоракунӣ ҳамкорӣ намояд, на бо мақомоти сершумори давлатӣ.

3. Тақвияти нақши КДСИАД ҳамчун сохтори асосии ҳамоҳангсоз ва назораткунанда зарур аст. Дар ин самт пешниҳод мегардад: васеъ намудани ваколатҳои мақомот оид ба назорати фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ; тақвияти ҳамоҳангсозии сиёсати сармоягузорӣ байни мақомоти маҳаллӣ, бахши хусусӣ ва сохторҳои байналмилалӣ; таъсиси сохтори махсуси таҳлили хавфҳо ва мушкилоти сармоягузорӣ дар назди КДСИАД; таъсиси низоми мониторинги доимии муҳити сармоягузорӣ ва пешниҳод намудани тадбирҳои ислоҳотӣ.

Татбиқи чунин комплекси чорабиниҳои ташкилии идоракунӣ метавонад на танҳо ба коҳиши монеаҳои маъмурӣ ва баланд бардоштани сатҳи шаффофияти равандҳои сармоягузорӣ мусоидат намояд, балки заминаи воқеӣ барои ҷалби СХ, таҳкими ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии сармоягузорон ва тақвияти механизмҳои кафолатдиҳандаи фаъолияти онҳо фароҳам оварад [152; 153]. Ин амалҳо дар умум ба такмили муҳити фаъолияти сармоягузорӣ дар ҶТ таъсири мусбат расонида, онро мутобиқ ба стандартҳои амалкунандаи байналмилалӣ ва талаботи иқтисодиёти сабз мегардонанд. Дар чунин замина, чораҳои ташкилии идоракунӣ ба сифати омили асосӣ дар ташаккули муҳити самаранок, устувор ва рақобатпазири рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ арзёбӣ мегарданд, ки дар ниҳоят ба рушди устувори иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат мекунад. Бидуни мавҷудияти чунин заминаи ташкилӣ, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, такмили сифати хизматрасониҳо ва беҳсозии ҳолати муҳити зист амалӣ нахоҳад гардид. Аз ин рӯ, тақвияти чораҳои

ташкилии идоракунӣ бояд дар қатори самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ҷойгоҳи устувор пайдо намояд.

**3. Механизми иқтисодӣ.** Механизми иқтисодӣ ҳамчун унсури асосии низоми идоракунии СХ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ нақши муҳим мебозад. «Ин механизм аз маҷмӯи абзорҳо ва чорабиниҳои иқтисодие иборат мебошад, ки ба ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва рушди устувори хизматрасониҳои экологӣ равона шудаанд. Дар заминаи илмӣ, механизми иқтисодӣ на танҳо воситаи ҳавасмандсозӣ, балки абзори идоракунии самаранокии захираҳо ва таъмини мутобиқати рушди иқтисодӣ бо ҳадафҳои экологӣ ба ҳисоб меравад» [157; 162; 165]. Чунин воситаҳо на танҳо ҷалби сармояро афзоиш медиҳанд, балки рушди устувори иқтисоди сабз ва ҳифзи муҳити зистро низ таъмин менамоянд.

**Ҷадвали 1.5. - Воситаҳои асосии иқтисодии дастгирӣ ва танзими низоми хизматрасониҳои экологӣ**

| | |
|---|---|
| Сиёсати андозӣ ва гумрукӣ | қабули имтиёзҳои махсус барои сармоягузороне, ки ба амалисозии лоиҳаҳои экологӣ машғуланд, аз ҷумла озод кардани онҳо аз пардохти баъзе андозҳо ва боҷи гумрукӣ ҳангоми воридоти таҷҳизоти ҳифзи муҳити зист |
| Ҷалби сармояи мустақими дохилӣ ва хориҷӣ | истифодаи механизмҳои дастгирии молиявӣ ва ташкили шароити ҳуқуқиву иқтисодӣ барои ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ |
| Грантҳои давлатӣ ва байналмилалӣ | ҷудо намудани кӯмакҳои молиявӣ барои амалисозии лоиҳаҳои муҳими экологӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ |
| Субсидияҳо ва қарзҳои имтиёзнок | пешниҳоди маблағгузории бефоиз ё бо шартҳои мусоид барои соҳибкорон ва корхонаҳое, ки дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ фаъолият мекунанд, бахусус дар самти технологияҳои тоза ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ |
| Савдои квотаҳо ва ҳуқуқ ба ифлосшавӣ | ҷорӣ намудани механизмҳои бозории савдои ҳуқуқ ба ифлос кардани муҳити зист, ки ба танзими ҳаҷми партовҳо ва ҳавасмандгардонии коҳиши ифлосшавӣ мусоидат мекунад |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Сиёсати андозӣ ва гумрукӣ дар ҳолати мукаммалгардӣ қарор дошта, то имрӯз 98 намуди махсус барои сармоягузорон пешниҳод карда мешавад. «Аз ҷумла: мувофиқан ба қ. 2 моддаи 189 КА ҶТ, намудҳои зерини даромадҳои шахсони ҳуқуқӣ андозбандӣ карда намешаванд, масалан: мувофиқи ин модда даромади корхонаҳои навтаъсис аз таҳвили молҳои истеҳсолшуда, агар муассисони онҳо дар муҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ба фонди

оинномавии чунин корхонаҳо ҳаҷмҳои дар поён зикргардидаи сармоягузориҳоро ба муҳлатҳои зерин ворид намоянд: а) 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил кунанд; б) 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 миллион доллари ИМА-ро ташкил кунанд; в) 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 миллион доллари ИМА то 5 миллион доллари ИМА-ро ташкил кунанд; г) 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошад)» [11; 42].

Ҷалби сармояи мустақими дохилӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар панҷ соли охир ҳаҷми воридоти сармояи хориҷӣ ба кишвар 11,6 миллиард доллари ИМА-ро ташкил намудааст (ниг: расми 1.9.). «Боиси таъкид аст, ки дар соли 2024 ҳаҷми умумии воридоти сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 4,9 млрд. доллари ИМА расид, ки ин нисбат ба соли 2023 ба андозаи 2,1 млрд. дол. ё 72,7 % бештар мебошад. Аз ин маблағ, ҳиссаи шаҳри Душанбе 4,128 млрд. дол. ё 84,2 %, вилояти Суғд -761,2 млн. дол. ё 15,5 ф%, вилояти Хатлон - 11,8 млн. доллар ё 0,2 %, НТҶ - 3,2 млн. дол. ё 0,1 %ва ВМКБ - 1,3 млн. дол. ё 0,1 фоизро ташкил додааст. Дар сохтори воридоти сармоя, ҳаҷми сармояи мустақими хориҷӣ 394,3 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта ба андозаи 110,2 млн. доллар ё 38,8 фоиз афзоиш ёфтааст» [11; 42].




**Расми 1.9. - Воридоти сармояи хориҷӣ дар солҳои 2020 – 2024.**

***Сарчашма:*** *Варақаи иттилоотӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолият дар соли 2024 [https://investcom.tj/presscenter /news/538-varaai-ittiloot-oid-ba-ambasti-natiaoi-faolijat-dar-soli-2024.html](https://investcom.tj/presscenter/news/538-varaai-ittiloot-oid-ba-ambasti-natiaoi-faolijat-dar-soli-2024.html)*

«Ҳиссаи асосии сармоягузориҳои мустақим ба саноати коркард - 176,4 млн. долл. ИМА (44,7%) рост меояд, пас аз он саноати истихроҷ бо 145,9 млн. долл. ИМА (37,0%), миёнаравии молиявӣ - 31,6 млн. долл. ИМА (8,0%), савдо ва хизматрасонӣ - 28,1 млн. долл. ИМА (7,1%), сохтмон - 5,4 млн. долл. ИМА (1,4%), кишоварзӣ ва шикор -1,9 млн. долл. ИМА (0,5%) ва дигар соҳаҳо - 5,0 млн. долл. ИМА (1,3%) ҷойгиранд» [41].

«СМХ ба ҷумҳурӣ, асосан, аз ҶМХ 150,9 млн. доллари ИМА ё 38,3 фоиз, ИМА 118,9 млн. доллари ИМА ё 30,2 фоиз, Британияи Кабир 51,1 млн долл. ИМА 13,0 фоиз, ФР 28,9 млн долл. ИМА ё 7,3 фоиз, Қазоқистон 15,7 млн. долл. ИМА ё 4,0 фоиз, Туркия 5,8 млн. долл. ИМА ё 1,5 фоиз, Япония 5,4 млн. долл. ИМА ё 1,4 фоиз, Фаронса 4,2 млн. долл. ИМА ё 1,1 фоиз ва дигар давлатҳо 13,4 млн. долл. ИМА ё 3,4 фоиз ворид гардидааст» [41].

Бо мақсади ҷалби СМХ ба иқтисодиёти ҶТ, таъмин намудани ҷойҳои нави корӣ барои аҳолии маҳаллӣ, таҳкими иқтидори истеҳсолӣ ва содиротӣ, инчунин ташкили истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, КДСИАД дар давраи ҳисоботӣ 6 созишномаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 2,1 миллиард доллари ИМА ба имзо расонид. «... Дар сурати татбиқи пурраи ин лоиҳаҳо таъсиси беш аз 9000 ҷойи нави корӣ пешбинӣ шудааст. Созишномаҳои баимзорасида асосан ба татбиқи лоиҳаҳо дар бахшҳои саноати дорусозӣ, мошинсозӣ, кӯҳкорӣ, сохтмон ва дигар соҳаҳои истеҳсолӣ равона гардидаанд. Ҳамзамон, бо мақсади тавсеаи ҳамкориҳои сармоягузорӣ ва муаррифии имкониятҳои кишвар дар самти ҷалби сармоя, дар дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ беш аз 20 ҳамоишу форуми соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ баргузор гардиданд. Дар доираи ин чорабиниҳо зиёда аз 80 санадҳои ҳамкорӣ ба маблағи умумии 3,3 миллиард доллари ИМА байни бахши хусусии Тоҷикистон ва ширкатҳои хориҷӣ ба имзо расонида шуданд. Илова бар ин, тавассути фаъолияти Ширкати сармоягузории Тоҷикистону Ӯзбекистон, созишномаҳо оид ба татбиқи 3 лоиҳа ба маблағи умумии 13 миллион доллари ИМА ба имзо расонида шудаанд. Дар айни замон, корбарӣ оид ба мувофиқа ва омодасозии боз 5 лоиҳаи дигар ба маблағи умумии 17,5 миллион доллари ИМА идома дорад» [41].

Истифодаи самараноки чунин абзорҳои (тариқаҳои) иқтисодӣ заминаи мусоид барои ташаккули муҳити ҷолиб ва устувори сармоягузорӣ фароҳам оварда, ба баланд бардоштани рақобатпазирии низоми хизматрасониҳои экологӣ, густариши татбиқи технологияҳои муосир (сабз) ва кам кардани таъсири манфии фаъолияти иқтисодӣ ба муҳити зист дар ҶТ мусоидат менамояд.

**4. Ташкили шароити иттилоотӣ ва маърифатӣ.** Ташкили заминаи иттилоотӣ ва маърифатӣ яке аз омилҳои муҳими идоракунии низоми хизматрасониҳои экологӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба ҳисоб меравад. Барои расидан ба ин ҳадаф чораҳои зерин зарур мебошанд: баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ [1] миёни аҳолӣ ва соҳибкорон тавассути баргузории семинарҳо, машғулиятҳои омӯзишӣ ва барномаҳои тарғиботӣ; ташкили пойгоҳҳои мукаммали иттилоотӣ дар самти имкониятҳои сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои экологӣ, ки дастраси сармоягузорон ва ҷомеаи васеъ бошанд; густариши таблиғ ва иттилоърасонии оммавӣ дар бораи зарурат ва аҳамияти хизматрасониҳои экологӣ, ки ба беҳбудии муҳити зист ва сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад. Чунин тадбирҳо имконият медиҳанд, ки сатҳи огоҳии аҳолӣ ва соҳибкорон дар самти ҳифзи муҳити зист боло рафта, фазои мусоиди иттилоотӣ барои рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ фароҳам оварда шавад.

«... Дар солҳои охир механизми экологии фаъолияти сармоягузорӣ воситаи муҳимтарини дастгирии ҷанбаҳои экологии фаъолияти иқтисодӣ гардид. Ҳифзи муҳити зист аслан як қисми ҷудонашавандаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ шудааст. Дар стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 ва дигар барномаҳо татбиқи ҳамаи чорабиниҳо оид ба саноатикунонии мамлакат аз ҳисоби маблағҳои давлат (47,5%), бахши хусусӣ (46,3%) ва маблағҳои шарикони рушд (6,2%) амалӣ карда мешавад» [3], [31]. Арзёбии экологӣ, коршиносии экологӣ, аудити экологӣ ва суғуртаи экологӣ ҷузъи муҳими низоми дастгирии экологии фаъолияти иқтисодии ба нақша гирифташудаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Ин равандҳо на танҳо воситаи назорат ва пешгирии таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ба муҳити зист мебошанд, балки шарти зарурӣ барои мутобиқсозии фаъолияти

иқтисодӣ ба стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳифзи муҳити зист ба ҳисоб меравper.

Я.Д. Вишняков дуруст қайд мекунад, ки «…бо таҳдидҳо ва хатарҳои афзоянда, асосҳои консептуалӣ ва стратегияҳои рушди инноватсионӣ, инчунин механизмҳои татбиқи онҳо метавонанд ба рушди инноватсионии ба муҳити зист нигаронидашуда бо назардошти манфиатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳам ҷомеа ва ҳам давлат равона карда шаванд» [70, С. 123].




**Расми 1.10. - Нақши механизми ташкили шароити иттилоотӣ ва маърифатӣ**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф.*

Бояд қайд кард, ки барои гузаштан ба сатҳи нави рушди иқтисоди ватанӣ ба соҳаи истифодаи табиат ва сарфаи захираҳо сармоягузорӣ лозим аст, ки аз сифати механизми он вазъи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, сатҳи зиндагии аҳолӣ, имкон ва пуррагии татбиқи ҳама гуна чорабиниҳо, лоиҳаҳо ва барномаҳои муосири ҳифзи табиат ва экологӣ вобаста аст.

Ба ақидаи Л.Ю. Питерская, «механизми сармоягузорӣ системаи мутақобилаи фишангҳо ба фаъолияти сармоягузорӣ дар ҳама сатҳҳо густариши истеҳсолоти амалкунанда ё пешпардохт аз нав истеҳсолоти таъсисдодашуда ба манфиати он мебошад» [79]. Механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ бояд

тамоми марҳилаҳои раванди сармоягузориро фаро гирад, мутавозин ва тобеи стратегияи асосии мақсадҳои корхона бошад. Ин механизм самаранок нахоҳад буд, агар он тамаркуз ба як, ҳатто марҳилаи асосӣ-арзёбии самаранокии лоиҳа бошад. Чунин механизми идоракунӣ бояд сохта шавад, ки имкон диҳад марҳилаҳои алоҳидаи раванди сармоягузорӣ ба ҳам пайваст карда шаванд, мунтазам кор кунанд ва ба ҳадафҳои дар назди корхона гузоштташуда бо самаранокии баландтарин ноил шаванд. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, бояд қайд кард, ки ҷалби манбаъҳои хориҷии сармоягузорӣ ба низоми хизматрасонии экологӣ асосан аз сиёсати сармоягузории ҳукумати кишвари мо вобастаанд.

Барои интихоби усулҳо ва манбаъҳои маблағгузории сармоягузорӣ лоиҳаҳо дар низоми хизматрасонӣ бояд ҳама имкониятҳо, афзалиятҳо ва нуқсонҳо ба назар гирифта шаванд. Ғайр аз он, дарёфти манбаъҳои маблағгузорӣ, дар аксари ҳолатҳо, аз шароити умумии иқтисодии кишвар вобаста аст. Дар робита ба ин, «Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028 аз 1 марти соли 2023, №53 қабул гардид, ки самтҳои асосии рушди устувори ҷомеаро барои ташкили фаъолияти мақсаднок оид ба таъмини босифати муҳити зист, идоракунии устувор ва таъмини амнияти экологӣ муайян менамояд» [7].

«Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгӯиҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, нигоҳдории ҳолати оптималии заминҳо, ҷангалҳо, захираҳои об ва ҳавои атмосфера, таъмин намудани мувозинати биологӣ, бахусус ҳифзи намудҳои нодир ва нобудшавандаи набототу ҳайвонот, инчунин беҳтар гардондани сатҳи саломатии аҳолӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст сиёсати давлатӣ ва чораҳои дахлдорро дар ин самт таҳия ва татбиқ намояд» [8]. «Барномаи давлатӣ оид ба азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ хориҷшуда дар ҶТ барои давраи 2022-2027 аз 1 марти соли 2022, №90».

Нақши ҳамаи чор механизми ташкилию иқтисодии рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ ва ҷалби сармоягузорӣ, дар маҷмӯъ ба ташаккули муҳити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои рушди устувор, беҳбуд бахшидани

вазъи экологӣ ва тақвияти ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусӣ равона шудааст. Дар шароити ҶТ татбиқи пурраи чунин механизм метавонад рушди босуботи низоми идоракунии хизматрасониҳои экологӣ, ҷалби СХ, ҳифзи муҳити зист ва ташаккули ҷойҳои нави кориро таъмин намояд.

Механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ, ки имрӯз ташаккул ёфтааст, бояд татбиқи самараноки стратегияи сармоягузориро таъмин намояд. Он инчунин бояд мутавозин бошад ва тамоми марҳилаҳои сиёсати сармоягузориро фаро гирад. Дар шароити маҳдуд будани манбаъҳои дохилии маблағгузорӣ, иқтисоди ҶТ ба ҷалби сармояи хориҷӣ ниёзманд мебошад, зеро воридоти сармоя ҳамчун яке аз абзорҳои асосии таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ амал карда, имкони тақвияти бахшҳои содиротӣ, навсозии асосҳои моддию техникӣ ва таҷҳизоти технологӣ, ҳамчунин татбиқи ҳалли инноватсионӣ ва экологӣ дар истеҳсолотро фароҳам меорад.

## §1.3. Таҷрибаи хориҷии ҷалб ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ

Сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ яке аз самтҳои муҳими ҷалби сармоя ва беҳсозии муҳити зист мебошад, ки ба иқтисодиёти сабз, паст кардани ифлосшавӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ба ақидаи муҳаққиқон В.П. Василев, К.В. Астватсатурова, Е.Е. Петрова «…дар шароити ҷаҳони муосир, ки масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ба яке аз вазифаҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтаанд, нақши сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар ин самт аҳамияти ҳалкунанда дорад» [95; 102, С.148-152].

Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки бидуни ҷалби сармояи хориҷӣ ва идоракунии самараноки он ба ҳадафҳои иқтисодии кишварҳо ноил шудан ғайриимкон аст. Аз ҷумла, ҶТ, ки иқтисодиёти он дар марҳилаи рушд қарор дорад, барои рушди иқтисоди сабз дар ҳамаи соҳаҳо ҷалби сармояи хориҷӣ

нақши калидӣ дорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд намуданд, ки «... ҳамасола бо дастгирии шарикони рушд лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар самтҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, пешгирии офатҳои табиӣ, соҳилмустаҳкамкунӣ, обёрӣ ва беҳдошти замин, барқарорсозии чарогоҳҳо ва дигар самтҳо амалӣ мешаванд, аммо ин маблағҳо кофӣ нестанд» [37].

Ҷалби СХ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ имконият медиҳад, ки таҷриба ва технологияи пешрафта ворид шавад, инфрасохтори муҳити зист муосир гардад ва мушкилоти вобаста ба об, партовҳо ва энергетикаи сабз ҳалли муассир пайдо намояд. Дар таҷрибаи байналмилалӣ самтҳои асосии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ аз тоза кардани об ва беҳсозии инфрасохтори обрасонӣ, коркарди партовҳои сахт ва саноатӣ, ҷорӣ намудани иқтисоди даврӣ, истифодаи дубораи мавод, истеҳсоли энергия аз манбаъҳои барқароршаванда, татбиқи технологияҳои каммасраф ва камкардани партовҳои газҳои гулхонаӣ иборатанд.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта, аз ҷумла ИМА, Олмон, Сингапур, Канада, Ҷопон ва дигарҳо нишон медиҳанд, ки идоракунии самаранок, яъне муҳити ҳуқуқии устувор, имтиёзҳои андозӣ, дастгирии давлатӣ, ҳамкории байни бахши давлатӣ ва хусусӣ ва иштироки фаъолонаи сармоягузорони хориҷӣ ба рушди босуръати низоми хизматрасониҳои экологӣ мусоидат менамояд. Барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла ҶТ, идоракунии самараноки СХ ба соҳаи хизматрасониҳои экологӣ метавонад як қатор самараҳои муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла ворид намудани технологияҳои тозаи хориҷӣ, беҳсозии инфрасохтори муҳити зист, баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои экологӣ, гузариш ба иқтисоди сабз, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии бозори дохилиро ба бор оварад.

Бо дарназардошти ин, ҶТ бояд таҷрибаи пешрафтаи идоракунии байналмилалиро омӯхта, муҳити ҳуқуқӣ ва иқтисодии ҷолиби сармоягузориро барои ширкатҳои хориҷӣ дар бахши хизматрасониҳои экологӣ ташаккул диҳад, тавассути ҳамкории фаъол бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва бахши хусусӣ лоиҳаҳои мушаххаси экологиро амалӣ намояд ва барои ворид кардани сармоя, технология ва таҷрибаи пешрафта шароити мусоид эҷод кунад. Дар натиҷа, ин

раванд метавонад ба беҳсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ, коҳиши хавфҳои экологӣ ва рушди устувори иқтисодиёти Тоҷикистон мусоидат намояд.

Дар асори илмии Ғ.У. Ғоибназаров, Е.Ш. Мирзоева ва Ш.С. Фатҳуллоева [103; 123], профессор Л.Х. Саидмурадов [181] ҷанбаҳои гуногуни таҷрибаи хориҷии идоркунии СХ матраҳ шудаанд. «Ин намуди сармоягузориҳо дар давлаҳои хориҷӣ хеле маъмуланд, зеро онҳо одатан сармоягузории дарозмуддат ҳисобида мешаванд ва ба таҳкими иқтисоди кишвари хориҷӣ мусоидат мекунанд» [167, С. 44]. «Манбаи асосии маълумот дар бораи СМХ ҳисоботи омории даврии Сандуқи байналмилалии асъор, нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонии Бонки Ҷаҳонӣ, ҳисоботи солонаи СММ оид ба савдо ва рушд, инчунин ҳисоботи солонаи мақомоти миллии омор мебошанд, ки маълумоти онҳо аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил мешавад» [51].

Дар расми 1.11. рӯйхати кишварҳои ҷаҳон оварда шудаанд, ки онҳо аз рӯи ҳаҷми СМХ, ки дар иқтисоди онҳо дар соли 2024 ворид шудаанд, ба тартиб пешсаф мебошанд. Нишондиҳандаҳои СМХ дар баъзе давлатҳо нишон медиҳанд, ки содироти сармоя аз кишвар аз воридоти он пеш гузаштааст, ё ҷараёни хориҷшавии сармоя аз кишвар бештар аз воридшавӣ мебошад.




**Расми 11. - Раддабандии кишварҳои ҷаҳон аз рӯи сатҳи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, соли 2024 (10 кишвари пешсаф).**

***Сарчашма:*** *Манбаи асосии маълумот дар бораи ҳаҷми СМХ — базаи маълумоти «Нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонӣ» (World Development Indicators) Бонки Ҷаҳонӣ мебошад. Рейтинг стран мира по уровню прямых иностранных инвестиций // https://gtmarket.ru/ratings/foreign-direct-investment-index*

«Истифодаи сармоягузории хориҷӣ ба ақидаи С.В. Раевский зарурати объективӣ мебошад, ки бо … системаи иштироки иқтисодиёти кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнат ва интиқоли сармоя дар соҳаҳое, ки барои соҳибкорӣ озод мебошанд, вобаста аст» [80, С.38].

Ба андешаи мо, таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ дар ҶТ масъалаи аҳамияти давлатист, ки аз татбиқи он динамикаи иҷтимоию иқтисодӣ, самаранокии иштирок дар равандҳои байналмилалии иқтисодӣ, баланд бардоштани иқтидори инноватсионии кишвар ва имконияти навсозӣ дар ин замина ба иқтисоди миллӣ вобаста аст. Арзёбии механизмҳои давлатӣ ва бозории ҳавасмандгардонии сармоягузории экологии кишварҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки воситаҳои асосии бозории рушди сармоягузорӣ ба низоми хизматрасониҳои экологии ҶТ муайян карда шаванд.

Тавре Л.Г. Ахтариева қайд мекунад, «…ҷолибияти сармоягузорӣ ин нишондиҳандаи интегралӣ мебошад, ки аз рӯи маҷмӯи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва молиявии он, нишондиҳандаҳои рушди давлатӣ, ҷамъиятӣ, қонунгузорӣ, сиесӣ ва иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Ҷолибияти сармоягузорӣ вектори ҳаракати сармояи ҷисмонӣ, молиявӣ, зеҳнӣ ва инсониро ба кишвар е берун аз он муайян мекунад» [96, С. 233].

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои дорои захираҳои бойи табиӣ барои ҷалби хориҷиён дар сармоягузорӣ ҷолиб аст. Дар робита ба ин, яке аз вазифаҳои стратегии Ҳукумати ҶТ дар дурнамои минбаъда ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои истифодаи имкониятҳои мавҷуда ва рушди миллӣ иқтисодиёт мебошад. Зарурати ҷалби сармояи хориҷӣ аз ҷониби Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардидааст. Аз ҷумла, ӯ қайд мекунад, ки: «Қариб дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ захираҳо ва сарватҳое мавҷуданд, ки талаботи худро интизоранд. Дар айни замон, ҷумҳурӣ дорои имкониятҳо ва воситаҳои номаҳдуд барои ҷалби сармояи хориҷӣ мебошад».

Зарурати такмили танзими давлатии равандҳои ҷалб ва идоракунии сармояи хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ таваҷҷӯҳи афзояндаи муҳаққиқони ватаниро ба асоснок кардани шаклҳо ва усулҳои самараноки он ба вуҷуд оварда

истодааст. Таҳлили таҷрибаи муосири хориҷӣ метавонад дар ҳалли чунин масъала нақши муайян дошта бошад. Мақсади гузаронидани он муайян кардани равишҳои асосӣ ба ташкили танзими давлатии равандҳои ҷалб ва идоракунии самараноки СХ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ мебошад. Таҷрибаи иштирок ва идоракунии СХ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ вобаста ба давлатҳои алоҳида чунин мебошад:

**1. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА).** «ИМА яке аз пешсафон дар ҷалби СХ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ мебошад. Қонуни коҳиши таваррум (Inflation Reduction Act 2022)» [61] яке аз бузургтарин бастаи қонунгузорӣ дар таърихи ИМА мебошад, ки барои ҳавасмандсозии сармоягузорӣ ба иқтисоди сабз равона гардидааст. Дар доираи ин Қонун, барои лоиҳаҳое, ки ба истеҳсоли энергия аз манбаъҳои барқароршаванда, аз қабили энергияи офтобӣ, бодӣ ва гидроэнергетикӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои самараноки энергетикӣ, коркарди партовҳо ва беҳсозии истифодаи захираҳои об равона шудаанд, як қатор имтиёзҳои андозӣ, субсидияҳо ва дигар шаклҳои дастгирии молиявӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳадафи ин тадбирҳо ҳавасмандгардонии сармоягузорон, ҷалби маблағгузории дохилию хориҷӣ ва фароҳамсозии заминаи устувор барои рушди бахши энергетикаи сабз ва низоми хизматрасониҳои экологӣ мебошад, ки дар маҷмӯъ ба ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор ва таъмини амнияти энергетикӣ мусоидат мекунад. Дар натиҷа, ИМА ба яке аз самтҳои ҷолиби сармоягузорӣ барои ширкатҳои бузурги байналмилалӣ, аз ҷумла аз кишварҳои Аврупо ва Ҷопон, табдил ёфтааст.

Ба ақидаи Э. Бадруззаман, С. Куши, С. Марион «... сиёсати экологии ИМА - ин маҷмӯи тадбирҳо ва иқдомҳои ҳукумати федералӣ мебошад, ки ба танзими фаъолиятҳое равона шудаанд, ки ба муҳити зист дар қаламрави ИМА таъсир мерасонанд. Ҳадафи асосии ин сиёсат ҳифзи муҳити зист барои наслҳои оянда мебошад, бо шарте ки самаранокии тиҷорат, озодиҳои шахсӣ ва рушди иқтисодӣ то ҳадди имкон маҳдуд карда нашаванд. Инчунин, яке аз вазифаҳои муҳими сиёсат коҳиш додани нобаробарӣ дар тақсимоти хароҷоти экологӣ мебошад. Тарзи муаррифӣ ё баён намудани мушкилоти экологӣ бевосита ба раванд ва муҳтавои

ташаккули сиёсат таъсир мерасонад. Хусусан, омилҳои иқтисодӣ ва масъалаҳои амнияти миллӣ аксар вақт ҳамчун асос барои дастгирӣ ё рад кардани иқдомҳои мушаххас истифода мешаванд. Ин раванд нишон медиҳад, ки сиёсати экологӣ дар ИМА як масъалаи бисёрҷанба буда, на танҳо ҳимояи муҳити зист, балки баробарии иҷтимоӣ, амнияти миллӣ ва рушди иқтисодиро низ дар бар мегирад» [99, С.173-175].

Сармоягузорони хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ нақши фаъол мебозанд, аз ҷумла дар сохтмони нерӯгоҳҳои офтобӣ, таҷдиду навсозии инфрасохтори обтаъминкунӣ, тозакунии обҳои ифлос, коркарди партовҳои пластикӣ ва татбиқи технологияҳои ҳадафманд ба коҳиши партови газҳои гулхонаӣ. Ин раванд на танҳо ба беҳбуди муҳити зист ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо мусоидат мекунад, балки ба воридшавии таҷриба ва технологияҳои пешрафта, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таҳкими асосҳои рушди устувори иқтисоди миллӣ низ шароити мусоид фароҳам меорад. Ғайр аз ин, тавассути ҳавасмандгардонии давлатии ширкатҳои амрикоӣ ва шарикони хориҷӣ як муҳити рақобатпазири инноватсионӣ ва шарикии байналмилалӣ ба вуҷуд омадааст, ки он рушди низоми хизматрасониҳои экологиро босуръат таъмин мекунад. Таҷрибаи ИМА нишон медиҳад, ки ҳавасмандгардонии давлатӣ, кафолати ҳуқуқӣ ва ҳамкории байналмилалӣ яке аз механизмҳои самараноки ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ мебошад.

«Нашрияи The Wall Street Journal ҳисоб кардааст, ки ширкатҳои хориҷӣ чӣ қадар ба лоиҳаҳои марбут ба технологияҳои энергияи тозаи экологӣ дар ҳудуди ИМА маблағгузорӣ анҷом додаанд. Тавре маълум шудааст, Қонуни коҳиши таваррум (IRA), ки барои соҳаи иқлим ва энергияи сабз 370 миллиард доллар ҷудо намуданро пешбинӣ мекунад, таваҷҷуҳи бисёре аз ширкатҳоро ҷалб кардааст. Тақрибан дар давоми як сол пас аз қабули ин қонун, корпоратсияҳои гуногун дар бораи сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои марбут ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар ҳаҷми тақрибан 110 миллиард доллар эълон кардаанд. 60% ин сармоягузориҳо ба ҳиссаи ширкатҳои ғайриҳотои ИМА рост меояд. Қисми асосии чунин ширкатҳо аз ҶМХ, Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷопон мебошанд. Бо вуҷуди ин, ширкатҳои аврупоӣ низ

фаъолона ба ин раванд ҳамроҳ мешаванд. Масалан: а) ширкати BMW эълон намудааст, ки барои истеҳсоли мошинҳои барқӣ дар корхонаи худ дар Спартанбург 1 миллиард доллар, ва барои сохтмони корхонаи истеҳсоли батареяҳои баландшиддат дар Каролинаи Ҷанубӣ 700 милл. долл. сарф мекунад; б) ширкати норвегии FREYR Battery нақша дорад дар иёлоти Ҷорҷия сохтмони гигафабрикаи истеҳсоли батареяҳоро амалӣ намояд» [46].




**Расми 1.12. - Сармоягузории хориҷӣ ба ИМА.**

***Сарчашма*** *Меджидова Д.Д. Международная инвестиционная позиция США в XXI в. https://cwejournal.hse.ru/dmedzhidova-3-2024*

«Тибқи маълумоти Бюрои таҳлили иқтисодии ИМА, то охири соли 2024 тавозуни умумии сармоягузории байналмилалии ИМА (фарқияти байни дороиҳои молиявии хориҷӣ ва ӯҳдадориҳои резидентҳои ИМА) бояд 26,23 триллион долларро ташкил диҳад. Дар ин замина, ҳаҷми дороиҳо 35,89 триллион доллар, ва ҳаҷми ӯҳдадориҳо бошад, 62,12 триллион долларро ташкил додааст» [64].

«Тибқи иттилои Агентии омори ИМА, дар соли 2023 хароҷоти сармоягузорони мустақими хориҷӣ барои харидорӣ, таъсис ё тавсеаи корхонаҳо дар ИМА 148,8 миллиард долларро ташкил дод. Қисми зиёди ин сармоягузориҳо барои харидории корхонаҳои мавҷуда равона шуда, маблағи он 136,5 миллиард доллар буд. Хароҷот барои таъсиси корхонаҳои нав 7,4 миллиард доллар, ва барои тавсеаи ширкатҳои мавҷудаи ба сармоягузорони хориҷӣ тааллуқдошта - 5 миллиард

долларро ташкил дод. Кишваре, ки дар соли 2023 калонтарин сармоягузори мустақим ба иқтисоди ИМА буд, Канада мебошад, ки ҳаҷми сармоягузориҳои он 53,4 миллиард долларро ташкил дод. Дар зинаи дувум Ҷопон бо 14,6 миллиард доллар**,** ва дар мақоми сеюм Шветсия бо 8,4 миллиард доллар қарор доранд» [40]. «Дар маҷмӯъ, ҳаҷми умумии дороиҳои ҳисоби молиявӣ **(**flow of funds**)** дар иқтисоди ИМА 327 триллион доллар**,** ва ҳаҷми умумии ӯҳдадориҳо бошад, 249 триллион долларро ташкил медиҳад» [172].

ИМА яке аз пешсафон дар ҷалб ва идоракунии сармояи хориҷӣ ба соҳаи хизматрасониҳои экологӣ мебошад. Д.Д. Меджидова чунин менависад, ки «…Қонуни коҳиши таваррум таваҷҷуҳи ширкатҳои байналмилалиро ба иқтисоди сабз ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия зиёд намуд» [122]. ИМА дорои як бозори калони рақобатпазир ва муҳити ҷолиби сармоягузорӣ буда, сармояи хориҷӣ нақши муҳиме дар рушди соҳаи хизматрасониҳои экологӣ ва иқтисоди сабз дорад.

**2. Олмон.** Олмон тавассути сиёсати «Energiewende» (гардиши энергетикӣ) яке аз намунаҳои муваффақи ташкили муҳити мусоид барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба бахши хизматрасониҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Ин сиёсат, ки ҳадафи асосии он гузариш аз манбаъҳои анъанавии энергияи ифлоскунанда ба манбаъҳои барқароршавандаи тоза ва устувор мебошад, аз ҷониби ҳукумати Олмон бо дастгирии қонунгузории васеъ, имтиёзҳои андозӣ ва барномаҳои махсус амалӣ мегардад.

«Дар соли 2024 ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба Олмон 16 289 401,44 ҳазор доллари ИМА (ё тақрибан 16,3 миллиард доллар)-ро ташкил дод. Танҳо дар нимсолаи аввали сол ҳаҷми сармоягузорӣ 7,3 миллиард евро буд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли пурраи 2023, ки дар он сармоягузориҳо 6,5 миллиард евроро ташкил доданд, афзоишро нишон медиҳад. Ин рақамҳо аз болоравии қобили мулоҳизаи ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди Олмон дар соли 2024 шаҳодат медиҳанд» [58].

«Дар доираи «Energiewende» якчанд самтҳои калидӣ барои сармоягузории хориҷӣ кушода шудаанд, аз ҷумла: а) истеҳсоли энергия аз манбаъҳои барқароршаванда, ба мисли нерӯгоҳҳои офтобӣ ва бодӣ, ки дар он ширкатҳои

хориҷӣ, хусусан аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ фаъолона сармоягузорӣ мекунанд; б) технологияҳои биогаз, ки бо ҷалби сармоя ва ноу-хау-и хориҷӣ дар минтақаҳои деҳот ва саноати кишоварзӣ ба таври васеъ рушд ёфта истодаанд; в) коркарди партовҳо ва идоракунии партовҳои сахт, ки Олмон дар ин самт ба яке аз лидерони ҷаҳонӣ табдил ёфта, ширкатҳои хориҷӣ дар сохтмони корхонаҳои коркарди партовҳо ва барқарорсозии маводҳои истифодашуда саҳми назаррас доранд; г) инфрасохтори об ва технологияҳои беҳсозии истифодаи захираҳои об, ки дар он низ сармояи хориҷӣ ҷалб мешавад» [60].

Барои сармоягузорони хориҷӣ, Олмон имтиёзҳои андозӣ, кафолати ҳуқуқӣ, шарикӣ бо ширкатҳои маҳаллӣ ва дастрасӣ ба бозори бузурги Иттиҳоди Аврупоро пешниҳод мекунад. Таҷрибаи Олмон нишон медиҳад, ки сиёсати устувори давлатӣ, дастгирии қонунгузорӣ ва ҳамкории байналмилалӣ на танҳо рушди хизматрасониҳои экологиро таъмин мекунад, балки барои ҷалби сармояи хориҷӣ муҳити боваринок ва рақобатпазир ба вуҷуд меорад.

**3. Ҷумҳурии Мардумии Чин (минбаъд Чин).** Чин дар даҳсолаи охир ба яке аз бузургтарин ва ҷолибтарин низоми сармоягузории хизматрасониҳои экологӣ дар ҷаҳон табдил ёфтааст. Ҳукумати Чин сиёсати густурда ва фаъоли давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва рушди иқтисоди сабзро татбиқ менамояд, ки бахусус дар доираи стратегияи «Ecological Civilization» (Тамаддуни экологӣ) ва ташаббуси байналмилалии «Belt and Road Initiative» (Камарбанд ва Роҳи Бузург) ҷараён дорад. Стратегияи «Ecological Civilization» ҳадафи бунёди модели нави рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро дорад, ки дар он мувозинати рушди иқтисодӣ бо ҳифзи муҳити зист таъмин карда мешавад. Дар доираи ин сиёсат, Чин ба ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ барои пешбурди лоиҳаҳои зерин аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад:

а) лоиҳаҳои тоза кардани об, аз ҷумла тоза кардани обҳои ифлос, обтаъминкунии тоза ва беҳсозии инфрасохтори обрасонӣ.

б) лоиҳаҳои коркарди партовҳо, аз ҷумла сохтмони корхонаҳои коркарди партовҳои сахти маишӣ, саноатӣ ва такрории маводҳо.

в) татбиқи энергетикаи сабз, аз ҷумла сохтмони нерӯгоҳҳои офтобӣ, бодӣ, гидроэнергетикӣ ва рушди дигар манбаъҳои барқароршавандаи энергия.

Дар баробари ин, ташаббуси «Belt and Road Initiative», ки ба густариши ҳамкориҳои иқтисодию инфрасохтории байналмилалӣ равона шудааст, имкониятҳои васеъ барои ширкатҳои хориҷӣ дар бахши хизматрасониҳои экологӣ эҷод мекунад. Ин ташаббус ҳам дар худи Чин ва ҳам дар кишварҳои ҳамкори минтақаҳои Осиё, Аврупо ва Африка ба роҳ мондани лоиҳаҳои экологиро дар бар мегирад.

«СМХ ба Чин дар аввали соли 2025 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13,2% кам шуда, ба 358,19 миллиард юан баробар гардиданд, ки муодили 49,88 миллиард доллари ИМА мебошад. Тибқи бахшҳо, саноати истеҳсолӣ 91,52 миллиард юан сармояи хориҷӣ ҷалб кардааст, дар ҳоле ки бахши хизматрасонӣ 259,64 миллиард юан сармояи хориҷӣ дарёфт намудааст. Соҳибкориҳои соҳаи технологияҳои баланд 109,04 миллиард юан сармояи хориҷӣ ҷалб карданд, ки дар бархе самтҳои мушаххас афзоиши назаррас мушоҳида мешавад: хизматрасониҳои тиҷорати электронӣ - 146% афзоиш; соҳаи кайҳоннавардӣ ва мошинсозӣ - 74,9% афзоиш; истеҳсоли маводи кимиёвӣ ва дорусозӣ - 59,2% афзоиш; истеҳсоли таҷҳизот ва дастгоҳҳои тиббӣ - 20% афзоиш» [43].




**Расми 1.13. - Ҳолати сармоягузории хориҷӣ дар ҶМЧ.**

*Сарчашма: Инвестиции прямых иностранных инвестиций (ПИИ) в Китае по сравнению с предыдущим годом https://ru.tradingeconomics.com/china/foreign-direct-investment-yoy (санаи муроҷиат: 04.01.2025)*

Чин барои сармоягузорони хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ шароити мусоид, аз ҷумла ҳавасмандгардонии андозӣ, дастгирии молиявӣ, муҳити

рақобатпазир ва имконияти ворид намудани технологияи пешрафтаро пешниҳод мекунад. Ҳамин тавр, таҷрибаи Чин нишон медиҳад, ки сиёсати фаъоли давлатӣ, сармоягузории васеъ ва ҳамкории байналмилалӣ метавонанд ба рушди босуръати низоми хизматрасониҳои экологӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат намоянд. Чин дар ин самт ба яке аз бозорҳои стратегӣ барои сармоягузорон табдил ёфтааст. Имрӯз Чин кӯшиш мекунад, ки сиёсати чандирро нисбат ба сармояи хориҷӣ пеш барад. Ин дар якҷоягӣ бо чораҳои ҳавасмандгардонӣ бо маҳдудиятҳо зоҳир мешавад ва назорати маъмурӣ ба истифодаи фаъолонаи фишангҳо ва ҳавасмандгардонии иқтисодӣ бо мақсади таъсир расонидан ба ҷойгиркунии ҳудудӣ ва соҳавии сармоя мухолифат намекунад.

Мо боварӣ дорем, ки омӯзиши таҷрибаи чинӣ ба сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳот ворид мекунад. Барои истифодаи таҷрибаи чинӣ дар шароити мо истифодаи воситаҳои сиёсати давлатӣ, ба монанди фаъолсозии нақши давлат, суботи молиявӣ, рақобат, кушодашавӣ, воридот технология, фазои мусоиди сармоягузорӣ мақсаднок аст. Дар Тоҷикистон танҳо бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, стратегияи тамаддунии рушд, танҳо баъзе унсурҳои иқтисодиёт ва сиёсати Чин, на ба таври дақиқ такрор кардани модели идоракунӣ аст.

**4. Сингапур.** «Сингапур барои ҷалби сармояи хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ муҳити хеле мусоид ва устувор фароҳам овардааст. Ин кишвар, ки яке аз пешсафони ҷаҳон дар татбиқи сиёсатҳои экологӣ ва идоракунии самараноки захираҳои табиӣ ба ҳисоб меравад, тавассути барномаҳои махсус шароити ҷолиб барои ширкатҳои байналмилалӣ эҷод мекунад. Яке аз муҳимтарин ташаббусҳои давлатии Сингапур «Zero Waste Masterplan» (Нақшаи умумидавлатии партовҳои сифр) мебошад, ки дар он коҳиши истеҳсоли партовҳо, истифодаи дубораи захираҳо ва рушди иқтисоди даврӣ ҳадаф гузошта шудааст» [68]. Дар доираи ин барнома корхонаҳои хориҷӣ дар бахшҳои коркарди партовҳои сахт ва такрории маводҳо фаъолона ҷалб мешаванд, ҳамчунин муҳити мусоид барои ворид кардани технологияҳои нав ва ҳалли инноватсионӣ фароҳам оварда мешавад.

Ғайр аз ин, «Singapore Green Plan 2030» [67] ҳамчун стратегияи миёнамуҳлатӣ ба ҳадафҳои рушди устувор ва коҳиши таъсири экологӣ равона шудааст. Ин нақша соҳаҳои зеринро фаро мегирад:

а) гузариш ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия;

б) беҳсозии захираҳои об ва таҳкими инфрасохтори обрасонӣ;

в) татбиқи технологияҳои каммасраф ва сабз дар саноат;

г) баланд бардоштани сатҳи истифодаи энергияҳои сабз дар инфрасохтори шаҳрӣ.

Сингапур инчунин тавассути эҷоди минтақаҳои махсуси саноатӣ ва инноватсионӣ, ба мисли Jurong Innovation District, барои ширкатҳои хориҷӣ имкониятҳои васеъ пешниҳод мекунад, ки дар он ҷо метавонанд лоиҳаҳои муштарак оид ба хизматрасониҳои экологӣ татбиқ намоянд. Имтиёзҳои андозӣ, дастрасии осон ба бозори минтақа ва ҷаҳон, кафолати ҳуқуқии сармоягузорон ва муҳити шаффофи тиҷоратӣ Сингапурро ба яке аз нуқтаҳои ҷаззоби сармоягузории хориҷӣ дар бахши хизматрасониҳои экологӣ табдил додааст. «Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Сингапур дар семоҳаи чоруми соли 2024 ба маблағи 60 759,50 миллион доллари Сингапур афзоиш ёфтанд. Дар маҷмӯъ, ҳаҷми миёнаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Сингапур дар солҳои 1995 то 2024 19 231,84 миллион доллари Сингапурро ташкил додааст. Нуқтаи баландтарини таърихии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Сингапур дар семоҳаи чоруми соли 2022 ба қайд гирифта шуда, ба 65 007,40 миллион доллари Сингапур баробар буд. Ҳамзамон, нишондиҳандаи рекордии манфӣ дар семоҳаи дуюми соли 2003 мушоҳида шудааст, ки он 4 441,60 миллион доллари Сингапурро ташкил дод» [53]. Афзоиши назарраси сармоягузориҳои хориҷӣ дар соли 2024 нишон медиҳад, ки Сингапур ҳамчун яке аз нуқтаҳои муҳими ҷалби сармоя дар минтақаи Осиё-Пасифик, хусусан дар соҳаҳои инноватсионӣ ва хизматрасониҳои экологӣ, мавқеи худро нигоҳ медорад ва тавонистааст пас аз дигаргуниҳои иқтисодӣ боз эътимоди сармоягузоронро барқарор намояд.

Таҷрибаи Сингапур нишон медиҳад, ки тавассути барномаҳои мушаххас, дастгирии давлатӣ ва ҳамкории фаъол бо бахши хусусӣ ва байналмилалӣ метавон рушди устувори низоми хизматрасониҳои экологиро таъмин намуд.

**5. Ҷумҳурии Қазоқистон.** Барои ҳамоҳангсозӣ ва дастгирии сармоягузорон «Kazakh Invest» - ширкати миллии ҷалби сармоя таъсис ёфтааст, ки ҳамчун

«равзанаи ягона» хизмат мерасонад. Ин ширкат сармоягузоронро дар ҳамаи марҳилаҳо – аз таҳияи лоиҳа то татбиқ ва муҳофизати ҳуқуқ - ҳамроҳӣ мекунад.

Қазоқистон барои ҷалби сармоягузори хориҷӣ чунин механизмҳоро амалӣ кардааст:

а) минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва саноатӣ (бо имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва инфрасохтори тайёр);

б) системаҳои ҳавасмандгардонӣ (қисман пардохти хароҷот аз ҳисоби давлат, субсидияҳо, грантҳо барои замин ва инфрасохтор);

в) созишномаҳои сармоягузорӣ бо сармоягузорони калон, ки кафолати устувории қонунгузорӣ ва дастгирии давлатро фароҳам меоранд.

Қазоқистон дар солҳои охир тадриҷан ба рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, тавассути ҳамкории васеъ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва ширкатҳои хориҷӣ лоиҳаҳои муҳимро дар самти беҳсозии муҳити зист ва инфрасохтори экологӣ амалӣ мекунад. Бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (EBRD) ва дигар шарикони байналмилалӣ, дар Қазоқистон лоиҳаҳои зерин ба роҳ монда шудаанд: а) обтаъминкунӣ ва беҳсозии инфрасохтори об. Аз ҷумла, сохтмони шабакаҳои обрасонӣ ва тозакунии обҳои партов дар шаҳрҳо ва минтақаҳои деҳот, ки ба баланд бардоштани дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ ва беҳсозии шароити санитарию гигиенӣ мусоидат мекунад. б) партовгоҳҳои замонавӣ ва коркарди партовҳо. Бо ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Кореяи Ҷанубӣ, дар шаҳрҳои калон ва минтақаҳои саноатӣ партовгоҳҳои муосир сохта мешаванд, ки ба кам кардани таъсири манфии партовҳо ба муҳити зист ва истифодаи дубораи захираҳо равона шудаанд; в) рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия. Қазоқистон бо мақсади коҳиши вобастагӣ аз манбаъҳои анъанавии сӯзишворӣ ва кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ лоиҳаҳои нерӯгоҳҳои офтобӣ, бодӣ ва дигар манбаъҳои тозаи энергияро амалӣ менамояд. Дар ин самт ширкатҳои хориҷӣ, аз ҷумла аз Олмон, Нидерланд ва Кореяи Ҷанубӣ фаъолона иштирок доранд. Ҳукумати Қазоқистон барои ҷалби сармояи хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ як қатор чораҳои ҳавасмандгардонӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ, дастгирии

молиявӣ ва соддакунии расмиёти иҷозатдиҳӣ пешниҳод мекунад. Ғайр аз ин, сиёсати давлатӣ дар самти рушди иқтисоди сабз ва устувор, ки дар Стратегияи миллии «Kazakhstan 2050» ва Барномаи давлатии «Green Economy» муқаррар шудааст, ба ташаккули муҳити мусоид барои сармоягузорон мусоидат менамояд.




**Расми 1.14. - Ҷалби (воридоти) сармояи хориҷӣ ба давлатҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 2010-2024.**

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи Annex Tables // https://unctad.org/topic/investment/world-investment-report*

Таҳлил оид ба ҷараёни сармоягузории мустақими хориҷӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ барои солҳои 2010–2024 нишон медиҳад, ки ҳаҷми умумии сармоягузорӣ дар минтақа дучори тағйироти ҷиддӣ ва равандҳои ғайристандартӣ шудааст. Дар соли 2010 ҳаҷми сармоягузорӣ дар сатҳи баланд (17,4 млрд. доллари ИМА) қарор дошт ва дар соли 2011 ба ҳудуди 19,8 млрд. доллар расид, ки нишондиҳандаи баландтарин дар давраи таҳлилшуда мебошад. Аммо аз соли 2013 сар карда, коҳиш ва ноустувории назаррас мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, дар соли 2015 ҳаҷми сармоягузорӣ ба 9,85 млрд. ва дар соли 2018 ба 6,63 млрд. коҳиш ёфтааст. Дар соли 2022 сармоягузорӣ якбора ба 10,2 млрд. афзуда, аммо дар солҳои минбаъда боз коҳиш ёфта, соли 2024 ба сатҳи 2,9 млрд. расидааст, ки поинтарин нишондиҳанда дар тамоми давраи 15-сола мебошад.

Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Қазоқистон дар семоҳаи чоруми соли 2024 ба маблағи 2224,50 миллион доллари ИМА коҳиш ёфтанд. Дар маҷмӯъ,

сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Қазоқистон аз соли 2001 то 2024 ба ҳисоби миёна 4527,15 миллион доллари ИМА-ро ташкил додаанд. «Нуқтаи баландтарини таърихии сармоягузориҳои хориҷӣ дар Қазоқистон дар семоҳаи сеюми соли 2022 ба қайд гирифта шуд, ки ҳаҷми он 8282,99 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Дар ҳамин ҳол, нишондиҳандаи рекордии манфии сармоягузориҳо дар семоҳаи сеюми соли 2024 ба қайд гирифта шуда, ба 1647,80 миллион доллари ИМА баробар буд, ки нишондиҳандаи хуруҷи сармоя ё камшавии ҷиддии ҷалби сармояро ифода мекунад» [45].

Таҷрибаи Қазоқистон нишон медиҳад, ки идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ бояд ба заминаи ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва инфрасохторӣ такя намояд. Ин модел имкон медиҳад, ки кишварҳо дар баробари рушди иқтисодӣ, низоми хизматрасониҳои экологиро низ бо дастгирии сармояи хориҷӣ тақвият диҳанд.

**6. Ҷумҳурии Ӯзбекистон.** Дар Ӯзбекистон дар солҳои охир масъалаи рушди хизматрасониҳои экологӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар ин самт ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Бо назардошти мушкилоти муҳити зист, аз ҷумла камбудии захираҳои об, ифлосшавии муҳити атроф ва зарурати гузариш ба энергетикаи сабз, ҳукумати кишвар якчанд ташаббусҳои муҳими байналмилалиро амалӣ мекунад.

Ӯзбекистон як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро барои ҷалб ва ҳифзи сармояи хориҷӣ қабул кардааст. Қонуни Ӯзбекистон «Дар бораи сармоягузориҳо ва фаъолиятҳои сармоягузорӣ» (2019) заминаи ҳуқуқии асосиро барои фаъолияти сармоягузорон таъмин намуда, кафолати ҳуқуқӣ ва баробарии шароитро барои сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ муқаррар кардааст. Илова бар ин, дар кишвар сиёсати «дарҳои кушода» ба роҳ монда шуда, монеаҳои маъмурӣ тадриҷан бардошта мешаванд. Барои ҳамоҳангсозии сиёсати сармоягузорӣ Агентии сармоягузорӣ зери Вазорати сармоягузорӣ, саноат ва савдо таъсис дода шудааст, ки вазифаи асосиаш дастгирии сармоягузорони хориҷӣ, ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо ва ҷалби маблағҳо ба бахшҳои афзалиятнок мебошад. Дар сатҳи маҳаллӣ бошад, марказҳои хидматрасонии сармоягузорӣ фаъолият доранд.

Дар доираи ҳамкории байналмилалӣ Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо созмонҳои бонуфузи молиявӣ ва кишварҳои пешрафта як қатор лоиҳаҳои муҳими экологӣ ва инфрасохториро бо ҷалби сармояи хориҷӣ амалӣ менамояд. Аз ҷумла: а) Лоиҳаҳои тозакунии об ва беҳсозии инфрасохтори обтаъминкунӣ. Дар ҳамкорӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, инчунин ширкатҳои аз Кореяи Ҷанубӣ ва кишварҳои аврупоӣ, дар шаҳрҳо ва минтақаҳои деҳот низоми тозакунии об ва шабакаҳои муосири обтаъминкунӣ таъсис дода мешаванд. Ин иқдом имконият медиҳад, ки аҳолӣ ба оби босифат дастрасӣ дошта бошад ва сатҳи зиндагӣ беҳтар гардад. б) Лоиҳаҳои коркарди партовҳо. Дар шаҳрҳои бузурги кишвар, аз қабили Тошканд, Самарқанд ва Бухоро, бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ корхонаҳои муосири коркарди партовҳои сахт ва технологияҳои такрории мавод роҳандозӣ мешаванд. Ин тадбирҳо ба кам кардани таъсири манфии партовҳо ба муҳити зист, истифодаи самараноки захираҳо ва рушди иқтисоди даврӣ (circular economy) мусоидат мекунанд.

Ин лоиҳаҳо ба кам кардани ифлосшавии муҳити зист ва ҷорӣ кардани иқтисоди даврӣ равона шудаанд. Истеҳсоли энергияи сабз. Дар доираи Барномаи давлатии «Green Energy», Ӯзбекистон ҳадаф дорад, ки то соли 2030 ҳиссаи манбаъҳои барқароршавандаи энергияро дар маҷмӯи истеҳсоли энергетикии кишвар ба таври назаррас афзоиш диҳад. Лоиҳаҳои нерӯгоҳҳои офтобӣ ва бодӣ, ки бо сармоягузории Чин, Кореяи Ҷанубӣ ва ширкатҳои аврупоӣ амалӣ мешаванд, қисми муҳими ин стратегия мебошанд.

«Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Ӯзбекистон дар семоҳаи чоруми соли 2024 ба маблағи 1105,33 миллион доллари ИМА афзоиш ёфтанд. Дар маҷмӯъ, ҳаҷми миёнаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Ӯзбекистон аз соли 2005 то 2024 328,02 миллион доллари ИМА-ро ташкил додааст. Нуқтаи баландтарини таърихии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Ӯзбекистон дар семоҳаи дуюми соли 2023 ба қайд гирифта шуда, ба 960,69 миллион доллари ИМА баробар буд. Дар ҳамин ҳол, нишондиҳандаи рекордии манфии сармоягузориҳо дар семоҳаи дуюми соли 2018 мушоҳида шудааст, ки он 1,74 миллион доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки коҳиши ҷиддии ҷалби сармоя ё хуруҷи сармояро нишон

медиҳад. Афзоиши назарраси сармоягузориҳо дар соли 2024 шаҳодати афзоиши эътимоди сармоягузорони хориҷӣ ба иқтисоди Ӯзбекистон мебошад» [54].

Ғайр аз ин, ҳукумати Ӯзбекистон як қатор чораҳои ҳавасмандгардонӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ, соддагардонии расмиёти маъмурӣ ва кафолати ҳуқуқиро барои сармоягузорони хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод мекунад.

Ҳамин тавр**,** таҷрибаи Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки тавассути сиёсати фаъоли давлатӣ, ҳамкории байналмилалӣ ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафта метавон рушди босифати низоми хизматрасониҳои экологиро таъмин намуда, барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ муҳити рақобатпазир ва устувор эҷод кард.

**7. Канада.** Канада низ яке аз кишварҳои пешсаф дар ташкили муҳити мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Сиёсати фаъоли ҳукумати Канада, ки ба рушди иқтисоди сабз, коҳиши таъсири ифлоскунандаҳо ва татбиқи технологияҳои тоза равона шудааст, ба афзоиши ҷалби сармояи хориҷӣ дар ин самт мусоидат мекунад.

Дар Канада барои сармоягузорони хориҷӣ якчанд имкониятҳои асосӣ фароҳам оварда шудаанд: а) барномаҳои ҳавасмандгардонии иқтисоди сабз. Ҳукумати федералӣ ва вилоятҳои кишвар барои ширкатҳое, ки ба рушди технологияҳои сабз ва лоиҳаҳои экологӣ машғуланд, имтиёзҳои андозӣ, субсидияҳо ва грантҳои махсус пешниҳод мекунанд; б) татбиқи технологияҳои тоза, яъне сармоягузорони хориҷӣ метавонанд дар лоиҳаҳои тоза кардани об, коркарди партовҳо, истеҳсоли энергия аз манбаъҳои барқароршаванда ва иқтисоди даврӣ иштирок намоянд. Ширкатҳои аз кишварҳои Аврупо, ИМА ва Осиё фаъолона дар ин лоиҳаҳо саҳм мегузоранд; в) инфрасохтори пешрафта ва дастрасӣ ба бозор. Канада дорои инфрасохтори муосир ва дастрасии васеъ ба бозорҳои Амрикои Шимолӣ ва ҷаҳонӣ мебошад, ки барои сармоягузорони хориҷӣ шароити рақобатпазир фароҳам меорад; г) таъмини устувории ҳуқуқӣ ва ҳифзи сармоягузорон. Қонунгузории Канада дар самти ҳифзи муҳити зист ва сармоягузорӣ яке аз мукаммалтарин дар ҷаҳон буда, барои сармоягузорони хориҷӣ кафолати ҳуқуқӣ ва шароити шаффоф таъмин мекунад.

«Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Канада дар аввали соли 2025 ба маблағи 28 488 миллион доллари Канада афзоиш ёфтанд. Дар маҷмӯъ, ҳаҷми миёнаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Канада аз соли 1981 то 2025 9 156,50 миллион доллари Канадаро ташкил додааст. Баландтарин нишондиҳандаи таърихии ҷалби сармояи хориҷӣ дар Канада дар семоҳаи чоруми соли 2000 сабт шудааст, ки он 50 326 миллион доллари Канадаро ташкил дод. Ҳамзамон, нишондиҳандаи рекордии манфии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар семоҳаи аввали соли 2024 ба қайд гирифта шуда, он 10 800 миллион доллари Канадаро ташкил дод, ки аз хуруҷи назарраси сармояи хориҷӣ шаҳодат медод» [44]. Афзоиши назарраси сармоягузориҳои хориҷӣ дар семоҳаи аввали соли 2025 нишон медиҳад, ки пас аз коҳиши шадиди соли гузашта боз эътимоди сармоягузорон ба иқтисоди Канада барқарор шудааст.

Канада тавассути иштироки фаъол дар созишномаҳои байналмилалии экологӣ ва иқдоми «Net-Zero by 2050» (кам кардани партови газҳои гулхонаӣ то сифр) нишон медиҳад, ки кишвар дар дарозмуддат ба рушди иқтисоди сабз ва хизматрасониҳои экологӣ содиқ аст. Хулоса, таҷрибаи Канада собит менамояд, ки тавассути сиёсатҳои ҳавасмандгардонии давлатӣ, субсидияҳо ва муҳити устувори сармоягузорӣ ҷалби сармояи хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ метавонад ба рушди босифати ин бахш ва беҳсозии муҳити зист мусоидат намояд.

**8. Ҷопон (Япония).** Ҷопон низ яке аз кишварҳои пешсаф дар ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаи хизматрасониҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти талаботи баланд ба ҳифзи муҳити зист, кам кардани ифлосшавӣ ва гузариш ба иқтисоди сабз, ҳукумати Ҷопон муҳити мусоид ва сиёсати ҳавасмандгардониро барои ширкатҳои хориҷӣ фароҳам овардааст.

Самтҳои асосии иштироки сармояи хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ дар Ҷопон чунинанд: а) энергетикаи сабз. ҷопон тавассути сиёсати “green growth strategy” ва барномаҳои давлатии худ ҷалби сармояи хориҷиро ба лоиҳаҳои сохтмони нерӯгоҳҳои офтобӣ, бодӣ ва гидроэнергетикӣ таъмин мекунад. ширкатҳои хориҷӣ, аз ҷумла аз кишварҳои иттиҳоди аврупо, има ва осиё, дар татбиқи ин лоиҳаҳо фаъолона иштирок менамоянд; б) коркарди партовҳо ва

иқтисоди даврӣ. Ҷопон яке аз пешсафон дар коркарди партовҳо ва истифодаи дубораи захираҳо мебошад. Бо назардошти талаботи бозор ва стандартҳои баланди экологӣ, ширкатҳои хориҷӣ метавонанд дар сохтмони корхонаҳои коркарди партовҳо, истеҳсоли маводҳои дубора истифодашаванда ва рушди технологияҳои нав саҳм гузоранд; в) тоза кардани об ва беҳсозии инфрасохтори обрасонӣ. Бо дарназардошти аҳамияти бузурги захираҳои об дар Ҷопон ва мушкилоти вобаста ба обҳои саноатӣ ва истифодашуда, ширкатҳои хориҷӣ дар лоиҳаҳои тоза кардани об ва такмили инфрасохтори обрасонӣ иштирок мекунанд; г) инноватсияҳои технологӣ ва технологияҳои сабз. Ҷопон барои ширкатҳои хориҷӣ дар бахши инноватсияҳои технологӣ ва экологӣ муҳити мусоид, имтиёзҳои андозӣ ва дастгирии молиявӣ пешниҳод мекунад. Ширкатҳои байналмилалӣ метавонанд дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои ҷопонӣ технологияҳои пешрафтаи сабзро таҳия ва татбиқ намоянд. Чораҳои ҳавасмандгардонии ҳукумати Ҷопон барои сармоягузорони хориҷӣ дар расми 1.15. нишон дода шудаанд.




**Расми 1.15. - Чораҳои ҳавасмандгардонии ҳукумати Ҷопон барои сармоягузорони хориҷӣ.**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Ҷопон танҳо дар аввали соли 2025 ба маблағи 18 259 миллион иен афзоиш ёфтанд. Дар маҷмӯъ, ҳаҷми миёнаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Ҷопон аз соли 1996 то 2025 8 605,01 миллиард иен-ро ташкил додааст. Нуқтаи баландтарини таърихии ҷалби сармояи хориҷӣ дар Ҷопон моҳи январи соли 2019 сабт шудааст, ки он 70 638 миллиард иен-ро ташкил дод. «Ҳамзамон, нишондиҳандаи рекордии манфӣ дар

моҳи июни соли 2020 ба қайд гирифта шуда, он 20 639 миллиард иен-ро ташкил дод, ки аз хуруҷи назарраси сармояи хориҷӣ ва коҳиши ҷиддии ҷалби сармоя шаҳодат медиҳад» [50]. Афзоиши сармоягузориҳои хориҷӣ дар аввали соли 2025 нишон медиҳад, ки Ҷопон торафт бештар таваҷҷуҳи сармоягузорони байналмилалиро ҷалб менамояд ва эътимоди онҳо ба бозори дохилии кишвар барқарор мешавад.

Хулоса, таҷрибаи Ҷопон исбот менамояд, ки омезиши сиёсати фаъоли давлатӣ, сатҳи баланди рушди технологӣ ва муҳити мусоиди сармоягузорӣ омили ҳалкунанда дар ташаккули низоми самараноки хизматрасониҳои экологӣ буда, метавонад ба таври назаррас ҷалби сармояи хориҷӣ ва таъмини рушди босифати устувори иқтисодӣ ва экологиро таъмин намояд. Ҷопон барои сармоягузорони хориҷӣ дар бахши экология ва инноватсияҳои сабз имкониятҳои васеъ пешниҳод мекунад.

Таҷрибаи хориҷии иштироки сармоягузории хориҷӣ дар рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ нишон медиҳад, ки дар кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ ҷалби сармояи хориҷӣ яке аз василаҳои муҳими баланд бардоштани сатҳ ва гуногуншаклии хизматрасониҳои экологӣ ва беҳсозии муҳити зист ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки барои ҷалби муваффақонаи сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи хизматрасониҳои экологӣ пеш аз ҳама муҳити ҳуқуқии устувор, механизмҳои шарикӣ, дастгирии давлатӣ, истифодаи инноватсияҳо ва ҳавасмандсозии сармоягузорон аҳамияти хоса доранд. Ин таҷриба метавонад барои кишварҳое, ки мехоҳанд низоми хизматрасониҳои экологиро тавассути сармояи хориҷӣ рушд диҳанд, аз ҷумла ҶТ, намунаи омӯзишӣ бошад. Бо вуҷуди он ки таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба хизматрасониҳои экологӣ ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дорад, равандҳои ҳамкории байналмилалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ заминаи васеъшавии имкониятҳоро фароҳам меоранд. Натиҷаи таҳлилҳо нишон медиҳад, ки таҷрибаи давлатҳои пешрафта собит месозад: муҳити ҳуқуқии устувор, низоми ҳавасмандсозии иқтисодӣ, ташкили шарикӣ дар доираи лоиҳаҳои муштарак ва истифодаи абзорҳои созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун унсурҳои калидӣ метавонанд ба таври назаррас рушди низоми хизматрасониҳои

экологиро таъмин намуда, шароити ҷалби сармояи хориҷиро беҳтар гардонанд. Тоҷикистон низ метавонад аз ин таҷриба баҳра гирифта, муҳити ҷаззоб барои сармоягузории хориҷиро дар ин самт ташаккул диҳад.

**Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқоти боби якум:**

Дар асоси таҳлили мукаммал ва мушаххаси заминаҳои назариявӣ ва амалии рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ, инчунин бо дарназардошти воқеияти ҶТ, хулоса ва пешниҳодҳои зеринро метавон барои такмили сиёсати давлатӣ, рушди иқтисоди сабз ва беҳбуд бахшидани вазъи экологӣ дар кишвар пешниҳод намуд:

1. Дар ҷараёни таҳқиқот мафҳумҳои калидии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми низоми хизматрасониҳои экологӣ «сармоягузорӣ», «сармоягузории хориҷӣ» ва «хизматрасониҳои экологӣ» дақиқ гардонида шуданд. Дар натиҷа, мафҳуми мукаммали «сармоягузории хориҷӣ» ва «хизматрасониҳои экологӣ» таҳия гардида, зарурати татбиқи сиёсати самараноки давлатӣ оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ, бахусус дар самти рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ, бо далелҳои илмӣ ва асосҳои ҳуқуқӣ исбот ва мустаҳкам карда шуд;

2. Рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ бояд ба таври марҳилавӣ ва системавӣ, бо такя ба таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити миллии кишвар амалӣ карда шавад. Ҳамзамон, таҳияи механизми ягонаи танзими давлатӣ, беҳсозии заминаи ҳуқуқӣ, ташаккули инфрасохтори замонавӣ, истифодаи иқтидори дипломатияи иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ ва ҷорӣ намудани шаклҳои наву самараноки сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузории сабз ва экологӣ, аҳамияти калидӣ доранд;

3. Идоракунии раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамчун низоми муназзами мақсадноки фаъолияти субъектҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошад, ки ба воситаи принсипҳо, механизмҳо, воситаҳо ва қарорҳои идорӣ барои ташкили шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва институтсионалӣ ҷиҳати ҷалб, ҳимоя ва самаранок истифода бурдани сармояи хориҷӣ дар бахшҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, махсусан дар соҳаҳои дорои аҳамияти стратегӣ, амалӣ гардад.

4. Дар асоси моделҳои байналмилалӣ, аз ҷумла OLI-парадигмаи Ҷ. Даннинг ва модели сиёсати сармоягузории UNCTAD, мафҳуми идоракунии раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар бахши низоми хизматрасониҳои экологӣ тавзеҳ дода шуд.

5. Равандҳои асосии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми низоми хизматрасониҳои экологӣ, аз қабили таҳлили муҳити сармоягузорӣ ва муайянсозии афзалиятҳо, тарҳрезии сиёсати сармоягузорӣ ва заминаи ҳуқуқӣ, ҷалби сармоя ва муаррифии имкониятҳо, таҳия ва баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, муҳокима, қарордод ва ҷалби сармоя, мудирияти амалӣ ва мониторинги лоиҳа, арзёбӣ ва такмилдиҳӣ муайян ва таҳлил карда шуданд. Ҳамчунин, дар сатҳи диссертатсия системаи ягонаи идоракунии давлатии равандҳои сармоягузорӣ пешниҳод крада шудааст.

6. Таҳлили масъалаҳои механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти сармоягузории низоми хизматрасониҳои экологӣ нишон дод, ки то ҳол мафҳум, сохтор ва ҷузъиёти ин механизм дар сатҳи илмӣ ва амалӣ пурра ташреҳ нашудааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки механизми ташкилию иқтисодӣ маҷмӯи ҳамгироёнаи воситаҳо, принсипҳо, чорабиниҳо ва равандҳои ташкиливу иқтисодист, ки ба ҳадафи ҷалб, истифода ва идоракунии самараноки сармоя бо мақсади рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ равона шудааст. Ин механизм бояд ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ ва маърифатиро дар бар гирад ва ҳамчун воситаи муассири мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ ва экологии ҷаҳонӣ хизмат намояд.

7. Муайян карда шуд, ки барои самаранокии бештари механизми ташкилию иқтисодии рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ ва ҷалби сармоягузорӣ дар ҶТ татбиқи чораҳои зерин зарур аст: а) такмили заминаи ҳуқуқӣ; б) таъсиси механизми муассири ҳамоҳангсозӣ ва идоракунии марказонидашуда байни ҳамаи сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ; в) содда ва рақамӣ гардонидани низоми иҷозатномадиҳӣ ва сертификатсия тавассути рушди «равзанаи ягона»; г) тақвияти нақши КДСИАД ҳамчун сохтори калидии ҳамоҳангсоз ва назораткунанда; ғ) ташаккули муҳити воқеии ҳавасмандгардонии иқтисодӣ; д) густариши таблиғот ва маълумоти дақиқ, шаффоф ва саривақтӣ дар бораи имкониятҳои сармоягузорӣ ва талаботи низоми хизматрасониҳои экологӣ; е) тақвияти чораҳои ташкилию маърифатӣ; ё) истифодаи васеи воситаҳои иқтисодии инноватсионӣ.

8. Дар кишварҳои аврупоӣ ва Амрико, ба мисли кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА ва Канада, ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ асосан дар доираи стандартҳои байналмилалӣ, созишномаҳои экологии бисёрҷониба ва кафолати ҳуқуқии сармоягузорон амалӣ мегардад. Масалан, Иттиҳоди Аврупо тавассути сиёсати «Green Deal» ва лоиҳаҳои «Circular Economy» муҳити устувор барои сармоягузорони хориҷӣ фароҳам меорад. Таҷрибаи ИМА, Олмон, Сингапур ва Канада нишон медиҳад, ки муҳити ҳуқуқии устувор, имтиёзҳои андозӣ, дастгирии давлатӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонӣ метавонанд шароити ҷолиб барои сармоягузорони хориҷӣ эҷод кунанд. ҶТ низ метавонад аз ин таҷриба истифода бурда, қонунгузории соҳаи хизматрасониҳои экологиро такмил дода, муҳити шаффоф ва пешбарандаи сармоягузориро ташаккул диҳад;

9. Ба монанди кишварҳои пешрафта (Олмон ва Ҷопон) ҶТ метавонад тавассути лоиҳаҳои муштарак чунин технологияҳоеро ҷалб намояд, ки барои ҳалли мушкилоти экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои экологӣ зарур арзёбӣ мегарданд. Таҷрибаи кишварҳое чун Сингапур ва Олмон собит месозад, ки гузариш ба иқтисоди сабз шароити мусоиди ҳамоҳангсозии рушду инноватсияҳои иқтисодӣ бо ҳифзи муҳити зистро фароҳам оварда, имкон медиҳад, ки пешрафти иқтисодӣ ва таъмини устувории экологӣ ба таври мувозинат ва ҳамзамон амалӣ гарданд. ҶТ метавонад тавассути сармояи хориҷӣ дар ин самт ислоҳоти зарурӣ ворид намояд ва дар сатҳи миллӣ иқтисоди сабзро рушд диҳад.

# БОБИ II. ТАҲЛИЛИ СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР НИЗОМИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭКОЛОГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## §2.1. Динамикаи сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва низоми хизматрасониҳои экологии он дар шароити муосир

Таҳлили ҳаматарафаи иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Таҷикистон нишон медиҳад, ки айни замон суръати рушди иқтисодӣ чашмрас буда, суръати миёнасолонаи он наздики 8 фоизро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои мазкур бозгӯи онанд, ки ҶТ дар марҳилаи рушди воқеӣ қарор дошта ташаккулиояндаи он ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва муҳити созгори экологӣ вобастагии амиқ дорад. Давоми солҳои истиқлолият, Тоҷикистон зери роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи беҳбудии вазъи экологӣ диққати махсус дода шуда, ба ин васила роҳи рушди устуворро барои ояндаи дарозмуддат пешбинӣ намудаанд. «Дар ҳамаи Паёмҳои худ, Президенти мамлакат ҳамеша барои рушди ҶТ ҳадафҳои махсусро роҳандозӣ намуда, ҷиҳати амалисозии ҳадафҳо як қатор барномаҳои мушаххас ах қабили консепсия ва стартегияҳои дарозмуддатро роҳандозӣ намудаанд» [26-29].

Танҳо дар солҳои гузашта барои беҳбудии вазъи экологӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ новобаста аз мушкилотҳои ҷойдоштаи иқтисодӣ барои бартараф намудани хатарҳои эҳтимолии экологӣ маблағҳои зиёд аз ҳисоби буҷети кишвар ҷудо карда шудааст. Ин аст, ки дар аксари минтақаҳои ҶТ дар баробари бунёди корхонаҳои истеҳсолии кампартов бо истифодаи технологияҳои рақамӣ, инчунин ба масъалаи бунёди боғу токзорҳо, ки аҳамияти калони иқтисодӣ - экологӣ доранд диққати махсус дода шудааст. Аз тарафи дигар аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола ҳазорҳо бех ниҳолҳои сояафкан, мевадиҳанда, ороишӣ дар минтақаҳои кишвар шинонида шуда истодааст.

Нишондиҳандандаҳои умумииқтисодӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар давоми солҳои охир рушди босуботи иқтисодӣ дар мамлакат таъмин карда шудааст, ки ин

дар давоми 20 соли охир беназир буда, айни замон аз рӯйи нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии институтҳои байналмилалӣ ҶТ аз лиҳози ишғоли мавқеъ дар шоихиси рушд ҷойи намоёнро ишғол менамояд ва рушди иқтисодии он ҳамасола ба андозаи аз 7 то 8 фоиз таъмин карда мешавад.

Аз лиҳози рушди сармоягузорӣ ва таъмини рушди иқтисодиёти экологӣ бошад дар соли 2022 сармоягузорӣ ба соҳаҳои муҳими иқтисодиёт - 23,5 %, саноат ва истеҳсолот - 22 %, ҳамлу нақли мусофирон - 12,6 %, руши савдои минтақавӣ - 13 %, бахши агарӣ ва кишоварзӣ - 6,6 %, ҳамлу нақли бор - 2,7 %, афзоиши ҳаҷми хизматарсониҳои пулакӣ - 7,9 %, рушди савдои берунӣ - 39,5 %, содироти молу маҳсулот бошад дар ҳамин давари - 52, 8 % рост меояд.

«Таҳлили иттилоотҳои расмии мақомоти давлатӣ шаҳодати онанд, ки айни замон кишвари мо дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои тарафайн доир ба як қатор натиҷаҳои чашмрас дар рушди иқтисодиёт ноил гардидаанд. Ин аст, ки дар ин муддат ҳаҷми сармоягузориҳо ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт аз он ҷумла беҳбудбахшидани вазъи иқтисодӣ - экологӣ афзоиш ёфта, омилҳои мутаассири манфиро ба таври чашмрас коҳиш додааст» [48]. Чи тавре, ки Ш.Б. Абдуллоева менависад, «…Старатегия рушди иҷтимоию иқтисодии дар ҷумҳурӣ қабулшуда, инчунин зарурати риояи талаботи стандартҳои байналмилалӣ дар назди пажӯҳишгарони илми иқтисодиёти ватанӣ таҳлили вазъи воқии экологӣ ва ояндабинии масъалаҳои саромоягузории онро ба миён овардааст» [92, С.36-42].

Ба ақидаи Х.А. Одинаев, «…дар методологияи банақшагирии стратегӣ таҳияи нақшаи стратегии ташаккули низоми созмонёфта ва системанок мавқеи калиди ва ҳалкунандаро доро мебошад. Аҳамияти сармоягузорӣ дар ташаккули инфрасохтори иқтисодиёти кишвар ва зернизомҳои он муҳим буда айни замон маҳаки воқеии рушди зерсохторҳои иқтисодӣ мебошад» [77; 78; 133].

Масъалаҳои СХ ба иқтисодиёти ҶТ яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки рушди иқтисодӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, дар ин самт як қатор мушкилот вуҷуд доранд, ки метавонанд ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва самаранокии он таъсир расонанд. Тибқи лоиҳаҳои қолабӣ ва ояндадор марҳилаи якум коркарди ҳамаҷонибаи ҳадафҳои стратегияро дар бар мегирад. Меъёрҳои асосии дар чунин

зербанҳо ифода карда мешавад: ташкили ҳадфҳои мақсаднок ва самаранок; тарҳрезии лоиҳаҳои стратегӣ ва ҳадафманд; мутамарказии иттилооти ҳадафманд ва таҳлили саривақтии он; даврабандии зернизомҳои марҳилаи ҳисобҳо; баратарф намудани монеаҳои сунъӣ.

Дар идомаи таҳлил вазъи ҳолати рушди иқтисодиёт дар ҶТ ва минтақаҳои он мавриди баррасӣ қарор мегирад. Инчунин дар баробари таҳлил масъалаю мушкилоти сармоягузории экологии рушди он дида баромада мешавад (ҷадвали 2.1.).

**Ҷадвали 2.1. - Сохтори ММД дар ҶТ ва минтақаҳои он, солҳои 2012 – 2023, млн. сомонӣ.**

| *i* / n | ММД (а), млн. сомонӣ | ММД (б), млн. сомонӣ | ВМКБ | в. Суғд | в. Хатлон | ш. Душанбе | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2012** | 24704,7 | 38727,9 | 368,4 | 5060,5 | 5748,4 | 4202,4 | 6719,9 |
| **2013** | 36163,1 | 39926,0 | 379,8 | 5217,0 | 5926,2 | 4332,4 | 6927,7 |
| **2014** | 40524,5 | 41160,5 | 391,5 | 5378,4 | 6109,5 | 4466,4 | 7142,0 |
| **2015** | 45605,2 | 42433,5 | 403,6 | 5544,7 | 6298,4 | 4604,5 | 7362,9 |
| **2016** | 50977,8 | 43745,9 | 416,1 | 5716,2 | 6493,2 | 4746,9 | 7590,6 |
| **2017** | 54790,3 | 49921,1 | 716,8 | 12036,9 | 12855,2 | 4893,7 | 8913,7 |
| **2018** | 64434,3 | 56001,8 | 841,2 | 14654,8 | 14620,2 | 5045,1 | 9719,9 |
| **2019** | 71059,2 | 61368,4 | 956,5 | 17510,7 | 16003,7 | 5201,1 | 11073,5 |
| **2020** | 79109,8 | 68691,3 | 1035,6 | 18343,8 | 17107,5 | 10546,5 | 12287,6 |
| **2021** | 83958,3 | 73870,5 | 1063,4 | 20537,1 | 19664,0 | 10891,2 | 13523,6 |
| **2022** | 101076,3 | 91932,0 | 1065,0 | 21621,9 | 22080,5 | 11811,0 | 17314,1 |
| **2023** | 115739,4 | 108831,0 | 1278,8 | 27465,4 | 26967,8 | 22520,7 | 19173,7 |
| ***S*** | 91034,7 | 70103,1 | 910,4 | 22404,9 | 21219,4 | 18318,3 | 12453,8 |
| ***M*** | 4,68 | 2,81 | 3,47 | 5,43 | 4,69 | 5,36 | 2,85 |

***а*** **- Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо нархҳои амалии мувофиқи солҳо, млн. сомонӣ.**
***б*** **- Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ бо нархҳои амалии мувофиқи солҳо, млн. сомонӣ.**
***i – н*****ишондиҳандаҳо**
***n*** **– солҳо.**
***s*** **– фарқият соли 2023-2012 (+;-)**
***m*** **– тағйиро соли 2023-2012 мар.**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - АОНПҶТ. 2024 С. 215-213.*

Таҳлили маҷмӯии раванди мазкур шаҳодат медиҳад, ки айни замон ҳолати рушди ММД бо нархҳои амалии мувофиқи солҳо дар ҷумҳури фарқият нисбати соли 2023 - 2022, + 91034,7 ва маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ бо нархҳои амалии мувофиқи солҳо дар ВМКБ, + 910,4, вилояти Суғд + 22404,9, вилояти Хатлон +

21219,4, ш. Душанбе + 18318,3 ва НТҶ + 12453,8 буда тағирот соли 2023 - 2021 4,68 маротиба ва Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ бо нархҳои амалии мувофиқи солҳо дар ВМКБ, 3,41 маротиба, вилояти Суғд 5,43 маротиба, вилояти Хатлон 4,69 маротиба, ш. Душанбе 5,36 маротиба ва НТҶ 2,85 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар ҳақиқат нишондиҳандаҳои ҳосилшуда бозгӯи онанд, ки суръати рушди ММД бештар ҷанбаи мусбӣ дошта рушди оянддаи он ба ҷалби сармоягузорӣ беҳтар намудани фазои экологӣ ва зина ба зина таҳким бахшидани инфрасохтори иқтисодии кишвар мебошад.

Ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба ҶТ дар давраи таҳлилшуда (солҳои 2010-2024) бо афзоишу коҳишҳои мавсимӣ ва ноустуворӣ фарқ мекунад. Аз 157,4 млн доллар дар соли 2010, сармоягузорӣ то соли 2014 афзоиш ёфта, ба 451,3 млн расидааст. Дар солҳои минбаъда, то соли 2020, сатҳ коҳиш ёфта, дар соли 2021 (84,0 млн) ба нуқтаи пасттарин мерасад. Баъдан тамоюли барқароршавӣ мушоҳида мешавад: соли 2023 - 140,6 млн ва соли 2024 - 291,3 млн доллар. Афзоиши назаррас дар солҳои 2023 - 2024 нишон медиҳад, ки Тоҷикистон ба марҳилаи нави ҷалби сармоя ворид шудааст.




**Расми 2.1. - Воридоти сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2024.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи Annex Tables // https://unctad.org/topic/investment/world-investment-report

Дар асоси ин таҳлил, пешгӯии СМХ ба Тоҷикистон дар солҳои 2025-2027 чунин буда метавонад (млн доллар), (ниг: ҷадвали 2.2.):

### Ҷадвали 2.2. Пешгӯии СМХ ба Тоҷикистон дар солҳои 2025-2027

| Сол | Ҳаҷми пешбинишуда | Афзоиш (%) нисбат ба соли гузашта |
|---|---|---|
| 2025 | 340–380 | ~+20–30% |
| 2026 | 420–480 | ~+25% |
| 2027 | 500–600 | ~+20% |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Бо дарназардошти заминаҳои мусоид, ислоҳоти қонунгузорӣ ва рушди лоиҳаҳои афзалиятнок, бахусус дар соҳаҳои «сабз» (экология, энергияи тоза, хидматрасониҳои устувор), ҶТ метавонад дар солҳои 2025-2027 ба марҳилаи афзоиши устувори ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ворид шавад. Барои ин, татбиқи самараноки стратегияҳои давлатӣ, шаффофияти муҳити ҳуқуқӣ ва таъмини амнияти сармояҳо аҳамияти калидӣ доранд.

Дар расми навбатӣ таҳлил 5 солаи ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти ҶТ мавриди таҳлил қарор дода мешавад (расми 2.2.).




| | соли 2020 (428,4) | соли 2021 (718,3) | соли 2022 (2 576,8) | соли 2023 (2 840,2) | соли 2024 (5 073,8) |
|---|---|---|---|---|---|
| дигар намуди сармоя | 265,4 | 376,0 | 1 958,2 | 2 556,0 | 4 613,9 |
| сармояи ҷомадонӣ | 0,5 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,8 |
| сармояи мустақим | 162,5 | 342,2 | 618,4 | 284,1 | 459,1 |

**Расми 2.2.** ***- Ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020 – 2024, млн. доллар.***

***Сарчашма:*** *Варақаи иттилоотӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолият дар соли 2024. https://investcom.tj/presscenter/news/538-varaai-ittiloot-oid-ba-ambasti-natiaoi-faolijat-dar-soli-2024.html*

Дар панҷ соли охир ҳаҷми воридоти сармояи хориҷӣ ба кишвар 11,6 миллиард доллари ИМА-ро ташкил намудааст. Боиси тазаккур аст, ки нишондиҳандаи мазкур дар соли 2024 ба 5 миллиард доллари ИМА баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли 2020, 11 маротиба бештар мебошад.

Таҳлили маҷмӯии раванди мазкур шаҳодат медиҳад, ки ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти ҶТ, солҳои 2000 – 2022, млн. доллар, танҳо нисбати соли 2000 19,69 маротиба, соли 2010, 14,56 маротиба ва нисбати соли 2015 2,69 маротиба тағйир ёфтааст. Афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ дар давраи пешбинигардида чашмрас буда, барои ҷали бештари андешидани чораҳои имконпазир зарур мебошад. Азбаски оморҳои расмӣ дарҷи иттилооти расмиро дар самти сармоягузории экологӣ дарҷ намекунад, шарҳи батафсили он оварда нашудааст. Аммо бо такя ба баъзе иттилооти ширкату корхонаҳо ва намояндагиҳои мақомоти давлатӣ кушиш карда мешавад, ки таҳлили ҳолати мазкур бо дарназардошти иттилооти оморӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти ҶТ воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар солҳои 2022-2023 чунин аст. Дар давраи январ - декабри соли 2023 бахшҳои калидии иқтисодиёти ҶТ бо сармояи хориҷӣ дар ҳаҷми умумии назаррас таъмин гардиданд. Аз ҷумла, ҳиссаи бузурги сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи миёнаравии молиявӣ равона шуда, ҳаҷми он 2 220,0 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод. Дар ҷойи дуюм саноати истихроҷ қарор дошта, ба он 279,0 млн. доллар сармоя ҷалб карда шуд.

Таҳлили сохтори таносубии воридоти сармояи хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2022 ҳиссаи бахши миёнаравии молиявӣ 53 фоиз, саноати истихроҷ 25 фоиз, саноати коркард 8 фоиз ва сохтмон 7 фоизро ташкил медод. Вале дар соли 2023 ин нишондиҳандаҳо ба таври назаррас тағйир ёфта, мутаносибан ба 82,6 фоиз, 10,4 фоиз, 1,4 фоиз ва 2 фоиз расиданд, ки ин аз тамаркузи сармоягузорон ба бахши молиявӣ ва коҳиши ҷиддии сармоягузорӣ ба дигар бахшҳои истеҳсоливу инфрасохторӣ шаҳодат медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки афзоиши ҳаҷми умумии воридоти сармояи хориҷӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2022, пеш аз ҳама, ба ҳиссаи калони сармоягузорӣ ба бахши миёнаравии молиявӣ вобаста буд, ки танҳо худи ин бахш дар ҳаҷми 861,7 млн. доллар ё 63,4 фоизи афзоиши умумии сармоягузориро таъмин кардааст. Таҳлили мазкур зарурати диверсификатсия ва тавсеаи ҷуғрофияи сармоягузорӣ ба дигар бахшҳои иқтисодиётро боз ҳам равшан менамояд.




**Расми 2.3. - Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳо дар соли 2023, млн. доллари ИМА.**

**Сарчашма:** Воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022 – 2023 // https://investcom.tj/uploads/post_docs/506/vhJ5VP8rlDgU.pdf




**Расми 2.4. - Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳо дар соли 2023, млн. доллари ИМА.**

Сарчашма: Воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022 – 2023 // https://investcom.tj/uploads/post_docs/506/vhJ5VP8rlDgU.pdf

Соли 2024 ҷараёни ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти кишвар бештар ба соҳаҳои калидӣ равона гардид. Аз ҳаҷми умумии сармояи мустақим, ҳиссаи бузургтарин ба саноати истихроҷ рост омада, он 211,6 млн. доллари ИМА ё 46,1 фоизро ташкил дод. Саноати коркард бо ҷалби 161,5 млн. доллари ИМА (35,2 фоиз) дар зинаи дуюм қарор гирифта, фаъолияти молиявӣ - 31,6 млн. доллари ИМА (6,9 фоиз) ва соҳаи савдо ва хизматрасонӣ - 39,7 млн. доллари ИМА (8,6 фоиз) ҷойҳои минбаъдаро ишғол намуданд. Дар соҳаи сохтмон 7,1 млн. доллари ИМА (1,5 фоиз), дар нақлиёт ва алоқа ҳамагӣ 0,2 млн. доллари ИМА (0,04 фоиз) ва дар кишоварзӣ 1,9 млн. доллари ИМА (0,4 фоиз) сармоягузорӣ шудааст. Ба дигар соҳаҳо бошад, 5,4 млн. доллари ИМА (1,2 фоиз) равона гардида, ин нишондиҳандаҳо сохтори соҳаи авлавиятноки ҷалби сармояро дар соли 2024 инъикос мекунанд.




**Расми 2.5. - *Воридоти сармояи хориҷӣ ба соҳаҳо дар соли 2024, млн. доллари ИМА.***

***Сарчашма:*** *Варақаи иттилоотӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолият дар соли 2024 // https://investcom.tj/presscenter/news/538-varaai-ittiloot-oid-ba-ambasti-natiaoi-faolijat-dar-soli-2024.html*

Таҳлили сохтори ҷудо намудани СМХ дар ҶТ нишон медиҳад, ки қисми асосии он ба бахшҳои саноати истихроҷ (46,1 фоиз) ва саноати коркард (35,2 фоиз) равона карда шуда, ин нишондиҳандаҳо аз афзалияти рушди соҳаҳои саноатӣ ва захиравӣ шаҳодат медиҳанд. Ҳамзамон, саҳми соҳаҳои дигари калидӣ, аз ҷумла фаъолияти молиявӣ (6,9 фоиз) ва савдою хизматрасонӣ (8,6 фоиз) назаррас арзёбӣ мешавад. Вале ҳаҷми сармоягузорӣ ба бахшҳое чун сохтмон (1,5 фоиз), нақлиёт ва алоқа (0,04 фоиз), кишоварзӣ (0,4 фоиз) ва дигар соҳаҳо (1,2 фоиз) хеле кам буда, ба таври возеҳ зарурати бознигарии сиёсати ҷалби сармоягузорӣ ба самтҳои номбурда, бахусус инфрасохтор ва кишоварзиро нишон медиҳад. Барои ноил шудан ба рушди мутавозини иқтисоди миллӣ, тақвияти дастрасӣ ба хизматрасониҳои инфрасохторӣ, амнияти озуқаворӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ тавсеаи ҷалби сармоя ба ин самтҳо зарур арзёбӣ мегардад.

**Ҳисаи давлатҳо дар самти сармоягузории хориҷӣ**. Дар солҳои 2008-2023 ба иқтисодиёти ҶТ беш аз 65 давлати ҷаҳон сармояи хориҷӣ ворид намудаанд, ки бештар онҳо аз ҷониби Ҷумҳурии Халқии Хитой - 3 млд. 252 млн. дол. ИМА ё 29,5%, ФР - 1 млд. 647,9 млн. дол. ИМА ё 15,0%, ИМА - 712,8 млн. дол. ИМА ё 6,5%, Британия Кабир - 714,6 млн. дол. ИМА ё 6,5%, Қазоқистон 585,7 млн. дол. ИМА ё 5,3%, Филиппин - 581,7 млн. дол. ИМА ё 5,3%, Люксембург - 461,8 млн. дол. ИМА ё 4,2%, Эрон -314,4 млн. дол. ИМА ё 2,9%, Озарбойҷон - 242,0 млн. дол. ИМА ё 2,3%, Австрия - 254,8 млн. доллари амрикоӣ ё 2,3%, Кипр - 237,8 млн. дол. ИМА ё 2,2%, Арабистони Саудӣ - 288 млн. дол. ИМА ё 2,6%, Аморати Мутаҳидаи Араб - 204,5 млн. дол. ИМА ё 1,9%, Туркия - 221,7 млн. дол. ИМА ё 2%, Олмон – 197,2 млн. дол. ИМА ё 1,8%, Швейтсария – 204,5 млн. доллари амрикоӣ ё 1,9%, Фаронса - 125,8 млн. дол. ИМА ё 1,1% ва дигар давлатҳо – 765,2 млн. дол. ИМА ё 6,9% мебошанд.

Дар соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ ба ҶТ нишондиҳандаҳои тағйирёбандаро таҷриба кард. Аз ҷумла, аз ҷониби давлатҳои даҳгонаи пешсаф ҳаҷми сармоягузорӣ нисбат ба соли гузашта коҳиш ёфта, танҳо аз Люксембург афзоиш ба қайд гирифта шуд, ки ҳаҷми он ба 35,2 млн. доллари ИМА расида, дар муқоиса бо соли 2022 афзоиши 83,7 фоизро нишон медиҳад. Ин ҳолат метавонад аз

тамоюлҳои нав дар динамикаи ҷуғрофияи сармоягузорӣ ва афзалиятҳои стратегӣ шаҳодат диҳад. Ҳамзамон, афзоиши назарраси ҳаҷми умумии сармояи хориҷӣ дар соли 2023 асосан аз ҳисоби гурӯҳи давлатҳое, ки ба рӯйхати “дигар давлатҳо” дохил мешаванд, таъмин гардида, ҳаҷми воридоти сармоя аз ин гурӯҳ ба 839,4 млн. доллар ё 85,4 фоизи афзоиши умумӣ баробар шудааст. Ин нишон медиҳад, ки ҶТ тадриҷан ба доираи васеътари кишварҳои сармоягузор ҷалб мегардад, ки ин метавонад ба диверсификатсияи ҷуғрофии сармоягузорӣ ва коҳиши вобастагӣ аз шарикони анъанавӣ мусоидат намояд.




**Расми 2.6. - Воридоти сармояи хориҷӣ аз рӯи кишварҳо даҳгона дар солҳои 2019 – 2023 бо тақсимбандии намуди сармоягузорӣ. млн. доллари ИМА.**

***Сарчашма:*** *Варақаи иттилоотӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолият дар соли 2024 // https://investcom.tj/presscenter/news/538-varaai-ittiloot-oid-ba-ambasti-natiaoi-faolijat-dar-soli-2024.html*

Бо дарназардошти аҳамияти масъала, Раёсати таҳлили Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҳамкориро бо масъулини БМТ оғоз намуда, корбарӣ ҷиҳати такмили методологияи омори воридоти сармояи хориҷиро ба роҳ мондааст.

Дар соли 2024 ин нишондиҳанда чунин аст.




**Расми 2.7. - Воридоти сармояи хориҷӣ аз рӯи давлатҳо дар соли 2024, млн. доллари ИМА.**

***Сарчашма:*** *Варақаи иттилоотӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолият дар соли 2024 // https://investcom.tj/presscenter/news/538-varaai-ittiloot-oid-ba-ambasti-natiaoi-faolijat-dar-soli-2024.html*

Бо дарназардошти тамоюлҳои ҷаҳонии рушди иқтисоди сабз, афзалиятҳои стратегӣ ва ниёзҳои Тоҷикистон дар самти беҳбудии муҳити зист ва рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба ин соҳа дар солҳои 2025-2030 аз ҷониби як қатор давлатҳои дорои иқтидори молиявӣ ва технологӣ воқеӣ ва асоснок арзёбӣ мегардад. Аз ҷумла, ҶМХ, ки имрӯз яке аз шарикони

асосии иқтисодии Тоҷикистон ба шумор меравад, бо назардошти таҷрибаи пешрафта дар соҳаи технологияи сабз, коркарди партовҳо, энергияи барқароршаванда ва инфрасохтори обёрӣ метавонад дар лоиҳаҳои муосири экологӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои энергетикаи тоза, коркарди партовҳо ва тозакунии об сармоягузорӣ намояд.

Самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ барои давлатҳои хориҷӣ дар ҶТ, пеш аз ҳама, ба рушди бахшҳои калидии хизматрасониҳои экологӣ марбут мебошанд. Ба ин самтҳо дохил мешаванд: идоракунӣ ва коркарди партовҳои саноатӣ ва маишӣ; сохтмон ва васеъсозии корхонаҳои муосири коркарди партовҳои сахт ва хатарнок; рушди энергетикаи барқароршаванда, аз ҷумла нерӯгоҳҳои хурди обӣ, офтобӣ ва бодӣ; такмили инфрасохтори обтаъминкунӣ ва низоми тозакунии оби партовӣ; таъсиси минтақаҳои сайёҳии экологӣ ва инфрасохтори ҳифзи муҳити зист; татбиқи лоиҳаҳо оид ба сарфаю самаранок истифода бурдани захираҳои об ва дигар захираҳои табиӣ; ҳамчунин ташкили марказҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ дар соҳаи экология. Ин самтҳо барои сармоягузорони хориҷӣ на танҳо дорои аҳамияти иқтисодӣ, балки стратегӣ низ мебошанд, зеро ба таври ҳамзамон ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист мусоидат менамоянд. Ҳамчунин, давлатҳои зикршуда метавонанд дар татбиқи барномаҳои таблиғотӣ ва баланд бардоштани маърифати экологӣ миёни аҳолӣ ва истеҳсолкунандагон, ҷорӣ намудани механизмҳои бозории савдои квотаҳо ва рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ бо истифодаи технологияи муосир ва стандартҳои байналмилалӣ иштирок намоянд. Дар маҷмуъ, дар сурати ташкили муҳити ҳуқуқӣ ва иқтисодии мусоид, ба роҳ мондани ҳамкории шаффоф ва ҳавасмандгардонии сармоягузорон, Тоҷикистон метавонад дар солҳои 2025-2030 бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ пешрафти назаррас ба даст оварад.

Барои таҳлили хароҷоти ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиат дар солҳои 2015-2023, ҷадвали зерин нишон медиҳад, ки маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатии ҶТ бо тағйироти назаррас дар давраҳои гуногун анҷом гирифтааст:

**Ҷадвали 2.3. Хароҷоти ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиат**

| Сол | Маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот нисбат ба соли гузашта (%) |
|---|---|---|
| 2015 | 1 167,5 | – |
| 2017 | 1 259,8 | +7,9% (нисбат ба 2015) |
| 2018 | 1 526,6 | +21,2% |
| 2019 | 1 255,2 | -17,8% |
| 2020 | 1 419,1 | +13,1% |
| 2021 | 1 669,7 | +17,7% |
| 2022 | 1 758,3 | +5,3% |
| 2023 | 2 242,5 | +27,5% |
| 2024 | 1 796,1 | -19,9% |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024. Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти ҶТ: Раёсати табъу нашри таъҷилии Муассисаи давлатии МКҲ-и Агентии омори назди Президенти ҶТ, 2024. - 424 с.

Таҳлили динамикии ҷадвали 2.3 нишон медиҳад, ки аз 2015 то 2018 тамоюли афзоиши мӯътадил вуҷуд дорад (дар маҷмуъ +30,7%). Соли 2019 коҳиши ҷиддӣ (-17,8%) ба назар мерасад. Солҳои 2020–2023 афзоиши пайдарпай ва назаррас ба қайд гирифта мешавад, махсусан соли 2023 (бештар аз 27%). Соли 2024 боз коҳиши шадид мушоҳида мегардад (-19,9%), ки тамоюли ноустуворро таъкид мекунад.

Агар мо афзоиши миёнаи солонаро аз соли 2015 то 2023 ҳисоб кунем (8 сол), формулаи он чунин аст (CAGR (Compound Annual Growth Rate) шумораи миёнаи солонаи афзоиш):

$$\text{CAGR} = \left(\frac{2242{,}5}{1167{,}5}\right)^{1/8} - 1 \approx 8.2\% \qquad 2.1.$$

Яъне, афзоиши миёнаи солонаи маблағгузорӣ дар ин давра 8,2% ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаи қобили қабул, вале ноустувор аст.

Пешгӯии маблағгузории ин соҳа аз буҷети давлатӣ дар панҷ соли оянда чунин хоҳад буд:




**Расми 2.8. - Пешгӯии маблағгузорӣ ба ҳифзи муҳити зист.**
***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Ин расм (2.8) пешгӯии маблағгузорӣ ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиатро барои солҳои 2024–2028 нишон медиҳад. Пешгӯиҳо бар асоси модели хаттии регрессия омода шудаанд.

Маълумот оид ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти экология, ки то 1 январи соли 2024 амалӣ гардидаанд (ниг: расми 2.9.), нишон медиҳад, ки ҶТ ба таҳкими иқтидори экологии худ тавассути ҷалби сармоягузориҳои байналмилалӣ таваҷҷӯҳи назаррас зоҳир кардааст.

Маблағи умумии сармоягузориҳои экологии пешниҳодшуда дар лоиҳаҳои мухталиф ба маблағи зиёда аз 200 млн. доллари ИМА мерасад (ниг: расми 2.9.). Лоиҳаҳое, ки ба барқарорсозии устувории ландшафтҳо, идоракунии самараноки захираҳои обӣ, мутобиқгардонӣ ба тағйирёбии иқлим ва ҳифзи инфрасохтори муҳим аз таъсири хатарҳои табиӣ равона шудаанд, дорои аҳамияти стратегӣ барои рушди устувори ҶТ мебошанд. Ин гуна ташаббусҳо на танҳо ба таҳкими устувории экологии кишвар мусоидат мекунанд, балки имкони баланд бардоштани қобилияти муқовимат ба тағйироти иқлим, коҳиш додани осебпазирӣ аз офатҳои табиӣ ва фароҳам овардани заминаи устувори иқтисодиву иҷтимоӣ барои ҷомеаро таъмин менамоянд.

Ба таври мушаххас муайян намудани ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба низоми хизматрасонии экологӣ дар ҶТ мушкил аст, зеро дар гурӯҳбандии соҳавии лоиҳаҳои Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ, самти экология дар алоҳидагӣ ҷудо карда нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар Барномаи

сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2026-2030 бахши экология дар умум ва зербахши хизматрасониҳои экологӣ дар алоҳида пешбинӣ карда шавад.

Пешниҳод оид ба шомил намудани бахши экология ва хизматрасониҳои экологӣ ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2026–2030 аҳамияти стратегӣ дорад, зеро он на танҳо ба рушди устувор ва ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст, балки шароити мусоидро барои ҷалби сармояи хориҷӣ, рушди соҳаи экология ва хизматрасониҳои экологӣ, ҳамчунин ташаккули заминаи устувор барои ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва экосистемаҳо фароҳам меорад. Ин иқдом метавонад ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, густариши имкониятҳои ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ ва татбиқи технологияҳои пешрафтаи “сабз” мусоидат намояд.




**Расми 2.9. - Лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти экология то 1 январи соли 2024.**

Сарчашма: Маълумот оид ба лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ (ба ҳолати 1 январи соли 2024. ҳаззор дол. ИМА) https://investcom.tj/42-malumot-oid-ba-loiaoi-davlatii-sarmojaguzor.html

Мувофиқан ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025, ҳолати ҷалби сармояи хориҷӣ ба низоми экологии ҶТ чунин аст: «...ба ҳолати 1 январи соли 2022 сармоягузории хориҷӣ дар самти экология ва ҳолатҳои фавқулода дар доираи 5 лоиҳа 12,8 млн доллар (144,6 млн сомонӣ)» [4], «...ба ҳолати 1 январи соли 2023 дар доираи 6 лоиҳа 127,5 млн. сомонӣ (12,4 млн. доллар) ва ба ҳолати 1 январи соли 2024 бошад, дар доираи 9 лоиҳа 239,8 млн. сомонӣ (21,8 млн. доллар) (нигаред расми 2.9.)» [48] амал карда истодаанд, ки хеле кам мебошад.

Дар сатми хоҷагии манзилию коммуналӣ, ки ҷузъи хизматрасониҳои экологӣ мебошад, ба ҳолати 1 январи соли 2024, 17 лоиҳа ба маблағи умумии 403,2 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида, ки аз ин ҳисоб дар соли 2024 – 674,4 млн сомонӣ, ки аз он 607,5 млн сомонӣ грант ва 66,9 млн сомонӣ қарз аз худ гардидааст (89,3 фоизи нақшаи солона) амалӣ гардида истодааст.

Дар аввали соли 2025 якчанд лоиҳаҳои дигар дар самти экология ба татбиқшавӣ оғоз карданд, ки маблағи умумии 57 965 500 сомониро ташкил медиҳанд (ниг ҷадвали 2.4.)

**Ҷадвали 2.4. - Маълумот оид ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти экология (дар соли 2025)**

| Номи лоиҳа | Млн. сомонӣ |
|---|---|
| Устувории лағжиши Бойғозӣ | 5 952,0 |
| Кам кардани хавфи рохнашавии кӯли Сарез | 4 649,5 |
| Идоракунии хавфи обхезӣ дар вилояти Хатлон | 28 500,0 |
| Идоракунии обхезиҳо дар якҷояги бо ҷамоатҳо | 3 000,0 |
| Мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим тавассути ҷангалпарварии устувор дар ҳавзаҳои асосии дарёҳои Тоҷикистон | 8 812,0 |
| Идоракунии экологии замин ва рушди сарчашмаҳои зиндагӣ дар деҳот | 19 702,5 |
| Мукаммалсозии хизматрасонии гидрометеорологӣ дар Тоҷикистон | 13 000,0 |

**Сарчашма:** Маълумот оид ба лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ // https://investcom.tj/42-malumot-oid-ba-loiaoi-davlatii-sarmojaguzor.html

Бо дарназардошти маълумоти воқеии солҳои 2022–2025 ва равнади афзоиши тадриҷии маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ, инчунин таваҷҷуҳи афзояндаи Ҳукумати ҶТ ба рушди соҳаи экология ва хизматрасониҳои экологӣ, метавон барои

солҳои 2026–2030 чунин пешгӯии эҳтимолии ҷалби сармояи хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод намуд:

**Ҷадвали 2.5. Пешгӯии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон (2026–2030)**

| Сол | Теъдоди лоиҳаҳо (пешбинишуда) | Ҳаҷми умумии сармоягузории хориҷӣ (млн сомонӣ) | Шакли маблағгузорӣ (тақрибӣ %) |
|---|---|---|---|
| 2026 | 10–12 | 700–850 | 60% СХ+СД, 40% қарз |
| 2027 | 12–14 | 850–950 | 58% СХ+СД, 42% қарз |
| 2028 | 14–16 | 950–1100 | 55% СХ+СД, 45% қарз |
| 2029 | 15–18 | 1100–1250 | 52% СХ+СД, 48% қарз |
| 2030 | 16–20 | 1300–1450 | 50% СХ*+СД**, 50% қарз |
| *сармоягузории хориҷӣ<br>**сармоягузории дохилӣ | | | |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси тамоюли рушди лоиҳаҳои амалишуда ва афзалиятҳои Стратегияи ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040*

Пешгӯии мазкур бо чандин далелҳои асоснок пуштибонӣ мешавад. Аввалан, тамоюлҳои солҳои 2022-2024 нишон медиҳанд, ки сармоягузорӣ дар бахши экология динамикаи мусбат дошта, шумораи лоиҳаҳо аз 5 то 9 адад ва ҳаҷми маблағгузорӣ тақрибан 12 млн. то 22 млн. доллар афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳандаи афзудани таваҷҷуҳи сармоягузорон ба соҳаи мазкур мебошад. Дуввум, ҳадафҳои стратегӣ ва тавсияҳои марбут ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2026-2030, ки пешниҳоди ҷудо кардани бахши махсуси «Экология» дарбар мегиранд, метавонанд ҳавасмандии иловагӣ барои воридсозии сармоя ба ин самт фароҳам оваранд. Сеюм, татбиқи лоиҳаҳои соли 2025 бо ҳаҷми беш аз 57 млн. сомонӣ далели омодагии ҶТ ба амалисозии лоиҳаҳои калонҳаҷм дар самти экология буда, ҳамчун заминаи таҷрибавӣ хизмат мекунад. Чорум, муҳити байналмилалии маблағгузорӣ, ки ҳоло ба иқтисоди «сабз» ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим аҳамияти афзалиятнок медиҳад, барои ҶТ имкониятҳои ҷалби сармояи бештарро фароҳам месозад. Ниҳоят, фаъолшавии ҳамкориҳои ҶТ бо шарикони байналмилалӣ дар доираи татбиқи ҳадафҳои рушди устувор низ ба афзоиши ҷалби сармоя мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти таҳлили маълумоти мавҷуда ва дурнамои амалишавии лоиҳаҳо, солҳои 2026-2030 метавонанд ба марҳалаи нави афзоиши устувори

сармоягузориҳои хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ мубаддал гарданд. Бо ҷудо кардани бахши экология дар Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ ва афзоиши лоиҳаҳои мушаххас, ҳаҷми сармоягузорӣ метавонад то соли 2030 то ба 1 450 млн. сомонӣ расад, ки барои рушди устувор ва экологӣ заминаи муътамад фароҳам меорад.

Дар самти рушди инфрасохтори иқтисодӣ ва сармоягузорӣ муҳим аст, ки диққати аввалиндараҷа ба ҷалби сармоя ба инфрасохтори нақлиётӣ, энергетикӣ, коммуникатсионӣ ва бахусус инфрасохтори хизматрасониҳои экологӣ равона гардад, зеро маҳз ин самтҳо заминаи асосии рушди устуворро фароҳам меоранд. Дар ин замина, дастгирии лоиҳаҳои марбут ба энергетикаи барқароршаванда, аз ҷумла нерӯгоҳҳои хурди обӣ, офтобӣ ва бодӣ, аҳамияти калидӣ дошта, метавонад ба коҳиши вобастагӣ аз манбаъҳои анъанавии энергия ва ҳамзамон ба ҳифзи муҳити зист мусоидат намояд. Илова бар ин, ташкили марказҳои иттилоотӣ ва машваратӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар шароити мусоид барои баланд бардоштани огоҳии сармоягузорон, дастгирии амалӣ ва тақвияти ҳамкориҳои давлатӣ-хусусиро фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, тақвияти сиёсати сармоягузорӣ ва ҷалби сармоя ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва экологӣ метавонад ҳамчун заминаи устувор барои рушди ҳамаҷонибаи иқтисоди миллӣ хидмат намуда, ба баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ, коҳиши таъсири манфии фаъолияти иқтисодӣ ба муҳити зист ва таҳкими мавқеи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунад.

## §2.2. Таъмини самаранокии иштироки сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ

Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ барои таҳлилу пешбинии рушди нишондиҳандаҳои сармоягузории экологӣ дар шароити кунунӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳангоми тарҳрезии амсила муайян гардид, ки соҳаи сармоягузории экологӣ дар афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нақши назаррас мебозад. Натиҷаҳои таҳлили воқеии раванд нишон доданд, ки рушди минбаъдаи ин соҳа зери таъсири маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ ва институтсионалӣ қарор дорад. Бо дарназардошти ин омилҳо, амсилаи

иқтисодӣ-математикӣ барои моделсозии рушди нишондиҳандаҳои сармоягузории экологӣ таҳия гардид.

Аз нигоҳи муаллиф, истифодаи натиҷаҳои чунин амсиласозӣ, ки бар пояи таҳқиқоти мушаххаси илмӣ таҳия шудаанд, метавонад дар тарҳрезии стратегияи дақиқ ва рушди соҳа нақши ҳалкунанда бозад. Ҳалли ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба сармоягузории экологӣ талаб мекунад, ки моделҳо ва усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ бо фарогирии ҳама ҷанбаҳои муҳими иқтисодӣ, экологии ва иҷтимоӣ таҳия ва татбиқ шаванд. Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои таҳқиқот ва имкониятҳои амалии ин усулҳо то кунун дар қабули қарорҳои идоракунии соҳаи сармоягузории экологӣ ба таври кофӣ истифода намешаванд, ки ин ба набудани назари системавӣ дар сиёсати соҳа ишора мекунад.

Таҳлили манбаъҳои илмӣ шаҳодат медиҳад, ки зарурати истифодаи васеи амсилаҳои иқтисодӣ-математикӣ дар ташаккули объектҳои иқтисодӣ, бахусус дар соҳаи сармоягузории экологӣ, дорои дурнамои баланди амалӣ ва стратегӣ мебошад.

Аз таҳлили ҷадвали 2.6. бармеояд, ки саҳми сармоягузорӣ дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар иқтисодиёти миллӣ дорои аҳамияти баланд буда, онро метавон яке аз унсурҳои асосӣ ва воситаҳои афзалиятноки рушди иқтисод номид.

**Ҷадвали 2.6. - Нишондиҳандаҳои соҳаи сармоягузорӣ ва таъсири он ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, солҳо 2010-2023**

| Солҳо | Ҳаҷми сармоягузориҳо ба иқтисодиёт, млн. доллари ИМА | Нишондиҳандаҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ММД (бо нархҳои амалӣ мувофиқи солҳо) млн. сомонӣ | Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои экологӣ, сомонӣ | Шумораи корхонаҳои калон | Хизматрасонии пешниҳодшудаи экологӣ |
| 2010 | 238,9 | 24707,1 | 6708,3 | 54 | 26,9 |
| 2013 | 161,4 | 30071,1 | 6922,4 | 57 | 7,8 |
| 2014 | 391,3 | 36163,1 | 7136,5 | 60 | 3,2 |
| 2015 | 341,1 | 40525,5 | 6225,1 | 74 | 3,8 |
| 2016 | 377,4 | 45606,6 | 10989,6 | 63 | 2,9 |
| 2017 | 470,9 | 50977,8 | 9582,8 | 82 | 136,4 |
| 2018 | 434,2 | 54790,3 | 8422,1 | 118 | 156,3 |
| 2019 | 354,5 | 64434,3 | 9076,3 | 91 | 50,7 |
| 2020 | 326,8 | 71059,2 | 16928,1 | 146 | 87,7 |
| 2021 | 345,9 | 77354,7 | 24497,9 | 161 | 197,5 |
| 2022 | 162,5 | 78901,8 | 24987,9 | 164 | 201,5 |
| 2023 | 342,2 | 80479,8 | 25487,6 | 167 | 205,5 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОНПҶТ. Душанбе – 2024, С. 189, 370; 2023, С. 388; 2022, С. 384; 2021, С. 402, 179-180.

Таҳлил нишон медиҳад, ки таъсири сармоягузорӣ ба афзоиши ММД дар солҳои таҳлилшуда тағйирёбанда буда, дар соли 2023 он тақрибан 17 фоизро ташкил додааст. Таҳлили давра ба давра нишон медиҳад, ки ҳаҷми даромад аз сармоягузорӣ дар солҳои охир ба таври назаррас тағйир ёфтааст.

Бо мақсади аниқтар арзёбӣ намудани таъсири сармоягузорӣ ба рушди иқтисодӣ, марҳилаи навбатии таҳқиқот ба амсиласозии ҳолати рушди сармоягузорӣ бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ-математикӣ равона мегардад. Дар асоси маълумоти омории боэътимод, таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур тавассути модели умумии регрессионӣ дар шакли зерин амалӣ карда мешавад:

$$Y = a_0 + a_1X_1 + a_2X_2 + \cdots + a_nX_n, \qquad (2.2.)$$

ки дар он:

- **Y** – ҳаҷми сармоягузорӣ, млн. доллари ИМА;
- $\mathbf{X_i}$ – омилҳои номуайян, ки ба сармоягузорӣ таъсир мерасонанд;
- **i** – рақами нишондиҳандаи омил;
- **n** – шумораи умумии омилҳо;
- $\mathbf{a_0}$, $\mathbf{a_i}$ – параметрҳои модел, ки вобастагии ҳаҷми сармоягузорӣ аз омилҳои интихобшударо ифода мекунанд.

Амалисозии чунин модел имкон медиҳад, ки на танҳо самти таъсир ва қувваи робитаи байни омилҳо ва ҳаҷми сармоягузорӣ муайян гардад, балки инчунин пешгӯии динамикаи сармоягузорӣ дар шароити тағйирёбии муҳити иқтисодӣ ва сиёсати давлатӣ анҷом дода шавад.

Аз таҳлили ҷадвали 2.6 бармеояд, ки рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ, махсусан таъсири он ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), бо як қатор омилҳои асосӣ иртиботи мустақим дорад. Ба чунин омилҳо, аз ҷумла, ММД бо нархҳои амалкунанда мувофиқи солҳо (млн. сомонӣ), ҳаҷми даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои экологӣ (сомонӣ), шумораи корхонаҳои калон ва ҳаҷми хизматрасониҳои пешниҳодшудаи экологӣ мансубанд.

Барои муайян кардани қувва ва самти ин робитаҳо, дар ҷадвали 2.7 алоқамандии таъсири омилҳо ба воситаи таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ин таҳлил имкон медиҳад, ки саҳми ҳар як

омил дар тағйирёбии нишондиҳандаи асосӣ - афзоиши ММД дар натиҷаи рушди сайёҳӣ ва хизматрасониҳои экологӣ - ба таври дақиқ муайян карда шавад, инчунин асос барои сохтани моделҳои пешгӯишавандаи иқтисодӣ фароҳам ояд.

**Ҷадвали 2.7. - Таҳлили коррелятсионии нишондиҳандаҳои мутаассир ба сармоягузории экологӣ ва таъсири он ба ММД**

| | $Y$ | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ |
|---|---|---|---|---|---|
| $Y$ | 1,0000 | | | | |
| $X_1$ | 0,0693 | 1,0000 | | | |
| $X_2$ | -0,2037 | 0,8794 | 1,0000 | | |
| $X_3$ | -0,0617 | 0,9434 | 0,9166 | 1,0000 | |
| $X_4$ | 0,0683 | 0,8214 | 0,8158 | 0,8860 | 1,0000 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Таҳлили коррелятсионии анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки афзоиши минбаъдаи ММД (бо нархҳои амалкунанда, млн. сомонӣ) таҳти таъсири мусбати як қатор омилҳо қарор дорад, аз ҷумла: даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои экологӣ (сомонӣ), шумораи корхонаҳои калон ва ҳаҷми хизматрасониҳои пешниҳодшудаи экологӣ. Ин робитаҳо аз аҳамияти афзояндаи бахши хизматрасониҳои экологӣ дар рушди иқтисоди миллӣ шаҳодат медиҳанд.

Бо дарназардошти натиҷаҳои зикршуда, истифодаи абзорҳо ва алгоритмҳои таҳияшудаи амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ барои арзёбии саҳми корхонаҳои саноати коркард дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар зарур шуморида мешавад. Ин усул имкон медиҳад, ки таъсири маҷмӯии равандҳои истеҳсолӣ ва хизматрасониҳои экологӣ ба ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дақиқ муайян гардад ва заминаи илмӣ барои қабули қарорҳои стратегӣ дар соҳаи сиёсати сармоягузорӣ ва рушди устувори иқтисодӣ фароҳам оварда шавад.

Ба андешаи мо, барои афзоиши минбаъдаи ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ тавассути истифодаи самараноки захираҳо - аз ҷумла сармоягузорӣ, шумораи корхонаҳои саноати коркард, шумораи машғулбудагон дар истеҳсолот ва ба кор андохтани фондҳои асосӣ дар соҳаи саноат - нақши калидӣ мебозад. Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.8 нишон медиҳад, ки барои иҷрои таҳлили регрессионӣ зарур аст робитаи таъсири як қатор омилҳо ба ММД (бо нархҳои амалкунанда, млн. сомонӣ) баррасӣ гардад. Аз ҷумла, ҳаҷми даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои

экологӣ (сомонӣ), шумораи корхонаҳои калон ва ҳаҷми хизматрасониҳои пешниҳодшудаи экологӣ таъсири назаррас ба нишондиҳандаи ММД доранд.

**Ҷадвали 2.8. - Нишондиҳандаҳои барои анҷом додани амсилаи иқтисодӣ-математикии рушди саноати коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2010-2022**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | *Y* | *I* | *S* | *L* | *K* |
| | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, млрд сомонӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ, млн. сомонӣ | Шумораи корхонаҳои саноати коркард, адад | Шумораи машғулбудагон дар истеҳсолот, нафар | Ба кор даровардани фондҳои асосӣ дар соҳаи саноат, млн. сомонӣ |
| 2011 | 24707,1 | 2370,10 | 106,83 | 6470,64 | 480,70 |
| 2012 | 30071,1 | 2393,80 | 107,91 | 6535,35 | 485,51 |
| 2013 | 36163,1 | 2441,68 | 109,00 | 6536,00 | 490,36 |
| 2014 | 40525,5 | 2514,93 | 136,00 | 6916,00 | 495,27 |
| 2015 | 45606,6 | 2615,52 | 154,00 | 6659,00 | 500,22 |
| 2016 | 50977,8 | 5056,30 | 214,00 | 8006,00 | 825,00 |
| 2017 | 54790,3 | 5063,80 | 232,00 | 9368,00 | 1212,50 |
| 2018 | 64434,3 | 5665,40 | 229,00 | 11776,00 | 1649,40 |
| 2019 | 71059,2 | 6366,20 | 249,00 | 13520,00 | 1410,10 |
| 2020 | 79109,8 | 6652,90 | 250,00 | 15952,00 | 1685,70 |
| 2021 | 82543,1 | 6474,90 | 264,00 | 19054,00 | 1278,90 |
| 2022 | 98910,7 | 6367,00 | 291,00 | 22313,00 | 599,00 |
| 2023 | 101878,02 | 6621,68 | 302,64 | 23205,52 | 622,96 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ*

**Ҷадвали 2.9. - Натиҷаи таҳлили регрессионии нишондиҳандаҳои сайёҳӣ**

| | *Коэффитсиентҳо* | *Хатогии стандартӣ* | *t-оморӣ* | *P-қиммат* |
|---|---|---|---|---|
| Y-бурриш | 281,04 | 105,5158 | 2,6635 | 0,0323 |
| ММД (бо нархҳои амалӣ мувофиқи солҳо), млн. сомонӣ – $X_1$ | 0,0068 | 0,0043 | 1,5883 | 0,1562 |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои экологӣ, сомонӣ – $X_2$ | -0,0133 | 0,0091 | -1,4692 | 0,1852 |
| Шумораи корхонаҳои калон – $X_3$ | -2,1428 | 2,5670 | -0,8348 | 0,4314 |
| Хизматрасонии пешниҳодшудаи экологӣ – $X_4$ | 0,7812 | 0,7114 | 1,0982 | 0,3085 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Натиҷаҳои таҳлили регрессионӣ, ки дар ҷадвали 2.9 пешниҳод шудаанд, имкон медиҳанд қувва ва самти ин таъсирҳоро дақиқ муайян намуда, саҳми ҳар як

омилро дар афзоиши ММД арзёбӣ кунем, ки ин дар навбати худ заминаи илмӣ барои қабули қарорҳои стратегӣ дар самти рушди иқтисоди миллӣ ва низоми хизматрасониҳои экологӣ фароҳам меорад.

$$Y = 281{,}04 + 0{,}0068x_1 - 0{,}0133x_2 - 2{,}1428x_3 + 0{,}7812x_3, \quad (2.3.)$$

Дар асоси таҳлили амсилаи сеомила вобастагии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (бо нархҳои амалӣ мувофиқи солҳо) млн. сомонӣ, ММД (бо нархҳои амалӣ мувофиқи солҳо) млн. сомонӣ чи гуна даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои экологӣ, сомонӣ, шумораи корхонаҳои калон, хизматрасонии пешниҳодшудаи экологӣ чунин хулосабарорӣ намудан ба маврид аст, нишондиҳандаҳои $X_2$ ва $X_3$ ниҳоят кам мебошад. Натиҷаҳои мазкур мувофиқи коэффитсиенти детерминатсия ба 0,64 ё 64 фоиз мебошад.

**Ҷадвали 2.10. Омори регрессионӣ**

| | |
|---|---|
| R маҷмӯӣ | 0,64 |
| R-квадратӣ | 0,8578 |
| R-квадратӣ, меъёрӣ | 0,8044 |
| Хатогии стандартӣ | 8747,7 |
| Адади мушоҳидавӣ | 12 |

***Таҳияи муаллиф***

Мавриди таъкид аст, ки барои таҳлил ва пешгӯии нишондиҳандаҳои зикршуда метавон аз амсилаҳои иқтисодӣ-математикӣ, ки дар боло тавзеҳ ёфтанд, самаранок истифода намуд. Натиҷаҳои таҳлилҳои дисперсионӣ нишон медиҳанд, ки қиматҳои параметрҳои регрессия имкони тағйир ва идоракунии рушди соҳаҳоро фароҳам меоранд. Интихоби омилҳои модел бар пояи таҳқиқи воқеии нишондиҳандаҳои афзоиши сармоягузорӣ анҷом дода шудааст, ки ин ба баланд бардоштани дақиқии пешгӯиҳо мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти ин хусусият, метавон хулоса кард, ки амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ дар соҳаи рушди сайёҳӣ ва хизматрасониҳои экологӣ имкон медиҳад, ки дар асоси натиҷаҳои моделҳои тарҳрезишуда, стратегияи рушди ояндаи соҳа бо асоснокии илмӣ таҳия гардад ва маҷмӯи чораҳои амалии зарурӣ барои густариши минбаъдаи он муайян карда шавад.

Бар асоси натиҷаҳои таҳлилӣ, метавон пешбинӣ кард, ки дар давоми ҳашт соли оянда, то соли 2030, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 3748 корхонаи нави

саноатӣ таъсис дода мешавад. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2022, ки шумораи умумии корхонаҳо 2802 ададро ташкил медод, ба андозаи 946 корхона ё 33,7 фоиз зиёдтар хоҳад буд. Пешбинии мазкур шаҳодат медиҳад, ки тамоюли рушди соҳаи саноат дар кишвар устувор боқӣ мемонад ва метавонад ба тавсеаи иқтидори истеҳсолӣ, афзоиши ҷойҳои нави корӣ ва баланд шудани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

**Ҷадвали 2.11. Пешгӯйи нишондиҳандаҳои рушди корхонаҳои саноатӣ ватаъсири он ба муҳити зист**

| **Нишондиҳандаҳо** | | Шумораи воҳид | Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳазор нафар | Ҳаҷми маҳсулот бо нархҳо, млн сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| **Солҳо** | 2017 | 1999 | 56 | 23835 |
| | 2018 | 2161 | 75 | 26362 |
| | 2019 | 2164 | 78 | 29841 |
| | 2020 | 2283 | 81 | 32467 |
| | 2021 | 2397 | 85 | 39221 |
| | 2022 | 2802 | 86 | 43025 |
| | 2023 | 2780 | 95 | 46174 |
| | 2024 | 2918 | 100 | 50093 |
| | пешгӯйи | | | |
| | 2025 | 3057 | 106 | 54011 |
| | 2026 | 3195 | 111 | 57930 |
| | 2027 | 3333 | 116 | 61849 |
| | 2028 | 3472 | 122 | 65767 |
| | 2029 | 3610 | 127 | 69686 |
| | 2030 | 3748 | 132 | 73605 |
| Муодилаи тренд | | y = 138,34x - 277082<br>$R^2$ = 0,8585 | y = 5,2971x - 10621<br>$R^2$ = 0,7954 | y = 3918,7x + 18743<br>$R^2$ = 0,9745 |

***Таҳияи муаллиф. Дар асоси маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Тамоюли афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ дар кишвар то ҳадди зиёд бо сатҳи истифодаи самараноки фаъолияти инноватсионӣ вобаста аст, зеро маҳз татбиқи технологияҳои навоварона ва густариши воридоти онҳо метавонад заминаи таъсиси корхонаҳои нави саноатиро фароҳам оварад. Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати ҶТ дар самти баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъмини шуғли пурмаҳсул мебошад, ки амалӣ гаштани он то ҷое ба рушди соҳаи саноат вобаста аст. Ин соҳа ҳамчун самти афзалиятноки иқтисодии кишвар

эътироф шуда, дорои иқтидори баланд барои тавлиди ҷойҳои нави корӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва такмили рақобатпазирии иқтисод мебошад.

Бо мақсади дақиқ муайян намудани мутавозинии байни талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат ва бозори маҳсулоти саноатӣ, зарур аст, ки дар идомаи таҳқиқоти диссертатсионӣ раванди мазкур дар мисоли корхонаҳои саноати коркард мавриди таҳлил ва арзёбии амиқ қарор дода шавад. Ин таҳлил имкон хоҳад дод, ки самтҳои афзалиятноки сиёсати саноатӣ муайян гардида, тадбирҳои муассир барои тавсеаи истеҳсолот ва истифодаи оптималии захираҳо пешниҳод шаванд.

Мутобиқи қоидаҳои муомилоти бозорӣ, дар ҳар лаҳзаи муайян болоравии нарх ҳангоми зиёд будани талабот нисбат ба пешниҳод ва коҳиши он дар ҳолати афзалияти пешниҳод нисбат ба талабот ба амал меояд. Нарх бо аломати ppp ишора гардида, ҳаҷми талабот ва пешниҳод мутаносибан тавассути функсияҳои D(p,α), ва S(p) ифода меёбанд, ки дар онҳо α - маҷмӯи параметрҳои вобаста ба омилҳои беруна (экзогенӣ) мебошад. Дар ин ҳолат, тағйирёбии нарх вобаста ба вақти ttt бо муодилаи зерин нишон дода мешавад:

$$\frac{dp}{dt} = D(p,\alpha) - S(p) \qquad 2.4.$$

Акнун шарти зеринро чунин ба назар гирифтан мумкин аст:

$$\frac{dp}{dt} = 0$$

дар инҷо:

$$D(p,\alpha) - S(p) = 0.$$

Тасаввур мекунем, ки $p_0$ ҳалли муодилаи мазкур мебошад. Тарафи рости D (p, α) – S (p)-ро дар наздикии қимати p = $p_0$ афзоиш медиҳем, он гоҳ тағирёбии нархи p бо кам гардидани нархи мувозинати p = $p_0$ муайян карда мешавад, ки мо онро аз рӯйи муодилаи мазкур дида мебароем:

$$\frac{dp}{dt} = (D_p - S_p)(p - p_o), \qquad 2.5.$$

ки дар он истилоҳоти болотар аз дараҷаи якуми миқдор хориҷ карда мешаванд ва $(p - p_0)$ ифодакунандаи:

$$D_p = \frac{\partial D(p,\alpha)}{\partial p}|p = p_0, S_p = \frac{\partial S(p)}{\partial p}|p = p_0 \qquad 2.6.$$

Ҳалли муодилаи охирин чунин ба роҳ монда мешавад:

$$p(t) = p0 + [p(0) - p0]exp[(Dp - Sp)t] \qquad 2.7.$$

Агар (Dp−Sp) <0 бошад, пас дар ҳолате ки нархи ибтидоӣ p(0) аз нархи мувозинат p0 фарқ мекунад, ҳангоми t→∞t ҳудуди p(t)→p0 ба амал меояд. Ин маънои онро дорад, ки дар ҷараёни истеҳсолот, нарх тадриҷан ба арзиши мувозинат наздик мегардад ва дар чунин ҳолат метавон гуфт, ки нархи мувозинат дорои устуворӣ мебошад. Аз нуқтаи назари назарияи талабот ва пешниҳод, бо афзоиши нарх ҳаҷми талабот коҳиш меёбад (Dp <0) ва ҳаҷми пешниҳод, баръакс, меафзояд (Sp> 0), ки ин мавҷудияти нуқтаи мувозинатро таъмин мекунад. Модели мазкур афзоиши пешниҳодро дар вокуниш ба афзоиши нарх пешгӯӣ мекунад, ки бо баланд шудани арзиши маҳсулот зоҳир мегардад. Дар ҳолате ки (Dp−Sp)>0, нархи p(t) аз нуқтаи мувозинат дур мешавад ва дар чунин шароит нархи мувозинат ноустувор ба ҳисоб меравад. Мутобиқи қоидаҳои назарияи иқтисодӣ, вақте нарх ноустувор аст, имконияти истифодаи самараноки модели мазкур барои пешгӯӣ маҳдуд мегардад.

Барои тавсифи нишондиҳандаҳои асосӣ, ба воситаи *X* ҳаҷми маҳсулоти дохилӣ, I - ҳаҷми сармоягузориҳо, S - шумораи корхонаҳои саноати коркард, L - шумораи шахсони машғул дар истеҳсолот, K - ҳаҷми фондҳои истеҳсолӣ ва C - ҳаҷми фондҳои истеъмолии ғайриистеҳсолӣ ифода карда мешаванд. Фарз мекунем, ки ҳамаи ин нишондиҳандаҳо аз вақт t (бо солҳо ченшаванда) вобастаанд. Дар асоси мантиқ ва методологияи ҳисоб, шумораи кормандон L(t)-ро метавон бо роҳи бақайдгирии оморӣ ё барӯйхатгирӣ ва ҳаҷми фондҳои истеҳсолиро K(t) тавассути инвентаризатсия муайян намуд. Дар ин замина, суръати афзоиши солонаи шумораи шахсони машғул дар истеҳсолот бо параметри ν ишора мешавад.

$$\frac{dK}{dr} = \nu L \qquad 2.8.$$

дар инҷо: L(t) = L0evt, ки дар он L0 = L(0) шарти ибтидоӣ аст. Истеҳлок ва сармоягузории солона мутаносибан бо μK ва I ифода карда мешаванд. Дар он сурат афзоиши фоида бо мурури замон Δt аст.

$$\Delta K = -\mu K \Delta t + I \Delta t,$$

ки дар лимити $\Delta t \to 0$ мо $dK/dt = -\mu K + I$, $K(0) = K0$ дорем. Модели Солоу тахмин мекунад, ки маҳсулоти миёнаравӣ ба маҳсулоти умумӣ мутаносиб ва ба aX баробар аст. Сармоягузорӣ $I = \rho(1-a)X$. Маҳсулоти солона бо функсияи якхелаи истеҳсолии $X = F(K,L)$ шакли додашуда муайян карда мешавад (якхелагии хаттӣ маънои онро дорад: $F(qK, qL) = qF(K, L)$). Он гоҳ модели Солоу дар шароити мутлақ ҳамчун муодилаи дифференсиалии зерин навишта мешавад:

$$\frac{dK}{dr} = -\mu k + p(1-\alpha)F(K, L), \qquad (2.9.)$$

ва дороиҳои ғайриистеҳсолӣ $C = (1-\rho)(1-a)F(K,L)$. Нишондихандаҳои нисбии:

$k = \frac{K}{L} -$ таносуби сармояву меҳнат, $k = \frac{K}{L} -$ истеъмоли миёнаи ҳар як корманд (миёна ба ҳар сари аҳолӣ).

Мо $K = Lk$, $L = L0evt$-ро ба муодилаи (1) иваз мекунем ва хосияти якхелаи хаттии функсияи истеҳсолии $F(K, L)$-ро ба назар мегирем, $F(K,L)/L = F(K/L, 1) = F(k, 1) = f(k)$. Дар ин ҳолат муодилаи (1) шакли зеринро мегирад.

$$\frac{dk}{dt} = -\gamma k + p(1-\alpha)f(k), \gamma = \mu + v, k(0) = k_0, k_0 = \frac{K_0}{L_0} \qquad (2.10.)$$

Муодилаи (2) модели Солоу бо истилоҳи мушаххас аст.

Ин модел равишҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла рушди устуворро тавсиф мекунад ва инчунин имкон медиҳад, ки гузариш ба рушди устувор ба таври мушаххас карда шавад.

Модели идоракунии захираҳо

Масъалаи идоракунии захираҳоро дар мисоли модели пешниҳодкардаи К. Кларк барои таҳлили идоракунии соҳаи моҳипарварӣ баррасӣ менамоем. Ҳаҷми умумии саршумори моҳиҳоро x(t) ва суръати сайдро хамчун h(t) ишора менамоем. Бигузор афзоиши табиии ахолиро бо функсияи F(x) тавсиф кунем, он гоҳ тавозуни тағйирёбии аҳолиро ба таври зерин гурӯбандӣ кардан мумкин аст:

$$\frac{dx}{dt} = F(x) - h\,(t) \qquad (2.11.)$$

Арзиши хароҷоти меҳнатро барои як доштан бо E нишон медиҳем, то суръати доштан ба хароҷоти меҳнат ва захираҳои табиӣ мутаносиб бошад:

$$h = Ex \qquad (2.12)$$

Ин модел, сарфи назар аз соддагии худ, аллакай ба натиҷаҳои ғайриоддӣ ноил гардидааст. Масалан, андозаи мувозинати популятсияро метавон x∗ муайян намуд. Муқаррар кардани dx(t)/dt = 0, барои x∗ муодиларо тартиб медиҳем:

$$F(x*) = Ex*$$

Сипас ҳаҷми дастгиршавандаи Y аз ҷониби Y = Ex∗ дода мешавад. Хатти такрористеҳсоли F(x) метавонад шакли ғайрихаттӣ дошта бошад, ки бо шароити мавҷудияти аҳолӣ муайян карда мешавад.

Такрористеҳсолии популятсия афзоиши функсияи F(x)/x дар фосилаи муайяни 0 < x < K∗ -ро дар назар дорад. Барои иқтисоди саноат хос аст, ки барои x хурд, масалан, дар фосилаи 0 < x < K0 < K∗, такрористеҳсолкунӣ ғайриимкон аст. Функсияи F(x)/x дар ин соҳа такрористеҳсоли интиқодӣ (манфӣ) - ро инкишоф медиҳад ва тавсиф мекунад. K0 фоидаи максималӣ номида мешавад.

Параметри E дар ин модел якум модели назоратӣ буда, сатҳи арзиши Y-ро ҳангоми такрористеҳсоли мувозинат тавассути хароҷоти меҳнат танзим мекунад. Амсилаи мазкур имкон медиҳад, ки арзиши муайяни E такрористехсолкунии популятсия вайрон шуда, боиси аз байн рафтани он мегардад.

Модели соддакардашудаи даврагии тиҷоратии Кейнс

Системаи динамикии иқтисодиро дида мебароем, ки дар он x1 даромади миллиро ифода мекунад, x2 меъёри фоиз, I(x1,x2) - функсияи талаботи сармоягузорӣ (∂I/∂x1 > 0,∂I/∂x2 < 0), S(x1), x2 ) - функсияи пасандоз (∂S/∂x1 > 0,∂S/∂x2 > 0), L(x1,x2) - талаботи умумии пул (∂L/∂x1 > 0,∂L/∂x2 < 0 ), LS - ҳаҷми пул (қимати доимӣ), α1, α2 - параметрҳое, ки аксуламали агентҳоро ба дуршавии система аз ҳолати мувозинат ифода мекунанд.

«Модели соддакардашудаи даврагии тиҷорат, ки аз ҷониби Кейнс» [4] пешниҳод шудааст, бо муодилаҳо чунин тавсиф карда мешавад.

$$\frac{dx_1}{dt} = \alpha_1\{I(x_{1,}x_2) - S(x_{1,}x_2)\}$$

$$\frac{dx_2}{dt} = \alpha_2\{L(x_{1,}x_2) - L_s\}. \tag{2.13}$$

«Модел далелҳои равшанро инъикос мекунад, ки зиёд будани талабот ба сармоягузорӣ нисбат ба пасандозҳо боиси афзоиши даромад мегардад ва баръакс». Илова бар ин, дар ҳолате ки ҳаҷми талабот ба пул аз пешниҳоди он зиёд мегардад, сатҳи даромад тамоюли болоравӣ пайдо мекунад. Шартҳое, ки ба вазифаи I, $I - \frac{\partial I}{\partial x_1} > 0$ ва $\frac{\partial I}{\partial x_2} < 0$ –нишон медиҳанд, ки сармоягузорӣ бевосита аз ҳаҷми истеҳсолот вобаста буда, баръакс бо афзоиши меъёри фоиз коҳиш меёбад. Афзоиши даромади миллӣ ё ҳиссаи муайяни аҳолӣ боиси зиёд шудани ҳаҷми пасандозҳо мегардад $\frac{\partial S}{\partial x_1} > 0, \frac{\partial S}{\partial x_2} > 0.$

Дар шароите ки истеҳсолот меафзояд ё пешниҳоди пул кам мегардад, талабот ба пул мутаносибан зиёд мешавад. Аз тавсифи модел бармеояд, ки он бар асоси вобастагии хаттӣ (мутаносибӣ) байни нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ, ки ҷараёни иқтисодиро тавсиф менамоянд, бунёд ёфтааст. Бо вуҷуди соддагии ифодаи математикӣ, модели Кейнс (5) дорои арзиши иттилоотии назаррас мебошад, зеро на танҳо ҳолати мувозинат, балки хусусиятҳои давраҳои иқтисодиро низ инъикос менамояд.

Барои расидан ба ин ҳадаф зарур аст, ки сиёсати давлатии равшан ва дурнагарона татбиқ гардад, муҳити ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ такмил ёбад, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ фаъолона амалӣ шавад, ҳамкории байналмилалӣ густариш ёбад, тадқиқоти илмӣ ва инноватсионӣ дастгирӣ гардад ва сатҳи маърифати экологӣ ҳам дар миёни аҳолӣ ва ҳам дар байни соҳибкорон боло бурда шавад. Танҳо дар чунин шароит низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон метавонад ба бахши фаъоли иқтисоди сабз табдил ёфта, на танҳо ба беҳбуди вазъи муҳити зист, балки ба рушди иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд.

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳлили вазъи кунунии низоми хизматрасониҳои экологӣ, омилҳои таъсиррасон ва арзёбии сифати хизматрасониҳо, метавон хулоса кард, ки ин низом ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ бояд ба самтҳои асосии такмили механизми рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ равона карда шавад.

## 2.3. Монеаҳо ва мушкилотҳо дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ

Бо вуҷуди пешрафтҳои муайян дар самти ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва тадриҷан беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар ҶТ, таҳлили амиқи вазъи амалкунанда ва натиҷаҳои пурсишҳои мутақобила бо соҳибкорон, намояндагони бахши хусусӣ ва сармоягузорони эҳтимолӣ нишон медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам як қатор монеаҳои сохторӣ ва институтионалӣ боқӣ мемонанд, ки низоми идоракунии самараноки сармоягузориро дар кишвар маҳдуд месозанд.

«Монеаҳо ва мушкилотҳои идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ аз маҷмӯи омилҳои мураккаби инфрасохторӣ, маъмурӣ, кадрӣ, ҳуқуқӣ ва стратегӣ иборат мебошанд. Новобаста аз мавҷудияти иқтидорҳои назаррас ва зарфиятҳои табиӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ, мушкилоти зиёде боқӣ мондаанд, ки равандҳои сармоягузориро бозмедоранд. Аз ҷумла, норасоии барқ, бахусус дар фасли зимистон, яке аз монеаҳои ҷиддӣ ба шумор меравад, ки боиси халалдор шудани фаъолияти иқтисодӣ ва беэътимодӣ ба устувории инфрасохтор мегардад» [35; 170]. Ш. Раҳимзода чунин изҳори андеша менамояд, ки «...сатҳи нокифояи инфрасохтори роҳҳо, роҳҳои оҳан, ҳавоӣ ва марказҳои логистикӣ, паст будани суръати интернет ва гаронии хизматрасониҳои нақлиётӣ низ ба рушди сармоягузорӣ таъсири манфӣ мерасонанд» [140, С.16].

Ҳамзамон, мураккабии расмиёти маъмурӣ, набудани низоми равшани иҷозатдиҳӣ ва дастрасӣ ба замин, суст будани механизмҳои дастгирии давлатӣ

ва мониторинги лоиҳаҳо, инчунин номукаммалии қонунгузории соҳавӣ ва стандартҳои ESG боиси коҳиши эътимоди сармоягузорон мегарданд.




**Расми 2.10. - Монеаҳо ва мушкилоти идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Мушкили дигар сатҳи пасти тайёрии кадрҳои тахассусӣ, набудани ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо бахши хусусӣ ва заъфи донишҳои ҳуқуқию иқтисодии соҳибкорон мебошад. Аз нигоҳи стратегӣ, мураккаб будани иртиботи байни лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҳадафҳои миллӣ, инчунин набудани низоми ягонаи пешниҳоди лоиҳаҳо, маркетинг ва муаррифии имкониятҳои сармоягузорӣ, фазои номутамаркази иттилоотӣ, ҷойгоҳи паст дар рейтингҳои байналмилалии сармоягузорӣ ва таъсири манфии рақобати минтақавӣ аз омилҳои боздорандаи муҳими дигар мебошанд (муфасалтар нигаред ба расми 2.10.). Таҷрибаи нокифояи татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ,

заъфи фаъолияти инноватсионӣ, монеаҳои содирот ва таҳлил нашудани бозорҳои хориҷӣ низ сабабгори маҳдуд гардидани иштироки сармояи хориҷӣ дар рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ гардидаанд.

Ҳамаи ин омилҳо дар маҷмӯъ фазои сармоягузориро номусоид месозанд ва зарурати баррасии амиқи онҳоро дар сиёсати давлатӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ тақозо менамоянд. Дар сурати бартарафсозии ин мушкилот, имкониятҳои воқеии густариши низоми хизматрасониҳои экологӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ дар Тоҷикистон назаррас хоҳад буд.

Гуфтаҳои болозикр тасдиқи худро дар корҳои илмии олимон ва санадҳои давлатӣ низ ёфтаанд. «Тибқи маълумоти умумии созмонҳои хориҷӣ, Тоҷикистон барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун макони мураккаб арзёбӣ мешавад, аммо ба сармоягузорони хориҷӣ, ки дар минтақаи мазкур таҷриба доранд, сарфи назар аз хавфҳои баланд барои гирифтани даромади зиёд имконият дорад. Дар байни мушкилоти мушаххасе, ки таҳияи чораҳои дахлдорро тақозо мекунанд, мушкилоти зеринро қайд намудан мумкин аст: монеаҳои бюрократӣ; монеаҳои молиявӣ дар самти сармоягузорӣ; сатҳи густурдаи коррупсия; фаъолияти нисбатан ноустувори бахши бонкӣ; низоми ношаффофи андоз; фишорҳои зиёди назоратӣ, ки дар санҷишҳои бешумори соҳибкорӣ ифода ёфтаанд; фишор ба пули миллӣ дар шароити пандемия бо сабаби коҳиши интиқоли маблағ аз дигар кишварҳо» [39].

Ба ақидаи Э.Д. Давлатзода «... дар ҶТ мушкилоти зиёде дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ вуҷуд дорад, аз ҷумла: норасоиҳо дар танзими ҳуқуқӣ, аз ҷумла мушкилоти такмили қонунгузорӣ дар бораи сармоягузории хориҷӣ дар робита ба кафолати бехатарии фоида ба сармоягузорон; ноустувории иқтисодӣ; муҳити носолими иҷтимоӣ, аз ҷумла мавҷудияти коррупсия ва ҷинояткорӣ; номукаммалии низоми бонкӣ ва андоз, ноустувории бозори коғазҳои қиматнок; низоми бесамари суғурта» [107, С. 541].

Мушкилоти идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ, бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодии кишвар, метавонад ба омилҳои мухталифи иқтисодӣ, сиёсӣ ва инфрасохторӣ

алоқаманд бошад. Низоми мавҷудаи идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон, бо вуҷуди заминаҳои муайян, ҳоло наметавонад талаботи рушди устувор, ҷалби сармояи баландсифат ва таъмини муҳити мусоиди экологиро комилан қонеъ гардонад.

Вобаста ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномаву консепсияҳои марбут ба соҳаи сармоягузорӣ, инчунин натиҷаҳои таҳлилҳои илмӣ, муҳимтарин мушкилоти дорои хусусияти устувори системавии ин соҳа ва роҳҳои эҳтимолии бартарафсозии онҳо метавонанд чунин тавсиф шаванд:

1. Мушкилоти бозори дохилӣ ва ҳамгироии номукаммали байналмилалии иқтисод. Мушкилоти вобаста ба маҳдудияти бозори дохилӣ ва сатҳи нокифояи ҳамгироии байналмилалии иқтисод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сабаби андозбандии баланд, коҳиши ҳаҷми муомилоти хориҷӣ ва норасоии шабакаҳои асосии нақлиётиву тиҷоратӣ ба вуҷуд меояд, имкониятҳои ҷалби сармоягузорӣ ва рушди лоиҳаҳои экологиро маҳдуд месозад. Ин вазъият барои сармоягузорони хориҷӣ, ки ҳавасманд ба сармоягузорӣ дар соҳаи экологияи кишвар мебошанд, монеаи ҷиддӣ эҷод мекунад, зеро дастрасии онҳо ба бозорҳои бузурги ҷаҳонӣ ва шабакаҳои самараноки нақлиётӣ маҳдуд мегардад. Дар натиҷа, воридоти сармояи хориҷӣ коҳиш ёфта, рақобатпазирии соҳаи экологияи кишвар дар бозори байналмилалӣ заиф мешавад. Бо мақсади бартараф намудани чунин маҳдудиятҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд маҷмӯи тадбирҳои системавиро роҳандозӣ намояд, ки ба тақвияти инфрасохтори иқтисодӣ, густариши шабакаҳои нақлиётӣ ва ташкили шароити мусоид барои муомилоти байналмилалӣ равона гардида бошанд. Амалӣ намудани чунин чораҳо имкон медиҳад, ки заминаи боэътимод барои ҷалби сармоягузорӣ фароҳам омада, шароити мусоид барои татбиқи лоиҳаҳои экологӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор дар кишвар таъмин гардад.

**2.** Нокифоя будани инфрасохтори истеҳсолӣ ва мушкилоти мавсимӣ бо таъмини нерӯи барқ. Нокифоя будани инфрасохтори истеҳсолӣ ва мушкилоти мавсимӣ дар таъмини нерӯи барқ яке аз камбудиҳои аслӣ аст, ки барои рушди лоиҳаҳои экологӣ дар ҶТ монеа эҷод мекунад. Инфрасохтори нокифоя дар

бахшҳои истеҳсолӣ ва коммуналӣ, махсусан дар соҳаи энергетика, яке аз омилҳои асосии пайдоиши норасоии доимии таъмини неруи барқ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон боиси таъхир ва иҷро нагардидани саривақтии лоиҳаҳои экологӣ мегардад, ки ин ҳолат ба устувории рушди иқтисодӣ ва амнияти экологӣ таъсири манфӣ мерасонад. Вақте ки таъмини нерӯи барқ дар кишвар на ба таври баробар ва мукаммал, балки бо мушкилоти мавсимӣ ва камбудиҳои инфрасохторӣ сурат мегирад, сармоягузорони хориҷӣ ва маҳаллӣ ҳангоми ҷалби сармоя барои лоиҳаҳои экологӣ эҳсоси хатар мекунанд. Новобаста аз он, ки ба ҳолати 1 январи соли 2024 дар ҶТ дар самтии энергетика дар доираи 17 лоиҳа сармоягузории хориҷӣ ба мабалағи 1 902,5 млн. сомонӣ (173,7 млн. доллар) амал мекунад, ин проблема ҳалталаб боқӣ мемонад. Мушкили мавсимӣ дар таъмини нерӯи барқ, ки вобаста ба мавсимҳои хунук ва гарм ба назар мерасад, ба истеҳсолот ва лоиҳаҳои энергетикӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ин мушкилот метавонад барои лоиҳаҳои экологии, ки ба энергетикаи сабз ва манбаъҳои барқароршаванда, масалан, энергияи офтобӣ ва бодӣ, такя мекунанд, камбудиҳои назаррас эҷод кунад.

Барои бартараф кардани ин мушкилот, ҶТ бояд ба рушди инфрасохтори энергетикии муосир ва устувор таваҷҷӯҳ кунад. Ин маъзарат медиҳад, ки бояд ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия, махсусан энергияи офтобӣ, бодӣ ва гидроэнергия, аҳамияти бештар дода шавад. Ин инфрасохтор метавонад ба таъмини нерӯи барқ дар давраи мавсимӣ кӯмак кунад ва ба сармоягузорони экологӣ кӯмак намуда, онҳо бо боварии бештар ба рушди лоиҳаҳои экологӣ дар ҶТ рӯ оварда метавонанд.

**3.** Вусъатдиҳии нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ. Вусъатдиҳии нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ дар ҶТ ба як монеаи аслӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ дар соҳаҳои экологӣ табдил ёфтааст. Сармоягузорони хориҷӣ, ки мехоҳанд дар лоиҳаҳои экологӣ сармоягузорӣ кунанд, асосан ба мукаммал будани инфрасохтори бонкӣ, иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ эътибор медиҳанд. Агар ин инфрасохтор ва механизмҳои ҳуқуқии зарурӣ барои таъмини ҳуқуқи молу мулкӣ, танзими муносибатҳои шартномавӣ ва назорати муносиб бо сармоягузорҳо

дуруст ташкил наёбанд, ин метавонад ба коҳиши ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаи экология дар ҶТ оварда расонад. Аксар сармоягузорони хориҷӣ мехоҳанд, ки дар муҳити ҳуқуқии устувор ва шаффоф фаъолият кунанд, ки онҳо метавонанд бо боварӣ, ки ҳуқуқи моликият, шартномаҳо ва манфиатҳои онҳо ҳифз мегарданд, ба лоиҳаҳои экологӣ сармоягузорӣ кунанд. Агар механизмҳои ҳуқуқӣ, ки ба танзими шартномаҳо ва ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва муҳофизат кардани сармоягузорон дахл мекунанд, нокифо ва номукаммал бошанд, ин метавонад барои сармоягузорони хориҷӣ як хатар ва монеа барои қарор қабул кардан дар бораи сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ гардад.

«...Барои бартараф кардани ин мушкилот, дар асоси СМР ҶТ барои давраи то соли 2030, ҶТ бояд ба такмили инфрасохтори сармоягузорӣ таваҷҷуҳ кунад» [31]. Ин маъзарат медиҳад, ки бояд инфрасохтори бонкӣ ва иттилоотӣ мукаммал шуда, инчунин механизми ҳуқуқӣ барои таъмини ҳуқуқи молу мулк ва танзими муносибатҳои шартномавӣ комилан мустаҳкам гардад. Эҷоди муҳити тиҷоратии устувор ва барқарорсозии қонунгузории дуруст ва ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорҳо метавонад боварии сармоягузорони хориҷиро афзоиш диҳад ва боиси ҷалби сармояи бештар дар соҳаи экология гардад.

**4.** Дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтани низоми ҳавасмандкунии андозӣ ва механизмҳои дастгирии молиявию қарзӣ яке аз монеаҳои ҷиддӣ дар роҳи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва рушди лоиҳаҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Норасоии имтиёзҳои андозӣ, набудани абзорҳои муассири қарзӣ ва суғуртавӣ, ҳамчунин заъфи дастгирии соҳибкорӣ боиси коҳиши эътимоди сармоягузорони хориҷӣ мегардад, зеро онҳо мутмаин нестанд, ки ҳуқуқу манфиатҳои моликият ва сармояи онҳо ҳифз карда мешаванд. Илова бар ин, мураккабии муносибатҳои асъор ва сатҳи баланди таваррум дар бозорҳои молиявӣ ин мушкилотро боз ҳам шиддат бахшида, хавфи сармоягузориро меафзояд. Ҳалли ин масъалаҳо бо роҳи такмили низоми андоз, ҷорӣ намудани механизмҳои дастгирии молиявӣ ва қарзӣ, рушди суғуртаи соҳибкорӣ, ҳамчунин устуворсозии бозори асъор ва кам кардани таъсири таваррум метавонад ба баланд бардоштани эътимод ва ҷалби бештари сармоягузорӣ, бахусус дар бахши хизматрасониҳои экологӣ, мусоидат намояд.

Дар асоси «СМР ҶТ барои давраи то соли 2030, яке аз чунин чорабиниҳо тамдид намудани пардохти ААИ мебошад. Тамдид намудани пардохти ААИ барои техника ва таҷҳизоти технологӣ ва вусъатдиҳии назарраси рӯйхати молҳои воридотии истеҳсолӣ, ки аз пардохти ААИ озод карда мешаванд, метавонад як қадами муҳим барои дастгирии соҳаҳои технологӣ ва истеҳсолӣ дар Тоҷикистон бошад. Ин тадбир, аз як тараф, имконият медиҳад, ки ширкатҳо ва корхонаҳои саноатӣ ба таъмини таҷҳизоти муосир ва технологиҳои самараноки истеҳсолӣ дастрасӣ дошта бошанд, ки ба рушди истеҳсолот ва экосистемаи сабз мусоидат мекунад» [31]. Аз тарафи дигар, озод кардани молҳои воридотии истеҳсолӣ аз пардохти ААИ бо роҳи коҳиш додани боришҳои молиявӣ ва маблағгузорӣ барои воридоти таҷҳизот, ки ба рушди соҳаҳои экологӣ ва технологияҳои «сабз» кӯмак мекунад, метавонад равандҳои ҷадиди иқтисодии кишварро дастгирӣ кунад.

**5.** Мураккабӣ ва монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ дар соҳаи воридот ва содирот. Мушкилоти вобаста ба воридот ва содирот, монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ дар тиҷорат ва табодули иттилооти экологӣ инчунин як сабаби аслии вазъи мураккаб дар ҷалби сармояи хориҷӣ аст. Мавҷуд набудани ҳамкории минтақаӣ дар ин самт метавонад монеа барои сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ бошад.

Монеаҳои тарифӣ (масалан, андозҳои гумрукӣ, квотҳо ва ҳаддҳои содирот) ва ғайритарифӣ (масалан, стандартҳои муҳофизатӣ, сертификатсия ва дигар маҳдудиятҳои маъмурӣ) метавонанд манъкунандагон барои иштирок дар лоиҳаҳои экологии байни кишварҳо бошанд. Мавҷуд набудани ҳамкории минтақаӣ дар соҳаи экологӣ инчунин як монеа барои ҳамоҳангсозии амалҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаи экология мебошад, ки барои сармоягузорони хориҷӣ мушкилот эҷод мекунад, ки ба иҷрои лоиҳаҳои экологӣ ва устувор дар кишвар монеа мегузорад.

Барои бартараф кардани ин мушкилот, роҳҳои зерин метавонанд амалӣ шаванд: а) ҶТ бояд сиёсати гумрукӣ ва тиҷоратии худро бо дигар кишварҳои минтақа мувофиқ намояд, то монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифиро коҳиш диҳад. Ҳамкорӣ дар самти гумрук ва содироти молҳои экологӣ метавонад ба ҷалби

сармояи бештар кӯмак кунад; б) бартараф кардани монеаҳои ғайритарифӣ, ба монанди стандартҳо ва сертификатсияҳои гуногун, метавонад равандҳои содда дар воридот ва содиротро таъмин кунад; в) ҶТ бояд бо кишварҳои ҳамсоя ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои бештарро дар соҳаи экология ба роҳ, то стандартҳои ва механизми ягонаи сармоягузории экологиро эҷод кунад, ки дар он монеаҳои гуногуни тиҷоратӣ, аз ҷумла монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ, бартараф шаванд; г) раванди табодули иттилоот ва таҷриба дар соҳаи экология ва сармоягузории экологӣ бояд дастрас ва осон карда шавад, то ки сармоягузорони хориҷӣ ва маҳаллӣ дарк кунанд, ки чӣ гуна маълумот ва технологияи экологӣ метавонанд ба лоиҳаҳои онҳо кӯмак кунанд.

Бо амалӣ кардани ин тадбирҳо, ҶТ метавонад монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифиро коҳиш диҳад, шароити мусоиди тиҷорат ва сармоягузориро фароҳам оварад ва дар натиҷа ҷалби сармояи бештар ба соҳаи экология ва иқтисоди «сабз»-ро таъмин кунад.

**6.** Нокифоя будани алоқамандии лоиҳаҳои кумакҳои беруна бо стратегияи миллӣ. Нокифоя будани алоқамандии лоиҳаҳои кумакҳои беруна бо стратегияи миллӣ як мушкилоти муҳим аст, ки метавонад барои сармоягузорони хориҷӣ, ки мехоҳанд ба лоиҳаҳои экологӣ сармоягузорӣ кунанд, монеа эҷод кунад. Агар лоиҳаҳои кумакҳои беруна бо стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои рушди соҳаҳои экологӣ мувофиқат накунанд, ин метавонад сабаби шубҳа дар мавриди самаранокии сармоягузорӣ ва натиҷаҳои устувори экологӣ гардад. Мушкилот дар ҳамоҳангсозии кӯмакҳои байналмилалӣ бо стратегияи миллӣ метавонанд боиси дубора амал кардани захираҳои молиявӣ ва мушкилот дар ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо ва фаъолиятҳои экологӣ шаванд.

Барои бартараф кардани ин мушкилот, роҳҳои зерин метавонанд амалӣ шаванд (нигаред расми 2.11.).

7. Мушкилиҳо дар самти истифодаи сармояи «сабз» ва ворид шудан ба бозори вомбаргҳои «сабз». Дар таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ, воситаҳои молиявии «сабз», аз ҷумла бондҳои «сабз», қарзи «сабз», депозити «сабз», суғуртаи «сабз» ва дигар воситаҳо паҳн гардидаанд. «Миқдори барориши

бондҳои «сабз» дар бозори ҷаҳонӣ, аз соли 2007 то 2020, аз 1 миллиард доллар ба 1 триллион доллар афзоиш ёфтааст» [32]. Воридшавии ҶТ ба бозорҳои вомбаргҳои «сабз» ва бондҳои иқлимӣ барои ҷалби маблағгузориҳои экологӣ аҳамияти муҳим дорад ва ин бевосита дар Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» барои солҳои 2023-2037 зикр гардидааст, ва он метавонад ба рушди лоиҳаҳои экологӣ ва «сабз» мусоидат кунад. Бо вуҷуди ин, барои ҶТ чанд мушкилӣ дар самти истифодаи сармояи «сабз» ва ворид шудан ба бозори вомбаргҳои «сабз» вуҷуд дорад. Аз ҷумла, набудани таҷрибаи кофӣ, норасоии мутахассисон, номукаммалии қонунгузорӣ, ва набудани механизми дақиқи ҷалби сармоягузорӣ ба назар мерасад. Ҳалли ин мушкилот ва таҳияи қонунгузории мукаммал барои ҷалби сармояи «сабз» барои ҶТ муҳим аст, то ки дар оянда имкониятҳои бештар барои рушди иқтисоди «сабз» ва амалӣ намудани лоиҳаҳои экологӣ фароҳам оварда шавад.




**Расми 2.11. - Роҳҳои бартараф намудани нокифоягии алоқамандии лоиҳаҳои кӯмакҳои беруна бо стратегияи миллӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Барои ҳалли мушкилоти зикршуда зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон як маҷмӯи тадбирҳои ҳамгирои сиёсати молиявӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалиро

роҳандозӣ намояд, ки ба иқтисоди «сабз» ва ҷалби сармоя ба лоиҳаҳои экологӣ нигаронида шудаанд, аз ҷумла мутобиқсозии қонунгузории бонкӣ ва молиявӣ бо принсипҳои рушди сабз; ҷорӣ кардани низоми маблағгузории бонкӣ бо талаботи ҳатмии ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи иҷтимоӣ; такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии суғуртаи экологӣ; таҳияи тавсияҳои методӣ барои тасниф ва стандартсозии воситаҳои молиявии «сабз»; ворид намудани бонкҳои кишвар ба бозори сармоягузории иқтисоди «сабз»; омодасозӣ ва пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар бахшҳои сабз ба ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони тиҷоратӣ; таъсиси Фонди сармоягузории иқтисоди «сабз» бо ҷалби сармояи хориҷӣ; роҳандозии механизми фурӯши ҳисса (квота)-и партови газҳои гулхонаии саҳми ҶТ ба ширкатҳои байналмилалӣ; пешбурд ва муайянсозии бренди миллии «сабзи» Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҷалби маблағ тавассути вомбаргҳои «сабз» барои сохтмони нерӯгоҳҳо ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия; гузариш ба буҷетикунонии барномавӣ дар молиягузории сабз; пайвастани Биржаи «Осиёи Марказӣ» ба бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии вомбаргҳои «сабз»; ҳамчунин таъсиси ниҳодҳои молиявии махсусгардонидашудаи давлатӣ ва хусусӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои сабз, ки дар маҷмӯъ хароҷоти транзаксионӣ ва хавфҳои танзимгариро коҳиш дода, шаффофиятро боло бурда, дастрасӣ ба сармояи дарозмуддатро беҳтар карда, суръати декарбонизатсия, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва рушди устувори иқтисодиро таъмин хоҳанд намуд.

«Дар ин самт дар ҶТ як лоиҳа бо номи «Дастрасӣ барои маблағгузории сабз» ба маблағи 10 млн. дол. ИМА омода ва ба Бонки Осиёии Рушд пешниҳод гардидааст» [24]. Лоиҳаи мазкур дар ҶТ як иқдоми муҳим дар самти рушди устувор ва хидматрасонии экологӣ мебошад, ки бо мақсади тақвияти маблағгузории сабз ва ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои экологӣ таҳия шудааст. Маблағи 10 млн. доллари ИМА барои амалӣ кардани ин лоиҳа ба БОР пешниҳод гардидааст. Лоиҳа асосан барои роҳандозии механизмҳои маблағгузорӣ ва дастгирии лоиҳаҳои сабз, ки таъсири ками манфӣ ба муҳити зист ва кам кардани партовҳои зарарнок доранд, равона шудааст.

1. *Мавқеи ноустувор ва паст доштани давлат дар рейтингҳои байналмилалӣ.* Мавқеи ноустувор ва паст доштани давлат дар рейтингҳои байналмилалӣ ба таври ҷиддӣ ба имиҷи сармоягузорӣ, қобилияти ҷалби сармояи хориҷӣ ва арзёбии устувории сиёсиву иқтисодии кишвар таъсир мерасонад. Дар ин замина, чандин раддабандӣ ё индексҳои ҷаҳонӣ ҳастанд, ки нишондиҳандаи ин мавқеъ мебошанд (нигаред ҷадвали 2.13.).

**Ҷадвали 2.13. - Индексҳои ҷаҳонии нишондиҳандаи давлатҳо**

| Номи шохисҳо | Субъекти муайянкунандаи шохис | Муҳтавои ин шохис |
|---|---|---|
| Индекси Қабули коррупсия (Corruption Perceptions Index – CPI) | Transparency International | нишон медиҳад, то кадом андоза коррупсия дар ниҳодҳои давлатӣ дарк карда мешавад. |
| Индекси рақобатпазирии глобалӣ (Global Competitiveness Index) | World Economic Forum | арзёбии қобилияти кишварҳо барои рақобат дар иқтисоди ҷаҳонӣ. |
| Индекси суботи сиёсӣ ва хатари зӯроварӣ / терроризм (Political Stability and Absence of Violence/Terrorism Index) | World Bank | арзёбии эҳтимоли нооромиҳо ва шиддатҳои сиёсӣ. |
| Индекси озодии иқтисодӣ (Index of Economic Freedom) | Heritage Foundation ва Wall Street Journal | то кадом андоза кишварҳо сиёсати бозори озод ва ҳуқуқи моликиятро ҳимоя мекунанд. |
| Индекси демократия (Democracy Index) | The Economist Intelligence Unit | то кадом андоза низоми сиёсии кишвар ба принсипҳои демократӣ мутобиқат мекунад. |
| Индекси рушди инсони (Human Development Index – HDI) | UNDP | арзёбии сатҳи зиндагӣ, таҳсилот ва дарозумрии аҳолӣ. |
| Индекси терроризми глобалӣ (Global Terrorism Index – GTI) | Institute for Economics and Peace (IEP) | то кадом андоза терроризм ва амният ба кишвар таъсир мерасонанд. |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Ҳамаи ин рейтингҳо ба таври мустақим ё бавосита ба фазои сармоягузорӣ ва иқтидори ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ таъсир мерасонанд. Агар мавқеи кишвар дар ин индексҳо паст бошад, он метавонад ба ҳадафи сармоягузорон барои ворид шудан ба кишвар монеа шавад. Аз ин рӯ, беҳтар намудани нишондиҳандаҳо дар ин рейтингҳо бояд як ҷузъи стратегии сиёсати давлатии сармоягузорӣ бошад. Аз ин шохисҳо мо коррупсияро таҳлил хоҳем кард.

Коррупсия ҳамчун яке аз монеаҳои ҷиддии рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ба равандҳои ҷалб ва идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ таъсири манфии амиқ мерасонад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки рақобати шадид барои ҷалби сармоя миёни давлатҳо вуҷуд дорад, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва масъулияти мақомоти давлатӣ аз ҷумлаи шартҳои асосии боварии сармоягузорони хориҷӣ ба шумор мераванд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст, ки ҳузури падидаҳои коррупсионӣ, махсусан дар сохторҳои қабул ва татбиқи қарорҳои иқтисодӣ, боиси коҳиши ҷолибияти сармоягузорӣ, афзоиши хавфҳои молиявӣ ва ноустувории муҳити сармоягузорӣ мегардад.

Профессор Ш. Раҳмизода «...барои такмили низоми идоракунӣ қайд менамояд, ки ба он татбиқи низомҳои самараноки идоракунӣ, аз ҷумла шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва масъулият, истифодаи низоми муассири идоракунии корпоративӣ, идоракунии давлатӣ ва мубориза бо коррупсия ба беҳтар шудани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ мусоидат мекунад» [140, С. 16]. Дар ҶТ «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар ҶТ барои давраи то соли 2030» [30] амал мекунад, лекин муаттасифона ба масъалаи мазкур диққати зарурӣ дода нашудааст.

Ш.Н. Нидоев, муҳаққиқи ватанӣ, ибрози андеша менеамояд, ки «... афзоиши падидаҳои коррупсионӣ дар кишвар ба рейтинги ҶТ дар арсаи ҷаҳонӣ *(Ниг: Ҷадвали 22. Ш.Н.)* таъсири манфӣ расонида, ба ҷалби сармояи хориҷӣ, ки иқтисодӣ кишвар аз он вобастагӣ дорад, таъсир мерасонад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва сармоягузорон ба он кишварҳое, ки хизматчиёни давлатӣ ба коррупсия даст доранд, сармоягузорӣ кардан намехоҳанд» [130, С. 68].

Э.Д. Давлатзода чунин менависад, ки «дар ҶТ мушкилоти зиёде дар пешбурди фаъолияти сармоягузории хориҷӣ вуҷуд дорад, дар баробари ноустувории иқтисодӣ, мавсуф муҳити носолими иҷтимоӣ, аз ҷумла мавҷудияти коррупсия ва ҷинояткориро низ номбар намудааст» [107, С. 538].

«Дурнамои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон метавонад дар уфуқи дарозмуддати сармоягузорӣ пайдо шавад, ки таҳқиқоти назаррас ва омодагии ҳамаҷонибаи сармоягузоронро талаб мекунад. Дар байни мушкилоти мушаххасе,

ки таҳияи чораҳои дахлдорро тақозо мекунанд, мушкилоти сатҳи густурдаи коррупсияро қайд намудан мумкин аст» [39].

**Ҷадвали 2.14. - Мавқеи Тоҷикистон вобаста ба индекси қабули коррупсия дар раддабандии байналмилалӣ**

| Сол | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шохис | 26 | 25 | 21 | 25 | 25 | 25 | 25 | 24 | 20 | 19 |
| Мавқеъ | 136 | 151 | 161 | 152 | 153 | 149 | 150 | 150 | 162 | 164 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи «Таджикистан - Индекс коррупции» https://ru.tradingeconomics.com/tajikistan/corruption-index*

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои 2015 то 2024 Тоҷикистон дар индекси қабули коррупсия пешравии назаррасе накардааст, балки мавқеи он дар раддабандии байналмилалӣ бадтар шудааст. Агар дар соли 2015 шохиси қабули коррупсия 26 холл ва мавқеи кишвар 136 бошад, то соли 2024 он ба 19 хол коҳиш ёфтааст. Ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки сатҳи дарки коррупсия дар кишвар то соли 2024 афзоиш ёфтааст ва эътимоди ҷомеаи байналмилалӣ ба шаффофияти муҳити иқтисодию идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон коҳиш ёфтааст. Ин вазъ бевосита ба ҷалб ва идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ таъсири манфӣ мерасонад. Коррупсия боиси афзоиши хароҷоти иловагӣ, нобоварӣ ба низоми судӣ ва ҳуқуқӣ, сустшавии рақобат ва боздоштани равандҳои рушди устувор мегардад. Барои соҳаҳои муҳими иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла низоми хизматрасониҳои экологӣ, ки ба маблағгузории устувор ва ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ ниёз доранд, чунин нишондиҳандаҳои манфӣ монеаи ҷиддӣ ба ҳисоб меравaнд. Ҷалби сармоягузорон дар чунин муҳити носолим мушкил гардида, эҳтимолияти шомил шудани кишвар ба лоиҳаҳои муҳими байналмилалӣ кам мешавад. Аз ин рӯ, беҳсозии нишондиҳандаҳои CPI ва муборизаи воқеӣ бо коррупсия на танҳо масъалаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, балки омили муҳими рушди иқтисод ва ҷалби сармоя ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти тамоюлҳои солҳои охир, шароити сиёсиву иқтисодии дохиливу байналмилалӣ, Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар ҶТ барои давраи то соли 2030, пешгӯии панҷсолаи индекси қабули коррупсия ва

мавқеи эҳтимолии Тоҷикистон дар раддабандии байналмилалӣ чунин пешбинӣ мегардад (ҷадвали 2.15.).

**Ҷадвали 2.15. - Мавқеи эҳтимолии Тоҷикистон вобаста ба индекси қабули коррупсия дар раддабандии байналмилалӣ дар солҳои 2025-2029**

| Сол | Шохиси эҳтимолӣ (аз 100) | Мавқеи эҳтимолӣ дар ҷаҳон |
|---|---|---|
| 2025 | 21 | 160 |
| 2026 | 23 | 155 |
| 2027 | 22 | 161 |
| 2028 | 22 | 161 |
| 2029 | 20 | 159 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф*

Бо дарназардошти нақши афзояндаи сармоягузории хориҷӣ дар низоми низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон, аз байн бурдани коррупсия ва мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва идоракунӣ барои фароҳам овардани муҳити боэътимоду рақобатпазир зарурати таъхирнопазир мебошад. Маҳз муборизаи самаранок бо коррупсия метавонад ба баланд гардидани эътимоди сармоягузорон, воридшавии сармояи тоза ва татбиқи лоиҳаҳои муҳими экологӣ мусоидат намояд.

Бо дарназардошти мушкилоти зикршуда, таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ, инфрасохторӣ ва институтсионалӣ, соддагардонии расмиёти маъмурӣ, таъсиси низоми муассири дастгирии сармоягузорӣ ва рушди захираҳои инсонӣ бояд ҳамчун самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва стратегияи рушди иқтисодиёти ҶТ муайян карда шаванд. Бартараф намудани ин монеаҳо ва тақвияти низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ метавонад ҳамчун омили калидӣ барои ташаккули иқтисоди сабз, таъмин намудани рушди устувор, коҳиши хавфҳои экологӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории кишвар дар миқёси байналмилалӣ хизмат намояд.

Индикаторҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ маҷмӯи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ченшаванда мебошанд, ки ба воситаи онҳо самаранокии амалкарди низоми идоракунӣ, сатҳи ҷалби сармоягузорӣ, таъсири он ба рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ ва беҳбудии вазъи муҳити зист баҳо дода мешавад.

**Ҷадвали 2.16. Гуруҳбандии асосии индикаторҳо ва нишондиҳандаҳо самаранокии низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ**

| ГУРУҲБАНДИИ АСОСИИ ИНДИКАТОРҲО ВА НИШОНДИҲАНДАҲО | |
|---|---|
| Индикаторҳои умумии ҷалби сармоягузории хориҷӣ | - Ҳаҷми умумии сармоягузории хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ (млн. доллари ИМА);<br>- Сатҳи афзоиши солонаи сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи хизматрасониҳои экологӣ (%);<br>- Таносуби сармоягузории хориҷӣ ба хизматрасониҳои экологӣ дар сохтори умумии сармоягузории хориҷӣ дар кишвар (%);<br>- Теъдоди лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ (воҳид);<br>- Ҷуғрофияи сармоягузорони хориҷӣ (шумораи давлатҳои сармоягузор ва саҳми онҳо дар ҳаҷми умумӣ). |
| Индикаторҳои таъсири иқтисодӣ ва иҷтимоӣ | - Миқдори ҷойҳои нави кории таъсисёфта дар натиҷаи сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ (воҳид);<br>- Ҳаҷми истеҳсоли хизматрасониҳои экологӣ (млн. сомонӣ/доллар);<br>- Ҳаҷми маблағҳои андоз ва пардохтҳои давлатӣ аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ (млн. сомонӣ/доллар);<br>- Ҳаҷми содироти хизматрасониҳои экологӣ ва маҳсулоти вобаста ба он (млн. доллар);<br>- Ҳаҷми маблағгузории инфрасохтори экологӣ (млн. доллар). |
| Индикаторҳои таъсири экологӣ | - Ҳаҷми камшавии партовҳои зараровар ба муҳити зист дар натиҷаи амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ (ҳаз. тонна);<br>- Сатҳи коркарди партовҳои сахти маишӣ ва саноатӣ (%);<br>- Ҳаҷми оби тозашуда дар натиҷаи амалӣ гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ (млн. $м^3$);<br>- Афзоиши майдони минтақаҳои сабз, боғҳо ва ҳудудҳои табиии муҳофизатшаванда (га);<br>- Сатҳи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар сохтори энергетикаи экологӣ (%). |
| Индикаторҳои самаранокии идоракунӣ | - Мӯҳлати миёнаи барасмиятдарории лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ (рӯз);<br>- Шумораи санадҳои маъмурӣ ва иҷозатномаҳое, ки барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ талаб карда мешаванд (воҳид);<br>- Сатҳи қаноатмандии сармоягузорон аз муҳити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ (аз рӯи пурсиши ташкилии соҳибкорон, %);<br>- Шумораи баҳсҳо ва муроҷиатҳои ҳуқуқии сармоягузорон, ки дар муҳлати муқарраргардида ва ба таври шаффоф ҳал гардидаанд (%);<br>- Нишондиҳандаи фаъолияти муассисаҳои дастгирии сармоягузорон, аз ҷумла «равзанаи ягона» (шумораи муроҷиатҳо ва сатҳи ҳалли онҳо). |

Идомаи ҷадвали 2.16.

| ГУРУҲБАНДИИ АСОСИИ ИНДИКАТОРҲО ВА НИШОНДИҲАНДАҲО | |
|---|---|
| Индикаторҳои рушди дониш ва захираҳои инсонӣ | - Теъдоди мутахассисони ватанӣ ва хориҷии ҷалбшуда дар лоиҳаҳои сармоягузории экологӣ (воҳид);<br>- Миқдори барномаҳои омӯзишӣ ва семинарҳо барои баланд бардоштани савияи дониши экологӣ ва сармоягузорӣ (воҳид);<br>- Ҳаҷми маблағгузорӣ ба тадқиқот ва навоварӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ (млн. сомонӣ/доллар). |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Чи тавре М.Н. Досиев қайд менамояд, ки «...дар шароити ҶТ низоми хизматрасониҳои экологӣ ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дорад» [110-113] ва интихоби чунин индикаторҳо бояд ҳам воқеиятҳои иқтисодӣ ва ҳам ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла гузариш ба иқтисоди сабз ва рушди устуворро фаро гирад.

**Ҷадвали 2.17. SWOT матритсаи хизматрасониҳои экологӣ**

| ТАРАФҲОИ МУСБАТ | | ТАРАФҲОИ МАНФӢ |
|---|---|---|
| ОМИЛҲОИ БЕРУНА | **S – Strengths (Тарафҳои пурқувват)** | **W – Weaknesses (Тарафҳои заиф)** |
| | - Захираҳои ғании об.<br>- Ҳаҷми калони истеҳсоли энергияи барқи обӣ – манбаи тозаи экологӣ, ки партови $CO_2$-ро коҳиш медиҳад.<br>- Танаввуъи минтақаҳои иқлимӣ – шароити мусоид барои экотуризм ва кишоварзӣ.<br>- Мавҷудияти минтақаҳои муҳофизатшавандаи табиӣ – мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва ҳудудҳои ҳифзшаванда.<br>- Дастгирии созмонҳои байналмилалӣ – маблағгузории лоиҳаҳои экологӣ аз ҷониби СММ, Бонки Ҷаҳонӣ ва дигарон.<br>- Барномаҳо оид ба мубориза бо тағйирёбии иқлим.<br>- Амалияҳои суннатии ҳифзи муҳити зист – усулҳои устувори хоҷагидорӣ дар деҳот.<br>- Рушди қонунгузории экологӣ.<br>- Имкониятҳои рушди экотуризм – объектҳои табиии нодир, ки сайёҳонро ҷалб мекунанд.<br>- Рушди кишоварзии органикӣ – дурнамо барои содироти маҳсулоти тозаи экологӣ.<br>- Афзоиши таваҷҷуҳ ба коркарди партовҳо.<br>- Имкониятҳо барои ҷангали кишоварзӣ – барқарорсозии ҷангалҳо ва мубориза бо эрозияи хок.<br>- Фаъолшавии ҷомеа дар бахши ҳифзи муҳити зист.<br>- Фауна ва флораи ғанӣ – мавҷудияти намудҳои нодир ва эндемикӣ, ки барои экосистема муҳиманд.<br>- Потенсиали рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия. | - Амалияи заифи татбиқи қонун.<br>- Маблағгузории нокофӣ ба лоиҳаҳои экологӣ.<br>- Инфрасохтори заиф барои коркарди партовҳо.<br>- Сатҳи баланди ифлосшавии об.<br>- Норасоии мутахассисони соҳавӣ.<br>- Сатҳи пасти огоҳии экологӣ.<br>- Биёбоншавии замин – харобшавии хок дар натиҷаи истифодаи нодурусти захираҳои об ва тағйирёбии иқлим.<br>- Қатъи ғайриқонунии ҷангалзорҳо.<br>- Истифодаи нокоргардида ва ғайрисамараноки об.<br>- Афзоиши партовҳои саноатӣ – ифлосшавии ҳаво ва хок аз ҳисоби фаъолияти корхонаҳо.<br>- Мавҷуд набудани системаи мониторинги экологӣ.<br>- Дастгирии нокифояи давлатӣ барои стартапҳо дар соҳаи экология.<br>- Сатҳи баланди ифлосшавии шаҳрҳо – мушкилоти тозакунии ҳаво ва коркарди партовҳо.<br>- Рушди ноустувори соҳаи кишоварзӣ – истифодаи нодурусти нуриҳо ва пестисидҳо.<br>- Дастрасии маҳдуд ба маълумоти экологӣ. |

*Идомаи ҷадвали 2.17.*

| ТАРАФҲОИ МУСБАТ | | ТАРАФҲОИ МАНФӢ |
|---|---|---|
| | **O – Opportunities (Имкониятҳо)** | **T – Threats (Таҳдидҳо)** |
| **ОМИЛҲОИ ДОХИЛА** | - Ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисоди «сабз».<br>- Ҳамкории байналмилалӣ – иштирок дар ташаббусҳои ҷаҳонии экологӣ.<br>- Рушди сайёҳии экологӣ.<br>- Тавсеаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия.<br>- Тақвияти маърифати экологӣ.<br>- Ташкили системаи самараноки коркарди партовҳо.<br>- Таҳияи қонунҳои нав оид ба ҳифзи муҳити зист.<br>- Ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ барои масъулияти экологӣ.<br>- Ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ барои истеҳсолоти экологӣ.<br>- Тарғиби кишоварзии органикӣ – содироти маҳсулоти экологӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ.<br>- Истифодаи технологияҳои рақамӣ барои мониторинги экологӣ.<br>- Рушди технологияҳои сарфаи об.<br>- Дастгирии стартапҳои хурди экологӣ.<br>- Тарғиби тарзи ҳаёти экологӣ.<br>- Ташкили минтақаҳои нави ҳифзи табиат. | - Тағйирёбии иқлим.<br>- Норасоии оби нӯшокӣ.<br>- Хатари нобудшавии намудҳои нодир – коҳиши гуногунии биологӣ.<br>- Афзоиши фишори антропогенӣ – зиёд шудани ифлосшавӣ бинобар афзоиши аҳолӣ.<br>- Беуствории иқтисодӣ – эҳтимоли коҳиши маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ.<br>- Беоромии сиёсӣ дар минтақа.<br>- Афзоиши садамаҳои техногенӣ.<br>- Шӯршавии хок.<br>- Афзоиши офатҳои табиӣ.<br>- Урбанизатсияи аз ҳад зиёд.<br>- Афзоиши истихроҷи ғайриқонунии канданиҳои фоиданок.<br>- Набудани чораҳои самаранок барои ҳифзи ҷангалҳо.<br>- Бемориҳои экологӣ – бад шудани саломатии аҳолӣ бинобар ифлосшавӣ.<br>- Бӯҳронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ.<br>- Ихтилофҳо барои захираҳои табиӣ<br>- Эҳтимоли муноқишаҳо барои об ва замин. |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Татбиқи низоми самараноки мониторинг ва баҳодиҳӣ бо истифода аз маҷмӯи нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда имконият фароҳам меорад, ки: самаранокии сиёсати сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ аниқ чен карда шавад; камбудиҳо ва монеаҳои идоракунӣ сари вақт ошкор ва бартараф гарданд; қарорҳои идоракунӣ дар асоси маълумоти воқеӣ ва таҳлили оморӣ қабул карда шаванд; шаффофият ва эътимоди сармоягузорон ба бозори ҶТ тақвият ёбад; ба рушди устувор ва иқтисоди сабз замина гузошта шавад.

Таҳлили гузаронидашудаи SWOT нишон медиҳад, ки рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ зери таъсири маҷмӯи омилҳои гуногун қарор дорад, ки аз як тараф, имкониятҳои назарраси рушдро фароҳам меоранд ва аз

ҷониби дигар, бо монеаҳо ва таҳдидҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мебошанд. Дар шароити муосир, аз ҷумла, захираҳои табиии нодир, иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ, манзараҳои нотакрори табиӣ, афзоиши таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба иқтисоди сабз, дастгирии донорӣ ва иштироки фаъоли Тоҷикистон дар ташаббусҳои байналмилалии экологӣ метавонанд ҳамчун заминаи воқеӣ ва илмӣ-асоснок барои тавсеа ва диверсификатсияи низоми хизматрасониҳои экологӣ хизмат намоянд.

Ҳамин тавр, мушкилоти ҷалб ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ, бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодии кишвар, метавонад ба омилҳои мухталифи иқтисодӣ, сиёсӣ ва инфрасохторӣ алоқаманд бошад. Ҷалби сармояи хориҷӣ, махсусан ба соҳаҳои муҳими иқтисодиву экологӣ, омили калидии таъмини рушди устувор, беҳбуд бахшидани муҳити зист ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Бо вуҷуди афзоиши ҳаҷми умумии сармоягузорӣ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷуғрофияи сармоягузорон маҳдуд боқӣ мондааст, шумораи кишварҳои стратегӣ дар самти сармоягузорӣ кам аст, ҳиссаи асосӣ ба якчанд бахш, аз ҷумла саноати истихроҷ ва молия тамаркуз ёфта, сармоягузорӣ ба соҳаҳои муҳими инфрасохтор, истеҳсолоти саноатӣ, кишоварзӣ, хизматрасониҳои экологӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ кам аст.

Ҳамкории нокифояи байниидоравӣ, сустии инфрасохтор, расмиёти маъмурии мураккаб, сатҳи пасти кадрҳои тахассусӣ ва набудани низоми таҳлилии воқеӣ дар самти идоракунии сармоягузорӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон аз монеаҳои асосӣ маҳсуб мешаванд. Бартарафсозии ин мушкилот метавонад барои таҳкими иқтидори экологӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ дар солҳои минбаъда заминаи мусоид фароҳам оварад.

**Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқи боби дуюм:**

Таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи низоми хизматрасониҳои экологӣ ва иштироки сармоягузории хориҷӣ дар рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки новобаста аз баъзе пешрафтҳо ва иқдомҳои мусбат, рушди самараноки ин соҳа то ҳол ба як қатор мушкилоти сохторӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилотӣ мувоҷеҳ мебошад. Мавҷудияти захираҳои табиии нодир, иқтидори бузурги энергетикаи обӣ,

имкониятҳои сайёҳии экологӣ, таваҷҷуҳи афзояндаи ҷомеаи байналмилалӣ ба масъалаҳои иқтисоди сабз ва иштироки фаъолонаи Тоҷикистон дар ташаббусҳои муҳити зист имкониятҳои воқеӣ ва асоснок барои низоми хизматрасониҳои экологӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, набудани инфрасохтори муосир, норасоии сармоя, заъфи сиёсати дастгирии сармоягузорӣ, мушкилоти ҳуқуқӣ, сатҳи пасти маърифати экологӣ ва камбуди мутахассисони соҳавӣ монеаҳои ҷиддие мебошанд, ки рушди устувори соҳа ва ҷалби сармоягузории хориҷиро маҳдуд месозанд.

1. Дар шароити имрӯза зарур аст, ки барои таъмини самаранокии иштироки сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ маҷмӯи чораҳои низомнок ва мақсаднок татбиқ карда шаванд, ки муҳимтарини онҳо чунинанд: ҷалби сармоя ба лоиҳаҳои рушди энергетикаи барқароршаванда, коркарди партовҳо, тозакунии об, инфрасохтори сайёҳии экологӣ, идоракунии захираҳои табиӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ; бунёд ва такмили шабакаҳои муосири коркарди партовҳо, иншооти тозакунии об, марказҳои машваратӣ ва иттилоотӣ оид ба сармоягузории экологӣ дар минтақаҳои кишвар, бахусус минтақаҳои дурдаст; ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, системаҳои мониторинги мутамарказ, истифодаи сенсорҳо, маълумоти моҳвораӣ ва зеҳни сунъӣ барои назорати вазъи экологӣ ва шаффофияти иттилоот; рушди савдои квотаҳо барои ифлоскунии муҳити зист, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии экологӣ ва ташвиқи ширкатҳо барои ҷорӣ намудани усулҳои ESG (масъулияти иҷтимоӣ, экологӣ ва идоракунии хуб); истифодаи натиҷаҳои моделсозии иқтисодӣ барои банақшагирии рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ, баҳогузорӣ ба самаранокии сармоягузориҳо ва пешгӯии тамоюлҳои рушди соҳа; ташкили муҳити мусоиди сармоягузорӣ, дастгирии инфрасохторӣ ва дастрасии иттилоотӣ дар ВМКБ, ноҳияҳои дурдасти кӯҳӣ ва минтақаҳои кам бештар инкишофёфтаи кишвар.

2. Мушкилоти идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ, бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодии кишвар, метавонад ба омилҳои мухталифи иқтисодӣ, сиёсӣ ва инфрасохторӣ алоқаманд бошад. Низоми мавҷудаи идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар

низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон, бо вуҷуди заминаҳои муайян, ҳоло наметавонад талаботи рушди устувор, ҷалби сармояи баландсифат ва таъмини муҳити мусоиди экологиро комилан қонеъ гардонад.

3. Монеаҳо ва мушкилотҳо дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ таҳлил ва баррасӣ гардида, дар шаклҳои зерини он муайян карда шуданд: маҳдудияти бозори дохилӣ ва ҳамгироии заифи байналмилалии иқтисод; вусъатдиҳии нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ; нокифоя будани инфрасохтори истеҳсолӣ ва мушкилоти мавсимӣ бо таъмини нерӯи барқ; сатҳи пасти таъсирбахшии механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳавӣ; мураккабӣ ва монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ дар соҳаи воридот ва содирот; номукаммал будани низоми идоракунии ҳамоҳангшуда; нокифоя будани алоқамандии лоиҳаҳои кумакҳои беруна бо стратегияи миллӣ; мушкилиҳо дар самти истифодаи сармояи «сабз» ва ворид шудан ба бозори вомбаргҳои «сабз»; номукаммал будани низоми ҳавасмандиҳои андозӣ ва рушд наёфтани механизмҳои дастгирии молию қарзӣ; мавқеи ноустувор ва паст доштани давлат дар рейтингҳои байналмилалӣ.

4. Индикаторҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ маҷмӯи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ченшаванда мебошанд, ки ба воситаи онҳо самаранокии амалкарди низоми идоракунӣ, сатҳи ҷалби сармоягузорӣ, таъсири он ба рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ ва беҳбудии вазъи муҳити зист баҳо дода мешавад. Индикаторҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар сатҳи диссертатсия муайян ва таҳлил карда шудаанд.

**5.** Бо дарназардошти маълумоти воқеии солҳои 2022-2025 ва равнади афзоиши тадриҷии маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ, инчунин таваҷҷуҳи афзояндаи Ҳукумати ҶТ ба рушди соҳаи экология ва хизматрасониҳои экологӣ, барои солҳои 2026-2030 пешгӯии эҳтимолии ҷалби сармояи хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод шудааст.

# БОБИ III. САМТҲОИ АСОСИИ ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР НИЗОМИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭКОЛОГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## § 3.1. Самтҳои афзалиятноки рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рушди устувори иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист дар шароити муосир яке аз масъалаҳои калидӣ ба шумор меравад, ки на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар ин замина, низоми хизматрасониҳои экологӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи иқтисоди «сабз» баромад намуда, ба ҳалли самараноки мушкилоти экологӣ, коҳиши таъсири манфии фаъолияти иқтисодӣ ба муҳити зист ва беҳсозии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад. Дар ин раванд, ҶТ ҳамчун кишваре, ки дорои захираҳои бузурги табиӣ мебошад, потенсиали калон дар рушди низоми хизматрасониҳои экологиро дорад.

Низоми хизматрасониҳои экологӣ ҳамчун як зершохаи низоми иқтисодӣ-иҷтимоӣ маҷмӯи муносибатҳои муташаккили истеҳсолӣ, тақсимотӣ, мубодилавӣ ва истеъмолиро дар бар мегирад, ки дар доираи он хадамоти дорои хусусияти экологӣ тавлид ва ба субъектҳои иқтисодӣ пешниҳод мешаванд, то талаботи онҳо дар самти ҳифз ва такмили муҳити зист қонеъ гардонида шавад. Мавҷудияти ин бозор бар пояи ҳадафи коҳиш додани таъсироти антропогенӣ ба муҳити зист, ҳифзи устувории экосистемаҳо ва таъмини истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои табиӣ асос ёфтааст. Дар заминаи парадигмаи рушди устувор, низоми хизматрасониҳои экологӣ на танҳо ҳамчун воситаи ҳифзи муҳити зист [21], балки ҳамчун муҳаррики рушди иқтисодӣ бо такя ба технологияи сабз, инноватсияҳои тоза ва баланд бардоштани некӯаҳволии иҷтимоӣ мавқеи стратегӣ пайдо мекунад. Дар ҶТ, ин бозор потенсиали бузург дорад, зеро кишвар дорои манбаъҳои бойи табиӣ ва захираҳои экологӣ мебошад, ки дар шароити муҳофизат ва идоракунии дуруст метавонанд ба манфиати устувори иқтисод истифода шаванд.

Ҷанбаҳои калидии низоми хизматрасониҳои экологӣ маҷмӯи васеи маҳсулот ва хизматрасониҳои махсусгардонидашудаеро фаро мегиранд, ки мақсади онҳо

ҳифз, такмил ва барқарорсозии муҳити зист мебошад. Ба чунин самтҳо низоми мукаммали идоракунии партовҳо - аз ҷамъоварӣ ва ҷудокунии манбаъ то коркарди такрорӣ ва безараргардонӣ, мониторинги доимии ҳолати муҳити зист (об, ҳаво, хок), ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, татбиқи чораҳои барқарорсозии экосистемаҳо ва гуногунии биологӣ, ҳамчунин рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия, аз қабили офтобӣ, бодӣ ва гидроэнергетикӣ мансубанд.

Талабот ба чунин хизматрасониҳо пеш аз ҳама аз ҷониби субъектҳое ба миён меояд, ки дорои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ва стратегӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зистанд, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, корхонаҳои саноатӣ ва инфрасохторӣ, инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ. Ин талабот бештар ба риояи меъёрҳои экологӣ, татбиқи барномаҳои устувори идоракунии захираҳо ва коҳиши таъсироти манфии фаъолияти иқтисодӣ ба муҳити табиӣ равона шудааст. Иштирокчиёни низоми хизматрасониҳои экологӣ доираи гуногуни субъектҳои иқтисодиву иҷтимоиро фаро мегиранд, аз ҷумла корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ширкатҳои байналмилалӣ ва сохторҳои бисёрҷонибаи байналмилалӣ, ки фаъолияти онҳо ба ҳифзи муҳити зист, кам кардани таъсири антропогенӣ ва пешбурди технологияҳои инноватсионии экологӣ равона гардидааст.

Дар ҶТ танзими фаъолияти низоми хизматрасониҳои экологӣ тавассути қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ шуда, ҳадафи асосии он таъмин намудани ҳифзи муназзами муҳити табиӣ, истифодаи оқилона ва устувори захираҳои табиӣ, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ ва гузоштани пояҳои рушди устувори иқтисодӣ мебошад.

Коҳиши таъсирҳои манфии экологӣ ба хизматрасониҳои экологӣ кӯмак мерасонанд, ки таъсирҳои манфии фаъолияти инсонро ба муҳити зист кам карда шавад. Ин метавонад партовҳои саноатӣ, ифлосшавии ҳаво, об ва хокро дар бар гирад. Низоми хизматрасониҳои экологӣ нақши муҳимеро дар муҳофизати захираҳои табиӣ, аз ҷумла об, замин, ҷангалҳо ва кӯлҳо мебозад.

Низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ воситаи муҳими ҳифзи муҳити зист ва рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Бо истифода аз захираҳои табиӣ, ҳамкорӣ

бо созмонҳои байналмилалӣ ва рушди технологияҳои сабз, ин бозор метавонад на танҳо ба коҳиши таъсирҳои манфии экологӣ, балки ба беҳбудии шароити зиндагӣ ва таъмини устувории иқтисодиёти кишвар мусоидат кунад.

Тоҷикистон дорои манбаъҳои бойи табиӣ, аз ҷумла захираҳои обӣ, ҷангалӣ ва кӯҳӣ мебошад. Вале мушкилоти вобаста ба ифлосшавии ҳаво, кам шудани захираҳои оби нӯшокӣ ва зиёд шудани партовҳои сахт хатар ба муҳити зист мерасонанд. Дар ин шароит, хизматрасониҳои экологӣ метавонанд воситаи самарабахш барои коҳиш додани ин мушкилот гарданд. Бо вуҷуди ин, низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ ҳанӯз дар марҳалаи ташаккул қарор дорад ва барои рушди он тадбирҳои иловагӣ заруранд.

«…Ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятнок барои рушди хизматрасониҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад» [31].

Самтҳои афзалиятноки рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ дар расми 3.6. оварда шудаанд.




**Расми 3.6. - Самтҳои афзалиятноки рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Низоми хизматрасониҳои экологӣ метавонад дар соҳаҳои зерин рушд кунад:

1. Идоракунии партовҳо, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ ба ҳисоб меравад. Идоракунии дурусти партовҳо ба коҳиши таъсири манфии онҳо ба муҳити зист, саломатии аҳолӣ ва захираҳои

табиӣ мусоидат мекунад. Ин соҳа дар Тоҷикистон дорои потенсиали калони рушд аст, зеро ҷумҳурӣ бо мушкилоти афзояндаи партовҳои сахт ва моеъ рӯ ба рӯст.

Ҷанбаҳои асосии рушди идоракунии партовҳо дар низоми хизматрасониҳои экологӣ чунинанд:

- коркарди партовҳои сахт, ин яке аз бахшҳои муҳими идоракунии партовҳост. Бартарии ин раванд дар он аст, ки партовҳои сахт ба маҳсулоти дубора истифодашаванда, масалан, маводи сохтмонӣ, компост ё дигар маҳсулоти арзишманд табдил дода мешаванд. Бунёди кардани корхонаҳои муосир барои коркарди партовҳо ва васеъ намудани имкониятҳои коркарди дубора метавонад ба коҳиши партовҳои заминӣ ва тоза кардани муҳити зист мусоидат кунад.

- технологияҳои коркарди дубора, истифодаи технологияҳои муосири коркарди дубора дар идоракунии партовҳо метавонад манфиати иқтисодӣ орад. Масалан, коркарди пластикҳо, коғаз ва шиша метавонад маҳсулоти дубора коркардшудаи арзишманд тавлид кунад, ки барои бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ фоидаовар аст.

- муҳити тоза дар шаҳрҳо - барои шаҳрҳои бузург, ки дорои аҳолии зиёд мебошанд, идоракунии самараноки партовҳо барои пешгирии ифлосшавии муҳити зист хеле муҳим аст. Ин раванд дар бар мегирад: ҷамъоварии мунтазами партовҳо, ташкили нуқтаҳои махсуси коркарди партовҳо, фароҳам овардани инфрасохтори партовҳо.

- Партовҳои саноатӣ ва хатарнок, ин як соҳаи муҳим дар низоми хизматрасониҳои экологӣ мебошад. Ташкили системаҳои самаранок барои идоракунии партовҳои саноатӣ, ки метавонанд моддаҳои хатарнок ва заҳрнокро дарбар гиранд, барои пешгирии ифлосшавии муҳити зист ва ҳифзи саломатии аҳолӣ аҳамияти калони стратегӣ дорад.

- фарҳанги коркарди партовҳо ва таблиғот, як ҷузъи муҳими рушди бозори идоракунии партовҳо тарғиби фарҳанги дурусти коркарди партовҳо дар байни аҳолӣ ва корхонаҳою ташкилотҳо мебошад. Омӯзиш ва иттилоотонии доимӣ барои сокинон ва соҳибкорон, аз ҷумла дар бораи роҳҳои ҷудо кардани партовҳо ва истифодаи дубора, метавонад таъсири мусбӣ расонад.

- ширкатҳои хусусӣ ва ҳамкориҳои давлатӣ - барои рушди бозори идоракунии партовҳо дар ҶТ ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ муҳим аст. Ҷалби сармояи хусусӣ ва истифодаи таҷрибаҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи идоракунии партовҳо, махсусан коркарди дубора, метавонад ба беҳтар кардани шароит ва сатҳи хизматрасониҳо мусоидат кунад.

Рушди идоракунии партовҳо дар ҶТ аз камбудиҳои зерин ба монандӣ: норасоии инфрасохтори зарурӣ барои ҷамъоварӣ ва коркарди партовҳо; маблағгузории нокифоя барои татбиқи технологияҳои муосир; дарки пасти аҳолӣ ва корхонаҳою ташкилотҳо дар бораи аҳамияти ҷудо кардани партовҳо ва коркарди дубора вуҷуд дорад. Барои рушди идоракунии партовҳо дар ҶТ имкониятҳо зерин ба монандӣ: ҷорӣ кардани барномаҳои давлатӣ барои сармоягузорӣ дар бахши идоракунии партовҳо; ҷалби сармояи байналмилалӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои экологӣ; омӯзиши кадрҳои маҳаллӣ дар самти истифодаи технологияҳои нави коркарди дубора мавҷудаст.

**Ҷадвали 3.2. - Динамикаи партовҳо ва гирифтани моддаҳои зараровар, ки аз манбаъҳои ифлоскунанда мебароянд, ҳазор тонна**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Партоби моддаҳои зараровар ба атмосфера | 6,7 | 48,3 | 63,3 | 61,5 | 66,5 | 66,4 | 78,0 |
| Ба ҳавои атмосфера паҳн намудани моддањои зарарноки тозанашуда аз манбаъҳои доимӣўӣ | | | 61,3 | 52,3 | 64,6 | 64,4 | 87,1 |
| Дошта гирифтани (безараргардонии) моддањои зараровар, ки аз манбаъҳои доимии ифлоскунандаи ҳавои атмосфера бармеоянд | 174,1 | 412,7 | 519,4 | 221,3 | 153,8 | 117,2 | 100,3 |
| Миқдори моддаҳои ифлоси зарароваре, ки ба иншоотњои софкунанда ворид шудаанд | | | 522,9 | 230,4 | 155,7 | 120,4 | 91,2 |
| Истифодаи моддањои зараровар, ки ба воситаи дастгоњњои софкунандадошта гирифташудаанд | 16,2 | 10,9 | 143,1 | 155,8 | 76,8 | 86,2 | 86,6 |

**Сарчашма.** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти (150) Ҳифзи муҳити Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОНПҶТ. Душанбе 2022, С. 215-213, 2023. - С.20-27; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОНПҶТ. Душанбе, 2024 - С.210,211.

Аз таҳлили маълумот дар ҷадвали 3 бармеояд, ки, а) партоби умумии моддаҳои зараровар ба атмосфера аз соли 2017 (6.7 ҳазор т) то соли 2023 (78.0

ҳазор т) афзоиши зиёда аз 11 баробар дида мешавад. Тамоюл нишон медиҳад, ки ифтитоҳи корхонаҳои нав, зиёдшавии фаъолияти саноатӣ ва назорати нокифоя сабабгори ин афзоиш шудаанд; б) партоби тозанашуда аз манбаъҳои доимӣ дар соли 2019 - 61.3 ҳазор т., дар соли 2023 - 87.1 ҳазор т. → афзоиш +42%. Меъёри тозакунии партовҳо дар маҷмӯъ коҳиш меёбад, ки эҳтимолан ба кӯҳнашавии таҷҳизот, талафоти иқтидорҳои тозакунӣ, ва ё беназоратии баъзе корхонаҳо марбут аст; в) безараргардонии моддаҳои зараровар соли 2019 - авҷи фаъолият бо 519.4 ҳазор т., пас аз он коҳиши пайдарпай ба назар мерасад. То соли 2023 - 100.3 ҳазор т., яъне коҳиши 5,2 баробар нисбат ба соли 2019 буда, нишондиҳандаи нигаронкунанда, ки далели коҳиши самаранокии дастгоҳҳои безараргардонӣ мебошад; г) миқдори воридшуда ба иншооти софкунанда соли 2019 - 522.9 ҳазор т., то соли 2023 - 91.2 ҳазор т. Камшавии 6 маротиба, ки метавонад нишондиҳандаи коҳиши на танҳо партов, балки ворид нашудани ифлоскунандаҳо ба системаи тозакунӣ бошад; д) истифодаи дубора (реутилзатсия) нишондиҳандаи мусбат дар солҳои 2019-2023, бо устувории нисбӣ дар солҳои 2021-2023 (~86 ҳазор т.) буда, гувоҳ аз он медиҳад, ки бозёфт ва истифодаи дувуми моддаҳо каме рушд ёфтааст ва имкони рушди минбаъда дорад.

Рушди идоракунии партовҳо дар Тоҷикистон метавонад на танҳо барои коҳиши таъсирҳои манфии экологии партовҳо, балки барои ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди иқтисодиёти сабз мусоидат намояд. Ҷорӣ кардани таҷрибаҳои пешқадам ва сармоягузорӣ ба инфрасохтори нав барои идоракунии самараноки партовҳо калиди муҳим барои беҳбудии экологӣ ва иқтисодӣ дар кишвар аст.

2. Энергияи таҷдидшаванда. Дар умум низоми хизматрасониҳои экологӣ дар соҳаи энергияи таҷдидшаванда метавонад дар самтҳои зерин рушд кунад: истеҳсоли энергияи офтобӣ, яъне насб ва хизматрасонии нерӯгоҳҳои офтобӣ, воридоти панелҳои офтобӣ, ва технологияҳои вобаста ба нигоҳдорӣ ва истифодабарии энергия); энергияи бодӣ, яъне рушди инфрасохтори нерӯгоҳҳои бодӣ, ки дар минтақаҳои шамолдори кишвар истифода бурдан мумкин аст, инчунин хизматрасониҳо барои нигоҳдорӣ ва оптимизатсияи таҷҳизоти бодӣ; биомасса ва

биогаз, яъне истифодаи маводи органикӣ барои истеҳсоли энергия ва газҳои биологӣ, ки метавонад ҳам ба сифати манбаи барқароршавандаи энергия ва ҳам барои бартарафсозандаи партовҳои органикӣ хизмат кунад; геотермалӣ, яъне истифодаи гармии замин барои истеҳсоли нерӯи барқ ва гармидиҳӣ, махсусан дар минтақаҳое, ки дорои захираҳои геотермалӣ мебошанд; низоми микросистемаҳои энергетикӣ (microgrids), яъне хизматрасониҳо барои тавсеаи микросистемаҳои энергетикӣ, ки метавонанд дар ҷойҳои аз манбаъҳои бузурги энергия дур фаъолият кунанд ва истифодабарии энергияи барқароршавандаро самараноктар гардонанд. Ин самтҳо метавонанд заминаи хубе барои рушди иқтисодӣ ва кам кардани вобастагӣ аз манбаъҳои анъанавии энергияро фароҳам оварад.

3. Низоми идоракунии захираҳои обӣ - низоми хизматрасониҳои экологӣ дар соҳаи низоми идоракунии захираҳои обӣ метавонад дар самтҳои зерин дар оянда рушд ёбад: технологияҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ, ин намудҳои хизматрасонӣ барои оптимизатсияи низомҳои обтаъминкунӣ, коҳиш додани талафи об дар шабакаҳои обрасонӣ, инчунин технологияи муосири обтазакунии партовобҳо равона карда шудааст; мониторинг ва идоракунии захираҳои обӣ, ин хизматрасонӣ бошад барои назорати сифати об ва идоракунии самараноки захираҳои обӣ бо истифода аз низомҳои рақамӣ ва сенсорҳои пешрафта инчунин, таҳияи стратегияҳои устувор барои пешгирӣ аз камбуди об ва беҳтар кардани истифодаи самаранокӣ онро дар бар мегирад; такмил ва тозакунии об, рушди ин намуди хизматрасониҳо барои таҷҳизотҳои тозакунии об, аз ҷумла истифодаи технологияҳои филтратсия ва мембранаҳо барои беҳтар кардани сифати оби ошомиданӣ, махсусан дар минтақаҳои дучори ифлосшавӣ ё камбуди обдошта истифода мешаванд; системаи бозгашт ва истифодабарии дубораи об, истифодабарии дубораи обҳои коркардшуда барои мақсадҳои гуногун, ба мисли обёрӣ ё истифодаи саноатӣ, ки ба кам кардани истифодаи оби тоза кӯмак мекунад алоқаманд аст; таълим ва машварат дар идоракунии захираҳои обӣ, ин намуди хизматрасонӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ барои омӯзиши мутахассисон ва таҳияи стратегияи беҳтар намудани истифодаи самараноки захираҳои обӣ, ки ба корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ дар ҳифзи об ва пешгирии ифлосшавӣ кӯмак

мерасонанд вабаста аст; технологияҳои ҳифзи манбаъҳои обӣ, ин намуди хизматрасонӣ ва таҷҳизот барои муҳофизати захираҳои табиии об аз ифлосшавӣ, аз ҷумла насб ва назорати системаҳои муҷаҳҳаз бо технологияи устувор барои нигоҳдории обҳо дар дарёҳо, кӯлҳо, ва дигар манбаъҳои обӣ амалӣ карда мешавад. Самтҳои ноибаркарда шуда метавонанд барои нигоҳдорӣ ва ҳифзи манбаъҳои оби тоза муҳим бошанд ва инчунин устувории истифодаи обро дар шароити тағйирёбии иқлим таъмин кунанд.

4. Тоза кардани ҳаво - самти муҳими низоми хизматрасониҳои экологӣ буда, татбиқи лоиҳаҳо ва технологияҳои муосирро барои коҳиш додани ифлосшавии ҳаво дар шаҳрҳои калони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Ин самт метавонад якчанд зерхизматрасониҳои калидиро дар бар гирад, ки ҳар кадоме барои ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ аҳамияти стратегӣ доранд: а) технологияҳои филтратсияи ҳаво, яъне хизматрасониҳое, ки насб, танзим ва нигоҳдории системаҳои тозакунандаи ҳаворо дар корхонаҳо, муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ, инчунин манзилҳои истиқоматӣ таъмин мекунанд. Ин системаҳо имкон медиҳанд моддаҳои ифлоскунанда, зарраҳои овезон, газҳои зараровар ва пайвастагиҳои кимиёвии хатарнок аз ҳаво тоза шаванд. Технологияҳои муосири филтратсия метавонанд на танҳо моддаҳои сахт, балки пайвастагиҳои газиро низ безарар гардонанд, ки ин барои минтақаҳои дорои консентратсияи баланди истеҳсолоти саноатӣ аҳамияти вижа дорад; б) назорати партовҳои саноатӣ, яъне таҳия ва татбиқи системаҳо ва таҷҳизоте, ки партовҳои саноатиро пеш аз ворид шудан ба атмосфера филтр ва безарар мекунанд. Ба ин таҷҳизоти махсус барои тоза кардани газҳо, коҳиши партовҳои газҳои гулхонаӣ ва моддаҳои заҳролуд, инчунин системаҳои автоматии мониторинги ихроҷот дохил мешаванд. Ин равандҳо на танҳо ба коҳиши ифлосшавии ҳаво, балки ба иҷрои талаботи қонунгузории миллӣ ва меъёрҳои байналмилалии экологӣ мусоидат мекунанд; в) технологияҳои коҳиши газҳои гулхонаӣ, яъне хизматрасониҳои махсус барои ширкатҳо ва сохторҳои давлатӣ, ки ҳадафашон кам кардани ҳаҷми партовҳои газҳое мебошад, ки ба гармшавии глобалӣ ва ифлосшавии ҳаво мусоидат мекунанд. Ба онҳо технологияи безарарсозии

диоксиди карбон ($CO_2$), оксиди нитроген (NOx), оксиди сулфур (SOx) ва дигар пайвастагиҳои зараровар дохил мешаванд. Ин хизматрасониҳо метавонанд аз насби таҷҳизоти махсус то татбиқи барномаҳои комплексии идоракунии партовҳо фаро гиранд. Татбиқи муваффақи ин зерхизматрасониҳо метавонад ба таври назаррас сифати ҳаворо беҳтар намуда, хатари бемориҳои марбут ба ифлосшавии ҳаворо коҳиш диҳад, сатҳи иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зистро баланд бардорад ва заминаи рушди устувори иқтисоди сабзро фароҳам оварад.

5. Низомҳои тозакунии ҳавои дохилӣ - яке аз самтҳои муҳим ба шумор меравaнд, зеро рушди системаҳои муосири ҳавотозакунӣ барои дохили биноҳо, махсусан дар шаҳрҳои калон ва минтақаҳои дорои сатҳи баланди ифлосшавӣ, метавонад ифлоскунандаҳои муҳити дохилиро коҳиш дода, сифати ҳаворо дар хонаҳо, муассисаҳои ҷамъиятӣ ва ҷойҳои кор беҳтар намояд. Ҳамзамон, рушди хизматрасониҳои марбут ба мошинҳои барқӣ ва дигар намудҳои нақлиёти экологӣ, ки истифодаи воситаҳои нақлиёти барқӣ, велосипедҳо ва нақлиёти ҷамъиятиро фаро мегиранд, шароити мусоид барои гузариш ба нақлиёти сабзро фароҳам оварда, партовҳои зарароварро аз воситаҳои нақлиёт ба таври назаррас коҳиш медиҳанд. Илова бар ин, татбиқи барномаҳои дарахтшинонӣ ва сабзкориҳо дар муҳити шаҳрӣ аҳамияти стратегӣ дошта, чун растаниҳо ва дарахтон газҳои зарароварро аз атмосфера ҷаббида ва оксиген ҷудо мекунанд, онҳо ба беҳсозии сифати ҳаво, паст кардани ҳарорати маҳаллӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагонии аҳолӣ мусоидат менамоянд. Дар маҷмӯъ, рушди ин самтҳо метавонад таъсири манфии ифлосшавии ҳаворо коҳиш дода, ба баланд бардоштани устувории экологии шаҳрҳо ва минтақаҳои саноатӣ кумак намояд.

6. **Туризми экологӣ** яке аз самтҳои калидии рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ буда, метавонад ҳамзамон ба рушди иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити табиӣ мусоидат намояд. Дар ин раванд, аҳамияти аввалиндараҷа ба рушди инфрасохтори устувори сайёҳӣ дода мешавад, ки он сохтмони меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо ва манзилҳои экологиро дар бар мегирад. Ин гуна иншоотҳо бояд бо истифодаи маводҳои табиӣ бунёд гардида, ба таври фаъол аз манбаъҳои барқароршавандаи

энергия истифода намоянд, низоми кам кардани партовҳоро татбиқ кунанд ва бо меъёрҳои байналмилалии сайёҳии устувор мутобиқат дошта бошанд. Чунин инфрасохтор имкон медиҳад, ки Тоҷикистон ҳамчун самти ҷолиби сайёҳии экологӣ муаррифӣ гардад ва дар айни замон тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ бо ҳифзи муҳити зист таъмин карда шавад.

Низоми хизматрасониҳои экологӣ дар самтҳои зерини туризми экологӣ метавонанд рушд кунад:

а) ташкили сайёҳатҳои экологӣ, самти мазкур тақозо менамояд, ки пешниҳоди сайёҳатҳои роҳбаладӣ ба мавзеъҳои табиӣ, ки таълими сайёҳон дар бораи ҳифзи муҳити зистро дар бар мегиранд. Инҳо метавонанд кӯҳгардӣ, саёҳати ҷангал, истироҳат дар кӯлҳо ва дарёҳои табиӣ, ё тамошои ҳайвоноти нодирро дар муҳити табиии онҳо дар бар гиранд.

б) муҳофизати мамнӯъгоҳҳо ва боғҳои миллӣ, ин самт пеш аз ҳама ба рушди барномаҳои туризми устувор дар мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва минтақаҳои ҳифзи табиӣ, ки ба ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунанд ва ҳамзамон имконият медиҳанд, ки мардум бо табиати нодир шинос шаванд, алоқаманд мебошад;

в) туризм бо муҳити камтаъсир (low-impact tourism), яъне хизматрасонӣ барои ташкили барномаҳои сайёҳие, ки таъсири камтар ба муҳити атроф мерасонанд. Ин метавонад дохили худ гардишҳо бо истифода аз велосипед, сайёҳатҳо дар қаиқҳои бе партов ва истироҳат дар хаймаҳо ё кабинаҳои табиӣ дошта бошад.

г) таълими сайёҳон ва маҳаллии устувор, самти мазкур бо баргузории семинарҳо ва барномаҳои таълимӣ барои сайёҳон ва сокинони маҳаллӣ дар бораи аҳамияти ҳифзи муҳити зист ва чӣ гуна метавонанд бидуни зарар ба табиат сайр кунанд, алоқаманд аст.

д) дастгирии иқтисоди маҳаллӣ, яъне туризми экологӣ метавонад маҳз бо дастгирии иқтисоди маҳаллӣ рушд кунад [97, С. 39-40]. Хизматрасониҳо барои ташвиқ намудани сайёҳон барои хариди маҳсулоти маҳаллӣ, хӯроквории экологӣ ва истифодаи хизматрасониҳои маҳаллӣ, ки ин боиси рушди устувори иқтисоди маҳаллӣ мегардад.

е) кам кардани партовҳо ва истифодаи дубораи захираҳо, самти мазкур ба ташкили системаҳои идоракунии партовҳо дар минтақаҳои сайёҳӣ, ки ба тоза нигоҳ доштани табиат, ҷудокунии партовҳои сахт ва истифодабарии дубораи об ва дигар захираҳо мусоидат мекунад, равона гардидааст.

ж)технологияҳои рақамӣ барои идоракунии туризми экологӣ, ин самт талаб менамояд, ки платформаҳои рақамӣ, ки ба сайёҳон маълумоти бештар дар бораи ҷойҳои экологӣ, роҳҳои ҳифзи табиат ва имкониятҳои устувори сайёҳӣ рушд кунанд.

«…Туризми экологӣ метавонад ҳамчун як воситаи муҳим барои ҳифзи муҳити зист ва ҳамзамон рушди иқтисодӣ хизмат кунад» [93; 131; 136; 143]. Ин соҳа сайёҳонро ба таҷрибаи бештар огоҳона ва эҳтиромона нисбати табиат ҷалб мекунад.

**Ҷадвали 3.4. - Нишондиҳандаҳои мақсадноки соҳаи сайёҳӣ дар ҶТ**

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | 2017 | 2020 | 2025 | 2030 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи сайёҳони ба ҷумҳурӣ ташрифоваранда (ҳазор нафар) | 430,9 | 1000,0 | 1600,0 | 2500,0 |
| Саҳми сайёҳӣ дар ММД (%) | 1,2 | 5,0 | 6,5 | 8,0 |
| Саҳми сайёҳӣ дар содирот (%) | 6,2 | 8,0 | 12,0 | 15,0 |
| Саҳми сармоя ба соҳаи сайёҳӣ дар маҷмуи сармоягузориҳо (%) | 0,07 | 2,0 | 5,0 | 10,0 |
| Саҳми сайёҳӣ дар қисми даромади буҷети давлатӣ (%) | 0,046 | 1,0 | 1,6 | 3,0 |
| Миқёси хизматрасониҳо дар соҳаи сайёҳӣ (млн сомонӣ) | 1906,8 | 4425,0 | 7080,0 | 11862,6 |
| Шумораи субъектҳои бақайдгирифташудае, ки дар соҳаи истироҳат ва табобат хизматрасонӣ мекунанд | 230 | 300 | 410 | 500 |
| Шуғли аҳолӣ дар соҳаи сайёҳӣ (бо %) | 0,6 | 2,0 | 5,0 | 10,0 |
| Мавқеи Тоҷикистон дар раддабандии кишварҳои меҳмоннавоз, ки аз ҷониби Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ гузаронида мешавад | 107/136 | 90/136 | 75/136 | 50/136 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси стратегия рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030*

«Сармоягузорӣ дар саёҳат ва сафар дар соли 2014, 814.4 млрд доллари ИМА-ро ташкил дод, ки он ба 4,3% сармоягузорӣ дар ҷаҳон баробар аст. Ин нишондиҳанда бояд 4,8% боло рафта, ҳаҷми умумии маблағгузориҳо дар соҳа 4,6%

дар даҳ соли оянда ба нақша гирифта шавад. Ҳаҷми маблағгузориҳо 1,336.4 млрд доллари ИМА ва ё 4.9%-и ҳаҷми умумии сармоягузориро дар соли 2025 ташкил диҳад» [34].

«Сайёҳии экологӣ муҳити софи берун аз шаҳрро дар бар мегирад, ки барои ташаккули он боғи миллии кишвар, ки 22 фоизи қаламрави Тоҷикистонро ташкил медиҳад, аҳамияти калон дорад. Манотиқи мамнӯъгоҳи «Зоркӯл», «Ромит», «Теппаи Тигр» («Тигровая балка»), «Дашти Ҷум» ва «Боғи миллии Тоҷикистон» табиати ғанӣ ва рангоранг доранд. Дар ин минтақаҳо намудҳои нодири наботот ва махсусан ҳайвоноте, ки ба Китоби Сурхи Тоҷикистон шомиланд, ба монанди бузҳои чархшох, гӯсфанди кӯҳӣ, ки бо номи гӯсфанди Марко Поло маъруф аст, гӯсфанди бухорӣ (уриал), оҳуи бухорӣ, паланги барфӣ, хирси Тёншон, уқоби кӯҳӣ ва гӯси ҳиндуӣ зиндагӣ мекунанд ва таҳти ҳимояи давлат қарор доранд» [59].

Сайёҳии экологӣ дар ҶТ ҳамчун самти афзалиятноки рушди туризм баромад мекунад. Бо табиати нодир, боғҳои миллӣ ва захираҳои бойи набототу ҳайвонот, кишвари мо имкониятҳои васеъ барои ҷалби сайёҳон дорад. Минтақаҳои табиӣ, аз қабили «Зоркӯл», «Ромит», «Бешаи палангон» ва «Боғи миллии Тоҷикистон», дорои аҳамияти махсуси экотуристӣ буда, зистгоҳи ҳайвоноти нодир ва таҳти ҳифозати давлат мебошанд. Соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон шуда, иқдомҳои муҳим барои пешбурди инфрасохтор, аз ҷумла рушди сайёҳии шикорӣ ва тарғиби Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ амалӣ гаштанд. Бо зиёд шудани шумораи сайёҳон ва таъсиси Кумитаи рушди сайёҳӣ назди Ҳукумати ҶТ дар соли 2017, туризм ба як самти муҳими иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст. Комёбӣ дар ин самт вобаста ба истифодаи оқилонаи манобеи табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва таблиғи иқтидори сайёҳии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон дар давоми солҳои 2017 то 2030 марҳила ба марҳила рушд карда, ба яке аз бахшҳои калидии иқтисоди миллӣ табдил меёбад. Шумораи сайёҳони воридшаванда дар ин муддат қариб шаш баробар афзуда, аз 430,9 ҳазор нафари соли 2017 ба 2,5 миллион нафари соли 2030 хоҳад расид, ки ин афзоиш нишондиҳандаи боварии афзояндаи сайёҳон ба имкониятҳои туристии кишвар мебошад. Сармоягузориҳо

ба бахши сайёҳӣ низ тамоюли рӯ ба афзоиш доранд: агар соли 2017 саҳми сармоя дар соҳа ҳамагӣ 0,07%-ро ташкил медод, то соли 2030 он ба 10% мерасад. Ин нишондиҳанда шаҳодат медиҳад, ки соҳаи сайёҳӣ ба як самти ҷолиби сармоягузорӣ табдил ёфтааст. Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои туристӣ (аз 1,9 млрд сомонӣ то 11,8 млрд сомонӣ) ва шумораи субъектҳои хизматрасони истироҳативу табобатӣ (аз 230 то 500 адад) нишон медиҳад, ки инфрасохтори соҳа густариш ёфта, имконоти нави хизматрасонӣ ба вуҷуд омадааст.

7. Самтҳои дигари афзалиятноки рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ ин омӯзиши кадрҳо ва баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии онҳо дар соҳаи экология мебошад» [123, С. 24-27]. Омӯзиши кадрҳо ва баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии онҳо дар соҳаи экология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳим барои рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ мебошад. Ин раванд бояд тавассути ташкили курсҳо ва барномаҳои омӯзишии махсус амалӣ гардад, ки ба рушди донишҳои экологӣ ва касбияти мутахассисон мусоидат кунанд. Самтҳои асосии таҳсилот ва барномаҳо метавонанд дар асоси самтҳои зерин ба роҳ монда шаванд: курсҳои омӯзишӣ дар МТОК; барномаҳои бакалаврӣ ва магистрӣ дар соҳаи идоракунии экологӣ; аудити экологӣ; технологияҳои сабз; барномаҳои омӯзишӣ ва маърифати экологӣ дар мактабҳо; барномаҳои таълимӣ дар фанҳои табиӣ; лоиҳаҳои экологӣ барои хонандагон; ташкили барномаҳои омӯзишӣ барои соҳибкорон ва бахши хусусӣ; курсҳои омӯзишӣ оид ба рушди тиҷоратҳои экологӣ; сертификатсия ва стандартҳои экологӣ; омӯзишҳои байналмилалӣ ва барномаҳои ҳамкорӣ; барномаҳои стипендия ва мубодилаи донишҷӯён; ҳамкории илмӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак; курсҳо барои ҷомеа ва маърифати омма; омӯзишҳои оммавӣ дар бораи ҳифзи муҳити зист; барномаҳои омӯзишӣ дар ВАО.

Мо пешниҳод менамоем, ки барои баланд бардоштани сатҳи донишу малакаҳои экологӣ дар кишвар барномаҳои омӯзишӣ ва курсҳои махсус роҳандозӣ карда шаванд. Ба ин барномаҳо метавонанд, пеш аз ҳама, ISO 14001, яъне стандарти байналмилалӣ оид ба идоракунии муҳити зист, ки ба соҳибкорон ва мутахассисон имкон медиҳад бо талаботи идоракунии экологӣ ошно шуда, онҳоро дар фаъолияти худ татбиқ намоянд; барномаҳои сертификатсияи тиҷоратҳои «сабз», ки ба ташаккули бизнесҳои экологӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорон равона шудаанд; курсҳои омӯзишӣ оид ба арзёбии таъсири муҳити зист, ки барои

татбиқи босамари лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва кам кардани хавфҳои экологӣ аҳамияти муҳим доранд; курсҳо оид ба технологияҳои энергияи барқароршаванда, ки ба истифодаи энергияҳои офтобӣ, бодӣ ва гидроэнергетикӣ равона шудаанд. Татбиқи чунин барномаҳои омӯзишӣ на танҳо сатҳи саводнокии экологиро дар ҷомеа боло мебарад, балки заминаи устувор барои рушди иқтисоди «сабз» ва ҳифзи муҳити зист дар ҶТ фароҳам меорад.

Барои рушди босамари низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ, давлат метавонад як қатор тадбирҳои муассирро амалӣ намояд. Яке аз онҳо дастгирии сармоягузорон мебошад. Тадбирҳои асосӣ метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

а) ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ;

б) таъмини субсидияҳо ва дастгирии молиявӣ;

в) рушди инфрасохтори сабз;

г) омӯзиш ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии экологӣ;

д) шарикӣ бо бахши хусусӣ ва созмонҳои байналмилалӣ.

Рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон на танҳо барои беҳтар кардани вазъи экологӣ, балки барои рушди иқтисодиёти кишвар низ муҳим аст. Барои расидан ба ин ҳадаф зарур аст, ки тадбирҳои муассир дар сатҳи сиёсати давлатӣ ва ҳамкории бахши хусусӣ амалӣ гарданд. Ин раванд метавонад шароитҳои нав барои таъсиси ҷойҳои корӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва нигоҳдории муҳити зисти солимро фароҳам оварад.

Низоми хизматрасониҳои экологӣ метавонад яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, агар монеаҳои мавҷуда бартараф гарданд.

## §3.2. Такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ

Дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва афзоиши аҳамияти ҳифзи муҳити зист, хизматрасониҳои экологӣ ба яке аз бахшҳои афзалиятноки ҷалби сармояи хориҷӣ табдил ёфтаанд. Тоҷикистон, дорои иқтидори бузурги захираҳои табиӣ ва имкониятҳои васеъ дар самтҳои коркарди партовҳо, энергетикаи барқароршаванда, обтаъминкунӣ ва тозакунии ҳаво, метавонад бо истифодаи механизмҳои муосир ва самараноки идоракунии сармоягузорӣ мавқеи худро дар

бозори минтақавӣ ва ҷаҳонӣ тақвият бахшад. Бо дарназардошти раванди ҷаҳонишавӣ ва афзоиши талаботи сармоягузорон ба меъёрҳои устувории рушд, зарурати такмил додани механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ба як омили калидӣ барои пешрафти соҳа ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ табдил ёфтааст.

Такмили чунин механизм дар бар мегирад азнавсозии сохторҳои идоракунӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ, соддагардонии расмиёти иҷозатдиҳӣ ва равандҳои ҳамоҳангсозӣ барои кам кардани монеаҳои маъмурӣ, таъсиси сохторҳои махсусгардонидашуда оид ба ҷалб ва дастгирии сармоягузорони хориҷӣ, татбиқи васеи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ворид намудани технологияҳои рақамӣ дар низоми мониторинг ва назорати экологӣ, ҳамчунин такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ бо назардошти талаботи муосир. Ин раванд на танҳо ба зиёдшавии ҳаҷми сармояи хориҷӣ мусоидат мекунад, балки барои баланд бардоштани сатҳи сифат ва самаранокии хизматрасониҳо, коҳиши таъсири манфии фаъолияти иқтисодӣ ба муҳити зист ва мутобиқсозии иқтисоди миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Дар доираи ин тадбирҳо, таваҷҷуҳи махсус бояд ба шаффофият, пешгӯишавандагӣ ва рақобатпазирии муҳити сармоягузорӣ зоҳир гардад, то Тоҷикистон тавонад ҳамчун як кишваре, ки сиёсати муосир ва устувори сармоягузории “сабз”-ро пеш мебарад, дар арсаи байналмилалӣ шинохта шавад. Бо татбиқи чунин механизми такмилёфта, имкониятҳои нави рушди устувор, эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ фароҳам хоҳад омад.

**Ҷадвали 3.1. Роҳҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ**

| Роҳҳои такмил | Номгӯи чорабиниҳои роҳҳои такмил |
|---|---|
| Такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ | – Таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии махсус барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои хизматрасониҳои экологӣ (коркарди партов, обтаъминкунӣ, энергетикаи сабз, тозакунии ҳаво).<br>– Муқаррар намудани меъёрҳои ESG дар лоиҳаҳои экологии сармоягузорӣ ва ҳамоҳанг кардани онҳо бо талаботи байналмилалӣ.<br>– Ташкили оператори миллии ҷалби сармоя дар бахши хизматрасониҳои экологӣ бо ваколати ҳамоҳангсозӣ, маркетинг ва дастгирии сармоягузорон. |

*Идомаи ҷадвали 3.1.*

| Роҳҳои такмил | Номгӯи чорабиниҳои роҳҳои такмил |
|---|---|
| Рушди инфрасохтори махсуси сармоягузории экологӣ | – Эҷоди кластерҳо ва минтақаҳои махсуси сармоягузории “сабз” бо инфрасохтори зарурӣ.<br>– Платформаи электронии ягона барои бақайдгирӣ, иҷозатдиҳӣ ва мониторинги лоиҳаҳои экологии хориҷӣ.<br>– Механизмҳои дастрас ва шаффофи гирифтани замин ва манбаъҳои табиӣ барои лоиҳаҳои хизматрасониҳои экологӣ. |
| Механизмҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ | – Имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои воридоти таҷҳизоти тозаи экологӣ ва технологияҳои коркарди партовҳо.<br>– Маблағгузории муштарак аз ҳисоби давлат ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ.<br>– Барномаҳои қарздиҳии имтиёзнок ва субсидияҳои ҳукуматӣ барои стартапҳо ва ширкатҳои навовар дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ. |
| Такмили ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва сармоягузорони хориҷӣ | – Гузаронидани форумҳо ва намоишгоҳҳои байналмилалӣ бо иштироки сармоягузорони эҳтимолӣ.<br>– Ташкили Шӯрои машваратии соҳавӣ оид ба сармоягузориҳои экологӣ.<br>– Механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) махсус барои лоиҳаҳои “сабз”. |
| Мониторинг, арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо | – Системаи мониторинги рақамӣ барои назорати татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории экологӣ бо нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва таъсири муҳитзистӣ.<br>– Таҳияи низоми идоракунии хавфҳои молиявӣ, техникӣ ва экологӣ бо иштироки муассисаҳои суғуртавӣ.<br>– Нашри ҳисоботи солонаи давлатӣ дар бораи натиҷаҳои ҷалб ва истифодаи сармояи хориҷӣ дар хизматрасониҳои экологӣ. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Бар асоси муқаррароти қонунгузорӣ, стратегияву барномаҳои самти сармоягузорӣ ва доктринаи илми иқтисодӣ метавон такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологиро дар чанд самти калидӣ таҳлилу пешниҳод намуд (нигаред ҷадвали 3.1.)

Г.Х. Зувайдуллоева, Б.С. Шодиев, Д.А. Толибов даҳ номгӯи такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷиро номбар кардаанд, аз қабили «1) номукаммал будани қонунгузории ҷумҳуриявӣ дар бораи сармоягузорӣ 2) яке аз мушкилоти муҳими дигар, ин дар дасти аксар ширкатҳои калоне, ки асосан ба содир кардани захираҳои табиӣ машғуланд, мавҷуд будани маблағҳои калони пулӣ мебошад, ки онҳо на ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, балки ба хориҷа равона шудаанд; 3) фаъолияти сусти сармоягузории бонкҳои ҶТ; 4) коркарди номукаммали механизмҳои суғуртаи сармоягузорӣ, махсусан

сармоягузориҳои хориҷӣ; 5) рушди нокифояи таъмини инфрасохтории фаъолияти сармоягузории минтақаҳои дар шароити буҳрон қарордошта; 6) бозори дохилии нисбатан хурд ва ҳамгироии сусти тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ; 7) рушди нокифояи инфрасохтори воқеӣ дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ; 8) шароитиками рақобатпазирӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо (низомҳои гумрук, андоз, ва раводид); 9) инкишоф наёфтани инфрасохтори сармоягузорӣ (суғуртавӣ, бонкӣ, машваратӣ, иттилоотию таҳлилӣ ва ғайра); 10) ба қадри кофӣ мавҷуд набудани кадрҳои идоракунанда» [116, С. 164].

Таҳлили алоҳидаи самтҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологиро, ки мо онро ба панҷ гуруҳи калон ва 15 зергуруҳ тақсим намудем (нигаред ҷадвали 3.1.), дида мебароем:

1. **Такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ.** Таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии махсус барои ҷалби сармояи хориҷӣ дар самти хизматрасониҳои экологӣ (коркарди партов, обтаъминкунӣ, энергетикаи сабз, тозакунии ҳаво) бояд ҳамчун як қадами стратегии баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории Тоҷикистон дар бозори “сабз” амалӣ гардад. Ин санадҳо бояд заминаи ҳуқуқӣ ва қоидаҳои возеҳро барои сармоягузорон муқаррар намоянд, ки дар онҳо тартиби интихоб, иҷозатдиҳӣ, татбиқ ва мониторинги лоиҳаҳои экологӣ ба таври шаффоф ва пешгӯишаванда муайян карда шавад.

Дар чунин санадҳо зарур аст, ки пеш аз ҳама механизми имтиёзҳои андозӣ (дар Кодекси андози ҶТ) ва гумрукӣ (дар Кодекси гумрукии ҶТ) барои воридоти таҷҳизоти муосири экологӣ, аз ҷумла технологияҳои коркарди партовҳо, таҷҳизоти тозакунии обу ҳаво ва иншооти истеҳсоли неруи барқароршаванда пешбинӣ карда шавад. Илова бар ин, муҳим аст, ки дар қонунгузории сармоягузорӣ кафолатҳои возеҳи давлатӣ нисбат ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои сармоягузорон муқаррар шаванд, аз ҷумла ҳуқуқи озоди интиқоли фоида, муҳофизати сармоя аз мусодираи ғайриқонунӣ ва таъмини иҷрои шартномаҳо, ки ҳамаи ин омилҳо барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди устувори соҳаи хизматрасониҳои экологӣ аҳамияти калидӣ доранд.

Санадҳо инчунин метавонанд принсипҳои ESG (Environmental, Social, Governance) ва стандартҳои байналмилалии идоракунии муҳити зистро ба таври ҳатмӣ дар марҳилаҳои банақшагирӣ ва иҷрои лоиҳаҳо ворид кунанд, то ҳам сармоягузорон ва ҳам давлат мутмаин бошанд, ки натиҷаҳо ба талаботи устувории ҷаҳонӣ ҷавобгӯянд. Қабули қонунҳои мувофиқе, ки ба сармоягузорони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати ҳимоя ва дастгирии қонуниро медиҳанд, аҳамияти калон дорад. Ин қонунҳо бояд ба Конвенсия дар бораи танзими баҳсҳои сармоягузорӣ байни давлатҳо ва шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии дигар давлатҳо (Вашингтон, 18 марти соли 1965)» [6], Конвенсияи СММ дар бораи шаффофият дар робита ба баррасии баҳсҳои сармоягузорӣ байни сармоягузорон ва давлатҳо, ки бар асоси шартномаҳои байналмилалӣ сурат мегиранд. «Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ аз 10 декабри соли 2014, № 69/11 6» [13], «Конвенсияи Сеул дар бораи таъсиси Агентии бисёрҷониба оид ба кафолати сармоягузорӣ» [14], «Конвенсия дар бораи ҳимояи ҳуқуқи сармоягузор аз 28 марти соли 1997, шаҳри Москва» [15] мувофиқ карда шавад.

Татбиқи чунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ шароити заруриро барои системавӣ ва мутамарказ намудани равандҳои ҷалби сармоя ба бахши хизматрасониҳои экологӣ фароҳам меорад, ки ин на танҳо ба баланд гардидани рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақа ва бозори ҷаҳонии сармоягузории «сабз» мусоидат мекунад, балки инчунин таъсири мусбии иҷтимоӣ ва экологиро дар сатҳи миллӣ таъмин намуда, заминаи устувор барои рушди иқтисоди сабз ва татбиқи ҳадафҳои рушди устувор фароҳам месозад. «Таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии махсус барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои хизматрасониҳои экологӣ бояд на танҳо як ҳуҷҷати умумӣ, балки маҷмӯи мукаммали қоидаҳо ва механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, ҳимоя ва ҳамоҳангсозиро фаро гирад» [146, С. 99].

Дар ин раванд зарур аст, ки дар матни санадҳо: механизмҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорон, тартиби содашудаи иҷозатдиҳӣ ва бақайдгирӣ барои лоиҳаҳои экологии хориҷӣ, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон, меъёрҳои ҳатмии экологӣ ва иҷтимоӣ барои ҳамаи лоиҳаҳо,

механизмҳои мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ барои назорати иҷрои шартҳои сармоягузорӣ ва натиҷаҳои экологӣ, таъмини мутобиқат бо стандартҳои байналмилалӣ ба инобат гирифта шаванд. Татбиқи чунин талаботҳо дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки низоми ҷалби сармояи хориҷиро дар бахшҳои хизматрасониҳои экологӣ мутамарказ ва муосир гардонад, бо кишварҳои пешрафта дар бозори сармоягузории "сабз" рақобат кунад ва заминаи устувор барои рушди иқтисодиёти экологӣ-ориентатсияшуда фароҳам оварад.

*Муқаррар намудани меъёрҳои ESG) дар лоиҳаҳои экологии сармоягузорӣ ва ҳамоҳанг кардани онҳо бо талаботи байналмилалӣ ҷанбаи дигари такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ ба шумор меравад.* Муқаррар намудани меъёрҳои ESG дар лоиҳаҳои экологии сармоягузорӣ ва ҳамоҳанг кардани онҳо бо талаботи байналмилалӣ яке аз қадамҳои устувор барои табдил додани низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ ба сатҳи мутобиқ бо стандартҳои ҷаҳонӣ мебошад. ESG, ин маҷмӯи меъёрҳо ва принсипҳоест, ки се ҷанбаҳои асосиро фаро мегиранд (нигаред расми 3.2.).




**Расми 3.2. - Меъёрҳои ESG (Environmental, Social, Governance)**

***Сарчашма***: *Таҳияи муаллиф*

Ворид кардани ESG ба лоиҳаҳои сармоягузории соҳаи хизматрасониҳои экологӣ имкон медиҳад, ки ҳангоми ҷалби сармоягузорон на танҳо омилҳои молиявӣ, балки натиҷаҳои дарозмуддати иҷтимоӣ ва экологӣ ба назар гирифта шаванд. Ин раванд ба баланд бардоштани эътимоди сармоягузорони хориҷӣ, беҳтар шудани мавқеи Тоҷикистон дар рейтингҳои байналмилалӣ, ҳимояи захираҳои табиӣ ва мусоидат ба рушди устувор мусоидат мекунад.

Ҳамоҳангсозии меъёрҳои ESG бо талаботи байналмилалӣ, аз ҷумла стандартҳои СММ оид ба рушди устувор, Принсипҳои масъулияти сармоягузорӣ ва дастурҳои IFC, кафолат медиҳад, ки лоиҳаҳои Тоҷикистон ба бозорҳои ҷаҳонӣ мувофиқ бошанд ва дар муҳити рақобатии сармоягузории “сабз” мавқеи мустаҳкам пайдо кунанд.

Илова бар ин, татбиқи меъёрҳои ESG дар лоиҳаҳои экологии сармоягузорӣ имконият медиҳад, ки дар марҳилаи интихоби лоиҳаҳо таҳлили сифатӣ ҷорӣ гардад, то маблағгузорӣ танҳо ба он ташаббусҳое равона шавад, ки ба меъёрҳои устувории муҳити зист, масъулияти иҷтимоӣ ва шаффофияти идоракунӣ ҷавобгӯ бошанд. Ин амал, аз як тараф, хавфҳои марбут ба осебҳои экологӣ, баҳсҳои иҷтимоӣ ва беэътимодии сармоягузоронро коҳиш медиҳад, ва аз ҷониби дигар, имкониятҳои дастрасӣ ба манбаъҳои молиявии арзонтар, аз ҷумла грантҳо ва қарзҳои имтиёзноки институтҳои молиявии байналмилалиро зиёд менамояд.

Бо назардошти он, ки тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар самти сармоягузории “сабз” ва иқтисоди устувор рӯ ба афзоиш доранд, ҷорӣ кардани ESG дар низоми хизматрасониҳои экологӣ барои Тоҷикистон на танҳо як унсури иловагии идоракунӣ, балки як шарти ҳатмӣ барои рақобатпазирӣ ва ворид шудан ба занҷираҳои ҷаҳонии арзиш мегардад. Мутобиқсозии пурраи меъёрҳои ESG бо талаботи байналмилалӣ ба яке аз сутунҳои асосии такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ табдил хоҳад ёфт.

*Ташкили оператори миллии ҷалби сармоя дар бахши хизматрасониҳои экологӣ бо ваколати ҳамоҳангсозӣ, маркетинг ва дастгирии сармоягузорон ҷанбаи дигари такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ ба шумор*

*меравад.* Ташкили оператори миллии ҷалби сармоя дар бахши хизматрасониҳои экологӣ бо ваколати ҳамоҳангсозӣ, маркетинг ва дастгирии сармоягузорон як иқдоми муҳим барои мутамарказ ва муассир гардондани равандҳои идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар соҳаҳои «сабз» мебошад [35].

Ин оператор, ки метавонад ҳамчун сохтори махсус дар доираи КДСИАД ё дар шакли корхонаи воҳиди давлатӣ (ба монанди КВД «Тоҷинвест») бо мақоми ҳуқуқии мустақил амал кунад, вазифаҳои асосӣ, аз ҷумла: ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллӣ ва шарикони рушд дар соҳаи ҷалби сармояи экологӣ; ташаккули сиёсати ягонаи маркетингӣ барои муаррифии Тоҷикистон дар бозорҳои байналмилалии сармоягузории «сабз»; таҳияи ва татбиқи барномаҳои ҳадафманд оид ба ҷалби сармояи мустақим барои лоиҳаҳои коркарди партовҳо, тозакунии об, энергетикаи барқароршаванда ва ҳифзи муҳити зист; таъмин намудани дастгирии ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва иттилоотӣ ба сармоягузорон дар тамоми марҳилаҳои татбиқи лоиҳа аз «аз фурудгоҳ то фурудгоҳ»; таъсиси пойгоҳи маълумоти ягона дар бораи имкониятҳои сармоягузории экологӣ ва лоиҳаҳои афзалиятнок; инчунин ташкили механизмҳои мониторинг ва арзёбии самаранокии лоиҳаҳоро дар бар гирад.

Ҳамзамон, оператори миллӣ метавонад ҳамчун маркази хизматрасонии якравзана амал намояд, ки тамоми расмиёти иҷозатдиҳӣ, бақайдгирӣ ва ҳамоҳангсозиро барои сармоягузор бо шаффофият, суръат ва сатҳи баланд иҷро намояд. Бо татбиқи ин ташаббус, ҷалби сармоя ба бахши хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон на танҳо босуръат ва ҳадафманд, балки мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва рақобатпазир дар минтақа мегардад.

Оператори миллӣ дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ дар самти хизматрасониҳои экологӣ метавонад намояндагиҳои худро дар хориҷи кишвар, аз ҷумла, дар марказҳои машҳури молиявӣ ва сармоягузории ҷаҳон (масалан, Дубай, Сингапур, Брюссел, Пекин ва дигарҳо) таъсис диҳад, то робитаҳои мустақиму мутақобила бо сармоягузорони эҳтимолӣ барқарор карда шаванд. Вазифаи ин намояндагиҳо на танҳо таблиғу муаррифии имкониятҳои сармоягузорӣ, балки ҳамчун пул байни сармоягузорон ва мақомоти дахлдори

давлатии (зиёда аз 10 мақомот) Тоҷикистон амал намоянд, иттилооти дақиқро дар бораи низоми қонунгузорӣ, имкониятҳо, қоидаҳо, имтиёзҳои сармоягузории экологӣ ва дигар иттилоотро пешниҳод менамоянд.

Оператори миллӣ метавонад маркази соҳавии таҳияи лоиҳаҳои “сабз” бошад, ки дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ ва ширкатҳои машваратӣ таҳқиқоти техникӣ-иқтисодӣ, баҳодиҳии таъсири экологӣ ва моделсозии молиявии лоиҳаҳоро анҷом дода, бо ин роҳ, сармоягузорон пеш аз ворид кардани маблағ маълумоти ҳамаҷониба ва боэътимод мегиранд, ки дар асоси онҳо хавфи молиявӣ ва техникӣ кам мегардад. Дар баробари ин, оператори миллӣ метавонад вазифаи идоракунии портфели миллии лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаҳои хизматрасониҳои экологиро ба уҳда гирад, яъне ҳамаи ташаббусҳои давлатӣ ва хусусиро дар як низоми мутамарказ сабт, тасниф (гуруҳбандӣ) ва мувофиқ созад, то такроркорӣ функсияҳо ва парокандагии захираҳо пешгирӣ карда шаванд.

Ниҳоят, оператори миллӣ бояд бо институтҳои молиявии байналмилалӣ (IFC, EBRD, ADB, GCF ва ғайра) ҳамкории фаъол дошта бошад, то дастрасӣ ба грантҳо, қарзҳои имтиёзнок ва суғуртаи хавфҳои сармоягузорӣ барои лоиҳаҳои Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам орад [142, С. 380-381].

Метавон дар шакли математикӣ ин гуфтаҳоро чунин ифода кард:

$$\text{ОМ} + \sum_{i=l}^{n} \text{ИМБ} \xrightarrow{\text{шарикии фаъол}} \left(\text{Г} + \text{Қ}_{\text{имт}} + \text{С}_{\text{хавф сарм}}\right) \Rightarrow (\text{М}_{\text{уст}} + \text{К}_{\text{кам}} + \\ + \text{Б}_{\text{баланд}}) \quad (3.1.)$$

Дар инҷо:

*ОМ* – Оператори Миллӣ;

*ИМБ*– Институтҳои молиявии байналмилалӣ (IFC, EBRD, ADB ... );

*Г* – Грантҳо;

$Қ_{имт}$ – Қарзҳои имтиёзнок;

*С*– Суғуртаи хавфҳои сармоягузорӣ;

$М_{уст}$ – Молиякунонии устувор;

$К_{кам}$ – Коҳиши хавфҳои молиявӣ;

$Б_{баланд}$ – Баландшавии ҷалбпазирии сармояи хориҷӣ.

Ин ҳамкорӣ, дар якҷоягӣ бо таблиғи мутамарказ ва дастгирии ҳамаҷониба, ба ҶТ имконият медиҳад, ки худро ҳамчун як маркази ҷолиб ва устувори сармоягузории хизматрасониҳои экологӣ дар минтақа муаррифӣ намояд.

**2. Рушди инфрасохтори махсуси сармоягузории экологӣ. Дар самти мазкур таҳлили** эҷоди кластерҳо ва минтақаҳои махсуси сармоягузории «сабз» бо инфрасохтори зарурӣ, платформаи электронии ягона барои бақайдгирӣ, иҷозатдиҳӣ ва мониторинги лоиҳаҳои экологии хориҷӣ, механизмҳои дастрас ва шаффофи гирифтани замин ва манбаъҳои табиӣ барои лоиҳаҳои хизматрасониҳои экологӣ аҳамияти аввалиндараҷаро дорад.

Эҷоди кластерҳо ва минтақаҳои махсуси сармоягузории «сабз» (Green Investment Zones) бо инфрасохтори зарурӣ ҳамчун яке аз абзорҳои муассир барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва тавсеаи фаъолияти иқтисодии устувор дар бахши хизматрасониҳои экологӣ арзёбӣ мешавад. Ин гуна минтақаҳо метавонанд ба сифати муҳитҳои махсуси иқтисодӣ бо низоми имтиёзноки андозӣ, гумрукӣ ва маъмурӣ амал кунанд, ки барои сармоягузорон шароити мусоид ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои «сабз» фароҳам меоранд. Кластерҳои экологӣ бояд дар минтақаҳое таъсис ёбанд, ки дорои афзалиятҳои табиӣ, логистикӣ ва иқтисодӣ мебошанд, масалан, наздикии манбаъҳои энергияи барқароршаванда (обӣ, офтобӣ, бодӣ), имкониятҳои коркарди партовҳои саноативу маишӣ ё захираҳои васеъ барои рушди туризми экологӣ. Дар чаҳорчӯби чунин кластерҳо мутамарказ намудани ширкатҳо, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, марказҳои инноватсионӣ ва операторони логистикӣ имкон медиҳад, ки ҳамкорӣ миёни онҳо самараноктар гардида, маҳсулот ва хизматрасониҳои нав бо асоснокии илмӣ ва татбиқи технологияҳои пешрафта рушд намоянд.

Минтақаҳои махсуси сармоягузории «сабз» бояд бо тамоми унсурҳои инфрасохтори муосир таъмин карда шаванд, аз ҷумла шабакаҳои барқу об, низомҳои тозакунии об ва ҳаво, роҳҳо ва марказҳои логистикӣ, майдонҳои истеҳсолии омодашуда, зерсохторҳои рақамӣ ва марказҳои хизматрасонии якравзана барои сармоягузорон. Дар чунин минтақаҳо татбиқи принсипи «zero waste» ва иқтисоди даврӣ аҳамияти калидӣ дорад, зеро он имкон медиҳад, ки

равандҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ бо ҳадди ақал тавлиди партов амал кунанд ва захираҳои табиӣ ба таври самаранок дубора истифода шаванд. Ин навъи идоракунӣ на танҳо устувории экологии минтақаҳоро таъмин менамояд, балки сатҳи рақобатпазирии онҳо дар бозори байналмилалии сармоягузории «сабз»-ро низ баланд месозад.

Бо таъсиси чунин кластерҳо ва минтақаҳои махсус, Тоҷикистон метавонад на танҳо сармояи мустақими хориҷиро ба бахшҳои экологӣ ҷалб кунад, балки шароити мусоид барои воридшавии технологияҳои пешрафтаи «сабз», рушди истеҳсолоти рақобатпазир ва баланд бардоштани иқтидори содиротии маҳсулот ва хизматрасониҳои экологиро фароҳам оварад. Ин иқдом, ҳамзамон, ба ҳадафҳои миллии гузариш ба иқтисоди сабз ва баланд бардоштани мавқеи кишвар дар рейтингҳои байналмилалии сармоягузории устувор мусоидат хоҳад кард.

Таъсиси кластерҳо ва минтақаҳои махсуси сармоягузории «сабз» метавонад якчанд самти муҳими иловагиро дар бар гирад, ки барои муваффақияти дарозмуддат ва ҷалби бештари сармоя нақши калидӣ доранд.

Аввалан, барои ин минтақаҳо бояд низоми махсуси ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ муқаррар гардад, ки дар он имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ, раванди содашудаи бақайдгирӣ ва иҷозатдиҳӣ, дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок ва грантҳои байналмилалӣ пешбинӣ шаванд. Ин қадам на танҳо ҷолибияти иқтисодии минтақаҳоро зиёд мекунад, балки хавфҳои молиявии сармоягузоронро низ коҳиш медиҳад.

Дувум, дар чаҳорчӯби кластерҳои «сабз» зарур аст, ки марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва инноватсионӣ таъсис дода шаванд, то бо ҳамкории зич бо донишгоҳҳо, муассисаҳои илмӣ ва ширкатҳои хусусӣ ба таҳияи технологияҳои нави сабз машғул гарданд. Вазифаи асосии чунин марказҳо таҳияи усулҳои муосири коркарди партовҳо, тозакунии обу ҳаво, таҷдиди механизмҳои идоракунии экологӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи манбаъҳои энергетикӣ мебошад. Ин гуна ҳамгироии илм, таълим ва истеҳсолот имкон медиҳад, ки ҳалли инноватсионӣ ба мушкилоти экологӣ пешниҳод гардад ва

замина барои рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ фароҳам ояд. Ин амал имконияти ворид кардани навовариҳои технологиро зиёд намуда, сифати маҳсулот ва хизматрасониҳоро ба стандартҳои ҷаҳонӣ мерасонад.

Сеюм, дар минтақаҳои махсуси сармоягузории «сабз» бояд инфрасохтори логистикии муосир сохта шавад, аз ҷумла марказҳои боркашонӣ, анборҳои стандарти байналмилалӣ ва шабакаҳои нақлиёти мутобиқ барои интиқоли маҳсулоти экологӣ. Ин имкон медиҳад, ки маҳсулот ва хизматрасониҳои истеҳсолшуда ба осонӣ ва бо арзиши рақобатпазир ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ содир карда шаванд.

Чорум, зарур аст, ки дар чунин минтақаҳо системаи идоракунии мутамарказ бо иштироки намояндагони давлат, бахши хусусӣ ва сармоягузорон амал кунад. Ин идора бояд масъули банақшагирии рушди минтақа, ҳамоҳангсозии иштирокчиён, назорати иҷрои меъёрҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ва мониторинги натиҷаҳои иқтисодӣ бошад.

Ниҳоят, таъсиси кластерҳо ва минтақаҳои махсуси сармоягузории «сабз» шароити зарурӣро барои ташаккули бренди миллии Тоҷикистон ҳамчун маркази сармоягузории устувор фароҳам меорад. Ин иқдом дар дарозмуддат на танҳо ҷалби сармояи мустақими хориҷиро таъмин менамояд, балки замина барои афзоиши иқтидори содиротӣ, воридшавии технологияҳои пешрафта, диверсификатсияи иқтисодӣ ва болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ низ фароҳам месозад, ки дар маҷмӯъ ба таҳкими мавқеи кишвар дар бозори байналмилалии сармоягузориҳои «сабз» мусоидат мекунад.

*Платформаи электронии ягона барои бақайдгирӣ, иҷозатдиҳӣ ва мониторинги лоиҳаҳои экологии хориҷӣ ҷанбаи дигари рушди инфрасохтори махсуси сармоягузории экологӣ ба шумор меравад.* Платформаи электронии ягона барои бақайдгирӣ, иҷозатдиҳӣ ва мониторинги лоиҳаҳои экологии хориҷӣ бояд ҳамчун як низоми муосири рақамӣ таҳия гардад, ки тамоми марҳилаҳои ҳамкорӣ бо сармоягузорро - аз пешниҳоди лоиҳа то назорати иҷрои он - дар муҳити ягона ва шаффоф фаро мегирад. Ин платформа имконият медиҳад, ки тамоми расмиёти ҳуқуқӣ, техникӣ ва экологӣ мутамарказ шуда, сармоягузор бе

муроҷиатҳои зиёдатӣ ба идораҳои гуногун, тавассути як «равзанаи ягона» тамоми ҳуҷҷатҳоро пешниҳод, иҷозатнома ва тасдиқномаҳо гирад ва раванди татбиқи лоиҳаро пайгирӣ намояд.

Платформа аз се модул ё блоки асосӣ таркиб ёфтаст (расми 3.3). Ин платформа ҳамчунин бояд бо системаи харитаи интерактивӣ пайваст бошад, ки дар он ҷойгиршавӣ ва марҳилаи иҷрои ҳар як лоиҳа намоиш дода шавад, то сармоягузорон ва ҷомеа аз раванди пешрафт огоҳ бошанд. Ворид кардани имзои рақамӣ ва ҳифзи маълумот бо протоколҳои амниятии баланд сатҳи бовариро боло мебарад. Бо татбиқи чунин низом, Тоҷикистон метавонад шаффофият, пешгӯишавандагӣ ва самаранокии ҷалб ва идоракунии сармояи хориҷиро дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ ба таври назаррас баланд бардорад, ҳамзамон вақти иҷрои расмиётро аз моҳҳо ба ҳафтаҳо ё ҳатто рӯзҳо коҳиш диҳад.




**Расми 3.3. - Платформаи электронии ягона барои бақайдгирӣ, иҷозатдиҳӣ ва мониторинги лоиҳаҳои экологии хориҷӣ**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф.*

Татбиқи пурраи чунин платформа на танҳо монеаҳои маъмуриро бартараф мекунад, балки муҳити сармоягузориро рақобатпазир мегардонад, ки барои рушди устувор ва ҷалби сармояи босифат дар бахши хизматрасониҳои экологӣ нақши ҳалкунанда хоҳад дошт

*Механизмҳои дастрас ва шаффофи гирифтани замин ва манбаъҳои табиӣ барои лоиҳаҳои хизматрасониҳои экологӣ ҷанбаи дигари рушди инфрасохтори махсуси сармоягузории экологӣ ба шумор меравад.* Механизмҳои дастрас ва шаффофи гирифтани замин ва манбаъҳои табиӣ барои лоиҳаҳои хизматрасониҳои экологӣ бояд ба тавре тарҳрезӣ шаванд, ки сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ тавонанд дар муҳити ҳуқуқӣ ва иқтисодии пешгӯишаванда ба ин захираҳо дастрасӣ пайдо кунанд, бе он ки бо расмиёти мураккаб, таъхирҳои маъмурӣ ва хавфҳои ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ шаванд.

**Аввалан,** зарур аст, ки заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии махсус таҳия гардад, ки тартиби интихоби қитъаҳои замин ва манбаъҳои табииро барои лоиҳаҳои экологии афзалиятнок, меъёрҳои интихоби онҳоро ва шартҳои истифода муайян намояд. Ин қонун ё санадҳои зерқонунӣ бояд шаффофияти раванди тендер ё музоядаҳоро кафолат диҳанд ва ҳама марҳилаҳои он дар платформаи электронӣ нашр шаванд.

**Дувум,** бояд реестри миллии замин ва манбаъҳои табиӣ таъсис дода шавад, ки дар он маълумоти дақиқ дар бораи ҷойгиршавӣ, масоҳат, мақоми ҳуқуқӣ, инфрасохтори дастрас ва маҳдудиятҳои экологӣ нишон дода шаванд. Ин реестр бояд ба таври онлайн дастрас бошад, то сармоягузорон пеш аз пешниҳоди лоиҳа имкониятҳо ва хавфҳоро арзёбӣ намоянд.

**Сеюм,** бояд раванди содашудаи иҷозатдиҳӣ ҷорӣ гардад, ки мувофиқати истифодаи замин ва манбаъҳои табииро барои лоиҳаҳои хизматрасониҳои экологӣ дар муҳлатҳои кӯтоҳ таъмин кунад. Дар ин раванд зарур аст, ки мақоми ягонаи ҳамоҳангсозӣ амал кунад, то сармоягузор ба идораҳои гуногун муроҷиат накунад.

**Чорум,** шартномаҳои додани ҳуқуқи истифода бояд мӯҳлат, шартҳои равшан ва ухдадориҳои тарафҳоро дар бар гиранд, аз ҷумла меъёрҳои ҳифзи

муҳити зист, масъулияти барқарорсозии замин пас аз анҷоми лоиҳа ва механизми қатъ ё дароз кардани шартнома.

**Панҷум,** барои баланд бардоштани сатҳи эътимод, зарур аст, ки назорати ҷамъиятӣ ва мониторинги мустақил ба равандҳои додани замин ва манбаъҳои табиӣ ҷорӣ гардад, то ҳар як қадам ба таври оммавӣ ва шаффоф гузаронида шавад. Ин амал на танҳо ҷалби сармоягузоронро осон мекунад, балки ба ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва муҳити зист низ мусоидат менамояд.

**3. Механизмҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ.** Ин механизм фарогири имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои воридоти таҷҳизоти тозаи экологӣ ва технологияҳои коркарди партовҳо, маблағгузории муштарак (co-financing) аз ҳисоби давлат ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, барномаҳои қарздиҳии имтиёзнок ва субсидияҳои ҳукуматӣ барои стартапҳо ва ширкатҳои навовар дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ мебошад.

Имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои воридоти таҷҳизоти тозаи экологӣ ва технологияҳои коркарди партовҳо бояд ҳамчун яке аз абзорҳои асосии ҳавасмандгардонии сармоягузории хориҷӣ ва дохилӣ дар бахши хизматрасониҳои экологӣ истифода шаванд. Мақсади чунин имтиёзҳо кам кардани хароҷоти ибтидоии сармоягузорон ва таъмини дастрасии онҳо ба технологияҳои пешрафтаи “сабз” мебошад, ки имконият медиҳанд самаранокии истеҳсолот баланд ва таъсири манфӣ ба муҳити зист кам гардад.

Аввалан, қонунгузорӣ бояд рӯйхати таҷҳизот ва технологияҳои экологиро, ки аз имтиёзҳо баҳра мебаранд, муқаррар намояд. Ин рӯйхат метавонад таҷҳизоти коркарди партовҳои сахти маишӣ ва саноатӣ, таҷҳизоти тозакунии об ва ҳаво, системаҳои мониторинги муҳити зист, дастгоҳҳои истеҳсоли неру аз манбаъҳои барқароршаванда ва ҳалли рақамии идоракунии партовҳоро дар бар гирад.

Дувум, зарур аст, ки барои воридоти ин таҷҳизот аз пардохти боҷи гумрукӣ ва ААИ (андози арзиши иловашуда) пурра ё қисман озодкунӣ пешбинӣ шавад. Ин тадбир хароҷоти воридотро барои сармоягузорон ба таври назаррас коҳиш медиҳад ва дастрасии онҳоро ба технологияҳои баландсифат осон мегардонад.

Сеюм, мумкин аст имтиёзҳои андоз аз фоида барои ширкатҳое, ки чунин таҷҳизотро ворид ва дар истеҳсолот истифода мебаранд, муқаррар карда шавад. Масалан, барои давраи аз 3 то 5 сол коҳиш додани меъёри андоз ё озод кардан аз он, ба шарте ки таҷҳизот барои ҳадафҳои экологӣ истифода гардад.

Чорум, бояд механизми шаффофи тасдиқи ҳуқуқ ба имтиёзҳо амал кунад, ва ин раванд метавонад тавассути портали ягонаи электронии сармоягузорӣ анҷом ёбад, ки дар он сармоягузор ҳуҷҷатҳои марбутро пешниҳод ва тасдиқро дар муҳлатҳои кӯтоҳ дарёфт намояд.

Ниҳоят, ин имтиёзҳо бояд бо системаи мониторинг ва арзёбии натиҷаҳо ҳамроҳ шаванд, то кафолат дода шавад, ки таҷҳизот воқеан барои ҳадафҳои экологӣ истифода мешавад ва ба коҳиши таъсири манфии экологӣ мусоидат менамояд.




**Расми 3.4. - Афзалиятҳои маблағгузории муштарак**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Маблағгузории муштарак аз ҳисоби давлат ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ яке аз абзорҳои муассири ҷалби сармоя ба лоиҳаҳои хизматрасониҳои экологӣ ба шумор меравад, зеро он на танҳо хавфҳои молиявиро коҳиш медиҳад, балки сатҳи эътимоди сармоягузорони хусусиро низ боло мебарад. Дар доираи ин модел, давлат қисми муайяни хароҷоти марбут ба лоиҳаҳоро тавассути буҷети давлатӣ, фондҳои махсуси рушд ё дигар воситаҳои

молиявӣ таъмин менамояд, дар ҳоле ки қисми дигари маблағ аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили Бонки Ҷаҳонӣ, IFC, EBRD, ADB, UNDP ва GCF, ҳамчунин сармоягузорони хусусӣ ворид мегардад. Ин шакли ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои дорои аҳамияти стратегӣ ва устувори экологӣ бо сармоягузории мутавозин татбиқ шуда, самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо дар сатҳи баланд таъмин карда шавад. Афзалиятҳои маблағгузории муштарак дар расми 3.4. оварда шудааст.

Механизми татбиқи маблағгузории муштарак дар расми 3.5. оварда шудааст. Бо чунин раванд, маблағгузории муштарак метавонад на танҳо сармоягузорони хориҷиро ҷалб намояд, балки боиси воридшавии технологияҳои пешрафта ва таҷрибаи идоракунии байналмилалӣ гардад, ки барои устувории дарозмуддати низоми хизматрасониҳои экологӣ зарур аст.




**Расми 3.5. - Механизми татбиқи маблағгузории муштарак**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф.*

Барномаҳои қарздиҳии имтиёзнок ва субсидияҳои ҳукуматӣ барои стартапҳо ва ширкатҳои навовар дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ бояд ҳамчун як механизми мутамаркази дастгирии молиявӣ амал кунанд, ки имконияти рушди тиҷоратҳои хурд ва миёнаи инноватсионӣ, воридсозии технологияҳои тозаи “сабз” ва ҳалли мушкилоти муҳити зистро таъмин намояд.

Дар доираи ин барномаҳо ширкатҳое, ки дар самтҳои коркарди партовҳо, тозакунии об ва ҳаво, энергетикаи барқароршаванда, иқтисоди даврӣ ва дигар хизматрасониҳои экологӣ фаъолият мекунанд, метавонанд қарзҳои имтиёзнок бо фоизи солона аз 2 то 5 дарсад, мӯҳлати пардохт то 7 сол ва давраи имтиёзӣ то 2 сол барои пардохти асоси қарз дастрас намоянд.

Ҳамзамон, субсидияҳои давлатӣ барои пӯшонидани як қисми хароҷот, аз ҷумла хариди таҷҳизоти экологӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои техникӣ-иқтисодӣ ва гузаронидани баҳодиҳии таъсири экологӣ, инчунин воридсозӣ ва патенткунии технологияҳои навоварона пешбинӣ мегардад. Барои стартапҳои марҳилаи ибтидоӣ грантҳои хурд то 50 ҳазор доллари ИМА низ ҷудо карда мешаванд.

Механизми татбиқи чунин барномаҳо бояд тавассути таъсиси Фонди миллии дастгирии стартапҳо ва ширкатҳои “сабз” амалӣ гардад, ки қабули ариза, арзёбӣ ва интихоби лоиҳаҳо, тақсими маблағ ва мониторинги истифодаи он тавассути портали электронии ягона анҷом дода мешавад. Ин иқдом на танҳо дастрасии молиявии стартапҳои соҳаи хизматрасониҳои экологиро осон мекунад, балки монеаҳои молиявиро коҳиш дода, сармояи хусусиро ҷалб менамояд, рақобатпазирии маҳсулот ва хизматрасониҳои ватаниро баланд мебардорад ва ба рушди устувори иқтисоди “сабз” мусоидат менамояд.

**4. Такмили ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва сармоягузорони хориҷӣ. Самти мазкур бо чунин омилҳо, яъне г**узаронидани форумҳо ва намоишгоҳҳои байналмилалӣ бо иштироки сармоягузорони эҳтимолӣ, ташкили Шӯрои машваратии соҳавӣ оид ба сармоягузориҳои экологӣ, механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) махсус барои лоиҳаҳои “сабз” вобаста аст.

Гузаронидани форумҳо ва намоишгоҳҳои байналмилалӣ бо иштироки сармоягузорони эҳтимолӣ яке аз самтҳои самараноки таблиғ ва муаррифии имкониятҳои Тоҷикистон дар бахши хизматрасониҳои экологӣ мебошад, ки метавонад ба таври мустақим ба ҷалби сармоягузориҳои босифат ва воридшавии технологияҳои пешрафта мусоидат намояд. Ин гуна чорабиниҳо бояд бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, ширкатҳои технологӣ ва муассисаҳои илмӣ баргузор

шаванд, то заминаи муколамаи кушода ва созанда барои баррасии лоиҳаҳои афзалиятнок, муҳокимаи имтиёзҳои сармоягузорӣ ва муайян кардани шароити ҳамкорӣ фароҳам оварда шавад. Ин раванд на танҳо шаффофият ва эътимодро миёни ҷонибҳои манфиатдор тақвият медиҳад, балки имкониятҳои ҳамгироии захираҳо ва таҷрибаҳои гуногунро низ барои татбиқи лоиҳаҳои устувори экологӣ таъмин менамояд.

Танҳо дар нимсолаи аввали соли 2024 бо ташаббуси КДСИАД ҶТ ва бо ҳамкории шарикони байналмилалӣ, форумҳо ва чорабиниҳои муҳими сармоягузорӣ баргузор гардиданд, ки ба густариши ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат намуданд. Дар маҷмӯъ, зиёда аз 8 форуми калидӣ бо иштироки ҳазорҳо намояндагони бахши давлатӣ ва хусусӣ, сармоягузорони хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои пешсаф баргузор шуданд. Дар натиҷа, чандин созишнома ва шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расид, ки ҳаҷми умумии онҳо зиёда аз 6,7 млрд. сомонӣ ва 700 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод. Ин лоиҳаҳо соҳаҳои гуногун, аз саноат, инфрасохтор, энергетикаи барқароршаванда ва "иқтисоди сабз" то хизматрасониҳои экологӣ, логистика ва технологияи иттилоотиро фаро гирифтанд. Шарикони асосӣ дар ин раванд Ҷумҳурии Мардумии Чин, Арабистони Саудӣ, Туркия, Озарбойҷон, Ӯзбекистон ва Ҷопон буданд. Ин иқдомҳо на танҳо ба афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ, балки ба рушди иқтисодиёт, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муҳими миллӣ мусоидат намуданд [55].

Форумҳо метавонанд ҳамчун платформаи стратегӣ барои пешниҳоди лоиҳаҳои омода ба сармоягузорӣ, гузаронидани мулоқотҳои B2B ва имзои созишномаҳои пешакӣ истифода шаванд.

Намоишгоҳҳо ҳамчун платформаи муҳим хизмат мекунанд, зеро онҳо ба ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ шароит фароҳам меоранд, то таҷҳизот, технология ва ҳалли навоваронаи худро дар самтҳои коркарди партовҳо, тозакунии об ва ҳаво, рушди энергетикаи барқароршаванда ва татбиқи модели иқтисоди даврӣ муаррифӣ намоянд. Ин раванд на танҳо имкони мубодилаи таҷриба ва ҷалби сармоягузориро зиёд мекунад, балки ба воридшавии технологияҳои пешрафта ва

густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ низ мусоидат менамояд. Ин гуна чорабиниҳо на танҳо сатҳи огоҳии сармоягузорони хориҷиро дар бораи иқтидори Тоҷикистон баланд мебардоранд, балки ба ташаккули образи мусбати кишвар ҳамчун маркази сармоягузории “сабз” мусоидат мекунанд, ҳамзамон шароити мусоид барои ташкили шабакаҳои ҳамкорӣ ва ворид кардани таҷрибаи байналмилалиро фароҳам меоранд.

Ташкили Шӯрои машваратии соҳавӣ оид ба сармоягузориҳои экологӣ бояд ҳамчун як сохтори доимамалкунанда дар назди мақомоти дахлдори давлатӣ ё Президенти ҶТ таъсис дода шавад, ки вазифаи асосиаш ҳамоҳангсозӣ, арзёбӣ ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба сиёсати ҷалб ва идоракунии сармоягузориҳои “сабз” мебошад. Шӯро бояд сохторе бошад, ки аз намояндагони вазорату идораҳои марбута, бахши хусусӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва иттиҳодияҳои соҳибкорон ташкил ёбад, то манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳои калидӣ дар раванд ба таври мутавозин ба инобат гирифта шаванд. Вазифаи асосии он аз таҳияи тавсияҳои стратегӣ, арзёбии лоиҳаҳои калидӣ, назорати иҷрои меъёрҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, ҳамоҳангсозии барномаҳои давлатӣ бо ташаббусҳои бахши хусусӣ ва ҷалби шарикони хориҷӣ иборат мебошад. Илова бар ин, Шӯро метавонад ҳамчун платформаи муассир барои мубодилаи таҷрибаи байналмилалӣ ва муҳокимаи масъалаҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва техникӣ хизмат кунад, то монеаҳои сармоягузорӣ сари вақт муайян ва бартараф карда шаванд. Бо татбиқи чунин механизми ҳамкорӣ, Шӯрои машваратӣ на танҳо ба такмили муҳити сармоягузорӣ ва боло бурдани сатҳи шаффофияти қарорҳои давлатӣ мусоидат менамояд, балки ба рушди устувори низоми хизматрасониҳои экологӣ ва таҳкими нуфузи байналмилалии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои сиёсати пешрафтаи “сабз” низ нақши муҳим мегузорад.

Механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) махсус барои лоиҳаҳои “сабз” бояд ҳамчун абзори стратегӣ барои ҷалби сармояи хусусӣ ба соҳаҳои муҳими хизматрасониҳои экологӣ, аз ҷумла коркарди партовҳо, тозакунии об ва ҳаво, энергетикаи барқароршаванда ва рушди инфрасохтори

“сабз” амал намояд. Ин механизм шароити мусоид фароҳам меорад, то давлат ва бахши хусусӣ тавассути муттаҳид сохтани захираҳо, таҷриба ва масъулиятҳои худ тавонанд лоиҳаҳои бузургу дарозмуддатро дар шакли ҳамкорӣ татбиқ намоянд, ки амалӣ кардани онҳо танҳо бо маблағгузории давлатӣ ё хусусӣ мушкил мебошад. Дар доираи чунин ҳамкории шарикӣ, давлат уҳдадор аст қитъаҳои замин, имтиёзҳои андозию гумрукӣ, дастгирии меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва кафолатҳои молиявиро пешниҳод намояд, дар ҳоле ки бахши хусусӣ вуруди сармоя, таҷҳизот, технология ва идоракунии самаранокро таъмин мекунад. Ҳамин тавр, шарикии давлат ва бахши хусусӣ на танҳо хавфҳои молиявиро тақсим мекунад, балки самаранокии татбиқи лоиҳаҳоро низ меафзояд ва заминаи устувор барои рушди хизматрасониҳои экологӣ фароҳам месозад.

Барои таъмини шаффофият ва эътимоди тарафҳо, зарур аст, ки тартиби баргузории тендерҳои кушод барои интихоби шарикони хусусӣ, шартҳои муфассали созишномаҳо, тақсими хавфҳо ва даромадҳо, инчунин механизмҳои назорат ва ҳисоботдиҳӣ дақиқ муқаррар карда шаванд. Илова бар ин, барои лоиҳаҳои “сабз” бояд форматҳои махсуси ШДБХ, аз қабили Build-Operate-Transfer (BOT), Design-Build-Operate (DBO) ва консессияҳо бо таъмини мутобиқат ба меъёрҳои ESG ва талаботи байналмилалии ҳифзи муҳити зист истифода шаванд. Бо роҳандозии чунин механизми ҳадафманд, на танҳо ҷалби сармоя ва воридшавии технологияҳои нав таъмин мегардад, балки сифати хизматрасониҳои экологӣ беҳтар шуда, Тоҷикистон ба маркази минтақавии сармоягузориҳои устувори “сабз” табдил ёфта метавонад.

**5. Мониторинг, арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо.** Самти мазкур бо чунин омилҳо, яъне системаи мониторинги рақамӣ барои назорати татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории экологӣ бо нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва таъсири муҳитзистӣ, таҳияи низоми идоракунии хавфҳои молиявӣ, техникӣ ва экологӣ бо иштироки муассисаҳои суғуртавӣ, нашри ҳисоботи солонаи давлатӣ дар бораи натиҷаҳои ҷалб ва истифодаи сармояи хориҷӣ дар хизматрасониҳои экологӣ алоқаманд мебошад.

Системаи мониторинги рақамӣ барои назорати татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории экологӣ бо нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва таъсири муҳити зист

бояд ҳамчун як платформаи мутамаркази миллӣ амал намояд, ки ҷамъоварӣ, таҳлил ва пешниҳоди маълумотро дар вақти воқеӣ таъмин мекунад. Ин система бояд имконият диҳад, ки тамоми марҳилаҳои татбиқи лоиҳа, яъне аз оғози сохтмон то марҳилаи истифодабарӣ тахти назорати доимӣ қарор гиранд ва маълумоти боэътимод дар бораи риояи меъёрҳои экологӣ, иҷрои уҳдадориҳои сармоягузорӣ ва натиҷаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дастрас бошад.

Дар доираи ин платформа, барои ҳар як лоиҳа маҷмӯи нишондиҳандаҳои асосӣ (KPI- нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ) муайян карда мешавад, ки метавонанд ҳаҷми партовҳои коҳишёфта, миқдори оби тозашуда, ҳаҷми неруи аз манбаъҳои барқароршаванда истеҳсолшуда, таъсири иҷтимоӣ (шумораи ҷойҳои кории нав, баландшавии сатҳи зиндагии аҳолӣ) ва мутобиқати фаъолият ба меъёрҳои ESG-ро дар бар гиранд.

Система бояд бо истифода аз сенсорҳо, таҷҳизоти IoT, технологияҳои GIS (системаҳои иттилотии географӣ) ва таҳлили маълумоти калон (Big Data) кор кунад, то назорати автоматӣ ва фаврии параметрҳои муҳити зист (сифати ҳаво, об, замин) имконпазир гардад. Маълумоти ҷамъовардашуда бояд ба таври шаффоф тавассути веб-портал ва барномаи мобилӣ барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, аз мақомоти давлатӣ то сармоягузорон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дастрас бошад.

Ин гуна система на танҳо сатҳи назорати давлатӣ ва эътимоди сармоягузоронро баланд мебардорад, балки имконият медиҳад, ки дар ҳолати ошкор шудани ихтилофҳо ё вайронкуниҳо чораҳои фаврӣ андешида шаванд, хароҷоти идоракунӣ коҳиш ёбад ва самаранокии умумии лоиҳаҳо афзоиш ёбад. Дар натиҷа, Тоҷикистон метавонад яке аз аввалин кишварҳои минтақа гардад, ки мониторинги рақамии лоиҳаҳои “сабз”-ро дар сатҳи миллӣ ва мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ мемонад.

Таҳияи низоми идоракунии хавфҳои молиявӣ, техникӣ ва экологӣ бо иштироки муассисаҳои суғуртавӣ бояд ҳамчун як унсури ҳатмии механизми муосири ҷалб ва татбиқи сармоягузориҳои “сабз” дар Тоҷикистон амал намояд, то аз як тараф манфиатҳои сармоягузорон ва давлат ҳифз шаванд, аз ҷониби дигар устувории дарозмуддати лоиҳаҳо таъмин гардад. Ин низом бояд тамоми

марҳилаҳои татбиқи лоиҳа, аз таҳияи ҳуҷҷатҳои техникӣ-иқтисодӣ то марҳилаи истифодабарӣ ва мониторингро фаро гирад.

Дар самти хавфҳои молиявӣ**,** зарур аст механизмҳои суғуртаи сармоягузорӣ бар зидди хавфҳои бозор (коҳиши даромад, тағйирёбии қурби асъор), хавфҳои сиёсӣ (тағйирёбии қонунгузорӣ, мусодираи ғайриқонунӣ) ва хавфҳои иҷрои шартнома татбиқ шаванд. Барои ин, ҳам муассисаҳои суғуртавии дохилӣ ва ҳам ташкилотҳои байналмилалӣ ба мисли MIGA (Multilateral Investment Guarantee Agency) метавонанд ҷалб карда шаванд.

Дар бахши хавфҳои техникӣ**,** суғурта бояд зарари эҳтимолӣ аз хатогиҳои муҳандисӣ, вайроншавии таҷҳизот, қатъ шудани истеҳсолот ё хизматрасонӣ ва ҳодисаҳои фавқулоддаро дар бар гирад. Барои кам кардани чунин хавфҳо, зарур аст, ки аудитҳои техникии даврӣ гузаронда шуда, технологияи истифодашаванда ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шавад.

Дар робита ба хавфҳои экологӣ**,** система бояд зарари эҳтимолӣ аз ифлосшавии муҳити зист, вайрон кардани қоидаҳои кор бо партовҳо, осеб ба манбаъҳои об ва биомуҳити ҳассосро пешбинӣ ва суғурта кунад. Илова бар ин, метавон суғуртаи махсуси "таъсири манфии экологӣ" ворид намуд, ки ҷуброни хароҷоти барқарорсозӣ ва ислоҳотро таъмин менамояд.

Татбиқи чунин низом бо иштироки муассисаҳои суғуртавӣ на танҳо эътимоди сармоягузоронро афзоиш медиҳад ва ҷалби сармояи хориҷиро осон мекунад, балки имкон медиҳад, ки дар сурати рух додани ҳолатҳои фавқулодда зарари молиявӣ ва таъсири манфӣ ба муҳити зист ба ҳадди ақал расонда шавад. Бо чунин механизм, Тоҷикистон метавонад модели пешрафтаи идоракунии хавфҳоро дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ ба роҳ монад, ки мутобиқ ба меъёрҳои ESG ва таҷрибаи байналмилалӣ бошад.

Нашри ҳисоботи солонаи давлатӣ дар бораи натиҷаҳои ҷалб ва истифодаи сармояи хориҷӣ дар хизматрасониҳои экологӣ бояд ба як анъанаи устувор ва абзори муҳими таъмини шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва баланд бардоштани эътимоди сармоягузорон табдил ёбад. Ин ҳисобот, ки аз ҷониби мақомоти масъул, масалан КДСИАД, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои соҳавӣ таҳия мешавад, бояд маълумоти муфассалро дар бораи ҳаҷм, манбаъ ва сохтори

сармоягузориҳои воридшуда, бахшҳои афзалиятнок, таркиби лоиҳаҳо, марҳилаҳои татбиқ, инчунин нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар бар гирад.

Дар ҳисобот зарур аст, ки натиҷаҳои асосии сол бо забон ва форматҳои фаҳмо, аз ҷумла ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва инфографика, муаррифӣ шаванд, то хонандагон, новобаста аз сатҳи тахассус, тавонанд тасаввуроти возеҳ пайдо кунанд. Ба ин ҳисобот ҳамчунин бояд бахши арзёбии мутобиқати лоиҳаҳо ба меъёрҳои ESG ва талаботи байналмилалӣ, таҳлили тамоюлҳои сармоягузорӣ, мушкилоти рӯ ба рӯ ва тавсияҳои сиёсӣ барои солҳои минбаъда дохил карда шаванд.

Нашри чунин ҳисобот бо дастрасӣ дар шакли чопӣ ва электронии он, аз ҷумла дар вебсайти расмии мақомоти давлатӣ (investmentcouncil.tj, tajinvest.tj, investcom.tj) ва платформаҳои байналмилалии сармоягузорӣ, имкон медиҳад, ки на танҳо сармоягузорони мавҷуда аз раванди татбиқи лоиҳаҳо бохабар бошанд, балки сармоягузорони эҳтимолӣ низ бо имкониятҳо ва иқтидори Тоҷикистон дар бахши хизматрасониҳои экологӣ ошно гарданд. Дар натиҷа, ин иқдом метавонад ба густариши шабакаи ҳамкориҳо, афзоиши сармояи воридотӣ ва беҳтар шудани обрӯи байналмилалии кишвар ҳамчун як маркази боэътимоди сармоягузории “сабз” мусоидат намояд.

Ин чораҳо имкон медиҳанд, ки идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ самараноктар, шаффоф ва мувофиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ гардад, ки мувофиқи стратегияву консепсияҳои дахлдор ба баланд бардоштани ҷолибияти Тоҷикистон ҳамчун кишвари “сабз” мусоидат хоҳад кард.

## §3.3. Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ

Дар шароити рушди босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ ва афзоиши таъсири омилҳои экологӣ ба фаъолияти инсон, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст. Бо дарназардошти талаботи рӯзафзуни бозор ба ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист,

идоракунии самараноки чунин сармоягузориҳо на танҳо омили муҳими рушди устувори иқтисодӣ, балки шарти асосии татбиқи стратегияҳои миллии экологӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии кишвар ба ҳисоб меравад.

Технологияҳои рақамӣ, аз қабили зеҳни сунъӣ, интернети ашё (IoT), системаҳои иттилоотии ҷуғрофӣ (GIS), таҳлили маълумоти бузург (Big Data), ва ғайраҳо (ниг: ҷадвали 3.1.) имконият медиҳанд, ки равандҳои идоракунӣ дар соҳаи сармоягузориҳои хориҷӣ шаффоф, дақиқ ва саривақтӣ гарданд.

**Ҷадвали 3.1. - Самтҳои асосии истифодаи технологияи муосир дар раванди сармоягузории хориҷӣ**

| Технологияҳои рақамии муосир | Вазифаи онҳо |
|---|---|
| IoT (Internet of Things) | шабакаи дастгоҳҳо ва сенсорҳои ҳамгиро барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар вақти воқеӣ |
| AI (Artificial Intelligence) | истифодаи зеҳни сунъӣ барои таҳлили пешгӯишаванда, оптимизатсияи равандҳо ва қабули қарорҳои оқилона |
| Blockchain | таъмини шаффофият ва амнияти муомилоти рақамӣ |
| GovTech ва E-Gov | рақамисозии хизматрасониҳои давлатӣ барои баланд бардоштани шаффофият ва дастрасӣ |
| E-Commerce | рушди тиҷорати электронӣ ва платформаҳои савдои рақамӣ |
| CyberSecurity | ҳифзи иттилоот ва шабакаҳо аз ҳамлаҳои кибернетикӣ |
| Green Data Center | марказҳои додаи дорои самаранокии энергетикӣ ва таъсири кам ба муҳити зист |
| Neo Banking | хизматрасониҳои бонкии комилан рақамӣ |
| AgroTech | истифодаи технологияҳои рақамӣ дар кишоварзӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самаранокии истифодаи захираҳо |
| Industry 4.0/5.0 | автоматикунонии интеллектуалӣ ва ҳамгироии инсон бо системаҳои роботӣ |
| Digital Assets ва CryptoCurrency | идоракунӣ ва муомилоти дороиҳои рақамӣ |
| E-Documentation ва E-Signature | соддагардонии равандҳои ҳуҷҷатгузорӣ ва имзои электронӣ; |
| DigitalTech ва Digital Transformation | рушди ҳамаҷонибаи инфрасохтори рақамӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф*

Бо истифода аз ин технологияҳо, имкон фароҳам меояд, ки ҳам ҷараёни ҷалб, ҳам баҳодиҳӣ ва ҳам назорату мониторинги лоиҳаҳои экологӣ бо сатҳи баландтарини самаранокӣ анҷом дода шавад.

«Таҳлили Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Стратегияи ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 нишон медиҳанд», ки татбиқи

технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар хизматрасониҳои экологӣ на танҳо ба коҳиши хароҷоти маъмурӣ ва баланд бардоштани суръати қабули қарорҳо мусоидат менамояд, балки заминаи боэътимоди ҳамкорӣ миёни давлат, бахши хусусӣ ва сармоягузорони хориҷиро фароҳам меорад. Ин раванд, аз як тараф, имкониятҳои нави ҷалби сармояро мекушояд ва, аз тарафи дигар, таъсири мусбати экологӣ ва иҷтимоии лоиҳаҳоро таъмин менамояд.

Барои рушди технологияҳои рақамӣ ва инноватсия Ҳукумат имтиёзҳои зиёди андозиву гумрукиро роҳандозӣ намудааст, ки сармоягузорону соҳибкорон аз онҳо метавонанд васеъ бархурдор шаванд. Масалан, чунин имтиёзҳо дар КА ҶТ, КГ ҶТ, қонунҳои соҳавӣ, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ муқаррар шудаанд.

Таҳлил ва хулосабарории Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» нишон медиҳад, ки барои рушди технологияҳои рақамӣ ва инноватсия чунин имтиёзҳои андозиву гумрукӣ ҷой доранд: 1) имтиёзҳои андозӣ (моддаи 11 ва моддаи 16, низоми махсус ё содакардашудаи андозбандӣ барои лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ); 2) имтиёзҳои гумрукӣ (моддаи 11 ва моддаи 16, озодкунӣ пурра ё қисман аз пардохтҳои гумрукӣ ҳангоми воридоти таҷҳизот, технологияҳо, ашёи хом ва маводҳои зарурӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои рақамӣ ва инноватсионӣ; расмиёти содакардашудаи гумрукӣ барои воридот ва содироти таҷҳизоти техникӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти марбут ба лоиҳаҳои инноватсионӣ; имконияти воруди муваққатии таҷҳизот бе пардохти пурраи боҷҳои гумрукӣ барои марҳилаи татбиқи лоиҳа); 3) дигар имтиёзҳо (моддаи 11, моддаи 21 ва моддаи 24, имконияти гирифтани грантҳои аслии давлатӣ (молу мулки давлатӣ) барои истифодаи ройгон дар марҳилаи татбиқи лоиҳаҳои технологӣ; дастгирии инфрасохтори сармоягузорӣ (минтақаҳои озоди иқтисодӣ, паркҳои илмию технологӣ, кластерҳои инноватсионӣ); реҷаи имтиёзнок барои будубоши

дарозмуддати мутахассисони хориҷӣ ва шароити соддакардашудаи раводид барои онҳо).

Афзалиятҳои асосии истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ шаффофияти равандҳо, суръат ва самаранокӣ, идоракунии маълумот [132, С. 41-42], мониторинг ва баҳодиҳӣ самаранок татбиқ ва истифода гарданд. Ҳамаи ин афзалиятҳоро ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1) Шаффофияти равандҳо яке аз принсипҳои калидӣ дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва баланд бардоштани эътимоди тарафҳои манфиатдор мебошад. Вақте ки идоракунӣ тавассути платформаҳои рақамӣ амалӣ мегардад, тамоми марҳилаҳои иҷрои лоиҳа, аз оғози расмиёти бақайдгирӣ, гирифтани иҷозатномаҳо ва ҳамоҳангсозӣ то марҳилаи мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ дар муҳити онлайн сабт ва намоиш дода мешаванд.

Ин раванд якчанд бартарии муҳимро фароҳам меорад, аз ҷумла: а) дастрасии баробар ба маълумот, яъне сармоягузорон, мақомот ва ҷомеа метавонанд дар вақти воқеӣ ҷараёни иҷрои лоиҳаро пайгирӣ намоянд; б) коҳиши эҳтимоли коррупсия ва сӯистифода, ин имкон медиҳад, ки шаффофияти иттилоотӣ имкони пинҳонкорӣ ва тағйир додани маълумотро коҳиш диҳад; в) суръат бахшидан ба қабули қарорҳо, яъне бо доштани маълумоти дақиқ ва нав, ҳам сармоягузор ва ҳам мақомот метавонанд саривақт ба мушкилот вокуниш нишон диҳанд; г) баланд бардоштани эътимод: ин раванд на танҳо сармоягузорони хориҷӣ, балки ҷомеаи шаҳрвандиро низ ба боварии бештар нисбат ба амалисозии лоиҳаҳо водор месозад.

Ҳамин тавр, шаффофияти равандҳо тавассути платформаҳои рақамӣ на танҳо воситаи назорат, балки омили рушди устувор ва идоракунии самараноки сармоягузорӣ мебошад.

2) Суръат ва самаранокӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳим дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Автоматикунонии ҷараёнҳои ҳуҷҷатгузорӣ маънои онро дорад, ки ҳамаи амалҳои марбут ба таҳия, тасдиқ ва мубодилаи ҳуҷҷатҳо дар муҳити

рақамӣ ва бидуни дахолати зиёд аз ҷониби инсон анҷом дода мешаванд. Имкониятҳои раванди мазкур дар расми 3.6. оварда шудааст.

Дар маҷмӯъ, автоматикунонии ҷараёнҳо ва ҳамоҳангсозии рақамӣ ба таҳкими рақобатпазирии муҳити сармоягузорӣ ва иҷрои саривақтии уҳдадориҳо дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ мусоидат менамояд.

3) Идоракунии муассири маълумот яке аз омилҳои калидӣ барои қабули қарорҳои босифат дар соҳаи сармоягузориҳои хориҷӣ ва хизматрасониҳои экологӣ мебошад. Истифодаи пойгоҳҳои ягонаи рақамӣ маънои онро дорад, ки тамоми иттилооти марбут ба лоиҳаҳо, сармоягузорон, уҳдадориҳо ва нишондиҳандаҳои таъсири экологӣ дар як низоми мутамарказ нигоҳдорӣ ва идора карда мешавад.




**Расми 3.6. - Суръат ва самаранокӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ин раванд имконият медиҳад, ки ҳамаи тарафҳои манфиатдор - мақомоти давлатӣ, сармоягузорон ва нозирон - аз як манбаъи ягона иттилооти дақиқ ва навро дастрас намоянд, сифати таҳлил тавассути мутамарказ кардани маълумот баланд гардад ва шароити татбиқи таҳлилҳои мураккаб ва моделсозии пешгӯишаванда барои баҳодиҳии хавфҳо ва имкониятҳо фароҳам ояд.

Пойгоҳи ягона хатари ворид кардани маълумоти такрорӣ ё нодурустро коҳиш дода, мутобиқати маълумотро таъмин менамояд ва навсозии доимии он имкон медиҳад, ки тағйирот дар ҷараёни иҷрои лоиҳаҳо саривақт сабт ва дар таҳлил ба назар гирифта шаванд.

Дар маҷмӯъ, идоракунии рақамии маълумот бо истифода аз пойгоҳҳои ягона на танҳо самаранокии назорат ва ҳисоботдиҳиро баланд мебардорад, балки барои шаффофият, дақиқӣ ва устувории қарорҳои сармоягузорӣ заминаи боэътимод фароҳам меорад.

4) Мониторинг ва баҳодиҳӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ нақши ҳалкунанда дорад, зеро он имкони назорати дақиқ ва саривақтии ҳолати муҳити зист ва иҷрои ӯҳдадориҳои экологиро фароҳам меорад. Истифодаи сенсорҳо барои ченкунии нишондиҳандаҳои муҳими экологӣ, дронҳо барои аксбардорӣ ва назорати ҳавоӣ, ҳамчунин системаҳои GIS барои таҳлили фазоӣ ва харитасозӣ имкон медиҳад, ки маълумот дар вақти воқеӣ ҷамъоварӣ ва коркард шавад. Ин усулҳо на танҳо раванди назоратро дақиқ ва шаффоф месозанд, балки шароити арзёбии таъсири лоиҳаҳо ба муҳити зист ва муайян кардани хатари эҳтимолиро низ таъмин менамоянд.

Бо истифодаи чунин технологияҳо, мақомоти давлатӣ ва сармоягузорон метавонанд ба таври самаранок иҷрои меъёрҳои экологиро назорат карда, қарорҳои асосёфтаро дар бораи идомаи лоиҳа ё ворид кардани тағйирот қабул намоянд, ки ин дар ниҳоят ба устувории муҳити зист ва самаранокии сармоягузорӣ мусоидат мекунад.

***Самтҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ.*** Гузариш ба

воситаҳои рақамӣ на танҳо равандҳои ҷалб, тақсим ва назорати сармояро шаффофу самаранок мегардонад, балки имкониятҳои навро барои оптимизатсияи идоракунӣ ва таъмини устувории муҳити зист фароҳам меорад. Платформаҳои онлайн, системаҳои идоракунии лоиҳа, блокчейн ва зеҳни сунъӣ (AI) абзорҳои калидие мебошанд, ки метавонанд ҳамгироии манфиатҳои давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаро дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтори сабз таъмин намоянд [121; 128; 150; 166]. Бо истифодаи чунин технологияҳо, назорат ва баҳодиҳии таъсири экологӣ дақиқтар мегардад, хавфҳо саривақт муайян мешаванд ва самаранокии татбиқи лоиҳаҳо меафзояд. Дар натиҷа, рақамисозии равандҳои сармоягузорӣ на танҳо суръат ва сифати қабули қарорҳоро баланд мебардорад, балки барои рушди устувори иқтисод ва ҳифзи муҳити зист низ заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Самтҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ фарогири маҷмӯи васеи абзорҳо ва қарорҳои инноватсионӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофият ва устувории лоиҳаҳо мусоидат мекунанд. Ин самтҳоро ба намудҳои зерин ҷудо намуданмумкин аст:

1) Платформаҳои онлайн барои ҷалби сармоя, яъне порталҳои интерактивӣ, ки маълумот дар бораи имкониятҳои сармоягузории экологӣ, тартиби иҷозатдиҳӣ ва имтиёзҳоро пешниҳод мекунанд. Дар ҶТ, дар соҳаҳои сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати муаррифии молу маҳсулот, дарёфти шарикони тиҷоратӣ ва сармоягузорони хориҷӣ портали интерактивии соҳибкор бо соҳибкор (B2B) ташкил карда шудааст, ки субъектҳои соҳибкорӣ аз хизматрасониҳои портали мазкур самаранок истифода бурда истодаанд [2].

Платформаҳои онлайн барои ҷалби сармоя воситаҳои рақамии муосир мебошанд, ки бо мақсади соддагардонӣ ва шаффофсозии равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ таҳия мешаванд. Ин порталҳои интерактивӣ маълумоти муфассал ва ҳамеша навшударо дар бораи имкониятҳои сармоягузории экологӣ, тартиби гирифтани иҷозатномаҳо, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва имтиёзҳои пешбинишуда пешниҳод мекунанд. Бо ёрии

чунин платформаҳо, сармоягузорон метавонанд бе монеа бо ниҳодҳои давлатӣ ва шарикони эҳтимолӣ иртибот барқарор намоянд, ҳуҷҷатҳоро ба таври онлайн пешниҳод ва вазъи баррасии онҳоро пайгирӣ кунанд. Ин равиш на танҳо шаффофият ва дастрасиро таъмин мекунад, балки муҳити рақобатпазирро барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ фароҳам оварда, ба рушди устувори соҳаҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист мусоидат менамояд.

Дар ҶТ ташкили чунин портал дар барномаву консепсияҳо ва стратегияҳои давлатӣ пешбинӣ шудааст, лекин то ҳол амал намекунанд.

2) Системаҳои идоракунии лоиҳа дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ воситаи муҳими баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳамоҳангсозии тамоми ҷанбаҳои марбут ба амалисозии лоиҳаҳо ба шумор мераванд. Бо истифода аз чунин системаҳо, тамоми марҳилаҳои лоиҳа, яъне аз банақшагирӣ ва тақсимоти захираҳо то назорати иҷро ва таҳияи ҳисобот ба таври мутамарказ ва ҳамоҳангшуда идора карда мешаванд. Ин гуна системаҳо имконият фароҳам меоранд, ки ҷадвалҳои иҷрои корҳо бо дақиқӣ тарҳрезӣ гардида, хавфи таъхирҳо ба ҳадди ақал расонида шавад, истифодаи захираҳо самаранок оптимизатсия ёбад ва назорати хароҷот бо сатҳи баландтари шаффофият амалӣ гардад. Барои лоиҳаҳои инфрасохтори сабз, ки дорои талаботи қатъии экологӣ мебошанд, чунин системаҳо шароит фароҳам меоранд, то мутобиқати амалҳо бо стандартҳои устуворӣ мунтазам пайгирӣ ва арзёбӣ шавад. Дар натиҷа, сифати иҷрои лоиҳаҳо беҳтар гардида, эътимод ва омодагии сармоягузорон барои иштирок дар чунин ташаббусҳо афзоиш меёбад.

3) Блокчейн ин технологияи тақсимшудаи сабти маълумот мебошад, ки бо истифодаи принсипи тағйирнопазирӣ ва санҷиши дақиқи ҳар як амалиёт, сатҳи баланди эътимод ва шаффофиятро дар идоракунии сармоягузориҳои экологӣ таъмин мекунад. Дар доираи амалисозии лоиҳаҳо, блокчейн имкон медиҳад, ки тамоми шартномаҳо, пардохтҳо ва хароҷотҳо ба таври рақамӣ ва бо сабти доимӣ нигоҳ дошта шаванд [156, С.92-93], ки ин имкони таҳриф ё пинҳон кардани маълумотро аз байн мебарад. Ин хусусият махсусан барои идоракунии грантҳо ва қарзҳои байналмилалӣ муҳим аст, зеро сармоягузорон ва ташкилотҳои донорӣ

метавонанд дар вақти воқеӣ (real-time) равандҳои молиявиро назорат намуда, аз дуруст ва мақсаднок истифода шудани маблағҳо мутмаин шаванд. Илова бар ин, блокчейн воситаи муассир барои кам кардани бюрократия, суръат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳо ва баланд бардоштани эътимоди шарикони байналмилалӣ дар лоиҳаҳои сабз мебошад.

Тартиби кори блокчейн ба таври содда чунин аст: маълумот ба шакли «блок» ҷамъоварӣ мешавад, ҳар блок дорои маълумоти худ, вақти сабт (timestamp) ва нишонаи криптографии худ (hash) мебошад. Ҳар як блок инчунин нишонаи блоки қаблиро дар бар мегирад, ки пайдарпайии занҷирро таъмин мекунад. Вақте маълумоти нав илова мешавад, он аввал ба воситаи шабакаи компютерҳои иштироккунанда санҷида ва тасдиқ мегардад. Пас аз тасдиқ, блок ба занҷири мавҷуда илова шуда, бо дигар блокҳо ба таври доимӣ пайваст мешавад. Азбаски ҳар блок бо блоки қаблӣ тавассути хэш пайванд аст, тағйир додани маълумот дар як блок бе иваз кардани тамоми блокҳои баъдӣ ғайриимкон ё аз ҷиҳати ҳисоббарорӣ ниҳоят гарон аст. Ин сохтор имкон медиҳад, ки сабти маълумот шаффоф, бехатар ва ғайриқобили тағйир бошад.

4) Зеҳни сунъӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ нақши калидӣ мебозад, зеро он имкон медиҳад, ки таҳлил ва қабули қарорҳо бо дақиқӣ ва суръати баланд анҷом шаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди зеҳни сунъӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Ҳукумати кишвар соли 2022 “Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040”-ро қабул намуд. Дар Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 омадааст, ки «Бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, меҳнат, саноат, кишоварзӣ, ҷалби сармоя ва хизматрасонӣ зарур арзёбӣ мегардад» [32].

Бо истифода аз алгоритмҳои таҳлили пешгӯӣ, зеҳни сунъӣ метавонад нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро таҳлил намуда, сатҳи эҳтимолияти муваффақияти лоиҳаҳоро пешбинӣ кунад. Ин технология инчунин ба арзёбии хавфҳо мусоидат мекунад, масалан, муайян кардани таъсири

эҳтимолии тағйирёбии иқлим, ноустувории бозор ё мушкилоти ҳуқуқӣ ба раванди амалисозии лоиҳа. Илова бар ин, зеҳни сунъӣ метавонад сенарияҳои гуногуни рушди лоиҳа ва стратегияи идоракунии онро пешниҳод намояд, то ки сармоягузорон ва мақомоти масъул беҳтарин роҳи амалро интихоб кунанд. Дар натиҷа, истифодаи зеҳни сунъӣ ба баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ, кам кардани хатарҳо ва ҳифзи устувории муҳити зист мусоидат менамояд.

«Технологияҳои зеҳни сунъӣ шакли нави рақамикунонӣ ба ҳисоб рафта, аз интернети истеъмолӣ (тиҷорати электронӣ, алоқаи иҷтимоию фарҳангӣ) ва интернети саноатӣ (молия, истеҳсолот, энергетика, нафт ва газ, нақлиёт) иборат мебошад, ки Индекси ҷаҳонии ҳамгирoӣ (GCI)-ро ташкил медиҳад» [2]. «Бояд таъкид намуд, ки истифодаи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт дар пояи инқилоби чаҳоруми санотӣ ба вуҷуд омадааст» [119, С. 9]. «Дар ин марҳилаи тараққиёт иттилоот ба омили асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва технологии давлатҳо табдил ёфта, меҳвари асосии онро истифодаи зеҳни сунъӣ ташкил медиҳад. Бинобар ин сабаб, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ тақозо менамояд, ки ба ҷанбаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодии истифодаи зеҳни сунъӣ диққати махсус зоҳир карда шавад. Истифодаи он ба баланд гардидани самаранокии идоракунии давлатӣ мусоидат намуда, барои рушди устувори соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти кишвар имкониятҳои навро фароҳам меоварад» [49; 151, С.181].

Бо истифода аз алгоритмҳои таҳлили пешгӯӣ, зеҳни сунъӣ метавонад нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро таҳлил намуда, сатҳи эҳтимолияти муваффақияти лоиҳаҳоро пешбинӣ кунад. Ин технология инчунин ба арзёбии хавфҳо мусоидат мекунад, масалан, муайян кардани таъсири эҳтимолии тағйирёбии иқлим, ноустувории бозор ё мушкилоти ҳуқуқӣ ба раванди амалисозии лоиҳа. Илова бар ин, зеҳни сунъӣ метавонад сенарияҳои гуногуни рушди лоиҳа ва стратегияи идоракунии онро пешниҳод намояд, то ки сармоягузорон ва мақомоти масъул беҳтарин роҳи амалро интихоб кунанд. Дар натиҷа, истифодаи зеҳни сунъӣ ба баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ, кам кардани хатарҳо ва ҳифзи устувории муҳити зист мусоидат менамояд.

Намудҳои зеҳни сунъӣ, ки метавонанд дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ татбиқ шаванд, дар расми 3.7. оварда шудаанд.




**Расми 3.7. – Намудҳои зеҳни сунъӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи Explore The Types Of Artificial Intelligence https://medium.com/edureka/types-of-artificial-intelligence-4c40a35f784

Айни замон, дар Тоҷикистон шумораи ширкатҳое, ки дар бахши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва зеҳни сунъӣ фаъолият менамоянд, на он қадар зиёд аст. Агар дар Қазоқистон ин шумора зиёда аз 5000, дар Ӯзбекистон зиёда аз 1500 ва дар Қирғизистон зиёда аз 300 ададро ташкил диҳад, дар Тоҷикистон ин нишондишанда ба каме бештар аз 250 адад баробар аст [5].

Тоҷикистон дар соҳаи FinTech, бахусус дар ҷорӣ намудани технологияҳои муосири зеҳни сунъӣ, қадамҳои назаррас гузошта истодааст. Истифодаи зеҳни сунъӣ барои баҳодиҳии кредитӣ имкон медиҳад, ки қобилияти пардохтпазирии қарзгирандагон бо дақиқии баланд ва дар асоси таҳлили омилҳои гуногун, аз таърихи молиявӣ то рафтори истеъмолӣ арзёбӣ гардад. Ин раванд хавфҳои марбут ба қарздиҳӣ, аз ҷумла эҳтимоли барнагардонидани қарзҳоро, барои бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш медиҳад. Ҳамзамон, татбиқи чунин технологияҳо на танҳо ба устувории низоми молиявӣ мусоидат мекунад, балки заминаи мусоид барои рушди технологияҳои молиявӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии бозор ва ҷалби сармояи хориҷӣ фароҳам меорад. Дар маҷмӯъ, ин иқдомҳо метавонанд Тоҷикистонро дар харитаи ҷаҳонии FinTech ҳамчун бозори рӯ ба рушд ва инноватсионӣ муаррифӣ кунанд.

Барои Тоҷикистон, бо дарназардошти имкониятҳои рушд дар соҳаи сармоягузориҳои хориҷӣ ва хизматрасониҳои экологӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ метавонад дар чанд самти калидӣ тавсия дода шавад: а) дар назди КДСИАД ҶТ таъсис додани маркази миллӣ оид ба зеҳни сунъӣ ва рақамисозӣ дар соҳаи иқтисоди сабз; б) ворид кардани зеҳни сунъӣ ба платформаҳои ягонаи ҷалби сармоягузорӣ; в) истифодаи зеҳни сунъӣ барои мониторинги муҳити зист; г) рушди моделҳои зеҳни сунъӣ барои идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ; д) татбиқи Digital Twin (рақамӣ-нусхаҳо); е) омӯзиши кадрҳо дар самти зеҳни сунъӣ ва иқтисоди сабз; ё) ҳамкорӣ бо ширкатҳои байналмилалии зеҳни сунъӣ.

Татбиқи чунин техлогияҳо дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣаз дастрасии босифат ба Интернет востагии калон дорад. Дастрасии босифат ба Интернет, махсусан тавассути хатҳои нурӣ

ва шабакаи 5G, яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди рақамӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаи мазкур дар паёми соли 2024 чунин қайд намуда буданд: “ ... то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот [28]”. Албатта, татбиқи шабакаи 5G заминаи инфрасохтории заруриро барои истифодаи самараноки технологияҳои пешрафта, аз ҷумла IoT, AI, Blockchain ва GIS фароҳам оварда, имкони мониторинги фаврӣ ва дақиқи ҳолати муҳити зист, интиқоли иттилоот дар вақти воқеӣ ва ҳамоҳангсозии босамари раванди лоиҳаҳоро медиҳад. Ин иқдом ҳамчунин робитаи муътамад байни сармоягузорон, мақомот ва пудратчиёнро таъмин намуда, муҳити рақамии пешрафта ва инфрасохтори телекоммуникатсионии муосирро ташаккул медиҳад, ки дар навбати худ ҷалбияти Тоҷикистонро барои сармоягузорони хориҷӣ зиёд карда, раванди ҷалби сармояро суръат мебахшад.

*Манфиатҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ.* Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дорои аҳамияти стратегӣ мебошад, зеро он на танҳо равандҳои иқтисодӣ ва идоракуниро содда мегардонад, балки ба ҳадафҳои рушди устувор, ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳо мусоидат мекунад. самтҳои асосии ин манфаитҳо дар расми 55. оварда шудааст.

Татбиқи системаҳои рақамӣ, аз ҷумла сенсорҳо ва платформаҳои мониторинг, имкон медиҳад, ки захираҳои муҳими табиӣ об, энергия, ҳаво ва замин ба таври оқилона ва бо назардошти меъёрҳои экологӣ идора карда шаванд. Ин раванд коҳиши партовҳо, истифодаи самараноки энергияи барқароршаванда ва ҳифзи манбаъҳои обро таъмин менамояд.

Автоматикунонии ҷараёнҳои маъмурӣ ва амалӣ, аз қабили бақайдгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва ҳамоҳангсозӣ, ба коҳиши назарраси хароҷоти идоракунӣ мусоидат

мекунад. Ин, дар навбати худ, сармоягузориро дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ ҷолибтар мегардонад, зеро маблағҳо бештар ба рушди мустақими лоиҳаҳо равона мешаванд.




**Расми 3.8. - Манфиатҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ**

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.*

Платформаҳои шаффоф ва дастрас, ки маълумоти дақиқ ва саривақтиро дар бораи лоиҳаҳо пешниҳод мекунанд, ба сармоягузорон имкон медиҳанд, ки қарорҳои дуруст қабул намоянд. Ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон, коҳиши хавфҳои коррупсионӣ ва таъмини шаффофияти молиявӣ дар шароити рақобатпазирии байналмилалӣ омилҳои муҳими ҷалби сармоя мебошанд.

Татбиқи технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои экологӣ бо меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ISO ва ESG (Environmental, Social, and Governance), мутобиқ гарданд. Ин ҳолат имкониятҳои содироти технологияҳо ва маҳсулоти экологиро васеъ мекунад.

Истифодаи системаҳои GIS, дронҳо ва сенсорҳои интеллектуалӣ назорати мунтазам ва дақиқи иҷрои ӯҳдадориҳои экологиро таъмин менамояд. Ин раванд ба сари вақт муайян кардани мушкилот ва татбиқи чораҳои ислоҳӣ мусоидат мекунад.

Барои мутобиқсозӣ ва такмили Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар ҶТ барои солҳои 2026-2030, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар ҶТ барои давраи то соли 2040 ва Стратегияи ҷалби сармоя ба ҶТ барои давраи то соли 2040 вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, чунин тавсияҳоро пешниҳод кардан аҳамияти муассир дорад:

а) татбиқи платформаи ягонаи рақамии сармоягузории экологӣ, яъне таъсиси портали миллӣ бо имконоти пешниҳоди онлайн лоиҳаҳо, мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва баҳодиҳии таъсири экологӣ;

б) ҳавасмандгардонии истифодаи IoT, AI ва Blockchain, яъне пешбинӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ва грантҳо барои ширкатҳо ва сармоягузороне, ки технологияҳои мазкурро дар лоиҳаҳои инфрасохтори сабз татбиқ мекунанд;

в) тақвияти салоҳиятҳои кадрӣ, созмони барномаҳои омӯзишӣ ва сертификатсия барои мутахассисон дар самтҳои GovTech, GreenTech ва CyberSecurity бо мақсади таъмини амният ва устувории инфрасохтори рақамӣ;

г) интегратсияи системаи E-Gov бо сармоягузории экологӣ тавассути таъмини ҳамоҳангии автоматии ҷараёнҳои иҷозатдиҳӣ, бақайдгирӣ ва назорат барои сармоягузорони хориҷӣ;

д) ҷорӣ намудани «харитаи рақамии сармоягузорӣ», яъне истифодаи GIS ва зеҳни сунъӣ барои нишон додани имкониятҳои сармоягузории экологӣ бо маълумоти муфассал дар бораи ҷойгиршавӣ, инфрасохтор ва иқтидори бозор;

е) татбиқи стандартҳои ESG дар сатҳи миллӣ, яъне ворид намудани меъёрҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ ба ҳамаи лоиҳаҳои сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ барои баланд бардоштани эътимоди сармоягузорони хориҷӣ;

ж) маркази байналмилалии сармоягузории сабз дар Тоҷикистон, таъсиси марказе, ки ҳамчун нуқтаи мутамарказ барои ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои экологӣ, ҷалби сармоя ва интиқоли технологияҳо фаъолият мекунад;

з) таъсиси бонкҳо бо хизматрасониҳои электронии муосир барои маблағгузории лоиҳаҳои сабз метавонад ба ташаккули муҳити молиявии инноватсионӣ ва устувор дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ мусоидат намояд. Бо

истифода аз низомҳои бонкии рақамӣ, сармоягузорон ва соҳибкорон имкони гирифтани маблағгузорӣ, идоракунии ҳисобҳо ва гузаронидани амалиётҳоро ба таври онлайн ва шаффоф пайдо мекунанд. Ин гуна бонкҳо метавонанд маҳсулоти молиявии махсус, аз ҷумла қарзҳои имтиёзнок, лизинг, суғуртаи экологӣ ва фондҳои сармоягузории сабзро пешниҳод намоянд, ки барои дастгирии лоиҳаҳои марбут ба энергетикаи тоза, коркарди партовҳо, ҳифзи захираҳои об ва ҳаво, инчунин рушди инфрасохтори сабз [72; 108; 115] равона шудаанд. Истифодаи технологияҳои пешрафта, аз ҷумла зеҳни сунъӣ ва блокчейн, дар низоми ин бонкҳо имкон медиҳад, ки хавфҳои молиявӣ коҳиш ёбанд, мониторинги истифодаи маблағҳо таъмин гардад ва эътимоди сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ афзоиш ёбад.

и) ҷалби сармояи хориҷӣ барои ҷорӣ кардани низоми биллингӣ дар соҳаи обтаъминкунӣ, энергетикаи тоза ва хоҷагии манзилию коммуналӣ барои истифодаи самараноки захираҳо яке аз воситаҳои муассири баланд бардоштани шаффофият, назорат ва самаранокии идоракунии хизматрасониҳои экологӣ мебошад. Низоми биллингӣ имкон медиҳад, ки ҳисобу пардохти хизматрасониҳо ба таври автоматикӣ ва дақиқ амалӣ гардад, истеъмоли воқеии об, нерӯи барқ ва дигар захираҳо бо истифода аз ҳисобкунакҳои интеллектуалӣ ба таври онлайн сабт ва таҳлил карда шавад. Ин раванд на танҳо ба коҳиши талафот ва истеъмоли ғайриқонунии захираҳо мусоидат мекунад, балки имконият медиҳад, ки тарифҳо ба таври одилона ва мутобиқ ба ҳаҷми воқеии истеъмол муқаррар шаванд. Илова бар ин, системаи биллингӣ барои мақомот ва ширкатҳои хизматрасон имкони ҷамъоварии маълумоти дақиқро фароҳам меорад, ки дар асоси он метавон банақшагирии оқилона, пешгӯии талабот ва идоракунии устувори инфрасохторро амалӣ кард. Барои шаҳрвандон бошад, ин низом шаффофияти ҳисобҳоро таъмин намуда, онҳоро ба сарфакорӣ ва истифодаи масъули захираҳои табиӣ ҳидоят мекунад;

к) ҷалби сармояи хориҷӣ барои ҷорӣ кардани низоми “Шаҳри ҳушманд” дар шаҳру ноҳияҳо бо технологияи идоракунии партовҳо, сарфаи энергия ва беҳбуди сифати ҳаво қадами муҳими гузариш ба модели идоракунии устувор ва инноватсионӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Ин низом бо истифода аз шабакаҳои сенсорҳо, платформаҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ имкон

медиҳад, ки равандҳои ҷамъоварӣ, ҷудокунии аввалия ва коркарди партовҳо ба таври автоматикӣ ва самаранок ташкил карда шаванд, ки ин ба коҳиши ҳаҷми партовҳои ба полигонҳо равоншаванда ва афзоиши ҳаҷми маводҳои такрорӣ мусоидат мекунад. Дар бахши сарфаи энергия, системаҳои интеллектуалӣ имкон медиҳанд, ки истеъмоли барқ ва гармӣ дар муассисаҳо, корхонаҳо ва манзилҳо оптимизатсия карда шавад, талафоти шабакавӣ коҳиш ёбад ва манбаъҳои тоза, аз ҷумла офтобӣ ва бодӣ, бештар истифода гарданд. Илова бар ин, бо истифода аз системаҳои мониторинги сифати ҳаво, маълумот дар бораи сатҳи ифлосшавӣ дар вақти воқеӣ дастрас мегардад, ки ба мақомот ва ҷомеа имконият медиҳад, тадбирҳои фаврӣ ва самаранок барои беҳсозии муҳити зист андешанд.

**Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқоти боби сеюм:**

**1.** Барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, зарур аст дар сохтори Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ шӯъбаи махсус таъсис дода шавад, ки ба ҳамоҳангсозӣ, дастгирӣ ва мониторинги лоиҳаҳои экологӣ машғул бошад, инчунин феҳристи алоҳидаи шаффоф ва мунтазам навсозишавандаи чунин лоиҳаҳо роҳандозӣ гардад.

**2.** Низоми хизматрасониҳои экологӣ як ҷузъи муҳими иқтисоди сабз буда, барои ҳалли мушкилоти экологӣ, коҳиши таъсирҳои манфӣ ба муҳити зист ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши муҳим мебозад. Ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятнок барои рушди хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ маҳсуб меёбад. Низоми хизматрасониҳои экологӣ метавонад дар соҳаҳои зерин рушд кунад:

а) идоракунии партовҳо;

б) энергияи таҷдидшаванда;

в) низоми идоракунии захираҳои обӣ;

г) тоза кардани ҳаво;

д) туризми экологӣ.

**3.** Такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ вобаста ба омилҳои такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, рушди инфрасохтори махсуси сармоягузории

экологӣ, механизмҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ, такмили ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва сармоягузорони хориҷӣ ва мониторинг, арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо баррасӣ гардида, пешниҳодҳои илман асоснок дар самти идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод карда шуданд.

**4.** Асоснок хулосабарорӣ карда шудааст, муқаррар намудани меъёрҳои ESG дар лоиҳаҳои экологии сармоягузорӣ ва ҳамоҳанг кардани онҳо бо талаботи байналмилалӣ яке аз қадамҳои устувор барои табдил додани низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ ба сатҳи мутобиқ бо стандартҳои ҷаҳонӣ мебошад. Ташкили оператори миллии ҷалби сармоя дар бахши хизматрасониҳои экологӣ бо ваколати ҳамоҳангсозӣ, маркетинг ва дастгирии сармоягузорон як иқдоми муҳим барои мутамарказ ва муассир гардондани равандҳои идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар соҳаҳои «сабз» мебошад. Ин оператор, метавонад ҳамчун сохтори махсус дар доираи КДСИАД ё дар шакли корхонаи воҳиди давлатӣ (ба монанди КВД «Тоҷинвест») бо мақоми ҳуқуқии мустақил амал кунад. Вазифаҳои асосии ин ин ниҳод дар диссертатсия муайян карда шуд.

**5.** Платформаи электронии ягона барои бақайдгирӣ, иҷозатдиҳӣ ва мониторинги лоиҳаҳои экологии хориҷӣ бояд ҳамчун як низоми муосири рақамӣ таҳия гардад, ки тамоми марҳилаҳои ҳамкорӣ бо сармоягузорро - аз пешниҳоди лоиҳа то назорати иҷрои он - дар муҳити ягона ва шаффоф фаро мегирад. Ин платформа имконият медиҳад, ки тамоми расмиёти ҳуқуқӣ, техникӣ ва экологӣ мутамарказ шуда, сармоягузор бе муроҷиатҳои зиёдатӣ ба идораҳои гуногун, тавассути як «равзанаи ягона» тамоми ҳуҷҷатҳоро пешниҳод, иҷозатнома ва тасдиқномаҳо гирад ва раванди татбиқи лоиҳаро пайгирӣ намояд.

**6.** Барои мутобиқсозӣ ва такмили Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва Стратегияи ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асоснок карда шуд.

**7.** Самтҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ таҳлил ва баррасӣ карда шуда, тавсияҳои амалии истифодаи онҳо дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод карда шудааст.

## ХУЛОСА

### *А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

Рисолаи мазкур ба таҳқиқи яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне баланд бардоштани самаранокии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ бахшида шудааст. Дар шароити муосир, ки масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ қарор доранд, ҷалби самараноки сармояи хориҷӣ метавонад на танҳо ба беҳбудии вазъи экологӣ, балки ба рушди иқтисоди «сабз», ташкили ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд.

**1.** Таҳқиқоти муфассали илмӣ оид ба моҳият, мундариҷа ва нақши сармоягузории хориҷӣ дар рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ нишон медиҳад, ки ҷалби самараноки сармояи хориҷӣ дар ин самт на танҳо воситаи муассир барои беҳсозии ҳолати муҳити зист, балки омили стратегӣ дар таҳкими иқтидори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ ва таъмин намудани рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад [2-М], [3-М].

**2.** Дар ҷараёни таҳқиқот мафҳумҳои муаллифии «сармоягузорӣ», «сармоягузории хориҷӣ», «хизматрасониҳои экологӣ бо такя ба андешаҳои олимони классикӣ ва муосир, таҷрибаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва пешниҳод гардонида шуданд [5-М].

**3.** Бо дарназардошти таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои ҷаҳон ва тавсияҳои олимон, барои рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон андешидани чораҳзои зарурӣ пешбинӣ карда шуданд [8-М], [10-М].

**4.** Идоракунии раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамчун низоми муназзами мақсадноки фаъолияти субъектҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошад, ки ба воситаи принсипҳо, механизмҳо, воситаҳо ва қарорҳои идорӣ барои ташкили шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва институтсионалӣ ҷиҳати ҷалб, ҳимоя ва самаранок истифода бурдани сармояи хориҷӣ дар бахшҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, махсусан дар соҳаҳои дорои аҳамияти стратегӣ, амалӣ гардад [1-М], [7-М].

**5.** Дар асоси моделҳои байналмилалӣ, аз ҷумла OLI-парадигма ва модели UNCTAD оид ба сиёсати сармоягузорӣ чунаин таърифи мафҳуми идоракунии раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар бахши низоми хизматрасониҳои экологӣ дода шудааст [4-М].

**6.** Равандҳои асосии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми низоми хизматрасониҳои экологӣ, аз қабили таҳлили муҳити сармоягузорӣ ва муайянсозии афзалиятҳо, тарҳрезии сиёсати сармоягузорӣ ва заминаи ҳуқуқӣ, ҷалби сармоя ва муаррифии имкониятҳо, таҳия ва баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, муҳокима, қарордод ва ҷалби сармоя, мудирияти амалӣ ва мониторинги лоиҳа, арзёбӣ ва такмилдиҳӣ муайян ва таҳлил карда шуданд. Ҳамчунин, дар сатҳи диссертатсия системаи ягонаи идоракунии давлатии равандҳои сармоягузорӣ пешниҳод крада шудааст [10-М], [11-М].

**7.** Механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти сармоягузории низоми хизматрасониҳои экологӣ дар шароити муосири ҶТ яке аз унсурҳои калидии ташаккули иқтисоди сабз, таъмини рушди устувор ва беҳбуд бахшидани ҳолати муҳити зист маҳсуб меёбад. Таҳлил нишон медиҳад, ки механизми ташкилию иқтисодӣ маҷмӯи ҳамгироёнаи воситаҳо, принсипҳо, чорабиниҳо ва равандҳои ташкиливу иқтисодист, ки ба ҳадафи ҷалб, истифода ва идоракунии самараноки сармоя бо мақсади рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ равона шудааст [4-М].

**8.** Дар сатҳи диссертатсия асоснок карда шудааст, ки барои самаранокии бештари механизми ташкилию иқтисодии рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ ва ҷалби сармоягузорӣ дар Тоҷикистон татбиқи чораҳои ташкилию иқтисодӣ зарур аст, ки муаллиф онҳоро таҳлил ва асоснок намудааст [15-М].

**9.** Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА ва Канада, идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ асосан дар доираи стандартҳои байналмилалӣ, созишномаҳои экологии бисёрҷониба ва кафолати ҳуқуқии сармоягузорон амалӣ мегардад. Масалан, Иттиҳоди Аврупо тавассути сиёсати «Green Deal» ва лоиҳаҳои «Circular Economy» муҳити устуворро барои сармоягузорони хориҷӣ фароҳам меорад. Таҷрибаи ИМА, Олмон, Нидерланд, Сингапур ва Канада нишон медиҳад, ки муҳити ҳуқуқии устувор, имтиёзҳои

андозӣ, дастгирии давлатӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонӣ метавонанд шароити ҷолиб барои сармоягузорони хориҷӣ эҷод кунанд. Хулосабарорӣ карда шудааст, ки Тоҷикистон низ метавонад аз ин таҷриба истифода бурда, қонунгузории соҳаи хизматрасониҳои экологиро такмил дода, муҳити шаффоф ва пешбарандаи сармоягузориро ташаккул диҳад ва таҳлили таҷрибаи хориҷӣ имконияти воқеӣ фароҳам меорад, ки низоми хизматрасониҳои экологиро дар ҶТ ба сатҳи байналмилалӣ барорад ва ҳамзамон сатҳи зиндагии аҳолиро беҳтар намояд [5-М], [6-М].

**10.** Монеаҳо ва мушкилотҳо дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ таҳлил ва баррасӣ гардида, дар шаклҳои зерини он муайян карда шуданд: маҳдудияти бозори дохилӣ ва ҳамгироии заифи байналмилалии иқтисод; вусъатдиҳии нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ; нокифоя будани инфрасохтори истеҳсолӣ ва мушкилоти мавсимӣ бо таъмини нерӯи барқ; сатҳи пасти таъсирбахшии механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳавӣ; мураккабӣ ва монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ дар соҳаи воридот ва содирот; номукаммал будани низоми идоракунии ҳамоҳангшуда; нокифоя будани алоқамандии лоиҳаҳои кумакҳои беруна бо стратегияи миллӣ; мушкилиҳо дар самти истифодаи сармояи «сабз» ва ворид шудан ба бозори вомбаргҳои «сабз»; номукаммал будани низоми ҳавасмандиҳои андозӣ ва рушд наёфтани механизмҳои дастгирии молию қарзӣ; мавқеи ноустувор ва паст доштани давлат дар рейтингҳои байналмилалӣ [11-М].

**11.** Индикаторҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ маҷмӯи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ченшаванда мебошанд, ки ба воситаи онҳо самаранокии амалкарди низоми идоракунӣ, сатҳи ҷалби сармоягузорӣ, таъсири он ба рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ ва беҳбудии вазъи муҳити зист баҳо дода мешавад. Индикаторҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар сатҳи диссертатсия муайян карда шудаанд [7-М], [18-М], [21-М].

**12.** Ҷиҳати идоракунии самараноки СХ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ татбиқи шакли махсуси Созишномаи сармоягузорӣ бояд ба роҳ монда шавад. Тибқи

ин созишнома, давлат ӯҳдадор мешавад, ки барои сармоягузор тамоми расмиёти зарурии иҷозатномавӣ ва мувофиқакуниро тавассути «равзанаи ягона»-и махсуси экологӣ ба роҳ монад [9-М].

**13.** Такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ вобаста ба омилҳои такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, рушди инфрасохтори махсуси сармоягузории экологӣ, механизмҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ, такмили ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва сармоягузорони хориҷӣ ва мониторинг, арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо баррасӣ гардида, пешниҳодҳои илман асоснок дар самти идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод карда шуданд [9-М].

**14.** Самтҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ таҳлил ва баррасӣ карда шуда, тавсияҳои амалии истифодаи онҳо дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод карда шудааст [1-М], [3-М].

### *Б) Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот*

**1.** Стратегияи миллии рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ барои давраи миёнамуҳлат (масалан, солҳои 2025–2030), ки дар он самтҳои афзалиятнок, ҳадафҳо, вазифаҳо ва механизмҳои рушди ин низом ба таври дақиқ инъикос карда шаванд [2-М], [3-М].

**2.** Дар сатҳи қонунгузории ҶТ мафҳумҳои сармоягузории хориҷӣ, сармоягузории мустақим, сармоягузории экологӣ ва низоми хизматрасониҳои экологӣ ба таври возеҳ, мукаммал ва бе ихтилофи тафсир муайян карда шаванд [5-М].

**3.** Тоҷикистон метавонад бо роҳандозии лоиҳаҳои муштарак технологияҳои сабз ва инноватсиониро дар самтҳои коркарди партовҳо, тозакунии об, энергетикаи сабз ва идоракунии захираҳо ҷалб намуда, мушкилоти экологиро ҳал ва сатҳи хизматрасониҳои экологиро баланд бардорад [16-М], [20-М].

**4.** Барои мутобиқсозӣ ва такмили Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар ҶТ барои солҳои 2026-2030, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар ҶТ барои

давраи то соли 2040 ва Стратегияи ҷалби сармоя ба ҶТ барои давраи то соли 2040 вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асоснок карда шуд [10-М], [17-М].

**5.** Бо мақсади баланд бардоштани идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, зарур аст, ки дар сохтори КДСИАД як шӯъбаи махсус ё зерсохтори алоҳида таъсис дода шавад, ки фаъолияти худро танҳо ба лоиҳаҳои сармоягузории экологӣ равона кунад [10-М].

**6.** Бо мақсади баланд бардоштани идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ дар заминаи низоми умумии феҳристи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, лозим аст, ки бахши алоҳида барои лоиҳаҳои хизматрасониҳои экологӣ таъсис дода шавад, ки дар он маълумоти муфассал дар бораи лоиҳаҳо, ширкатҳо, ҳаҷми сармоя, муҳлати татбиқ ва натиҷаҳои интизоршаванда ҷойгир карда шавад [10-М].

**7.** Пешниҳод мегардад, ки дар Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2026-2030 бахши экология дар умум ва зербахши хизматрасониҳои экологӣ дар алоҳидагӣ пешбинӣ карда шавад [12-М], [13-М].

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳо, стратегия ва консепсияҳо

[1] Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php? Showdetail =&asosi _id=24688 (санаи муроҷиат: 10.05.2023).

[2] Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=140505# (санаи муроҷиат: 10.05.2023).

[3] Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ied.tj/sites/default/files/ Legislation/Барномаи%20миёнамуҳлати%20рушди%20Ҷумҳурии%20Тоҷикистон %20барои%20солҳои%202021-2025.pdf (санаи муроҷиат: 12.01.2023).

[4] Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView? DocumentId=140192#WFCFHDFO19 (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[5] Бахши технологияҳои иттиллотӣ-коммуникатсионӣ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://investcom.tj/investment/opportunities/ sectors/69-it-va-raamikunon.html (санаи муроҷиат: 14.10.2024).

[6] Вашингтонская Конвенция «О порядке разрешения инвестиционных споров между государствами и иностранными лицами» 1965 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_ qonunhoview.php? showdetail=&asosi_id=733 (санаи муроҷиат: 10.10.2025).

[7] Государственная экологическая программа Республики Таджикистан на 2023-2028 годы от «1» марта 2023 года, №53 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=1446 (санаи муроҷиат: 04.02.2024).

[8] Закон Республики Таджикистан «О государственных прогнозах, концепциях и программах социально-экономического развития Республики

Таджикистан» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.spinform.ru /show_doc.fwx? rgn= 27241 (санаи муроҷиат: 14.12.2024).

[9] Закон Республики Таджикистан «Об особо охраняемых природных территориях и объектах» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://portali-huquqi. tj/publicadliya/view_qonunhoview.php? showdetail=&asosi_id=290 (санаи муроҷиат: 14.12.2024).

[10] Закон Республики Таджикистан «Об экологической экспертизе» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/ view_qonun hoview.php? showdetail=&asosi_id=13758 (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[11] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://andoz.tj/Legislation/TaxCode (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[12] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId =143955 (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[13] Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи шаффофият дар робита ба баррасии баҳсҳои сармоягузорӣ байни сармоягузорон ва давлатҳо, ки бар асоси шартномаҳои байналмилалӣ сурат мегиранд. Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ аз 10 декабри соли 2014, № 69/116 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://uncitral.un.org/sites/uncitral.un.org/files/media-documents/uncitral /ru/transparency-convention-r.pdf (санаи муроҷиат: 14.12.2024).

[14] Конвенция об учреждении Многостороннего агентства по гарантиям инвестиций (Сеул, 11 октября 1985 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=1006715 (санаи муроҷиат: 24.12.2024).

[15] Конвенция от 28 марта 1997 года “О защите прав инвестора” [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://normativ.kontur.ru/document?moduleId= 1&documentId=23956 (санаи муроҷиат: 24.12.2024).

[16] Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, № 755 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?Showdetail= &asosi_id=14639 (санаи муроҷиат: 24.12.2024).

[17] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

[18] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016. - № 3. М. 152

[19] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/ DocumentView? DocumentId=24852 (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[20] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/ DocumentView? DocumentId=118474 (санаи муроҷиат: 24.12.2024).

[21] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" аз 2 августи соли 2011 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://istemol.tj/wp-content/uploads/2020/11/onuni-T-Dar-borai-ifzi-mu-iti-zist.pdf (санаи муроҷиат: 17.02.2024).

[22] Низомномаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://investcom.tj/about/33-nizomnoma.html (санаи муроҷиат: 19.11.2024).

[23] Ниццкое Соглашение о международной классификации товаров и услуг для регистрации знаков [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ncpi.tj/wp-content/uploads/2020/02/12.-НИЦЦКОЕ-СОГЛАШЕНИЕ-О-МЕЖДУНАРОДНОЙ-КЛАССИФИКАЦИИ-ТОВАРОВ-И-УСЛУГ.pdf (санаи муроҷиат: 04.02.2024).

[24] Номгӯи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ барои солҳои 2021-2025. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «2» сентябри соли 2021, № 358 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/ DocumentView? DocumentId=140192#WFCFHDFO19 (санаи муроҷиат: 04.02.2024).

[25] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024. Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти ҶТ: Раёсати табъу нашри таъҷилии Муассисаи давлатии МКҲ-и Агентии омори назди Президенти ҶТ, 2024. - 424 с.

[26] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28.12.2023. шаҳри Душанбе. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/36370 (санаи муроҷиат: 04.02.2024).

[27] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022. шаҳри Душанбе. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/27245 (санаи муроҷиат: 15.12.2023).

[28] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 28.12.2024. шаҳри Душанбе. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/49225 (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[29] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021. шаҳри Душанбе. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/24850 (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[30] Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://investcom.tj/about/30-muovimat-ba-korrupsija.html (санаи муроҷиат: 22.04. 2024).

[31] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн]. - Душанбе, 2016. – 103 с.

[32] Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/Search/DocumentView?DocumentId=143399# (санаи муроҷиат: 22.11.2024).

[33] Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037 [Матн]. – Душанбе, 2022. – 194 с.

[34] Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. аз «1» августи соли 2018, №372 [Захираи электронӣ]. – Манбаи

дастрасӣ: https://ctd.tj/2023/09/22/стратегияи-рушди-сайёҳӣ-дар-ҷумҳурии/ (санаи муроҷиат: 18.10.2024).

[35] Стратегияи ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmih.tj/SEARCH/ DocumentView? DocumentId=169502 (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[36] Суханронӣ дар Форуми байналмилалии соҳибкорӣ - 2018 таҳти унвони «Рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/speeches/17052 (санаи муроҷиат: 12.12.2024).

[37] Суханронӣ дар ҷаласаи Шӯрои миллии рушд аз 10.06.2024 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event_by_theme/internal_ politics/national_development_council/37754 (санаи муроҷиат: 12.12.2024).

[38] Тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» марти соли 2018, № 161 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya /view_qonunhoview.php? showdetail=&asosi_id=20854 (санаи муроҷиат: 12.12.2024).

[39] Устав государственного унитарного предприятия «ТаджИнвест» при государственном комитете по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://tajinvest.tj/ru/about-us/ustav (санаи муроҷиат: 12.12.2024).

**II. Захираҳои электронӣ**

[40] В США подсчитали объем сокращения прямых иностранных инвестиций [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://1prime.ru/ 20240712/investitsii-850062950.html (санаи муроҷиат: 12.12.2024).

[41] Варақаи иттилоотӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолият дар соли 2024 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://investcom.tj/presscenter/news/538-varaai-ittiloot-oid-ba-ambasti-natiaoi-faolijat-dar-soli-2024.html (санаи муроҷиат: 12.12.2024).

[42] Заминаи ҳуқуқии ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон (иқтибос аз қонунгузорӣ) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://investcom.tj/investment/opportunities /507-kafolatu-imtiezo.html (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[43] Инвестиции прямых иностранных инвестиций (ПИИ) в Китае по сравнению с предыдущим годом [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.tradingeconomics.com/china/foreign-direct-investment-yoy (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[44] Иностранные прямые инвестиции в Канаду [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.tradingeconomics.com/canada/foreign-direct-investment (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[45] Казахстан - Прямые иностранные капиталовложения [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.tradingeconomics.com/kazakhstan/foreign-direct-investment (санаи муроҷиат: 10.10.2024).

[46] Как пылесос: США привлекают все больше «зеленых» инвестиций со всего мира [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://oilcapital.ru/news/2023-07-20/kak-pylesos-ssha-privlekayut-vse-bolshe-zelenyh-investitsiy-so-vsego-mira-2990054 (санаи муроҷиат: 10.10.2024).

[47] Класс 42 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mktu. info/services/42/ (санаи муроҷиат: 10.10.2024).

[48] Маълумот оид ба лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ (ба ҳолати 1 январи соли 2024) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://investcom.tj/42-malumot-oid-ba-loiaoi-davlatii-sarmojaguzor.html (санаи муроҷиат: 10.10.2024).

[49] Натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/tojikiston /iqtisodijot (санаи муроҷиат: 11.11.2024).

[50] Прямые иностранные инвестиции Японии [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.tradingeconomics.com/japan/foreign-direct-investment (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[51] Рейтинг стран мира по уровню прямых иностранных инвестиций [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://gtmarket.ru/ratings/foreign-direct-investment-index (санаи мурочиат: 10.02.2025).

[52] Рынок экологических услуг [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://regionlab.pro/rynok-ekologicheskih-uslug/ (санаи мурочиат: 10.02.2025).

[53] Сингапур - Прямые иностранные капиталовложения [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.tradingeconomics.com/singapore/foreign-direct-investment (санаи мурочиат: 22.12.2024).

[54] Узбекистан - Прямые иностранные капиталовложения [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.tradingeconomics.com/uzbekistan/foreign-direct-investment (санаи мурочиат: 22.12.2024).

[55] Форумҳо [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://investcom.tj /presscenter/forums (санаи мурочиат: 22.12.2024).

[56] Экологические товары и услуги: переговоры в рамках ВТО [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://ictsd.org/i/news/bridgesrussian/109826/ (санаи мурочиат: 22.12.2024).

[57] Экологические услуги [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://bryansktoday.ru/article/228539 (санаи мурочиат: 24.01.2025).

[58] Экономика Германии [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.tadviser.ru/index.php/Статья:Экономика_Германии (санаи мурочиат: 24.01.2025).

[59] Экотуризм [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://traveltajikistan .tj/экотуризм/ (санаи мурочиат: 24.01.2025).

[60] Energiewende: From Germany's past to Europe's future? [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.atlanticcouncil.org/in-depth-research-reports/issue-brief/ energiewende-from-germanys-past-to-europes-future/ (санаи мурочиат: 24.01.2025).

[61] Environmental services [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.wto.org/english/tratop_e/serv_e/environment_e/environment_e.htm (санаи мурочиат: 24.01.2025).

[62] General Agreement on Trade in Services [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: http://www.wto.org/english/tratop_e/serv_e/gatsintr_e.htm (санаи муроҷиат: 24.11.2024).

[63] Inflation Reduction Act of 2022 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.irs.gov/inflation-reduction-act-of-2022 (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[64] International Investment Position [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.bea.gov/data/intl-trade-investment/international-investment-position (санаи муроҷиат: 24.11.2024).

[65] OECD (2020), Investment Promotion in Eurasia: A Mapping of Investment Promotion Agencies. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.oecd.org/ eurasia/competitiveness-programme/Investment-Promotion-in-Eurasia-A-Mapping-of-Investment-Promotion-Agencies-ENG.pdf. (Санаи муроҷиат: 24.11.2024).

[66] OECD (2022), Повышение эффективности продвижения инвестиций в Таджикистане, OECD Publishing, Paris. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://doi.org/10.1787/b8985e3f-ru. (санаи муроҷиат: 24.11.2024).

[67] Singapore's fifth national communication and fifth biennial update report [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://unfccc.int/sites/default/files /resource/ Singaporepercentage20-%20NC5BUR5.pdf (санаи муроҷиат: 24.11.2024).

[68] Zero Waste Masterplan Singapore [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://isomer-user-content.by.gov.sg/23/795cfb86-73c7-40e8-b6c52ec97 bc4325f/zero-waste-masterplan.pdf (санаи муроҷиат: 24.11.2024).

**III. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ**

[69] Бородушко, И.В. Стратегическое планирование и контроллинг [Текст] / И.В. Бородушко, Э.К. Васильева. – М.: Олимп-Бизнес, 2008. – 560 с.

[70] Вишняков, Я.Д. Эколого-ориентированное инновационное развитие национальной экономики [Текст] / Я.Д. Вишняков. - М.: «ЦНИТИ «Техномаш», 2009. - 158 с.

[71] Голуб, А.А., Струкова Е.Б. Экономика природных ресурсов [Текст] //А.А. Голуб, Е.Б. Струкова. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://studentam.net/ content/view/326/2/ (санаи муроҷиат: 04.02.2025).

[72] Коваленко, В.И., Кузнецов Л.М. Исследование рынка экологических услуг: учебное пособие [Текст] / В.И. Коваленко, Л.М. Кузнецов. – СПб.: СПбГИЭУ, 2007. – С.24.

[73] Кульман, А. Экономическая оценка инвестиций: учебник для бакалавров, специалистов и магистров [Текст] / под ред. М.И. Римера. – 5-е изд. – СПб.: Питер, 2014. – 432 с.

[74] Мариншоев, М.М. Асосҳои соҳибкорӣ. Дастури таълимӣ [Матн] / М.М. Мариншоев. – Душанбе: «Бебок», 2023. – 304 с.

[75] Маркс, К. «Теория прибавочной стоимости» IV том «Капитал» [Текст]. Част 1. – Москва: Издательство политической литературы, 1978. – 476 с.

[76] Нуриев, Р.М. Микроиқтисод: китоби дарсӣ [Матн] / Р.М. Нуриев. – Душанбе, 2012.

[77] Одинаев, Х.А. Эколого-экономические проблемы развития сельского хозяйства [Текст] /Х. А. Одинаев. – Душанбе: НПИЦентр, 1997. - 121 с.

[78] Одинаев, Х.А. Эколого-экономическое регулирования природопользования в сельском хозяйстве [Текст] / Х.А. Одинаев - М.: МАКС-Пресс, 2004. - 240 с.

[79] Питерская, Л.Ю. Инвестиционная деятельность реального сектора экономики (теория и практика) [Текст]. Ставрополь, 2005.

[80] Раевский, С.В. Инвестиционная активность в регионе [Текст] / С.В. Раевский, А.Г. Третьяков. - М.: Экономика, 2006. – С.38-391.

[81] Раҳимов, Р.К. Назарияи иқтисодӣ. Дастури таълимӣ [Матн]. Душанбе. - «Ирфон» 2010 сол. - 411с.

[82] Рахимов, Ш.М., Разыков, В.А., Сафаров, С.Г. Инвестиционная политика Республики Таджикистан и основные направления ее активизации. Душанбе: Издательство «Сарпараст», 2001. - 174 с.

[83] Серов, Г.П. Экологический аудит [Текст]. − М.: Экзамен, 1999. − 448 с.

[84] Смит, А. Исследование о природе и причинах богатства народов [Текст]. В5 книгах. - М.: «Наука»,1993. – 570 с.

[85] Тошматов, М.Н, Дададжанова Н.М. Инвестиционный потенциал Республики Таджикистан особенности формирования и проблемы эффективного использования [Текст]. Душанбе «Ирфон». -2012 г. -11 с.

[86] Шарипов, Ш.Р. Основные направления развития иностранных инвестиции и их значимость для экономики регионов Республики Таджикистан [Текст] / Монография / Ш.Р. Шарипов. – Душанбе: Технологический университет Таджикистана, 2022. – 146 с.

[87] Экологическая энциклопедия: В 3 т. [Текст] / Редколлегия: А.В. Толстоухов (главный редактор) и др. – М.: ООО «Центр экологического образования и информации», 2008. – Т.3: О-Я. – 472 с.

[88] James, Mill. On the Overproduction and Underconsumption Fallacies [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.capitalism.net/Jamesmil.pdf (санаи мурочиат: 04.02.2025).

[89] John, M.K. The General Theory of Employment, Interest and Money [Text] / M.K. John. – М.: Юрайт, 2019.

[90] Samuelson, P.A. Economics: An Introductory Analysis (13th Edition) [Text] / P.A. Samuelson. - McGraw-Hill, 1989. - 1004 p.

[91] Stiglitz, J.E. Economics of the Public Sector (3rd Edition) [Text] / J.E. Stiglitz. - New York, London: W.W. Norton & Company, 2000. - 961 p.

## IV. Мақола ва маърӯзаҳо

[92] Абдуллаева, Ш.Б. Оценка эколого-экономической ситуации в Республике Таджикистан: атмосфероохранный аспект [Текст] // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: СИНО, 2012. - № 2/7 (98). - С. 36-42

[93] Абдулхайри, Ҳ. Вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ. Абдулхайр // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 2(26). – С. 106-116.

[94] Арумова, Е.С. Рынок экологических услуг: проблемы формирования и развития [Текст] / Е.С. Арумова // Экономическое развитие России: ловушки, развилки и переосмысление роста: материалы Международной научно-

практической конференции, Сочи, 25–29 января 2017 г. / под ред. И.В. Шевченко. Том 1. – Сочи: Кубанский государственный университет, 2017. – С. 51-54.

[95] Аствацатурова, К.В. Совершенствование методов анализа и оценки эффективности «зеленых» инвестиций [Текст] / К.В. Аствацатурова // Аудитор. – 2024. – Т. 10. - № 2. – С. 35-42.

[96] Ахтариева, Л.Г. Современные подходы к оценке инвестиционной привлекательности регионов [Текст] // Социально-экономическое развитие. - 2014. - №1. - С. 233-239

[97] Аҳмади, З. Омилҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ [Матн] / З. Аҳмад // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 5. – С. 38-47.

[98] Бабенко, М.А. Быть экологически ответственным выгодно [Текст] / М.А. Бабенко // РБК. – 2020. - № 3. – С. 20-23.

[99] Бадруззаман, Э., Куши, С., Марион, С. Формулирование проблемы в рамках дебатов о климате: анализ результатов экологической политики США [Текст] // Международный журнал социальных наук. – 2023. – 73 (247). – С. – 173–194.

[100] Беляева, Е.А. Экологические услуги как инструмент обеспечения устойчивого развития региона [Текст] / Е.А. Беляева // Тенденции развития науки и образования. – 2020. – № 67–2. – С. 97–99.

[101] Боев, В.Р. Совершенствовать экономический механизм развития АПК [Текст] // АПК: Экономика, управление. – 1993. – № 3. – С. 61–64.

[102] Васильев, В.П. Устойчивое развитие: модификация принципов и институтов [Текст] / В.П. Васильев // Вестник Московского университета. Серия 18. Социология и политология. – 2024. – Т. 30. – № 1. – С. 193–204.

[103] Ғоибназаров, Ғ.У. Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва таъсири он ба рушди содиротии кишвар [Матн] / Ғ.У. Ғоибназаров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. – No. 4–1. – P. 180–187.

[104] Гулов, Б.М. Ҷабҳаҳои гуногуни сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.М. Гулов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Равияи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2020. – №2(80). – С. 187–193.

[105] Гупанова, Ю.Е. Методические подходы к формированию организационноэкономического механизма управления качеством на предприятиях хлебопекарной отрасли [Текст] / Ю.Е. Гупанова // Омский научный вестник. – 2008. – № 1(63). – С. 44–48.

[106] Гущина, Е.Г., Бадрак, Н.Ю. Энергетическая эффективность российской экономики и «зеленые» инвестиции [Текст] / Е.Г. Гущина, Н.Ю. Бадрак // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2013. – № 35. – С. 44–50.

[107] Давлатзода, Э. Д. Масъалаҳои мубрами ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Э.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Равияи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2024. – № 1-4(128). – С. 537-547.

[108] Джонмамадов, Ш. Иностранные инвестиции как фактор развития экономики ГБАО [Текст] / Ш. Джонмамадов, С. Гуломшоева // Вестник Хорогского университета. – 2022. – № 4(24). – С. 235–240.

[109] Джурабаев, Г. Развитие форм экологического предпринимательства за рубежом [Текст] / Г. Джурабаев, М.Н. Досиев // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2019. – № 1(36). – С. 103–108.

[110] Досиев, М.Н. Мушкилот, танзим, рушд ва моҳияти соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Н. Досиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 1(35). – С. 153–158.

[111] Досиев, М.Н. Нақши соҳибкории экологӣ дар ҳалли мушкилоти об дар шароити ташаккули “иқтисоди сабз” [Матн] / М.Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 3(62). – С. 34–40.

[112] Досиев, М.Н. Такмили идоракунии давлатии рушди соҳибкории экологӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Н. Досиев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. – № 1. – С. 226–230.

[113] Досиев, М.Н. Ташкил ва рушди соҳибкории экологӣ дар минтақаҳои сайёҳӣ [Матн] / М.Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – № 2(51). – С. 39–48.

[114] Дӯстбоев, Ш. Баъзе паҳлуҳои назариявии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш. Дӯстбоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 3(37). – С. 24–27.

[115] Еленская, Я.В. Роль инвестиций в развитии «зелёной» экономики: перспективы и вызовы [Текст] / Я.В. Еленская, Э.А. Мизгир // Общественные и экономические науки. Студенческий научный форум: Сборник статей по материалам LXXV студенческой международной научно–практической конференции, Москва, 03 июня 2024 года. – Москва: ООО «Международный центр науки и образования», 2024. – С. 61–68.

[116] Зувайдуллоева, Г.Х. Мушкилотҳои такмили идоракунӣ ва танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ / Г.Х. Зувайдуллоева, Б.С. Шодиев, Д.А. Толибов // Endless Light in Science. – 2023. – №. 4-4. – С. 161-170.

[117] Каримова, М.Т. Роль инвестиционной политики в обеспечении экономического роста [Текст] / М.Т. Каримова // Таджикистан и современный мир. – 2016. – № 3 (53). – С. 183–191.

[118] Комилов, С.Дж. Теоретические подходы к определению сущности инвестиций и инвестиционного потенциала региона [Текст] / С.Дж. Комилов, Ф.М. Гафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2014. – №2/1(217). – С.10–17.

[119] Лига, М.Б., Щеткина И.А., Технологии обеспечения новой архитектуры качества жизни в эпоху четвёртой промышленной революции//Гуманитарный вектор. Серия: Социологические науки. – Чита, 2020. - №4. - С. 8-16.

[120] Ломакина, И.Л. Методологические основы формирования организационно–экономического механизма управления предприятием [Текст] /

И.Л. Ломакина // Труды Дальневосточного государственного технического университета. – 2007. – № 146 – С. 185–188

[121] Мариншоев, М.М. Асосҳои назариявӣ, принсипҳо, самтҳои асосӣ ва масъалаҳои муҳимми иқтисоди сабз [Матн] / М.М. Мариншоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 6–2. – С. 108–115.

[122] Меджидова, Д.Д. Международная инвестиционная позиция США в XXI в. // Современная мировая экономика. Том 2. 2024. №3(7). [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cwejournal.hse.ru/dmedzhidova–3–2024 (санани муроҷиат: 10.01.2024)

[123] Мирзоева, Е.Ш. Привлечение иностранных инвестиций в инновационную деятельность промышленных предприятий Республики Таджикистан [Текст] / Е.Ш. Мирзоева, Ш.С. Фатхуллоева // Финансово–экономический вестник. – 2023. – № 2(36). – С. 349–356.

[124] Мирошниченко, О.С., Мостовая Н.А. «Зеленый» кредит как инструмент «зеленого» финансирования [Текст]. Финансы: теория и практика. – 2019. – №23(2). – С. 31– 43.

[125] Мирсаидов, А.Б. Совершенствование методики мониторинга и оценка налоговых льгот, стимулирующих инвестиционно – инновационную деятельность субъектов экономики [Текст] / А.Б. Мирсаидов, Х.К. Джумабоев // Экономика Таджикистана. – 2023. – № 1. – С. 51–60.

[126] Мирсаидов, А.Б. Совершенствование механизма привлечения иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан [Текст] / А. Б. Мирсаидов, Б.С. Музаффаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/3(165). – С. 279–284.

[127] Мирсаидов, А.Б. Совершенствование организационного механизма инвестиционной деятельности в гидроэнергетике Таджикистана [Текст] / А.Б. Мирсаидов, Г.Х. Убайдуллозода // Международные отношения и безопасность. – 2022. – № 3(3). – С. 175–186.

[128] Муртазоев, О.Қ. Амалисозии принсипҳои “иқтисоди сабз” дар коҳиш додани тағйирёбии иқлим [Матн] / О.Қ. Муртазоев, Ҷ.Б. Салихов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – №. 4(84). – С. 151–164.

[129] Муҳаммади, А. Асосҳои назариявии бозори сармоягузорӣ [Матн] / А. Муҳаммад // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Равияи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2022. – № 1–2(98). – С. 292–295.

[130] Нидоев, Ш.Н. Таҳлили ҳолати кунунӣ ва тамоюли афзоиши коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба амнияти иқтисодӣ [Матн] / Ш.Н. Нидоев // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2024. – № 1(274). – С. 67-75.

[131] Носиров, С. Ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон: анъанаҳо, имкониятҳо ва мушкилот [Матн] / С. Носиров // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – № 1. – С. 496–504.

[132] Нурдинов, Б. Х. Афзалиётҳои истифодаи технологияи рақамӣ дар идоракунии иқтисодиёт / Б. Х. Нурдинов, М. А. Қурбонов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – No. 4-1(63). – P. 40-45.

[133] Одинаев, Х.А. Эколого–экономические аспекты регулирования использования трансграничных водных ресурсов в условиях Центральной Азии: общество и экономика [Текст] / Х.А. Одинаев. – М., 2003. – № 9. – С.110–121.

[134] Одинаев, Ш.Т., Давлатова Г.М. Мафҳуми иқтисодии сармоягузорӣ ва қарз дар истеҳсолоти кишоварзӣ [Матн] / Ш.Т. Одинаев, Г.М. Давлатова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 3–2. – С. 21–28.

[135] Петрова, Е.Е. Эколого–экономический анализ инвестиционных проектов [Текст] / Е.Е. Петрова // Ученые записки Российского государственного гидрометеорологического университета. – 2012. – № 23. – С. 147–154.

[136] Рабиев, М.Б. Омӯзиши имконоти истифодаи гармчашмаҳо бо мақсади рушди сайёҳии санаторию курортӣ ва рекреатсионӣ тавассути таҳқиқоти сотсиологӣ [Матн] / М.Б. Рабиев, Ш.Б. Ҷонмамадов, А.А. Мамадризохонов // Паёми

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Равияи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2023. – №. 1–4(116). – С. 176–179.

[137] Радякина, А.И. Проблемы определения научного понятия «инвестиции» [Текст] / А.И. Радякина, С.А. Зази // Новая наука: Проблемы и перспективы. – 2017. – Т. 1, № 3. – С. 213–216;

[138] Раков, И.Д. Механизмы поддержки финансирования «зеленых» проектов: опыт стран [Текст]. Актуальные проблемы экономики и права. –2017. – №11(2). – С.67–82.

[139] Рауфӣ, А. Моҳияти иқтисодиёти индустриалӣ–аграрии Тоҷикистон [Матн] / А. Рауфӣ // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2018. – № 4. – С. 24–31.

[140] Раҳимзода, Ш. Сиёсати иқтисодӣ: моҳият ва роҳҳои пешбурди он / Ш. Раҳимзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2024. – No. 1. – С. 16 С. 14-24.

[141] Раҳимзода, Ш.М., Назарова Н.С. Методҳои паст намудани хавфҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ [Матн] / Ш.М. Раҳимзода, // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 2 (36). – С. 17–20.

[142] Раҳимова, Н.Ш. Баъзе услубҳои арзёбии хавфҳои инвеститсионӣ / Н. Ш. Раҳимова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2025. – No. 1-1(131). – P. 378-383.

[143] Риджабеков, Н.Ч., Диловаров Р. Проблемы территориальной организации экологического туризма в горных условиях Таджикистана [Текст] / Н.Ч. Риджабеков, Р. Диловаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и общественных наук. – 2024. – № 11. – С. 53–59.

[144] Саадулаева, Т.А. Формирование рынка экологических услуг в РФ в целях обеспечения финансово–экономической безопасности [Текст] / Т.А. Саадулаева, Т.Н. Полозина // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2022. – № 2–1(65). – С. 181–186.

[145] Саидмуродзода, Л.Ҳ. Иқтисоди сабз ва нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли масоили экологӣ [Матн] / Л.Ҳ. Саидмуродзода, М.А. Ҳакимов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – № 1. – С. 68–81.

[146] Сафоев, А.К. Роҳҳои такмили механизми идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии тоҷикистон [Матн] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 4. – С. 98–105.

[147] Седаш, Т.Н. Направления и инструменты финансирования «зеленых» проектов в концепции устойчивого развития экономики [Текст] / Т.Н. Седаш, Е.Б. Тютюкина, И.Н. Лобанов // Экономика. Налоги. Право. – 2019. – Т. 12, № 5. – С. 52–60.

[148] Собственникова, О.И. Проблемы формирования и особенности функционирования сферы экологических услуг [Текст] / О.И. Собственникова // Вестник Поволжского государственного университета сервиса. Серия: Экономика. – 2012. – № 2(22). – С. 129–132.

[149] Соколова, А.А. Рынок экологически чистых товаров и услуг через призму общего подхода экономической теории [Текст] // Наука, образование и культура. − 2019. −№3(37). − С. 31–34.

[150] Солеҳзода, А.А. Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳ ба сӯи рушди устувор дар заминаи принсипи иқтисоди «сабз» [Матн] / А.А. Солеҳзода // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – 2020. – № 2. – С. 60–69.

[151] Сулимин, В.В., Шведов В.В., Анализ использования искусственного интеллекта в цифровой экономике для улучшения прозрачности и эффективности государственного управления// Теория и практика общественного развития. Серия: Экономика и бизнеса. – Краснодар, 2023. - №6 (182). – С. 181-186.

[152] Татузов, В.Ю. Актуальные тенденции и проблемы прямых иностранных инвестиций (опыт ряда стран) [Текст] / В.Ю. Татузов // Вестник Московского университета. Серия 6: Экономика. – 2022. – № 4. – С. 3–16.

[153] Татузов, В.Ю. Ограничительная монетарная политика – препятствие для прямых иностранных инвестиций [Текст] / В.Ю. Татузов // Вестник Московского университета. Серия 6: Экономика. – 2024. – Т. 59, № 4. – С. 49–65.

[154] Ӯроқов, Д.У. Назарияи таҳқиқи фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ [Матн] / Д.У. Ӯроқов, Б.А. Набиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – № 9. – С. 33–41.

[155] Усманова, Т.Д. Потенциал использования лизинга как формы инвестирования в условиях кризиса [Текст] / Т.Д. Усманова, Ф.Ф. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и общественных наук. – 2014. – № 2/10–2(152). – С. 17–23.

[156] Утакаева, И.Х. Особенности внедрения технологии блокчейн в цифровую экономику / И.Х. Утакаева, В.О. Никитенко, И.А. Тутаев // Вестник Алтайской академии экономики и права. – 2019. – № 7-1. – С. 91-95.

[157] Фарҳоди, Қ. Роҳҳои такмилдиҳии мавқеи сармоягузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ [Матн] / Қ. Фарҳод // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Равияи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2024. – №. 1–2(122). – С. 488–491.

[158] Холбобоев, Ф.С. Институциональные основы управления и проблемы развития государственной инвестиционной политики (структура управления, реформы, проблемы, рекомендации) / Ф.С. Холбобоев // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2024. – № 1(98). – С. 95-110.

[159] Холов, А.М. Мафҳум ва моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ ва маблағгузориҳои асосии корхонаҳои агросаноатӣ [Матн] / А. М. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 1. – С. 45–51.

[160] Хоналиев, Н.Х. Водные ресурсы и эффектиное их использование в ГБАО [Текст] / Н.Х. Хоналиев // Вопросы гуманитарных наук (Хорог). – 2020. – № 4. – С. 220–229.

[161] Хушвахтзода, Қ.Х. Сиёсати давлатии дастгирии сармоягузории кишоварзӣ дар мамлакатҳои пешрафта [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, И.Р. Иброҳимов, Ф.Б. Сайдаҳмадов // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – № 2(22). – С. 14–20.

[162] Хушвахтзода, Қ.Х. Ҷанбаҳои иқтисодии ташкил ва идоракунии рушди соҳаи хизматрасониҳои сайёҳӣ [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Н.Н. Сайфуллоев, З.М. Орзиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 154–161.

[163] Чепкасов, В.В. Инвестиции: понятие и основные виды [Текст] / В.В. Чепкасов // Аллея науки. – 2018. – Т. 2, № 5(21). – С. 543–546;

[164] Ҷонмамадов, Ш.Б. Баъзе масъалаҳои такмилоти низоми арзёбии сатҳи рушди шуғли аҳолӣ дар заминаи таҳкими иқтисоди сабз [Матн] / Ш.Б. Ҷонмамадов, Н.Н. Солиев, Н.Н. Назарзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2024. – №. 2. – С. 28–34.

[165] Ҷумъабоев, Х.Қ. Беҳтарнамоии низоми андозбандии миллӣ ва аҳамияти он дар ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ [Матн] / Х.Қ. Ҷумъабоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – № 1(25). – С. 57–62.

[166] Шаропов, Ф.Р. Нақш ва моҳияти соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз»: назария ва амалия [Матн] / Ф.Р. Шаропов, М.Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4–1(63). – С. 27–33.

[167] Шипович, Л.Ю. Влияние иностранных инвестиций на финансовый кризис в России [Текст] / Л.Ю. Шипович. Вестник Челябинского государственного университета. Экономика. Вып. 42. – 2013. – № 32 (323). – С. 43–47

[168] Шпинев, Ю.С. Давид Рикардо об инвестициях [Текст] / Ю.С. Шпинев // Проблемы экономики и юридической практики. – 2021. – Т. 17, № 1. – С. 146–151.

[169] Шпинев, Ю.С. Жан–Батист Сэй об инвестициях, капитале и предпринимательской деятельности [Текст] / Ю.С. Шпинев // Аграрное и земельное право. – 2021. – № 8(200). – С. 10–14.

[170] Эмомов, М.Н. Монеаҳои рушди минтақа ва роҳҳои бартараф намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Н. Эмомов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – №. 4–2(43). – С. 360–367.

[171] Alvaro, L., Chanda, A., Kalemli – Ozcan, S., Sayek, S. How Does Foreign Direct Investment Promote Economic Growth? Exploring the Effects of Financial Markets on Linkages [Text] / L. Alvaro, A. Chanda, S. Kalemli – Ozcan, S. Sayek // Working Paper. – 2006. – № 07–013.

[172] Fichtner J. The anatomy of the Cayman Islands offshore financial center: Anglo–America, Japan, and the role of hedge funds [Text] / J. Fichtner // Review of International Political Economy. 2016. – № 23 (6). – С.1–30

[173] Shokhzoda N.I. Economic aspects of countering extremism [Text] // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқи муосир. – 2025. – № 1(5). – С. 54–65

## V. Диссертатсия ва авторефератҳо

[174] Абдуллоева Ш.Б., Формирование и развитие рынка экологических услуг в Республике Таджикистан Автореферат диссертации ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Ш.Б. Абдуллоева. – Душанбе, 2017 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.tguk.tj/failes/sovet/zashita/abduloeva–shahodat/A8.pdf

[175] Баландин, Е.В. Развитие рынка экологически чистых товаров и услуг в современной России [Текст]: диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Е.В. Баландин. – Казань, 2015. – 146 с.

[176] Бартанова, В.О. Формирование и развитие рынка экологических товаров и услуг в регионах с особым режимом природопользования [Текст]: диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / В.О. Бартанова. – М., 2008. – 179 с.

[177] Катвицкая, Ю.С. Стратегические приоритеты развития инвестиционной политики предприятий металлургического комплекса [Текст]: диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Ю.С. Катвицкая. – Екатеринбург, 2024. – 225 с.

[178] Кузминых, Ю.В. Экономические основы формирования рынка экологических услуг в РФ: на примере лесных углеродных сертификатов [Текст]:

диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Ю.В. Кузминых. – М., 2005. – 323 с.

[179] Курбатов, А.В. Развитие рынка экологических услуг (на примере Московской и Ленинградской областей) [Текст]: диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / А.В. Курбатов. – М., 2014. – 166 с.

[180] Миракилова, Н.Т. Экономическая эффективность инвестиционных вложений в мелиорацию сельскохозяйственных земель Таджикистана [Текст]: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук: 08.00.05 / Н.Т. Миракилова. – Душанбе, 2009. – 29 с.

[181] Саидмурадов, Л.Х. Теоретические вопросы развития малой открытой экономики в условиях переходного периода (на примере Республики Таджикистан) [Текст]: диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук: 08.00.05 / Л.Х. Саидмурадов. – Душанбе, 2005. – 364 с.

[182] Сизов, О.В. Взаимодействие эколого–экономических процессов и институтов на глобальном и национальном рынках экологических услуг [Текст]: диссертация кандидата экономических наук: 08.00.05 / О.В. Сизов. – Орел, 2013. – 193 с.

[183] Собиров, Н.М. Формирование и развитие рынка транспортных услуг в сельском хозяйстве Республики Таджикистан [Текст]: диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Н.М. Собиров. – Душанбе, 2009. – 175 с.

[184] Тагоев, Д.Х. Проблемы активизации инвестиционной деятельности предприятий (на материалах аграрного сектора Республики Таджикистан) [Текст]: автореферат диссертации ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Д.Х. Тагоев. – Душанбе, 2004. – 24 с.

[185] Шарипов, Ш.Р. Совершенствование методов управления иностранными инвестициями: на материалах Республики Таджикистан [Текст]: диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Ш.Р. Шарипов. – Душанбе, 2021. – 158 с.

## ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Шоҳзода Н.И., (Шоева Н.И.) Досиев М.Н. Государственное регулирование развития экологического предпринимательства как фактор рынка экологических услуг [Матн] / Н.И. Шоҳзода, М.Н. Досиев // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2022. -№ 4/1. - С. 167-174. ISSN 2707-800.

[2-М]. Шохзода Н.И. (Шоева Н.И.). Особенности развития финансового рынка Республики Таджикистана [Текст] / Н.И. Шохзода, // Вестник технологического университета Таджикистана (серия гуманитарных и професиональной педагогики).- 2022. - № 10(2). - С. 79-83 ISSN.

[3-М]. Шохзода Н.И. Теоретические аспекты формирование рынка экологических услуг [Текст] / Н.И. Шохзода // Финансово-экономический вестник . - 2023. №3 (37). - С. 356-363. ISSN 2664-0651.

[4-М]. Шоҳзода Н.И., Ҷалолов А. Механизми ташкили ва идоракунии бозори хариди давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Н.И. Шоҳзода, А.Ҷалолов // Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. - 2023. - №1 (35). - С. 447-454. ISSN 2664-0651.

[5-М]. Шоҳзода Н.И. Таҷрибаи хориҷии иштироки сармояи хориҷӣ дар ташаккули бозори хизматрасониҳои экологӣ. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. -№ 3/1. - С. 292-302. ISSN 2308-054X.

[6-М]. Шохзода Н.И., Досиев М.Н. Изучение и реализации зарубежный опят развития форм экологического предпринимательства в Рекспублики Таджикистан. [Текст] Н.И. Шохзода, М.Н. Досиев, // Вестник Таджикского государственного университета комерции. – 2023. - № 4/2. – С. 154-158. ISSN 2308-054X.

[7-М]. Шоҳзода Н.И. Мушкилот ва роҳҳои ҳалли ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба бозори хизматрасониҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2024. - № 4/1. – С. 254-260. ISSN 2707-800 .

[8-М]. Шохзода Н.И., Пирова Д.К. Проблемы и пути решения привлечения иностранных инвестиций на рынок экологических услуг Республики Таджикистан [Текст] / Н.И. Шохзода, Д.К. Пирова // Вестник Таджикского государственного университета комерции. – 2024. № 4/1(54). – С.493-454. ISSN 2308-054X .

[9-М]. Шоҳзода Н.И. Ташаккули шаклҳои танзими давлатии дастгирии сармоягузории хориҷӣ барои рушди бозори хизматрасонии экологӣ. [Матн] / И.Н. Шоҳзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. - №1. – С. 190-196. ISSN 2413-5151.

[10-М]. Шоҳзода Н.И. Механизмҳои самараноки идоракунии сармоягузорӣ ва татбиқи стратегияҳои инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти рақамии Тоҷикистон. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. - № 2. – С. 482-488. ISSN 2308-054X .

[11-М]. Шоҳзода Н.И. Монеаҳо ва мушкилотҳо дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. - № 2. – С. 489- 496. ISSN 2308-054X

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[12-М]. Шоҳзода Н., Досиев М.Н. Совершенствование управления развитием экологического предпринимательства и рынок экологических услуг [Матн] / Н.И. Шоҳзода, М.Н. Досиев // Маҷалаи Омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар замони Истиқлолият. – 2022. - С. 328-334.

[13-М]. Шоҳзода Н.И. Особенности функционирования рынка экологических услуг [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо эълон шудани “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои

табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (18 - 19 ноябри соли 2022). Қисми 2. - Душанбе, 2022. - С.173-177.

[14-М]. Шоҳзода Н.И. Формирование и развитие рынка экологических услуг в Республики Таджикистан [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Рушди устувори саноати миллӣ дар асоси амалигардонии “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (24 - 25 апрели соли 2023) Қисми 2. - Душанбе, 2023. - С. 171-176.

[15-М]. Шоҳзода Н.И., Досиев М.Н. Организационно-экономический механизм инвестиционной деятельности рынка экологических услуг [Матн] / Н.И. Шоҳзода, М.Н. Досиев // Заминаҳои илий-техникӣ ва иқтисодии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илми-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 24-25 ноябри соли 2023). Қисми 2. - Душанбе, 2023. - С. 49-53.

[16-М]. Досиев М.Н., Зоҳидов С.Қ., Шоҳзода Н.И. Идоракунии хизматрасониҳои маркетингӣ дар фаъолияти соҳибкории экологӣ ҳамчун омили татбиққунандаи принсипҳои иқтисоди “сабз” [Матн] / М.Н. Досиев, С.Қ. Зоҳидов, Н.И. Шоҳзода // Заминаҳои илий-техникӣ ва иқтисодии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи илми-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 24-25 ноябри соли 2023). Қисми 2. - Душанбе, 2023. - С. 45-49.

[17-м ]. Шаропов Ф.Р. Досиев М.Н., Шоҳзода Н.И. Таҳлили баъзе мушкилоти экологӣ ва усулҳои ҳал намудани онҳо тавассути техника ва технологияҳои муосир [Матн] / Ф.Р. Шаропов, М.Н. Досиев, Н.И. Шоҳзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040». Душанбе, 14 марти соли 2024 Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - С. 77-81.

[18-М]. Досиев М.Н., Шоҳзода Н.И. Нақши технологияи инноватсионӣ дар рушди соҳибкории экологӣ ҳамчун омили рушди босуръати саноат[Матн] / М.Н. Досиев, Н.И. Шоҳзода // Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф - асоси саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илми-амалии ҷумҳуриявӣ (26 - 27 апрели соли 2024). Қисми 2. - Душанбе, 2024. - С.26-30.

[19-М]. Досиев М.Н., Шоҳзода Н.И. Идоракунӣ ва баҳодиҳии омилҳои ҷолибнокии сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёт дар шароити муосир [Матн] / М.Н. Досиев, Н.И. Шоҳзода // Рушди босуботи идораи молияи давлатӣ дар партави иҷрои ҳадафҳои стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бахшида ба солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат». Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илми-амалӣ (24 апрели соли 2024). - Душанбе: Матбааи АИДНПҶТ. - 2024. - С. 32-39.

[20-М]. Шоҳзода Н.И. Ҷалб кардани сармояи хориҷӣ дар рушди бозори хизматрасониҳои экологӣ дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо. – 2024. - №2. - С. 166-174.

[21-М]. Шохзода Н.И. Разработка форм государственного регулирования для поддержки иностранных инвестиций в сфере экологических услуг [Матн] / Н.И. Шохзода // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли “Маърифати ҳуқуқӣ” дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ”. – Душанбе: «ДБССТ», 2024. – С. 269-274.

**Замимаи 1.**

## СОЗИШНОМАҲОИ ДУҶОНИБА ОИД БА ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ ВА ҲИФЗИ МУТАҚОБИЛАИ САРМОЯГУЗОРӢ

| № | Номи Давлат | Санаи имзо | Санаи тасдиқ (ратификатсия) |
|---|---|---|---|
| 1 | Австрия | 15.12.10 | 1.06.11., №462 |
| 2. | Хитой | 09.03.93 | 03.08.2002., №313 |
| 3. | Чехия | 11.02.94 | 02.06.94., №264 |
| 4. | Словакия | 14.02.94 | 02.06.94., №265 |
| 5. | Қувейт | 18.04.94 | 13.06.95., №413 |
| 6. | Эрон | 18.07.95 | 30.03.96., №117 |
| 7. | Корея | 27.07.94 | |
| 8. | Ҳиндустон | 13.12.95 | 04.05.96., №192 |
| 9. | Амороти Муттаҳидаи Араб | 17.12.95 | |
| 10. | Туркия | 06.05.96 | 14.12.96., №368 |
| 11. | Белорусия | 03.09.98 | 20.11.98., №443 |
| 12. | Ветнам | 19.01.99 | |
| 13. | Россия | 17.04.99 | 03.08.99., №334 |
| 14. | Қазоқистон | 16.12.99 | 06.06.2000., №84 |
| 15. | Қирғизистон | 19.01.00 | 11.03.00., №109 |
| 16. | Украина | 06.07.2001 | 01.12.2001., №541 |
| 17. | Арманистон | 02.04.2002 | 03.08.02., №313 |
| 18. | Нидерландия | 24.07.2002 | 20.11.02., №729 |
| 19. | Молдова | 05.11.2002 | 01.10.03., №914 |
| 20. | Фаронса | 04.12.2002 | 16.06.2004., №1147 |
| 21. | Олмон | 27.03.03 | 15.10.03., №927 |
| 22. | Индонезия | 28.10.03 | 23.06.04., №1162 |
| 23. | Покистон | 13.05.04 | 28.01.09., №1231 |
| 24. | Тайланд | 09.08.05 | |
| 25. | Сурия | 08.02.07 | 31.08.07., №441 |
| 26. | Озарбойҷон | 15.03.07 | 01.10.07., №749 |
| 27. | Қатар | 06.05.07. 25.08.11 | 01.10.01., №750 19.01.11 |
| 28. | Туркманистон | 04.10.07 | 14.05.08., №976 |
| 29. | Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё | 12.08.2008 | 02.12.2015, №240 |
| 30. | Алҷазоир | 11.03.08 | 05.12.2016, №538 |
| 31. | Белгия–Люксембург | 10.02.09 | 01.10.2009., №1414 |
| 32. | Литва | 12.02.09 | 01.10.2009, №1413 |
| 33. | Муғулистон | 27.03.09 | 01/10/2009, №1412 |
| 34. | Швейтсария | 11.06.09 | 03.10. 2011, №527 |
| 35. | Афғонистон | 26.03.2014 | 1.10.2014№1579 |
| 36. | Баҳрайн | 28.05.2014 | 24.12.2014, №1706 |
| 37. | Венгрия | 21.09.2017 | 08.06.2018, №1108 |
| 38. | Урдун | 10.12.2017 | 30.05.2018, №1104 |
| 39. | Узбекистон | 09.3. 2018 | 04.05.2018, №1071 |